ISSN 2074-1847

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**2022. № 10**

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

**2022. № 10**

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

**2022. No. 10**

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2022**

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Муассиси маҷалла:**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Маҷалла соли 1990 таъсис ёфтааст.**



**САРМУҲАРРИР:**

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Точикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Исмонов Кароматулло** — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**:

***07.00.00 – Таърих ва археология***

**Акрамов Зикриё Иномович** — *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Искандаров Қосимшо** — *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Якубов Юсуфшоҳ** — *Доктори илмҳои таърих, профессор, академики АМИТ*
**Расулиён Қаҳҳор** — *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Мирзоев Ниёз Мирзобадалович** — *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Самиев Холмаҳмад Давлатович** — *Номзади илмҳои таърих, дотсент*
**Шарипов Раҳмоналӣ Ятимович** — *Доктори илмҳои таърих, профессор*

***09.00.00 – Фалсафа***

**Қурбонов Абдураҳмон Шерович** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Идиев Хайриддин Усмонович** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ*
**Олимов Кароматулло** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики АМИТ*
**Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Ахмедов Саид** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*

***13.00.00 - Педагогика***

**Иматова Лутфия Маҳмадиллоевна** — *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Файзализода Ҷумахон Хол** — *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Раҷабзода Маҳмадулло** — *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Ҳоҷиматова Гулчехра Масаидовна** — *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Мухамметов Гапур Бабаевич** — *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*



*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*

*Дар маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои таърих, фалсафа ва педагогика барои чоп қабул мегарданд. Маҷалла мақолаҳои илмии муаллифонро аз рӯи ихтисосҳои зерин барои чоп қабул менамояд:*

***Таърих ва бостоншиносӣ:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*

***Фалсафа:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*

***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.*

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).*

**Паёми**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
– 2022. – №10
ISSN 2074-1847

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №180/МҶ-97, аз 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41



**© ДМТ, 2022**

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**Учредитель журнала:**

**Таджикский национальный университет.**

**Журнал основан в 1990 г.**



**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:**

**Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета*

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета*

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

**Исмонов Кароматулло** — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

***07.00.00 – История и археология***

**Акрамов Зикриё Иномович** — *Доктор исторических наук, профессор*

**Искандаров Косимшо** — *Доктор исторических наук, профессор*

**Якубов Юсуфшох** — *Доктор исторических наук, профессор, академик НАНТ*

**Расулиён Каххор** — *Доктор исторических наук, профессор*

**Мирзоев Ниёз Мирзобадалович** — Доктор исторических наук, профессор

**Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** — *Доктор политических наук, профессор*

**Самиев Холмахмад Давлатович** — *Кандидат исторических наук, доцент*

**Шарипов Рахмонали Ятимович** — *Доктор политических наук, профессор*

***09.00.00 – Философия***

**Курбонов Абдурахмон Шерович** — *Доктор философских наук, профессор*

**Идиев Хайриддин Усмонович** — *Доктор философских наук, профессор,член-корр НАНТ*

**Олимов Кароматулло** — *Доктор философских наук, профессор, академик НАНТ*

**Рахимов Мухсин Хусейнович** — *Доктор философских наук, профессор*

**Ахмедов Саид** — *Доктор философских наук, профессор*

***13.00.00 – Педагогика***

**Иматова Лутфия Махмадиллоевна** — *Доктор педагогических наук, профессор*

**Файзализода Джумахон Хол** — *Доктор педагогических наук, профессор*

**Раджабзода Махмадулло** — *Доктор педагогических наук, профессор*

**Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** — *Доктор педагогических наук, профессор*

**Мухамметов Гапур Бабаевич** — *Доктор педагогических наук, профессор*



Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016, №1925.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки и научным специальностям:

***История и археология:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*

***Философия:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*

***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
– 2022. – № 10
ISSN 2074-1847

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство № 180/ЖР-97 от 19.02.2021г.

**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**

**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41



**© ТНУ, 2022**

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Founder of the journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 1990.**

**CHIEF EDITOR:**

**Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht** — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Ismonov Karomatullo** — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD**:

***07.00.00 - Historical Sciences and Archeology***

**Akramov Zikriyo Inomovich** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Iskandarov Kosimsho** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Yakubov Yusufshoh** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Rasulien Kahhor** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Mitzoev Niyoz Mirzobadalovich** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Samiev Kholmakhmad Davlatovich** — *Candidate of Historical Sciences, Associate Professor*
**Sharipov Rakhmonali Yatimovich** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*

***09.00.00 – Philosophical sciences***

**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Idiev Khairiddin Usmonovich** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Olimov Karomatullo** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Rakhimov Mukhsin Khuseinovich** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Akhmedov Said** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*

***13.00.00 – Pedagogical sciences***

**Imatova Lutfiya Makhmadilloevna** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Faizalizoda Jumakhon Khol** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Rajabzoda Mahmadullo** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Hojimatova Gulchehra Masaidovna** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Mukhammetov Gapur Babaevich** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
*Doctor of Historical Sciences, Professor*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1925.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science and scientific specialties:

**History and archeology:** 07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15
**Philosophical sciences:** 09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14
**Pedagogical sciences:** 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik and Russian languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University.**
– 2022. – №10

ISSN 2074-1847

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**

**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

**УДК:008.1(575.3)**

# ФАРҲАНГ ҶАВҲАРИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ

*Абдуфаттоҳ Шарифзода*

Истиқлоли воқеии ҳар давлат бо худшиносии миллии ҷомеа, бо таҷаддуди шуури миллӣ ва бо эҳёи дастовардҳои фарҳангиву маънавии ниёкон дар робитаи мустақим қарор дорад.

Тавре Пешвои миллат ҳамеша таъкид менамоянд: Тоҷикон аз замонҳои хеле қадим, яъне дар тули таърихи беш аз 6000 – солаи худ соҳиби саводу дониш, девону дафтар, меъмору шаҳрсоз, шаҳрдору шаҳрнишин, яъне миллати фарҳангсолору тамаддунсоз мебошанд [1]. Ибтикороти доманадори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масири эҳёи тафаккури фарҳанги миллӣ он холигоҳи маънавиро, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ҳукмрон шуда буд, бо ғояҳо ва арзишҳои ҳаётбахши миллӣ шодоб гардонид ва озодии сиёсиву иҷтимоии ҷомеаи тоҷиконро бар пояи арзишҳои миллии маънавӣ ва фарҳангӣ устувор намуд.

Дар таърихи миллати куҳанбунёди тоҷик баъди чандин қарнҳо манфиатҳо ва ҳадафҳои миллӣ дар сиёсати давлат мақоми меҳварӣ пайдо намуданд. Ин самти фазилати давлатдории Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бағоят амиқу пурвусъат аст, ки дар сиёсати фарҳангии Сарвари давлат бо дурахши тамом таҷассум ёфтааст.

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби пурмуҳтавои “Аз Ориён то Сомониён” фармудаанд: “Ман аз саҳифаҳои таърихи куҳани диёр, аз осори шаҳристонҳои вайронаву нимвайронаи сарзамини аҷдодӣ, аз миёни гарду чанги асрҳо нақши гузаштаро меҷӯям. Мехоҳам пораҳои шикастаро васл кунам, риштаҳои гусастаро ба ҳам бипайвандам, аз сабақҳои таърих панде биомӯзам. Зеро таърих боинсофтарин ва одилтарин ҳакам аст, ки ҷумлаи неку бади гузаштаву имрӯзаро дар мизони адли хеш бармекашад”[2].

Ҳам афкор ва ҳам амали Президенти мамлакат он нуктаро мусаллам медорад, ки сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Тоҷикистон таҷрибаи фарҳангиву маънавии миллиро фаро гирифтааст, сиёсатест, ки аз сиришти воқеиву таърихии мардум бархоста, бо тақозои ормонҳои фитрии мардум самти густариши худро муайян мекунад.

Ин сиёсат, ки ба маърифати донишмандонаи сарнавишти таърихӣ ва саргузашти фарҳангии халқ бунёд ёфтааст, бо арзишҳои поягузори ҷомеаи демократӣ, бо эҳтирому арҷгузории ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки моҳияти аслии зиндагонии ҷомеаи башарӣ аст, таносуби том пайдо намуд. Ин аст, ки сиёсати фарҳанггустар ва маънавиасоси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари эҷоди фазои мусоид барои рушди фарҳанги миллии тоҷикон дар миёни соир милал ҳусни истиқбол ёфт ва оинаи ибрату пайравӣ гардид.

Маърифати таърих, худшиносии миллӣ, меҳанпарастӣ, ғуруру ифтихори миллӣ, арҷгузории суннатҳои фарҳангии миллӣ, эҳтиром гузоштан ва инкишоф додани анъанаҳои таърихии ниёгон ва ҷойгоҳи ин арзишҳои маънавӣ дар ташаккули

давлатдории миллӣ, дар маҷмуъ, сиёсати фарҳангии Президентро дар худ таҷассум кардаанд, ки ҳадафи аслии он бар пояи асолати миллӣ устувор намудани ҷаҳонбинӣ ва мафкураи ҷомеа, бар пояи фарҳанги миллии тоҷикӣ бунёд ниҳодани низоми давлатдорӣ маҳсуб мешавад.

Як падидаи ҷолиби чашмандози таърихии Эмомалӣ Раҳмон он аст, ки ҳар сол ҷашни пуршукӯҳи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон баробар бо як ҷашни бузурги таърихӣ баргузор мегардад. Ҷашни 1310-солагии Имоми Аъзам, 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1100-солагии давлати Сомониён, 1025-солагии Абуалӣ ибни Сино, ҳазораи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, 800-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, 700-солагии Камоли Хуҷандӣ, 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 600-солагии Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон, ҳамзамон бо ҷашни Истиқлол таҷлил карда шуданд. Ҳар сол баробар таҷлил гардидани ду ҷашни бузург – ҷашни Истиқлол бо як ҷашни таърихӣ, шукӯҳу шаҳомати ин ҷашнҳоро афзун намуда, решаҳои таърихии давлатдории миллии тоҷикон ва пайванди ногусастании имрӯзу дирӯзи миллатро намоиш медиҳад [3].

Баргузории ҷашнҳои бузурги миллӣ, Соли тамаддуни ориёӣ, 2500-солагии Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоб, таҷлили ҷашнҳои номоварону нухбагони миллат: 100-солагии академик Бобоҷон Ғафуров, 110-солагии шоир ва ҳофиз Сайдалӣ Ализода, 130-солагии Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Соли «Эстрада», Соли «Маориф ва фарҳанги техникӣ», инчунин ба рӯйхати ҷашнвораҳои ЮНЕСКО ворид намудан ва ҷашн гирифтани «1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ва «100-солагии Қаҳрамони халқи тоҷик Мирзо Турсунзода» (соли 2011), «100-солагии бастакор Зиёдулло Шаҳидӣ» (соли 2014), «600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ» (2014), «3000-солагии Ҳисор», «700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» (2015), 5500-солагии Саразми бостонӣ, 700-солагии Хоҷа Камоли Хуҷандӣ (2020) дар солномаи даврони Истиқлол бо ҳарфҳои заррин сабт шуда, аз таъриху фарҳанги миллат ганҷҳо ва ҳикматҳое берун овард, ки бо моҳият ва арзиши ҷаҳонии хеш худҷӯӣ ва худшиносии тоҷиконро дар паҳнои ҷаҳон иртифоъ бахшид[4].

Дар шумули санаҳои дурахшони таърихӣ – таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён дар даврони шаклгирии давлатдории миллӣ ва бунёди истиқлоли давлатӣ як падидаи созанда буд, ки барои тоҷикон дар ҷаҳоншиносӣ ва шинохти моҳияту рисолати давлатдории миллӣ намунаи олии ибратро аз таърихи гузаштаашон таҷассум намуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Анҷумани чоруми тоҷикони ҷаҳон қайд намуданд, ки "Хизмати бузурги шоҳони Сомонӣ, хусусан Исмоили Сомонӣ, ҳифзи забони тоҷикӣ ва ба дараҷаи мақоми давлатӣ баланд бардоштани он мебошад. Дар ин давра забону адабиёти мо ташаккул комилан ташаккул ёфта, доман паҳн кард"[5]. Бузургдошти забон ва фарҳангу таърих, ки боризтарин фазилати давлатдории Сомониён ва мазҳари ҳама корномаҳои эшон буд, аз оғоз дар тафаккури сиёсии Сарвари давлат мақоми хосса дошт ва ҷанбаи назариву амалии он давра ба давра тавсеа ёфт.

Ин ибтикороти беназири миллатпарварии Пешвои миллат на танҳо гузаштаву имрӯзаро пайванди тоза бахшид, балки ҳикмат ва омӯзаҳои дурахшонтарин давраҳои таърих ва фарзандони бузурги миллатро бо зиндагӣ, маънавиёт ва

тафаккури имрӯзиён омезиш дода, дар бунёди давлатдории миллӣ роҳи саҳеҳу муносибро бо истифода аз таҷрибаи пайкорҳои маънавии гузаштагони шарофатманд ва мувофиқ ба шебу фарозҳои мураккаби ҷаҳони муосир падид овард.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ мероси мусиқии «Шашмақом» ва «Фалак», ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Тиргон ва Садаро дубо эҳё гардиданд.

Бо саъю талош ва заҳмату кӯшиши беш аз шашсола ва дастгирии дигар кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз ин оини воқеан мардумии мо, ки таърихи беш аз 6000 – сола дорад, ҷаҳонӣ гардид ва мо имрӯз ифтихор мекунем, ки ҷашни бостонии мардуми мо – Наврӯз мақоми байналмилалиро соҳиб гардидааст.

Ҳамчунин, барои нигоҳдорӣ ва муаррифии мероси фарҳанги моддиву ғайримоддии халқи тоҷик як силсила тадбирҳои мушаххас андешида шуд. Дар натиҷа «Шашмақом», «Саразм», «Боғи миллии Тоҷикистон», «Наврӯз» ва «Чакан» ба феҳристи мероси ҷаҳонӣ ва феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуданд [6].

Ҷашнҳои пуршукӯҳи шаҳрҳои бостонии тоҷикон, арҷгузории хидматҳои бузурги фарзонагони миллат, интишори дастовардҳои таърихии ниёгон дар ақсои ҷаҳон, тармими ёдгориҳои таърихӣ, эҳёи расму оинҳои миллӣ, далели муҷассаму барҷастаи решаҳои қадимии миллати тоҷик ва пайванди тозаи он бо гузаштаҳои дури таърихист.

Маҷмуи ибтикороти маъмуриву маърифатӣ, ки бо ҳидояту корсозиҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ширкати сиёсатмадорони олимақом, донишмандони оламшумули хориҷӣ ва намояндагони ҷомеаи форсигӯёни ҷаҳон ҷараён гирифтаву ҳамоно бо шукӯҳу нусрат идома дорад, дар пайвастагӣ бо ободкориву созандагиҳо дар масири ташаккули фарҳанги муосири мамлакат, фарҳанги куҳану пурсарвати тоҷиконро дубора ҷавон гардонид ва шухрати таърихиашонро дар ҷаҳони имрӯза дигарбора мунташир сохт.

Забони тоҷикӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун забони расмии кишвар пойдор гардид ва давлат забонро дар паноҳи сиёсии худ қарор дод. Дар ин росто, мо нахуст ҷанбаҳои ҳуқуқиро муҳайё сохта, забони тоҷикиро дар Конститутсияи кишвар забони давлатӣ эълон намудем ва барои дар амал татбиқ намудани он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кардем [7].

Ҳадаф аз шинохти таърих, ҳикмату фарҳанг ва забону адабиёти оламгири ниёгон шинохти мақоми ҷаҳонии миллати хеш аст, ки дар худогоҳӣ ва ҷустуҷӯҳои таърихиву миллии тоҷикон марҳилаи комилан навро ба вуҷуд овард.

Афзун аз ин, бо тасмимгириҳои усулӣ ва дастурии Сарвари давлат дар дохил ва хориҷи кишвар ба ин шинохт бунёд ниҳода шуд.

Пешвои миллат барои худ ва ҳаммиллатони хеш ҳамин мақом ва ҳиммати олиро ҳадафи кору пайкор ва рисолати будану зистан қарор доданд, бо эътимод ба номуси миллии тоҷикон, ки дар маърифати ин мақоми ҷаҳонӣ тавфиқ меёбанд, ба шоистагӣ аз гузаштагони оламшумулашон номбардорӣ мекунанд.

Ифтитоҳи бинои нави Китобхонаи миллӣ барои 10 миллион нусха китоб дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе, баргузории намоишгоҳҳои байналмилалии китоб, озмунҳои гуногун, махсусан, озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», нашри силсилакитоби «Ахтарони адаб» иборат аз панҷоҳ ҷилд, ба ҳар як оилаи

кишвар ба таври ройгон дастрас гардидани шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, таҷлили Рӯзи китоб, бунёди даҳҳо театр, қасрҳои фарҳанг, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангу фароғат дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ва сафарҳои ҳунарии аҳли фарҳанги мо ба даҳҳо кишвари дунё аз муҳимтарин дастовардҳои даврони Истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанги миллӣ ба шумор меравaнд [8].

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ фарҳангро ҷавҳари ҳастии миллат номидаанд [9].

Дар маҷмуъ, фарҳанг ҳамчун соҳаи сарнавиштсоз ва такягоҳи боэътимоди маънавии ҷомеа дар низоми сиёсати иҷтимоии кишвар яке аз самтҳои муҳимму афзалиятнок эълон гардида, баҳри таъмини рушди устувори он аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ пайваста таваҷҷуҳ ва ғамхории хосса зоҳир мегардад.

Бо дарназардошти эҳёи фарҳанги миллӣ ва рушду такомули он ба таҳияву такмили санадҳои қонунгузории ба талаботи даврони муосир ҷавобгӯ эътибори ҷиддӣ дода шуда, барои инкишофи бонизоми соҳа заминаи ҳуқуқии мукаммал фароҳам оварда шудааст.

Маҳз дар даврони Истиқлоли давлатӣ фаъолияти аҳли ҳунару санъат дар марҳалаи нави таърихӣ таҷдиди назар шуда, барномаҳои зиёд таҳия ва тасдиқ гардида, мунтазам дар амал татбиқ мешаванд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бо мақсади таъмин ва ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар фаъолияти фарҳангӣ, танзими муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ ва муайян кардани сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», "Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ", “Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ”, "Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ", “Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо”, “Дар бораи фаъолияти китобдорӣ” қабул ва силсилабарномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои мухталифи фарҳанги миллӣ, аз ҷумла Барномаи давлатии рушди мусиқии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020, Барномаи рушди кино барои солҳои 2006-2010, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи беҳтар намудани вазъи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ” (соли 2003), Барномаи рушди китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015, Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015, Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 ва Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар амал татбиқ гардиданд [10].

Ба ғайр аз ин, шаш барномаи дигари соҳавӣ, аз ҷумла «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025», «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», «Барномаи давлатии ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддӣ барои солҳои 2021-2025», «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Барномаи давлатии

рушди санъати Шашмақом, фалак ва мактаби сунатии устод-шогирд барои солҳои 2017-2021» ва "Барномаи давлатии рушди соҳаи табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026" аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ гардида истодаанд, ки дар рушду нумӯи соҳаҳои фарҳанг ба таври назаррас мусоидат менамоянд.

Дар натиҷаи чораандешиҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир маблағгузории соҳа низ беш аз пеш афзоиш ёфта, фарҳанг яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ муайян гардидааст. Барои мисол, соли 2000 аз буҷети давлатӣ барои соҳаи фарҳанг ва варзиш дар маҷмуъ 13 миллион сомонӣ ҷудо гардида, дар соли 2021 бо назардошти тамоми манбаъҳои маблағгузорӣ ва буҷети тасдиқшуда ҳаҷми он 1 миллиарду 42 миллион сомониро ташкил додааст.

Айни замон дар ҷумҳурӣ 3536 адад муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 18 театри касбӣ, 8 муассисаи консертӣ, 96 муассисаи таълимии соҳаи фарҳанг ва санъат, 1362 китобхонаи давлатӣ-оммавӣ (аз ҷумла 76 китобхонаи бачагона), 323 қаср ва хонаи фарҳанг, 389 клуб, 42 клуби сайёр, 19 маркази фарҳангу фароғатӣ, 7 филармонияи халқӣ, 93 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 22 театри халқӣ, 56 осорхона, 14 хона-осорхона, 24 ансамбли тарона ва рақс, 16 ансамбли шашмақомхонон, 8 ансамбли фалаксароӣ, 7 ансамбли эстрадӣ, 12 ансамбли фолклорӣ-этнографӣ, 19 ансамбли рақсӣ, яктогӣ ансамблҳои ҳаҷвӣ, адабӣ-бадеӣ, карнайнавозон, доирабадастон ва 6 муассисаи телевизиону радиошунавонии маҳаллӣ фаъолият доранд.

Ҳамчунин, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №97 "Дар бораи Тартиби баҳисобгирии давлатии фаъолияти noширӣ, корхонаҳои полиграфӣ ва пешбурди Феҳристи ягонаи давлатӣ" [11], 376 рӯзнома, аз инҳо 112 давлатӣ ва 264 мустақил, 245 маҷалла, аз инҳо 114 давлатӣ ва 131 мустақил, 319 матбаа, аз инҳо 37 давлатӣ, 282 хусусӣ, 48 нуқтаи фурӯши китоб, аз ин 3 давлатӣ, 45 хусусӣ, 71 нашриёт, аз ин 10 давлатӣ ва 61 ғайридавлатӣ, 11 агентии иттиллоотӣ, аз ин 1 давлатӣ ва 10 мустақил ба ҳисоб гирифта шудааст [12].

Имрӯз дар кишвари соҳибистиқлоли мо ҳиссаи матбуоти даврии давлатӣ ва муассисаҳои табъу нашр 26% ва ҳиссаи матбуоти даврӣ ва муассисаҳои табъу нашри мустақил 74%-ро ташкил медиҳад. Яъне, ин воқеият баёнгари таъмини озодии баён, ҳуқуқи озодона ҷустуҷӯ, дастрас ва паҳн намудани ахбор ва изҳори ақида дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад [13].

Дар даврони таҳкими истиқлол яке аз масъулиятҳои муҳим дар назди аҳли қалам ва кормандони васоити ахбори оммаи ҷумҳурӣ ин нашр намудани ахбори саҳеҳу муътамад, худдорӣ аз паҳн намудани овозаю хабарҳои беасос, тарғиби арзишҳои миллӣ, давлатӣ, умумибашарӣ ва таъмини амнияти иттилоотии мамлакат дар баробари таҳоҷуми иттилотии хориҷӣ мебошад.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус чунин таъкид намудаанд: "Манфиатҳои миллӣ тақозо мекунанд, ки воситаҳои ахбори омма ба сифати дастгоҳи тавонои иттилоотӣ дар мубориза таҳмилии иттилоотӣ чун сипари боэътимоди халқу давлат хизмат намоянд, ба ҳифзи оромиву суботи ҷомеа фаъолона мусоидат кунанд ва эътимоди мардумро ба фардои нек таҳким бахшанд" [14].

Мардуми Тоҷикистон имрӯз бо фарҳанги волои шаҳрсозӣ ва бунёдкорию созандагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтихору сарфарозӣ менамоянд.

Ҳамин сиёсати фарҳангдӯстии Сарвари давлат аст, ки дар зарфи 30 соли Истиқлоли давлатӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат бунёду навсозӣ ва таъмиру тармими садҳо иншооти фарҳангӣ амалӣ гардида, бузургтарин чорабиниҳои фарҳангии сатҳи баланди минтақавию ҷаҳонӣ дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе баргузор шуданд[15]. Дар баробари баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ дар шаҳри Душанбе, дар доираи сиёсати фарҳангсолории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузургтарин иншоотҳои таҷассумгари фарҳангу санъати волои меъмории тоҷик, аз қабили Маҷмааи давлатии «Парчами миллӣ», «Нишони миллӣ», Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Маҷмааи фарҳангию фароғатии «Кохи Наврӯз», Кохи Ваҳдат, Наврӯзгоҳ ва ғайра бунёд гардида, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд, ки ба симои кишвари азиз ҳусну таровати беназир бахшиданд.

Дар поёни асри XX аз миёни халқу миллатҳои гуногун чанд тан шахсиятҳои дурандеш ва фарҳангсолоре бар сари қудрат омаданд, ки сиёсат ва сабки давлатдории онҳо бар пояи маънавиёт, арзишҳои олии башарӣ ва ормонҳои миллии мардум устувор аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз ҷумлаи ин сиёсатмадорони фарҳангсолор дар ҷаҳони муосир эътироф шудаанд, дарёфти ин ҳадафи олиро камоли матлуби рисолати хеш шинохта, бузургдошти инсон, одамият ва маънавиятро меҳвари аслии давлатдории худ қарор додаанд.

Дар партави барномаҳои дақиқу фарогир ва пайкорҳои хастагинопазири Президенти мамлакат суннатҳои таърихӣ ва вижагиҳои тафаккури миллӣ дар бунёди ҳокимияти сиёсӣ ва низоми давлатдорӣ авлавият пайдо намуданд. Эмомалӣ Раҳмон бо азамати тафаккур ва иродаи худ бар воқеияти мураккаби нобасомон тасаллут ёфтанд, барои озодӣ ва касби Истиқлоли миллӣ, сохтмони низоми нави сиёсиву иҷтимоӣ бо кордониву ҷасорат оғоз намуданд ва то фарҷоми мантиқӣ – бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёди миллӣ муваффақ гардиданд.

Иқтидори маънавӣ ва иродати сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳосили фикрати саҳеҳ, сидқи сухан ва ихлос дар амал буд, фазилатҳои ҳуҷастаи давлатмардони маъруфи гузашта ва орзуву омолҳои кунунии тоҷиконро дар шахсияти Президент муҷтамеъ ва муҷассам гардонид.

Давлатдории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар пайвандгоҳи вежагиҳои зиндагиву тафаккури мардум, сабақандӯзии милливу таърихӣ, асолатҷӯии фарҳангиву маънавӣ ва бозандешии таҷрибаи мактабҳои ҷаҳондории Шарқу Ғарб тамомияти назариву амалии худро дарёфт намудааст, бо се сифати бориз имтиёз мекунад: инсонгароӣ дар тасмиму ибтикор, мардумгароӣ дар умури иҷтимоӣ ва хирадгароӣ дар сиёсат.

Сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо инсонпарварӣ ва фарҳангсолории худ истиқболи ҷаҳонӣ пайдо кардааст, аслан, истиқболи ҷаҳонии миллати тоҷик ва давлатдории миллии тоҷикон мебошад. Барҳақ, каломи Пешвои муаззами миллат дар бузургтарин ва баландтарин минбарҳои ҷаҳон садои миллати тоҷик аст, ки дар фазои сиёсии сайёра бо виқору ифтихор ва бо камоли шоистагӣ танинандоз аст.

Роҳе, ки Пешвои муаззами миллат дар ҷодаи бунёди ҷомеаи фарҳангсолор ва маънавиасоси шаҳрвандӣ пеш гирифтаанд, мактаби неруманди сиёсӣ ва роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба вуҷуд овард.

Ин мактаб дар кӯраи муборизаҳои шадид обутоб ёфт, аз ҳар ҷиҳат такомул пазируфт, таҷрибаи фаровон андӯхт, дар ҳаллу фасли масъалаҳои дохили кишвар,

минтақавӣ ва ҷаҳонӣ шеваи хоссаи худро пайдо намуд, дар миқёси байналмилалӣ обрӯву эътибори шоиста ба даст овард. Ҳамин тавр, истиқлоли миллӣ давраи нави инкишофи таърихии мардуми тоҷикро бунёд ниҳод. Расидан ба озодӣ ва давлатдории миллӣ мардумро ба таърихсозии навин ҳидоят намуд ва руҳбаланд сохт.

Ба бахти миллати тоҷик дар ин даврони пур аз ҳаводиси сарнавиштсоз шахсияте зимоми давлатро ба даст гирифтанд, ки бо истеъдоди хориқулодаи кишвардорӣ ва муҳаббати бепоён ба Ватану миллат Тоҷикистонро ба шоҳроҳи тамаддун раҳнамоӣ карданд. Ба шарофати корномаҳои беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми тоҷик сарнавишти таърихии худро ба дасти худ гирифт ва нагузошт, ки сарнавишташ ба дасти дигарон навишта шавад. Ба ин маънӣ, рӯ овардан ба таъриху фарҳанги миллат ва сабақ ҷустан аз дарсҳои он дар ҳалли масоили ҷомеаи кунунӣ як асли муҳимму меҳварӣ дар сиёсати давлатдорӣ ва мардумсолории Пешвои миллат аст.

Он чи ба таври мухтасар дар бораи сиёсати фарҳангии Президенти мамлакат ва ибтикори ҳаётангези Пешвои миллат дар бозофаринӣ ва рушду такомули фарҳанги миллӣ зикр карда шуд, он матлабро мусаллам медорад, ки бо корсозиҳои хирадмандонаи Сарвари давлат дар даврони дигаргуниҳои куллии таърих дар баробари ташаккули ҳокимияти давлатӣ ва низоми нави иқтисодӣ асосҳои фикрӣ, маънавӣ ва ахлоқии давлатдории миллӣ ва ҷомеаи нави шаҳрвандӣ бо таваҷҷуҳи комилу фарогир ба дастовардҳои таърихи шукӯҳманд ва ормонҳои миллии тоҷикон бунёд ниҳода шуд.

Фарҳанги миллӣ дар ҳама ҷанбаҳои назариву амалии ҳастии худ ба роҳи эҳё, ба роҳи сарсабзиву шукуфоӣ, ба роҳи таҷаддуди арзишҳои таърихии миллӣ қадам ниҳода, роҳи тоҷиконро дар эътимоди ҷомеаи навин ба ғояҳои ҳаётбахши миллӣ ва арзишҳои олии маънавият мунаввар намуд.

**АДАБИЁТ**


1. Суханронӣ дар ҷаласаи ботантана ба муносибати 30-солагии истиқлоли давлатӣ. 8 сентябри соли 2021 // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/26483
2. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (нашри дувум). – Душанбе: Ирфон, 2016. – С. 25.
3. Шарифзода Абдуфаттоҳ. Фарҳанг - ҳастии миллат аст. -Душанбе: Эр-граф, 2022. – С 9.
4. Салимӣ Н., Шарифзода А. Тоҷики оламшумул (нашри дуюми такмилёфта). -Душанбе: Дониш, 2022. – С.15.
5. Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди сеюм. – Душанбе: Ирфон, 2002. – С.185.
6. Истиқлолият калиди соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати тоҷик аст // Садои мардум. №112 (4374) 08.09.2021
7. Паёми табрикотӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ. 5 октябри соли 2018 // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] . URL: http://www.president.tj/node/18585
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» // Ҷумҳурият, 21 декабри соли 2021. -№248.
9. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 20-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 8 сентябри соли 2011 // Ҷумҳурият, 13 сентябри соли 2011. №134-135.
10. Шарифзода А. Фарҳанг ҳастии миллат аст - Душанбе: Эр-граф, 2022. – С. 11
11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, № 97 "Дар бораи Тартиби баҳисобгирии давлатии фаъолиятиноширӣ, корхонаҳои полиграфӣ ва пешбурди Феҳристи ягонаи давлатӣ" // Барномаи “Махзани мутамаркази маълумоти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. [Манбаи электронӣ].
12. Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
13. Шарифзода А. Фарҳанг ҳастии миллат аст. - Душанбе: Эр-граф, 2022. – С. 12.
14. Суханронӣ дар ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизиони «Варзиш», «Синамо» ва Академияи воситаҳои ахбори омма. 1 марти соли 2016 // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/10829

15. Салимӣ Н. Шарифзода А. Тоҷики оламшумул (нашри дуюми такмилёфта). – Душанбе: Дониш, 2022. – С. 15.

**ФАРҲАНГ ҶАВҲАРИ ҲАСТИИ МИЛЛАТ**

Дар мақола нақши барҷастаи Сарвари фарҳангпарвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муаррифии шоистаи миллати соҳибфарҳангу тамаддунофари тоҷик дар ҷаҳон, бузургдошти хотираи фарзандони оламшумул, шахсиятҳои барҷастаи адабиёт ва илму фарҳанги тоҷик, қаҳрамонони Тоҷикистон, гиромидошти таърихи куҳани шаҳрҳои Тоҷикистон, эҳё ва ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, рушди театру синамо, бунёди иншооти муосири фарҳангӣ дар саросари мамлакат, баргузории ҷашнҳои милливу фарҳангӣ ва озмунҳо, рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, интихобу тарбияи кадрҳои арзандаи соҳа ва нашри китобҳои баландарзиши адибони классику муосир ба қалам дода шудааст. Ҳамчунин, дар мақола хизматҳои Пешвои миллат ҷиҳати шинохти таърих, ҳикмату фарҳанг, забону адабиёти оламгири ниёгон ва баланд бардоштани мақоми миллати хеш дар ҷаҳон таҳлил гардидаанд. Муаллиф дар маҷмуъ, таваҷҷуҳи пайваста ва ғамхории хоссаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба фарҳанг ҳамчун соҳаи сарнавиштсоз ва такягоҳи боэътимоди маънавии ҷомеа дар низоми сиёсати иҷтимоии кишвар нишон дода, таъмини рушди устувори онро ҳамчун яке аз самтҳои муҳимму афзалиятнок ба қалам додааст.

**Калидвожаҳо:** фарҳанг, забон, ёдгориҳои таърихӣ, театр, синамо, ҷашнҳо, озмунҳо.

**КУЛЬТУРА – ОСНОВА СУЩЕСТВОВАНИЯ НАЦИИ**

В статье отмечена выдающаяся роль культуролюбивого Лидера Эмомали Рахмона в достойном представлении таджикской цивилизованной и культур образующей нации в мире, чествовании памяти всемирно известных таджиков, выдающихся деятелей таджикской литературы, науки и культуры, героев Таджикистана, дань древней истории городов Таджикистана, возрождении и защите исторических памятников, развитии театра и кино, строительстве современных объектов культуры по всей стране, проведении национальных и культурных фестивалей и конкурсов, дней культуры таджикского государства за рубежом, в подборе и подготовке квалифицированных кадров в данной области и издании ценных книг классиков и современных писателей.Также в статье проанализированы заслуги Лидера нации в плане познания истории, мудрости, культуры, языка и литературы предков и повышения престижа своей нации в мире.Автор в целом продемонстрировал постоянное внимание и особую заботу Главы государства уважаемого Эмомали Рахмона в отношении культуры, как судьбоносной сферы и надёжного морального оплота общества в системе социальной политики страны, отобразил обеспечение устойчивого развития, как одно из важных и приоритетных направлений.

**Ключевые слова:** культура, язык, исторические памятники, театр, кино, праздники, конкурсы

**CULTURE IS THE BASIS FOR THE EXISTENCE OF THE NATION**

The article analyzes the outstanding role of the culture-loving Leader Emomali Rahmon in worthy representation of the Tajik civilized and culture-forming nation in the world, honoring the memory of world-famous Tajiks, prominent figures of Tajik literature, science and culture, heroes of Tajikistan, a tribute to the ancient history of the cities of Tajikistan, the revival and protection of historical monuments, the development of theater and cinema, the construction of modern cultural facilities throughout the country, the holding of national and cultural festivals and competitions, days of culture of the Tajik state abroad, in the selection and training of qualified personnel in this field and the publication of valuable books by classics and contemporary writers.Also, the article analyzes the merits of the Leader of the Nation in terms of recognizing the history, wisdom and culture, language and literature of his ancestors and raising the status of his nation in the world.Generally, the author showed the constant attention and special care of the Head of State Emomali Rahmon to culture as a destiny-making sphere and a reliable spiritual support of society in the social policy system of the country, and wrote its stable development as one of the important and priority directions.

**Keywords**: culture, language, historical monuments, theater, cinema, celebrations, competitions

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуфаттоҳ Шарифзода*** **-** доктори илми таърих, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. E-mail: **abdufatoh@yahoo.co.uk**

**Сведение об авторе:** ***Абдуфаттох Шарифзода*** - доктор исторических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана. . E-mail: **abdufatoh@yahoo.co.uk**

**Information about the author:** ***Abdufattoh Sharifzoda*** - Doctor of Historical Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan. . E-mail: **abdufatoh@yahoo.co.uk**

УДК:323.28(470+575.3)

# ЭКСТРЕМИСТСКИЕ НАСТРОЕНИЯ СРЕДИ МОЛОДЕЖИ: ИСТОКИ, МОТИВАЦИЯ, ПРОФИЛАКТИКА
## (на примере Российской Федерации и Республики Таджикистан)

***Турсунов* Т.Х., *Новиков С.В.***
**Таджикский национальный университет**
**Омский государственный аграрный университет имени П.А.Столыпина**

Актуальность темы исследования вызвана радикализацией политических взглядов, а также распространением идеологии экстремизма и терроризма в среде молодежи. Цель статьи – выявление причин активизации экстремистских настроений и поиск мер противодействия формированию экстремистской идеологии среди молодежи. Среди задач исследования:

-выявление причин распространения идеологии экстремизма как таковой и факторов, способствующих её формированию на постсоветском/ постсоюзном пространстве;

-анализ мотивов появления у молодежи интереса к экстремистской идеологии и желания взаимодействовать с террористическим организациями;

-поиск возможностей противодействия распространению идеологии экстремизма и терроризма.

Появление идеологии экстремизма в странах СНГ, на наш взгляд, связано с:

- глобальными изменениями социально-экономической, политической и национально государственной системы на территории бывшего СССР. Радикальные экономические реформы привели к социальной дифференциации общества, имущественному неравенству, криминализации экономических отношений, доходящих до формирования примитивных патрон-клиентарных отношений, особенно популярных в среде молодежи. Особенно четко данная тенденция проявляется в Сибири, на Дальнем Востоке РСФСР и в обретших суверенитет странах Центральной Азии, где у нас на глазах формируются лишенные четкой иерархии, управляющего центра враждебные к окружающему миру и устойчивые к внешнему влиянию, воздействию структур АУЕ [12, с. 53-55]. Ликвидация союзной государственности вызвала миграцию, рост конфликтов на национальной и конфессиональной основе и рост влияния радикальных националистов, нередко это стало ответом на незавершенность процесса административного деления как в РФ, так и в странах Центральной Азии по территориальному принципу, отсутствие правового закрепления статуса большей части народов этих стран и экономически и социально сомнительное распределение налогов и дотаций [10, с. 80, 83-84]. Сформированная система политических отношений вызывает недоверие почти половины потенциальных граждан, делая их потенциальными сторонниками непарламентских форм борьбы. Особенно в условиях, когда нарастает групповая поляризация, антагонизм убеждений, а новая информация подвергается инсинуации для подтверждения собственной позиции [11, с. 669 - 670]. Можно предположить, что количество населения, испытывающего состояние дезадаптации, составляет не менее трети жителей стран СНГ.

- наполнением средств массовой информации, сети Internet, игрового контента материалами, формирующими девиантное поведение, а в ряде случаев симпатии к представителям криминалитета, экстремистских и террористических организаций. На формирование взглядов молодого поколения активно влияют сотни сайтов, содержащих материалы, пропагандирующие особые права граждан по национальному, расовому и религиозному признаку, провоцирующие разжигание межнациональной или межконфессиональной вражды [5, с. 52-53. 14, с. 452-455]. До настоящего времени в кино и на телеэкранах имеют место иностранные фильмы, не только пропагандирующие насилие, но и популяризирующие деятельность противников нашей страны, рисуя предателей различных мастей более позитивными персонажами, чем защитники Родины,

продвигающие сомнительные паттерны формирования общества [8, с.34, 42]. Что особенно важно в ситуации, когда 70% молодежи смотрят только иностранные фильмы, и 70% брали пример в своей жизни с персонажей фильмов [7, с. 104-105]. Это не может не сопровождаться понижением общего уровня культуры населения и духовной деградацией общества;

- система образования, различного уровня, с принятием новых стандартов все более теряет способность посредством таких дисциплин, как история, литература, факультативные и кружковые занятия по краеведению воспитывать общероссийскую идентичность, с учетом региональных и национальных особенностей, что проявляется в низком уровне и неустойчивой мотивации к освоению регионального компонента, отсутствие системы знаний о фактах региональной культуры, ошибках в интерпретации и представлении культурных ценностей [13, с. 293., 4, с. 145-146]. Идеологическая дезориентация обусловлена имитацией реально отсутствующей воспитательной работы в образовательных учреждениях, различными внесистемными мероприятиями, на первый взгляд связанными с текущими потребностями «общества», Что особенно опасно на фоне распространения западной идеологии в условиях растущей агрессивности НАТО и США или распространения радикальных форм исламского типа на фоне влияния Турецкой Республики с идеей построения Великого Турана, не говоря уже о сторонниках так называемого Исламского государства, слабое рассмотрение регионального компонента рвет связь между государством и регионом и приводит к ситуации, когда за патриотизм чуть более 50% населения, а сторонниками державности являются около 20% [6, с.10-12]. (Разрушена ранее имевшая место система воспитания молодежи на перспективу роста: семья – школа – ССУЗ/ВУЗ – работа;

- освободившаяся после отказа от коммунистической идеологии ниша, несмотря на соблюдение внешних атрибутов, не была занята традиционными религиями, сбои в формировании отношений общества-государства-церкви регулярно дают сбой, что ярко проявляется в спорах вокруг Исаакиевского собора и собора Святой Екатерины, иронии вокруг возрожденного бердяевского термина «скрепы» [1, с. 228-229]. Их представители не сумели или не смогли создать на базе религиозных норм, сформировавшихся в СССР, религиозные доктрины, противостоящие веяниям экстремистов любого направления.

Многообразие экстремизма, помимо сфер его распространения, объясняется мотивами его порождающими. Основная часть российских педагогов в их определении опирается на работы Д.В. Ольшанского, М. М. Решетникова, С. В. Цыцарева, С.Н. Ениколопова, Т. Ю. Введенского и др [2, с. 109-110].

Приведем в качестве примера Муниципальное автономное общеобразовательное учреждение «Уватская средняя общеобразовательная школа» Уватского муниципального района Тюменской области РСФСР. Среди основных мотивов создателями материалов для портала школы выделяются: материальный, идеологический, желание преобразования и неудовлетворенности реальной ситуацией, власти над людьми, интереса к новому виду активной деятельности, самоутверждения, молодежной романтики, героизма, игровой, привлекательности смертельной опасности [9].

Данная мотивация, несомненно, влияет на целевые установки молодежи, и помноженная на сферы распространения несет опасность устоям государства и общества в целом и каждому отдельно взятому гражданину.

В Республике Таджикистан в условиях национального экономического кризиса, обостряющего социальные и другие взаимосвязанные проблемы, наблюдаются ограничения в отношении молодежи и рост преступности среди несовершеннолетних. Многие молодые люди страдают от безработицы и бедности. Такая ситуация на руку экстремистам, которые пытаются привлечь на свою сторону молодежь. В таких условиях подрастающее поколение теряет уверенность в завтрашнем дне и страдает от отсутствия условий для использования труда на родине. Молодые люди часто попадают под перекрестный огонь, когда речь заходит о выборе работы в государственном учреждении

с низкой зарплатой и сомнительным, но прибыльным бизнесом. В то же время подростки и молодежь остаются источником асоциальных явлений. В результате молодые люди пополняют ряды преступных, религиозно-экстремистских и террористических организаций [3, с. 51-52].

В то же время деятельность несовершеннолетних в религиозных учреждениях и неформальных помещениях, организованных имамами в некоторых районах, не отслеживается. Основной причиной такого нежелательного явления среди подростков является ухудшение нравственности в семье, неспособность родителей полноценно заниматься воспитанием детей, которые зачастую заняты обеспечением своих детей едой и одеждой. Ситуация в средних и специальных учебных заведениях остается сложной. Военные проблемы, плохое образование и слабая правоохранительная система привели к активизации экстремистских организаций, которые используют подростков как дешевое средство для достижения своих целей. До сих пор имеют место случаи создания неформальных религиозных школ, в которых обучаются дети младшего возраста.

На основе предложенной мотивации, с привлечением знаний по Отечественной истории и педагогических практик советского времени авторами статьи была составлена таблица «Меры противодействия формированию экстремистской идеологии на постсоюзном пространстве».

**Таблица. № 1 Меры противодействия формированию экстремистской идеологии и на постсоюзном пространстве**

| Мотивация экстремистских настроений | 1. Целевые установки у молодежи | 2. Решение проблемы в СССР | 3. Факторы, мешающие решению проблемы на территории РФ и стран Центральной Азии | 4. Возможные меры противодействия |
|---|---|---|---|---|
| 1. Материальные мотивы | Желание заработать, получить средства, не вдаваясь в вопросы их происхождения | Участие в стройотрядах, различного рода производственных практиках, оплачиваемых по государственным расценкам. | Низкая заработная плата в условиях структурной безработицы, теневизация и криминализация экономических отношений | Привлечение молодежи в различные сферы бизнеса, к освоению новых территорий |
| 2. Идеологические мотивы | Готовность к террористическим методам при отсутствии демократических свобод. Следование идее построения террористического «государства» | Советская модель создавала иллюзию участия в принятии решений и давала возможность деятельности по реализации принятых решений. | Политические институты служат интересам банковского капитала и нефтегазовой отрасли при криминализации местной бюрократии | Развитие демократии. Формирование «национальной идеи» как идеи построения государства социальной солидарности и равных возможностей |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3. Желание преобразований и неудовлетворенность действительностью | Уход в низовые криминальные структуры, имеющие влияние на местах. Поиск международных экстремистских организаций, заявляющих о стремлении к преобразованиям. | Возможности в рамках хозяйственного освоения территорий (целина, нефтяные районы, БАМ). Участие в социальных молодежных программах по строительству жилья, организации быта и досуга. | Эксплуатация территорий идет вахтовым методом. Различного рода молодежные программы социального характера носят декоративный характер и жестко контролируются банками (кредиторами) и различными группами влияния. | Создание условий для участия большинства молодежи в преобразовании (экономической, социальной, экологической, общественно-политической) действительности, как по месту проживания, работы, так и в стране. |
| 4. Власть над людьми | Стремление занять доминирующие позиции в общественных организациях, криминальных группах. | Отбор всех предрасположенных посредством членства в октябрятской, пионерской и комсомольской организациях | Отторжение от карьерного роста представителей не проправительственных общественных организаций. Общественные структуры – социальный лифт для «своих». | Поддержка общественных молодежных организаций, работа с их лидерами. Деполитизация отношения к общественным организациям. |
| 5. Желание самоутвердиться | Попытки стать лидером, прослыть знатоком вопроса, специалистом в каком-либо деле. | Сеть бесплатных кружков по интересам, спортивных секций, туристических клубов, клубов моделистов-конструкторов и др. | Платность дополнительного образования и спортивно-туристических организаций. Спортивные/научные мероприятия под эгидой провластных организаций. | Воссоздание сети бесплатных учреждений. Их деполитизация. Ориентация деятельности на «национальную идею» в предложенной редакции. |
| 6. Интерес к новому виду активной деятельности. Игровая привлекательность. | Приложения сил в бизнесе, нетрадиционных видах спорта, военизированных играх, криминальных группах и др. | Участие в стройотрядовском, военно-поисковом, спортивном движении, ДОСААФ, привлечение в «школы молодого рабочего». | Малое количество созданных стройотрядов, коммерционализация и криминализация военно-поисковой деятельности, молодежная безработица. | Привлечение молодежи в сферы: бизнеса, освоения новых территорий. Организации молодежного досуга, военно-спортивной деятельности в патриотически |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | х организациях и др. |
таълимоти хирадгароӣ доранд, мушоҳида кардан мумкин аст. Тафовути таълимоти Ҷалолуддини Балхӣ аз таълимоти дигар мутафаккирон дар он аст, ки бештари маврид дар осори Румӣ ба ҳайси объекти маърифат, на олами табиӣ, балки олами фавқуттабиӣ баромад мекунад. Бинобар ин, ӯ аз методи ратсионалистӣ ба методи ирратсионалӣ майл мекунад. Бо ифодаи дигар, ирратсионализми Румӣ бар ратсионализм асос ёфтааст.

Фарқи таълимоти Румӣ дар ин бора аз таълимоти суфиёни дигар, ки онҳоро суфиёни дурӯғин, ё тақлидгаро меноманд, дар он аст, ки чунин суфиён аз қадами аввали ворид шудан ба ин ё он мактабҳои суфиёна худро аз дониш ва ақл бениёз дониста, нақши узвҳои ҳиссро дар раванди маърифат инкор мекарданд [6, с. 56]. Тавре ки аз ҳаёти Румӣ маълум аст, пеш аз дидор бо пешвои рӯҳонӣ, ӯ донишманд буд ва роҳи минбаъдаи худро бошуурона интихоб кард. Солик, ё ба истилоҳи фалсафӣ, объекти фаъолияти маърифатӣ, дар таълимоти Румӣ, дар тафовут аз дигар суфиён, ки нақши ҳиссиётро дар раванди маърифат инкор мекунанд, маърифати худро аз офариниш оғоз мекунад. Яъне, раванди маърифат дар таълимоти Румӣ аз офариниш оғоз ёфта, бо Офаридгор анҷом меёбад. Аз ин рӯ, вақте ки сухан дар бораи шинохти офариниш меравад, пас ниёз ба ақл пайдо мешавад, яъне олами моддӣ бо усули ратсионалӣ (хирадгароӣ) шинохта мешавад. Ба ифодаи дигар, дар ин ҷо Румӣ бо Носири Хусрав дидгоҳи мушобеҳ дорад, зеро ӯ низ чунин мешуморад, ки фард тавассути шинохти офариниш ба шинохти Офаридгор мерасад.

Румӣ ин андешаро бо роҳи маҷоз изҳор мекунад. Сайёд (субъект) тавассути гом (восита)-и оҳу (объект, яъне мақсад) ба мавҷудияти он итминон пайдо мекунад [9, с. 124]. Аммо ин танҳо оғози роҳ аст. Гоми оҳу сайёдро ба ашёи пурқиматтаре - нофаи оҳу мерасонад [9, с. 124], яъне субъекти маърифат як зина болотар мебарояд. Пайдо кардани нофа сайёдро ба ҳадаф наздик мекунад. Маҳз тавассути гом ва нофа сайёд ба ҳадаф мерасад. Яъне, тибқи таълимоти Румӣ, офариниш аз мавҷудияти Офаридгор шаҳодат медиҳад ва гардиши минбаъдаи роҳ ба мақсади шинохтани Худо, бидуни пир - Инсони комил ғайриимкон аст (маҳз аз ҳамин ҷо сарҳади маърифати ирратсионалӣ оғоз меёбад). Нахуст, пир аз ҷониби Худо комил аст, ё метавон онро комили абадӣ номид ва танҳо чунин инсон, ба андешаи Румӣ, қодир аст ҷонҳои нокомилро такмил диҳад. Дигар, Румӣ бар ин ақида аст, ки пир ҳатто пеш аз пайдоиши олам ва шаклгирии он мавуҷуд буд. Пеш аз он ки Нафси кул ҷаҳонро офаринад, Пир аз нақши офариниши ҳама чиз огоҳ буд [9, с. 124].

Дар аксари ҳолатҳо, Румӣ мекӯшад, ки Пири худро ҳамчун Худоодам муаррифӣ кунад, аз ин рӯ бештар аз равиши ирратсионалии маърифат истифода мебарад. Румӣ аз ратсионализм ба ирратсионализм мегузарад, яъне муҳокимаҳои ирратсионалии ӯ, муҳаббати ӯ бар ақл асос ёфтааст («Ин муҳаббат ҳам натиҷаи дониш аст») [9, с.156].

Бо ифодаи дигар, ба дараҷаи камолоти маънавӣ расида, ё дараҷаи ҳақиқатро аз чор дараҷаи камолоти инсонӣ, тавассути ақл ба даст оварда, Румӣ ба танқид ва парҳез аз он шуруъ мекунад, зеро ақл аз нуқтаи назари ӯ, рисолати худро иҷро кард. Ин он маъноро дорад, ки мутафаккир бо ёрии ақл маънои ботини Қуръон ва шариатро аз худ кардааст, яъне бо кумаки ақл аз маънои зоҳирии дин ба маънои ботинии он - ба сӯйи ҳақиқат ҳаракат мекунад. Дар сатҳи шариат ва тариқат, инсон ҳанӯз ба ақл ниёз дорад, зеро ӯ бояд фарқ байни ботил ва ҳақиқатро муайян кунад:

Фарқи зишту нағз аз ақл оваред,
Не зи чашме, к-аз сияҳ гуфту сапед [9, с.633].

Пас, шариат ва зоҳири Қуръон ҳамчун пардаи динӣ маълумотро дар бораи Инсони комил дар худ ҳифз мекунанд. Ба дарки чунин дониш – дониш оид ба ҳақиқат расида, маърифати ратсионалӣ (ақлӣ) тадриҷан вазифаи худро аз даст

медиҳад. Аммо бояд қайд кард, ки ҳудуди амали ақл танҳо дар робита бо маърифати Инсони комил - Пир ба анҷом мерасад, на оид ба маърифати олами моддӣ. Пас аз пайваст шудан ба Пир – объекти маърифат, фаъолияти фард – субъекти маърифат дар робита бо ҳақиқат - Пир ба поён мерасад. Дар натиҷа вазифаи маърифатии ақли ҷузъӣ низ хотима меёбад, зеро ба андешаи Румӣ:

*Ӯ чу ақлу халқ чун аъзои тан,*
*Бастаи ақл аст тадбири бадан [9, с. 506].*

Яъне, ақли Пир дар нисбат ба ақли одами одӣ, ҳамчун фаъолияти ақли инсон дар робита бо ҷисми ӯ, ё амали Ақли кул дар муқоиса бо ақли ҷузъӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари Румӣ, танҳо шахси оқил, яъне шахсе, ки дорои дониши муайян буда, аз ҷиҳати ахлоқӣ комил аст, метавонад ба ишқи илоҳӣ ноил гардад. Пас аз пайдо кардани маҳбуби худ - Инсони комил, рисолати ақли ҷузъӣ ба ӯ супорида мешавад, зеро ақли инсон ба ҳадди ниҳоӣ мерасад. Инсони комил ҳам барои фард ва ҳам барои тамоми ҷомеа ҷойгузини ақл мегардад.

Ҳамин тариқ, ошиқ дар нисбати маъшуқ, парда, ё ҳатто мурдае ҳаст, ки ҳаётбахши он маъшуқ мебошад [9, с. 16]. Маҳз барои ифодаи ин ҳолат истилоҳи «фано» истифода мешавад, яъне зиндагии мустақили маънавии ошиқ ба поён мерасад ва ӯ дар маъшуқи худ ба зиндагии нав шуруъ мекунад. Раванди фаношавӣ ва ё тибқи диалектикаи гегелӣ, Қонуни инкори инкор, дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи табиат ба амал меояд, яъне бо ин роҳ, мавҷуди поёнӣ қурбони мавҷуди болотар аз худ гардида, минбаъд дар он зиндагиро идома медиҳад. Ин раванди табиӣ аз маволиди сегона оғоз ёфта, бо инсон ба анҷом мерасад. Ҳамин тавр, силсилаи такомули мавҷудоти моддӣ дар инсон ба анҷом мерасад, инсон чун муттаҳидсози олами моддӣ ва маънавӣ бояд ҷанбаи маънавии худро такмил диҳад, аз ин рӯ, вай ба мавҷуде аз худ болотар, ки дорои моҳияти илоҳӣ аст, яъне Инсони комил ниёз дорад.

Раванди такомули маволиди сегона то ба инсон бо роҳи табиӣ мегузарад, онҳо маҷбуранд, ки ин равандро гузаранд. Аммо, инсон ҳамчун мавҷуди оқил раванди минбаъдаи такомулро бо ихтиёри худ идома медиҳад.

Баъзан таълимоти Румиро ба пантеизм нисбат медиҳанд, ки ин андеша низ ба ҳақиқат рост намеояд. Дар ин ҷо ба таври мухтасар пантеизми аврупоиро баррасӣ намуда, таълимоти Румиро дар муқоиса бо он нишон медиҳем.

Тавре ки маълум аст, пантеизми аврупоӣ, ки асосан дар чор шакл вуҷуд дорад, ақидаи ҳамахудоро ба миён гузошт. Аслан, баъзе аз ин ақидаҳо аз ҳам фарқ мекунанд: 1) пантеизми теомонистӣ танҳо мавҷудият Худоро эътироф намуда, олами моддиро аз ҳастии мустақил маҳрум месозад; 2) пантеизми физиомонистӣ, ки мувофиқи он танҳо олами моддӣ, табиат вуҷуд дорад, ки тарафдорони ин равия онҳоро Худо номида, Худоро аз ҳастии мустақил маҳрум мекунанд; 3) пантеизми транссенденталӣ (орифона), ки онро одатан панентеизм меноманд - таълимот дар бораи мавҷудияти ҳама чиз дар Худо; 4) пантеизми имманентӣ-транссенденталӣ, ки мувофиқи он Худо дар ашё вуҷуд дорад. Ин ақидаҳоро бо таълимоти Ҷалолиддин Румӣ муқоиса намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таълимоти ин мутафаккир аз таълимоти файласуфони Аврупо ба куллӣ фарқ мекунад, зеро Худо, мувофиқи андешаи мутафаккир, аз офаридаҳои худ болотар аст ва ақли инсонӣ ба шинохти Ӯ намерасад.

Бояд қайд кард, ки олами ҷисмониро, аз нуқтаи назари Румӣ, бо усули ратсионалии маърифат шинохтан мумкин аст, зеро гарчанд ки ақл низ яке аз офаридаҳои илоҳӣ ба ҳисоб равад, аммо аз дигар мавҷудот болотар меистад. Вай

ҷузъи Ақли кулл аст - аввалин офаридаи илоҳӣ ва наздиктарин мавҷуд ба Офаридгор, ки бидуни миёнарав пайдо шудааст:

*Ин ҷаҳон як фикрат аст аз Ақли кул,*
*Ақл чун шоҳ асту суратҳо расул [9, с. 143].*

Ҳар он чизе, ки дар олам вуҷуд дорад, ба хотири инсон, ақли ҷузъӣ офарида шудааст, то тавассути шинохти онҳо, ақли ҷузъӣ ба кулли худ бозгардад. Дар асоси ин, мутафаккир чунин мешуморад, ки дар зинанизоми мавҷудият, олами ҷисмонӣ восита аст ва инсон ғараз. Аз ин рӯ, шахс бо ақли ҷузъии худ имкон дорад, ки воситаи такомули худро бишиносад. Аммо имкониятҳои маърифатии ақли ҷузъӣ танҳо бо маърифати олами моддӣ маҳдуданд. Вай наметавонад на кулли худ ва на мавҷуди аз он болотарро, яъне Худоро бишносад.

Дар боло қайд гардид, ки таълимоти Ҷалолуддини Румӣ ҳаргиз дар муқобили ақл қарор нагирифтааст. Ӯ танҳо он ақлеро, ки қувваҳои биологии инсон бар он пирӯз шудаанд, мавриди танқид қарор медиҳад. Яъне, ин интиқоди ӯ аз ақли инсонӣ бештар ҷанбаи ахлоқӣ дорад. Дар бисёр маврид мутафаккир ба ҳимояи ақл бармехезад

Ба андешаи Румӣ, ақл дорои қудрати бениҳоят аст, оламҳои ақл бекаронаанд, ақл метавонад ҳар дам барои худ олами наве пайдо кунад. Ақл дарёест беҳудуд:

*То чи оламҳост дар савдои ақл,*
*То чи бо паҳност ин дарёи ақл [9, с. 44].*

Аз рӯйи ақидаи мутафаккир, ақли ҷузвӣ инсонро ё ба саодат мерасонад ва ё боиси бозмондани ӯ аз саодат мегардад. Маҳз ҳамин хусусияти дуюми ақли ҷузвиро дар назар дошта, Румӣ ба танқиди он мепардозад:

*Ақли ҷузвӣ ақлро бадном кард,*
*Коми дунё мардро бе ком кард [9, с. 455].*

Дар таълимоти Румӣ Ақли кул мақоми волое дорад. Муҷтабои Башардӯст барҳақ қайд мекунад: «Ақле, ки мавриди инкори Мавлоност, ақли ҷузвист, ақли охурандеш ва ё ақли муктасаб ва маошандеш аст ва ақле, ки мавриди ситоиши ӯст, Ақли кул ва охиратандеш аст» [11, с. 124]. Муҳаққиқи тоҷик Х.Зиёев низ мақоми ақлро дар таълимоти Румӣ баррасӣ намуда, чунин қайд кардааст: «Ақли кул ақли ақли ҷузвист. Ӯ ақли ботинбин аст. Агар ақли ҷузвӣ касбист, Ақли кул ақли имонӣ, ақли яздонӣ аст. Ақли кул ақли абдолон, ҳуш аст, ки аз ҳайвонӣ ва инсонӣ комилан пок аст» [4, с. 109].

Аз байти Ҷалолуддини Румӣ, ки дар боло овардем, мавқеи ӯ аз дифоъ намудани ақл аз таълимоти зиддиақлии баъзе намояндагони тасаввуф, ки ақлро тамоман намепазируфтанд ва онро дар муқобили ишқ қарор медоданд, хело хуб аён мегардад. Румӣ бар он ақида аст, ки ақли ҷузвӣ боиси бадном шудани ақл гаштааст, аммо худи ақл дар асл пок аст. Бояд зикр кард, ки ақидаҳои зидди ақлгароӣ, ки дар миёни суфия мавҷуданд, сабаби пастравӣ ва заволи дунёи исломӣ дониста шуда, мавриди танқид қарор гирифтаанд [14, с.196]. Румӣ ақлро ҳатто аз рӯзаву намоз бартар донистааст. Ба ақидаи Румӣ рӯзаву намоз танҳо барои такмили ақли инсонӣ хизмат мекунанд, бинобар ин ақлро ҷавҳар ва рӯзаву намозро араз ҳисоб мекунад:

*Пас накӯ гуфт он расули хушҷавоз,*
*Зарраи ақлат беҳ аз савму намоз.*
*З- он ки ақлат ҷавҳар аст, ин ду араз,*
*Ин ду дар такмили он шуд муфтараз [9, с. 454].*

Чашми сар, аз нигоҳи Румӣ, аз дидани тафовут байни зиштиву зебоӣ оҷиз аст. Танҳо ақли инсон қодир аст, ки байни зишту зебо ва неку бад фарқ гузорад [9, с. 633].

Ба андешаи Румӣ, агар инсон бихоҳад ба суратҳо фирефта нашавад, ягона раҳнамои ӯ ба сӯйи маънӣ хирад аст [9, с. 633]. Дар назари мутафаккир ақл байни неку бад, зишту зебо, равою нораво тафовут мегузорад, он чи бо ӯ мувофиқ аст, онро ихтиёр мекунад, чизе ки мухолифи он аст, аз он парҳез мекунад. Бояд қайд кард, ки дар таълимоти Румӣ нафс муқобили ақл қарор дошта, бо калимаҳои ҳирсу ҳаво ва шаҳват муродиф мебошад. Дар таълимоти Носири Хусрав бошад, чунин хусусият ба яке аз қувваҳои нафси инсонӣ - қувваи шаҳвонӣ нисбат дода шудааст. Яъне, он мақом ва хусусиятеро, ки нафси шаҳвонӣ дар таълимоти мутафаккири мазкур дар вуҷуди инсонӣ ишғол намудааст, дар таълимоти Румӣ зери мафҳуми куллӣ – нафс гирд омадаанд. Чунин нафс дар бисёр маврид дар таълимоти ҳар ду донишманд бо чунин сифатҳо низ, аз қабили: нафси баҳимӣ, нафси ҷафопеша, нафси бадфармо зикр мешавад.

Ҷалолуддини Румӣ ҳам чунин дилро ҳоҷатманди нигаҳбоне ҳисобида, нигаҳбони онро чун Носири Хусрав ақл меҳисобад:

*Ақли имонӣ чу шаҳна одил аст,*
*Посбону ҳокими шаҳри дил аст [9, с.329].*

Румӣ низ таъкид бар он дорад, ки инсон бояд кӯшиш намояд, то ақл бар вуҷуди ӯ ҳоким бошад. Дар сурати акс, яъне агар нафс (нафси аммора) бар ақли инсон ғолиб шавад, ақл бар зарари инсон табдил меёбад. Румӣ ақлро ба Муштарӣ ва нафсро ба Зуҳал, ки дар илми ситорашиносии асрҳои миёна аввалӣ чун саъди акбар ва дувумӣ чун наҳси акбар ҳисоб мешуданд, монанд кардааст. Яъне, агар Муштарӣ зери таъсири Зуҳал монад, наҳс мешавад [9, с. 156].

Ҷойи дигар Румӣ он ақлро, ки асири шаҳват шудааст, ақл намехонад, зеро табиати ақл дар асл зидди шаҳват аст:

*Ақл зидди шаҳват аст, эй паҳлавон,*
*Он ки шаҳват метанад, ақлаш махон [9, с.400].*

Дар таълимоти Румӣ қувваҳои бадфармои нафсонӣ танҳо бо як калимаи нафс ифода ёфтаанд. Румӣ таъкид мекунад, ки ақл набояд тобеи нафс шавад. Чун майли инсон ба сӯйи бадӣ бошад, нафси ӯ тавоно шуда, ақлро мағлуб месозад. Румӣ ҳаргиз бо асли ақл мухолиф нест, баръакс, ақл дар таълимоти ӯ мақоми сазовореро дорост, аммо ӯ зидди он ақл аст, ки тобеи нафс гашта, аз асли худ бегона мондааст:

*Ақли ҷузвиро вазири худ магир,*
*Ақли кулро соз, эй султон вазир.*
*Мар ҳаворо ту вазири худ масоз,*
*Ки барояд ҷони покат аз намоз [9, с.374].*

Ё ки:

*Ақли ҷузвӣ офаташ фаҳм асту занн,*
*З-он ки дар зулмот шуд ӯро ватан [9, с. 255].*

Аз абёти зерини Румӣ низ чунин маънӣ ба назар мерасад, ки мутафаккир ақлро нар – фоидадиҳанда ва нафсро мода – фоидапазиранда меҳисобад. Вале, агар ақл мағлуби нафс гардад, он гоҳ нафс чун нар ва ақл чун мода гардида, ақл раёсати худро бар нафс аз даст медиҳад:

*Вой он ки ақли ӯ мода бувад,*
*Нафси зишташ нару омода бувад.*
*Лоҷарам мағлуб бошад ақли ӯ,*

*Ҷуз суи хусрон набошад нақли ӯ [9, с. 509].*

*Румӣ ба ҳамин маънӣ фармудааст:*

*Қобили таълиму фаҳм аст ин хирад,*

*Лек соҳибваҳӣ таълимаш диҳад [9,с. 375].*

Аз андешаҳои Ҷалолуддини Румӣ, ки дар боло овардем, мавқеи ӯ аз дифоъ намудани ақл аз таълимоти зиддиақлии баъзе намояндагони тасаввуф, ки ақлро тамоман намепазируфтанд ва онро дар муқобили ишқ қарор медоданд, хело хуб аён мегардад. Румӣ бар он ақида аст, ки ақли ҷузвӣ, ки зери бори қувваҳои ҳайвонӣ мондааст, боиси бадном шудани ақл гаштааст, аммо худи ақл дар асл пок аст. Мутафаккир аз ҳарду методи маърифатӣ – ратсионализм ва ирратсионализм, дар таълимоташ истифода мебарад. Чун сухан дар бораи оламии табиӣ равад, ӯ методи ратсионалии маърифатро истифода мебарад, вақте сухан аз олами фавқуттабиӣ ба миён ояд, мутафаккир ба методи ирратсионалӣ мегузарад.

**Муқарриз: Ахмедов С. – д.и. ф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аллома Муҳаммад Иқбол. Куллиёти форсӣ. – Лоҳур, 2000. – 590 с.
2. Додихудоев Х. Община и общинное сознание: Подборка статей /Х. Додихудоев. – Душанбе, 2007. – 177 с.
3. Зарринкӯб А. Арзиши мероси суфия. – Теҳрон, 1344 х. – 270 с.
4. Зиёев Х. Мавлавия ва таърихи таҳаввули он /Х. Зиёев. – Душанбе, 2004.- С. 109.
5. Зиёев Х.М. Суфийский орден мавлавия / Х.М. Зиёев. – Душанбе, 2007. – 275 с.
6. Карамхудоев Ш.Х. Сопоставительный анализ религиозно-философских идей Носира Хусрава и Джалаледдина Руми / Ш.Х. Карамхудоев. – Душанбе, 2011. – 180 с.
7. Карамхудоев Ш.Х. Фалсафаи инсонмеҳварии Носири Хусрав ва Ҷалолуддини Румӣ (таҳлили муқоисавии ақидаҳо) / Ш.Х. Карамхудоев. – Душанбе, 2022. -С. 176.
8. Корбен А. Таърихи фалсафаи исломи / А. Корбен. – Теҳрон, 1325 х. – 377 с.
9. Ҷалолуддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ. – Теҳрон, 2001. – 728 с.
10. Махмаджонова М. Т. Философия Джалаледдина Руми / М.Т. Махмаджонова. – Душанбе, 2007. – 300 с.
11. Муҷтабо Башардӯст. Савдои ҳақиқат. –Теҳрон, 1381.-С. 124.
12. Носири Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн. – Душанбе, 2011. – 303 с.
13. Смирнов А. В. Великий шейх суфизма (опыт парадигмально го анализа философии Ибн Араби) / А.В. Смирнов. – М.: Наука, 1993. – 328 с.
14. Шиммел А. Ақл ва таҷрибаи ирфонӣ дар тасаввуф //Суннатҳои ақлонӣ дар тасаввуф.- Душанбе, 2002.- 327 с.
15. Шиммель, А. Мир исламского мистицизма / Анемари Шиммель / – М.: Алетейя. Энигма, 1999. – 416 с.


**МОҲИЯТИ ХИРАДГАРОИИ ТАЪЛИМОТИ ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХИИ РУМӢ**


Дар мақолаи мазкур оид ба моҳияти хирадгароии мутафаккири машҳур Ҷалолуддини Румӣ сухан меравад. Муаллифон бар он ақидаанд, ки таълимоти Румӣ ҳаргиз руҳияи зиддиақлӣ надорад. Балки мутафаккир дар ҳар ҳолат кӯшиш мекунад, ки ин ё он масъаларо аз нигоҳи ақлонӣ баррасӣ намояд. Ягона воситаи маърифати олами моддӣ ин маърифати хирадгароӣ (ратсионализм) мебошад. Муаллифон қайд мекунанд, ки ирратсионализми таълимоти Румӣ такя бар ратсионализм дорад. Субъекти маърифат тавассути омӯзиши олами моддӣ метавонад ба шинохти объекти маърифат - Худо бирасад. Ба андешаи муаллифон, мушкилии асосӣ дар омӯзиши осори Румӣ дар он аст, ки бисёре аз муҳаққиқон осори ӯро дар радифи намояндагони дигари тасаввуф гузошта, таҳқиқ мекунанд. Чунин амал боиси он мегардад, ки моҳияти аслии таълимоти ин мутафаккир аз назар дур мемонад. Зеро Румӣ чун дигар суфиён, ки онҳоро суфиёни дурӯғин меноманд, ҳаргиз муқобили ақл нест. Ӯ ҳамеша аз ақл ҳимоят мекунад. Танҳо ақлеро, ки зери қувваҳои биологии инсон мондааст ва вазифаи асосии худро фаромӯш кардааст, мавриди танқид қарор медиҳад. Танқиди ақл аз нигоҳи Румӣ ду гуна аст: якум, маънои ахлоқӣ ва дуюм, маънои маърифатӣ дорад. Танқиди ахлоқии ақл бар он асос дорад, ки бо ғалабаи қувваҳои биологӣ ақл моҳияти аслии худро аз даст дода, ба қувваи зиддиинсонӣ табдил мeёбад. Танқиди ақл аз нигоҳи маърифатӣ (маърифати олами руҳ) ба он маъно аст, ки ақл танҳо олами моддиро омӯхта метавонад, на олами руҳониро. Аз ин рӯ муаллифон хулоса мекунанд, ки мутафаккир дар таълимоташ ҳам аз методи ратсионалистии маърифат ва ҳам аз методи

иррационалистӣ истифода мебарад. Методи аввалро ҳангоми омӯзиши олами моддӣ ва методи дуюмро ҳангоми омӯзиши олами руҳ истифода мебарад.
**Калидвожаҳо**: ақл, хирад, моҳият, ратсионализм, иррационализм, усул, танқид, дин, Румӣ, фалсафа.

## РАЦИОНАЛЬНАЯ СУЩНОСТЬ УЧЕНИЯ ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИ

В данной статье анализируется вопрос о рациональной сущности учения известного мыслителя Джалаледдина Руми. вторы придерживаются мнения, согласно которому учение Руми не имеет антирационального духа. Мыслитель, наоборот, в решении того или иного вопроса, всегда опирается на рационализм – единственный метод познания материального мира. Авторы утверждают, что иррациональное учение Руми зиждется на его рациональном мышлении. Субъект познавательного процесса только посредством изучения материального мира может познавать объект познания – Бога. По утверждению авторов данной статьи, основная проблема в изучении наследия Руми заключается в том, что многие исследователи, изучая произведения Руми, не выделяют его учение из наследия других представителей суфизма, которых принято называть лжесуфиями. Подобные действия некоторых исследователей становится причиной того, что истинный смысл учения мыслителя остаётся в стороне от восприятия читателей. Так как учение Руми не находится в противовесе с разумом, мыслитель всегда стремится защитить разум от нападок лжесуфиев. Он критикует тот разум, который остался под влиянием биологических сил и потерял своё значение. Критика разума в учении Руми имеет две стороны: первая имеет моральное значение, вторая гносеологическое. Критика разума с моральной позиции указывает на его ослабление и победу биологических сил над ним. С гносеологической точки зрения разум подтверждается критикой того обстоятельства, что сфера его деятельности ограничена только изучением материального мира. Таким образом, авторы статьи приходят к выводу, что мыслитель в своём учении использует как рациональный, так и иррациональный метод. Первый метод используется в процессе познания материального мира, а второй –духовного.
**Ключевые слова:** разум, ум, сущность, рационализм, иррационализм, метод, критика, религия, Руми, философия

## THE RATIONAL ESSENCE OF THE TEACHINGS OF JALOLUDDIN RUMI

This article analyzes the question of the rational essence of the teachings of the famous thinker Jalaluddin Rumi. The authors are of the opinion that Rumi's teaching does not have an anti-rational spirit. The thinker, on the contrary, in solving this or that question, always relies on rationalism - the only method of knowing the material world. The authors argue that Rumi's irrational teaching is based on his rational thinking. The subject of the cognitive process only through the study of the material world can cognize the object of knowledge - God. According to the authors of this article, the main problem in studying the heritage of Rumi is that many researchers, studying the works of Rumi, do not distinguish his teaching from the heritage of other representatives of Sufism, who are usually called false Sufis. Such an action of some researchers becomes the reason that the true meaning of the thinker's teaching remains aloof from the perception of readers. Since the teachings of Rumi are not in opposition to the mind, the thinker always seeks to protect the mind from the attacks of false Sufis. He criticizes the mind that has remained under the influence of biological forces and has lost its meaning. Criticism of reason in the teachings of Rumi has two sides: the first has a moral significance, the second epistemological. Criticism of the mind from a moral position points to its weakening and the victory of biological forces over it. From the epistemological point of view, reason is confirmed by criticism of the fact that the scope of its activity is limited only to the study of the material world. Thus, the authors of the article come to the conclusion that the thinker in his teaching uses both rational and irrational methods. The first method is used in the process of cognition of the material world, and the second - the spiritual one.
**Keywords:** mind, essence, rationalism, irrationalism, method, criticism, religion, Rumi, philosophy

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мухаммадиев 17/6. Телефон: **935479314**, E-mail: **Shukratk@mail.ru**
***Сайфиддинова Мория*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мухаммадиев 17/6. Телефон: **938605445,** E-mail: **moriy@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода, доктор философских наук, доцент кафедры философии и политологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. Телефон: **935479314**, E-mail: **Shukratk@mail.ru**

***Сайфиддинова Мория*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода, старший преподаватель кафедры философии и политологии. Адрес: г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. Телефон: **938605445,**
E-mail: **moriy@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Karamhudoev Shukrat Khudonazarbekovich*** - Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Philosophy and Political Science. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Muhammadiev street 17/6.
Phone: **935479314**, E-mail: **Shukratk@mail.ru**
***Saifiddinova Moriya*** – Tajik State Institute of Languages named after A. Sotim Ulugzoda, senior Lecturer, Department of Philosophy and Political Science. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Muhammadiev street 17/6. Phone: **938605445,** E-mail: **moriy@mail.ru**

УДК: 130. 3 (575.3) –(575.1)

# 1. НАЗАРИЯИ ГЕНОТИПИЮ ФИЗИОЛОГИИ ҚОБИЛИЯТ: ШОПЕНГАУЭР

*Аминов* **Ф.А.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Проблемаи ҷӯё шудани нишонаҳои қобилият дар узвияти биологии инсон ва таъсири ирсияти физиологию генетикӣ ба раванди инсонишавӣ, миёни мутафаккирони аввали қарни 19 бештар дар осори А. Шопенгауэр мушоҳида мегардад. Агар ба назарияҳои биологикунонии қобилиятҳои инсон дар осори Фрэнсис Галтон, Адолф Кетле, Эрнст Кречмер, Герхард Фоллмер, Эдвард Уилсон, Чампион Тойч ва дигарон шинос шавем, мушоҳида мекунем, ки бунёди методологию назариявии худро ин таълимотҳо дар пайравӣ аз низоми андешаҳои Шопенгауэр қабул намоянд ҳам, вале ба назарияи генотипию «нишонаҳо» - и Шопенгауэр истинод (иқтибос) намекунанд. Дар сурате, ки унсурҳои алоҳидаи андешаҳои А. Шопенгауэр дар таҳқиқотҳои ин муҳаққиқин дида мешавад. Воқеан ҳам дар назарияҳои Жозеф Гобино, Хюстон Чемберлен, Жорж де Лапуж таъсири биологизатсияи Шопенгауэр ҷой доранд, вале дар муқоиса ба онҳо Шопенгауэр аз ҳама таассуроти евгеникию нажодпарастӣ дур буд ва оддитарин миллатгароиро чашми дидан надошт. Мутафаккири ҳамзамони Шопенгауэр, Гёте (онҳо мукотиба доштанд) дар баробари шеъру осори бадеӣ ба табиатшиносию фалсафа рағбат дошт ва Шопенгауэр низ дар баробари фалсафа ба табиатшиносӣ – ба биологияю ботаника ва зоология таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Гёте нақши муҳити иҷтимоӣ ва фаъолияти ҳаётии одамонро дар ташаккули қобилияти инсон муҳим ҳисобида, характери талаботӣ, таърихӣ ва фаъолиятии қобилияту маҳорати инсонро таъкид мекунад.

Илмро ҳамчун неруи истеҳсолкунанда ва натиҷаи фаъолияти иттиҳодияҳои илмӣ дониста, Иоҳанн Гёте андеша пеш мегузорад, ки пеш бурдани илм кори умумиинсонист ва як фарди алоҳида дар кадом сатҳи маърифатие қарор надошта бошад, қобилият надорад бори гарони илмро дар алоҳидагию танҳоӣ бардорад. «Ҳама гуна илм худ ба худ он қадар бузург аст, ки қудрат дорад аз паси хеш одамони зиёдро бардошта барад, дар сурате, ки онро наметавонад ҳеҷ яке аз одамон дар алоҳидагӣ бардорад» [3, с.368]. Дар шинохти И. Гёте, хусусан дар осори илмию фалсафии ӯ қобилиятҳои инсон моҳияти фаъолиятӣ дошта, аз муҳити воқеии фарҳангию иҷтимоӣ мундариҷаи худро соҳиб мешаванд. Дар фаҳмиши ӯ ҳаёт сирф дар доманаи фаъолият ҷараён дошта, танҳо дар тахаюлу андешаҳо метавонад ором ба назар расад. Ибораи машҳури ӯ: «… ҳаёти фаъолиятбор, дар оромӣ тасаввур мешавад» аз раванди дигаргунсозандаи фаъолияти ҳаётии одамон гувоҳӣ дода, дар ин андеша барои фаҳмиши қобилиятҳои инсонӣ дар заминаи ҳувияти табии инсон, ҷой намемонад. Шопенгауэр баръакс нақши таъсири генотипии инсонро ҳамчун омили меросёбии қобилиятҳо дар ташаккули инсон афзалиятнок медонад.

Ӯ кӯшидааст моҳияти қобилиятҳои инсониро дар заминаи таассуротҳои биологиаш таҳқиқ намуда, сифатҳои инсониро аз ҳувияти табиӣ ва сохтори генотипиаш биҷӯяд. Дар андешаҳои Шопенгауэр таъсири андешаҳои анатом ва физиологи олмонӣ Карл Фридрих Бурдах, Мартин Генрих Ратке, табиатшинос ва табиби шведӣ Карл Линей, олим ва публицисти олмонӣ Георг Кристоф Лихтенберг мушоҳида мегардад ва худи ӯ ҳам ягон – ягон аз онҳо иқтибос меорад [8, 232 с.]. Дар рисола – иловаҳо [13, 187 с.] ба китоби чаҳоруми «Олам ҳамчун ирода ва тасаввурот» («Мир как воля и представление»), ки таҳти унвони «Сифатҳои ирсӣ» номгузорӣ шудааст, Шопенгауэр зикр менамояд: таҷрибаи ҳамарӯза моро сабақ медиҳад, ки «зимни обистан ҷанин (нутфа) сифатҳои берунии худро на танҳо аз авлоди инсонӣ, балки аз фард низ қабул мекунад». Таҳти «сифатҳои берунӣ» Шопенгауэр андому пайкараи зоҳириро дар назар дорад, ки онҷо дар баробари хусусиятҳои инфародии

волидайн, қолаби физиологии авлоди инсон ҳузур дорад ва барои тақвияти фикраш иқтибос аз шоири Рими қадим Катулла меорад: «Naturae sequitur semina quisque suae (Catul)» [13, с.30]. (Табиати тухмиро ҳар нафаре пайгирӣ мекунад). Агар дар симои зоҳирӣ, қиёфаю пайкара инсонро хусусиятҳои авлодию волидайн пайгирӣ намояд, дар таҳияю эҷоди сифатҳои рӯҳонӣ, ки Шопенгауэр онро дохилӣ (сифатҳои ботинӣ) низ меномад, меросияти волидайнро бидуни шаку шубҳа ҳатмӣ медонад. («наследственность их от родителей не подлежит никакому сомнению»). Меросияти сифатҳои рӯҳонӣ аз падару модар барои Шопенгауэр бечуну чаро қабул аст, вале маълум намудани сифатҳои алоҳидае, ки аз падару модар алоҳида ба меросӣ меоянд, барои Шопенгауэр проблемаи мушкил баҳогузорӣ мешавад. Дар масъалаи омӯзиши проблемаи қобилияти инсон Шопенгауэр табиист, ки аз мавқеи таълимоти иррационализми хеш баромад намуда, манбаи ғизогирандаи қобилияту фаъолиятро дар субстансияи маълуми хеш – ирода меҷӯяд. Аз ин нуқтаи назар ирода моҳияти чизҳо, оғоз ва бунёди (корень всех существ) ҳама мавҷудот – аз ҷумла инсон аст. Интеллект бошад дуюм ва изофае ба ирода хоҳад буд. Падар чун оғози тавлидот ва бунёди ҳаёт – ирода тасвир шуда, модар чун қабулкунандаи ҳамин оғозу манобеъ танҳо ба тифли таваллудшуда изофаи иродаро, ки интеллект аст, медиҳад: «… чун падар, ки ӯ sexus potior – оғози маҳсулдиҳанда аст ба ҷанин асосу решаи ҳаёт – иродаро медиҳад, модар бошад ба сифати sexus sequior оғози қабулкунанда буда, ба нутфа изофаи ирода – интеллектро хоҳад дод. Ҳамин тавр, навтавлидшуда аз падар сифатҳои ахлоқӣ, яъне хулқ, майлу рағбат ва аз модар-сифатҳои ақлиро…» [13, с. 31]. Яъне аз падар хулқият, характеру майли ҳавасу рағбат гирифта шуда, аз модар сифатҳои ақлӣ. Сифатҳои интеллектуалию ақлиро Шопенгауэр ҳамчун сифатҳои дуюму изофагӣ ва ҳамчун аксиденцияи ҷавҳар (субстанция) – иловае ба ирода меномад. Дар роҳи таҳқиқи ин фарзия Шопенгауэр ба омӯзиши зиндагиномаи шахсиятҳои таърихӣ ва одамони муқаррарие, ки аъмолу қобилияту фаъолияташон дар осори мутафаккирону муҳаққиқон сабт шудааст, рӯ меорад. Шопенгауэр таъкид менамояд, ки агар «хунсардона, ҷиддӣ ва эҳтиёткорона» мушоҳида намоем, сифатҳои хулқияти падарон ва фарзандон якхела ва монананд. Аммо дар раванди мушоҳида ду мамониат ё мушкилӣ пеш меояд, ки мушоҳидаю таҳқиқро халалдор месозад. Аввалан на ҳамеша воқеӣ будани падар: «pater simper incertus (падар на ҳамеша маълум аст…)»; монеаи дуюм, ки мушоҳидаро мушкил мегардонад, ин бо таъсири интеллекте, ки фарзандон аз модар гирифтаанд, тағйир ёфтани характери аз падар мерос гирифта аст, менависад Шопенгауэр. Мутафаккир он қадар ба меросияти биологии қобилияту шахсияти инсонҳо эътимод дорад, ки фарқиятҳои сифату хулқияти байни фарзандонро низ аз раванди омезишу пайвастани мероси ирсиятии падару модар медонад. Адабиёти зиёди физиологӣ ва биологиро хонда, Шопенгауэр назарияи антропологии Гегелро, ки онҷо сифатҳои инсон маҳсули зарурияти таърихию талаботӣ аст, ҳеҷ ёдовар намешавад. Ӯ то ҳадди муайяне мухлиси Гёте бошад ҳам, андешаи ӯро ки инсонро зодаи фаъолияти таърихию фарҳангии наслҳои зиёди одамон медонад, ба эътибор намегирад ва гуфтан ҳам мушкил аст, ки оё Шопенгауэр аз ин назарияҳои инсоншиносии замонааш хабар дошт ё не?

Дар китоби дуюми «Олам ҳамчун ирода ва тасаввурот» ӯ доир ба баъзе мушоҳидаҳои табиатшиносии Гёте мулоҳиза меронад, вале шавқу ваҷҳи худро нисбати ин андешаҳо баён намесозад. Таваҷҷуҳи муҳаққиқине, ки мехоҳанд нақши сифату қобилиятҳои ирсиро дар зиндагиномаи инсонҳо биҷӯянд, бештар шахсияти сиёсатмадорону сарлашкарон ҷалб месозад. Ин ба он хотир аст, ки таърихнигорон маҳз маълумотҳоро доир ба ҳаёти онҳое, ки дар тағйироту табадуллотҳои сиёсию ҳарбӣ нақш гузоштаанд, ба наслҳои баъдӣ дар асарҳояшон ба ёдгор мондаанд. Сарнавишти қариб якрангаи сиёсатмадорон ва авлоди онҳоро муҳаққиқини равияи биологизизатсия ва «коди оилавӣ» мехоҳанд аз хусусиятҳои ирсию генетики якхелаи авлоди онҳо биҷӯянд. Аз ҷумла Шопенгауэр ҳам дар таҳлили кашфи қобилияту хусусияти одамон ҳамин ҷиҳати тақдири инсонҳоро таъкид менамояд. Масалан ӯ

менависад, ки фаъолияти якхела ва сарнавишти якранги падару писар Публий Деций Мусс гувоҳи якрангии шахсияти онҳо буда, қариб ба як тарз дар роҳи ватан худро ба куштан доданашон низ аз меросияти сарнавишту хулқияти авлодии онҳост. Инҷо Шопенгауэр анъанаи римиро, ки қурбонии шахсиро ба шарафи худоёни заминӣ ва Модар – Замин (в жертву подземным богам и Матери Земле) дар роҳи муваффақияти республика, далеронро ҳидоят месохт, зикр намекунад. Воқеан ҳам соли 340 то мелод Публий Детсий Мусс – консули навинтихобшудаи Рим, ки ҳанӯз дар муҳорибаи зидди самнитҳо қаҳрамонӣ нишон дода, соҳиби мукофотҳои зиёд ва шӯҳрати баланд гашта буд, аз ақибнишинии фланги чап, ки ӯ фармондеҳ буд, мутаассир шуда худро ба миёни ҷанг андохта ҳалок мешавад ва далерии ӯ дигаронро низ ба рӯҳбаландӣ оварда, ғалабаи римиҳоро таъмин менамояд. Далерии Детсий Муссро достонсароӣ мекарданд, то ба римиҳо шӯҳрати пас аз маргро дар нисбати шармандавор аз ҷанг гурехтан, даҳчанд боло бардоранд. Ҷавонони римӣ ба хотири шӯҳрати республика дар ҷангҳо қаҳрамонӣ нишон дода, бо далерии худ, (чунин далериро И. Кант далерии ҷоҳилона меномад. – А.Ф.), ҷонашонро ба қурбонӣ медоданд. Аз ҷумла писари Детсий Мусс низ дар баробари садҳо ва ҳазорон римиҳо худро ба сафи хунрезонаи ҷанг андохта, кушта мешавад. Кушта шудани писари қаҳрамон дар ҷанг ба достони шӯҳрати Деций Мусс боз иловакорӣ гашт ва муҳаққиқин якрангии ҳалок шудани онҳоро аз меросияти хулқияти онҳо медонанд. Инҷо як чизро бояд шарҳ дод. Таърихи беш аз панҷсадсолаи республика ва сипас зиёда аз панҷсадсолаи империяро дар Рим ҳамеша ҷангу хунрезӣ ташкил медиҳад ва сулолаҳои ҳокимон аксаран бо куштани якдигар ба сари ҳокимият меоянд. Дар ҷангхои зидди якдигар ва ҷангҳои муқобили халқҳои тасарруфшуда ҷавонони римиро ҳамеша хавфи ҳалок шудан интизор буд. Ғайр аз ин қурбониёни оянда итминон доштанд, ки бо қаҳрамониашон дар роҳи ҳимояи манфиатҳои Рим онҳоро ҷой дар миёни худоён интизор аст. Тақдири якхелаи сарлашкарону ҳокимон, оилаҳои Фабиев, Фабритсев, Ситсипионов ва дигар ҳокимону аристократҳоеро, ки Шопенгауэр ном мебарад аз меросияти ҳувияти табии онҳо набуда, аз тарзи ваҳшиёнаи идоракунии ҳокимият ва манфиатҳои хуношоми пешбарандагони сиёсати ҳамон замонҳо аст. Кушторҳои оммавии рақибони сиёсию миллию мазҳабӣ хоҳу нохоҳ аксари иштирокчиёни ҳамон драмаҳои таърихиро ба коми худ фурӯ мебарад. Аз ин рӯ, тақдири ҳаётии монанду якхела ва такроршавии қисмати падарону фарзандон ба назар меросияти ирсии сифатҳои иҷтимоии оҳоро мемонад. Тасаввур кунед, ки дар конҳои ангишт бо амри якхелагии шароити иҷтимоии корӣ дар ҳудуди 50-60 сол бобою падару писар зери кӯҳпораҳои ангишт мемонанд. Инро на аз хусусияти якхелаи коди оилавии онҳо, балки аз шароитҳои якхелаи меҳнати онҳоро фарогиранда, аз хусусияти тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, аз хатарҳои умумие, ки вобаста ба ҳамин муҳити зист ва кору фаъолияти онҳо бармеояд, бояд донист. Дар мисоли боло андешаи «коди оилавӣ» мушоҳида мегардад, ки унсурҳои алоҳидаи онро 150 сол баъдтар Чампион Тойч «приватизатсия» кардааст, иқтибосҳои баъдӣ дар қайлаи дигар дар назарияи психопади (ҷунунияти) Эрнс Кречмер [7, с.130-140] дучор мешаванд.

Вале агар Эрнст Кречмер психопадро заминаи афзун ёфтани қобилиятҳо шуморад, Шопенгауэр баръакс психопадро монеаи инкишофи интеллект ва манбаи ҷоҳилияти ворисони генотипӣ баҳогузорӣ мекунад: «… модари Нерон, менадаи машҳур (менада – ҳамсафари нозанини Дионис. – Ф.А.) Агрипина комилан беақл буд, аз ин рӯ ӯ наметавонист ба писараш интеллектро бидиҳад, то хулқи ваҳшиёнаи ӯро нарм созад… махлуқи пурқабоҳату зишт Сезар Борҷиа писари падари боз ҳам зиштаре – Александри VI аст. Писари герсоги Альбы ҳамин хел мустабиду золим, чун падараш буд» [13, с.33]. Ба андешаи Шопенгауэр доир ба беақлии Агрипина метавон эътироз баён кард. Маълумотҳои таърихӣ гувоҳи онанд, ки Агрипина дар роҳи запти ҳокимияти сиёсӣ ҳиллаю макрҳоеро истифода бурдааст, ки «комилан беақл» ҳаргиз ба ин корҳо қодир буда наметавонист. Дар таърихи сиёсии Рим ҳеҷ як зане мисли Агрипина ба табадулоти сиёсӣ қодир набудааст ва маҳз ӯ тавонист роҳ ба

сӯйи тахтро барои писараш омода созад. Дар таҳқиқоти Шопенгауэр беақлӣ ҳам аз модар ба писар мегузарад. Албатта беақлӣ ё девонагӣ аз таркиботи сохтории организм ва осеб дидани майнаи сар меояд ва онҳое, ки девона ҳастанд ё фарзанд таваллуд намекунанд ва ё агар тифл таваллуд кунанд ҳам, ҳамон осеби майнаи сар ба тифлашон хоҳад гузашт. Девонагӣ ва ҷунунӣ ба доираи функсияҳои биологии инсон дохил аст ва онҷое, ки девонагист онҷо ақлу эҷодиёт ҳам нахоҳад буд. Ягон-ягон одамони бемории рӯҳӣ дошта, агар ягон чиз эҷод намоянд ҳам, на дар ҳолати девонагӣ, балки дар ҳолати ҳушёрию солимӣ эҷодиёт ба онҳо муяссар мегардад. «Норасоии ақл аз модар мегузарад. Барои тасдиқи ин ман метавонам аз Галлер иқтибос биёрам… Эскирол низ мегӯяд, ки беақлӣ бештар аз модар, на аз падар ба меросӣ мемонад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки фарзандони гуногуни як модар бояд бо қобилиятҳои якхелаи ақлиашон фарқ кунанд» [13, с.38]. Дар хусуи нобиғаҳо (гений) ҳарф зада, Шопенгауэр хусусиятҳои физиологии онҳоро ҳамчун муайянкунандаи қобилияти онҳо муаррифӣ мекунад. Фарқияти қобилиятиро дар ду фарзанди як модару падар Шопенгауэр на дар фарқияти ҳаётӣ, тарзи фаъолияти онҳо, балки дар набзи энергетикие мебинад, ки ба мағзи сар теъдоди зиёди хунро партофта, иродаи бошавқ ва рағбати шӯрафканро эҷод месозад: «… нобиғаро мебояд на танҳо соҳиби майнаи инкишофёфта бошад (ки аз модар мерос гирифтааст), балки дорои набзи энергетикие бошад, ки ба майна миқдори зиёди хунро партояд, яъне ӯ бояд иродаи шаҳватбори боэҳтирос ва мизоҷи пурҳароратеро дошта бошад» [13, с.38]. Аз нигоҳи Шопенгауэр набзи энергетикӣ аз падар ба табиати писар ворид гашта, дар ташаккули қобилияти фарзанд ҳам сифатҳои модар ва ҳам сифатҳои падар баробар дохил мешаванд. Ҳокимону золимони гузаштаро ба биологияти волидайни онҳо пайваст кардани Шопенгауэр, барои шароитҳои ҷамъиятию тарзи фаъолияти ҳаётии ин шахсиятҳо ҷой намегузорад. Аз мавқеи методологии интихобнамудаи мо ин ҳокимони қаттол зодаи замони бераҳм ва хунрезиҳои сулолавӣ буданд. Характеру сифатҳои Нерон синтези зиддиятҳою муборизаҳои бераҳмонаю ваҳшиёнаи асри яки милодӣ буданд, ки онҷо дар роҳи ба даст овардани ҳокимият ходимони сиёсӣ аз ҳеҷ амал рӯй намегардониданд.

Фасодшавии ахлоқи римӣ нуқтаи баландтарини хешро асри аввали мелодӣ пайдо кардааст. Нерон шахсияти сиёсиест, ки портрети ӯ таҷассуми моҷарою фитнаҳои замони ӯянд ва ахлоқи ӯ анъанаи бадахлоқии ҳокимони Рим буд, ки ҳеҷ сарҳади хулқиятро риоя намекард. Зиндагиномаи салотинро дар тамоми таърихи инсоният, ҳатто новобаста аз кишваре, ки онҷо онҳо зистаанд таҳлил намоед, тақдири якрангаи куштору хиёнат ва фаҳшу таъқибҳоро мушоҳида менамоед. Тарзи зиндагии якмаром, шароитҳои ҳаётии монанду сарнавишти якранг тарзи фаъолияти одамонро низ якранг гардонида, ба назар меросияти ирсии онҳоро ҷилва медиҳад, ки Шопенгауэр низ аз ҳамин таълимот пуштибонӣ дорад. Аммо дар мушоҳидаҳои Шопенгауэр лаҳзаҳои номувофиқатии сифату хулқияти фарзандон бо аъмоли падарон рӯ мезананд. Дар ин ҳолат Шопенгауэр роҳи халосиро аз ин номувофиқатӣ дар бордоршавии ғайриникоҳию робитаҳои фосиқонаи ҷинсии модар мебинад: «Ҳолатҳое мешаванд, ки аз падари бовиҷдон ва накӯкор фарзандони зишт тавлид мешаванд, мисли Марк Аврелий ва писари ӯ Комод. Ин қазия шарҳу тавзеҳи худро чунин дорад: зани Марк Аврелий, машҳур ба унвони Diva Faustina, зани фосиқе буд, ки эҳтимол дорад Комод аз алоқахои ғайриникоҳӣ тавлид шуда бошад… набояд фаромӯш кард, ки сифати асосии инсони давлатӣ – ин қавӣ будани хулқи аз падар гирифта аст, на аз модар» [13, с.34]. Таърихи хонадони ашрофону ҳокимон, мутафаккирон ва эҷодкорон ҳазорҳо ҳолатеро медонад, ки аз падарони соҳибиродаю устувор, соҳибқобилияту эҷодкор фарзандони беиродаю заифмиҷозу ноқобил ва ё аз падарони сустиродаю аблаҳ фарзандони оқил, устуворандеша ва эҷодкор таваллуд шудаанд. Чунин гузариши ирсияти қобилияту саргузашти якхелаи авлоду оилавиро дар доираи «коди» оилавӣ дар андешаҳои Чампион Курт Тойч мушоҳида мекунем, ки ба ҳеҷ як мантиқи таҳқиқотӣ рост намеояд, вале барои гарм кардани бозори

психогипнотикҳою экстрасенсҳо истифодаи чунин назарияҳо ба «каромоти» онҳо «тобишҳои илмӣ» медиҳад [12]. Назарияи «коди оилавӣ»-и Артур Шопенгауэрро такрор ва «приватизатсия» намуда, саду панҷоҳ сол баъдтар Тойч Чампион Курт назарияи анатомӣ-биологии қобилияти инсонро ҳамчун «навтарин» дастоварди илми муосир муаррифӣ намудааст. Муаллифони китоби дарсӣ доир ба «Равоншиносӣ» аз ин «кашфиёт»-и Тойч ба ваҷд омада, эҳсос намекунанд, ки чунин назарияҳо дар таърихи антропология фалсафӣ хело зиёд аст, ки таълимоти Артур Шопенгауэр намунаи равшани он мебошад [11, с.150].

Шопенгауэр дар баробари қобилиятҳои табиӣ фаъолияти меҳнатиро низ зимни тахассусҳои илмию эҷодӣ ба инобат мегирад, аммо «... меҳнат, ҷидду ҷаҳд ва суботкорӣ»-ро чун меросияти биологии аз падар гирифташуда баҳогузорӣ мекунад. Меҳнату кӯшишу суботкориро дар нисбати эҷодкорону олимон, ки худ аз саффи онҳост, раво дида дар баробари қобилиятҳои табиӣ, сифатҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фаъолияти инсониро як лаҳзае озод мегузорад ва ҳамон замон ҳамин истиклолияти қобилиятҳои иҷтимоиро боз ба ирсияти аз падар монда пайваст мекунад. Ин гузашти ночиз ба сӯи қобилиятҳои ҳаётӣ шояд ба он хотир бошад, ки зиндагиномаи худи ӯ аз заҳмату фаъолиятҳои пайдарҳам, аз шароитҳои замонӣ ва аз заруриятҳои моддию маънавии ҳаётии ӯ омада буданд: «Бояд такроран зикр намуд, ки чанд шуғлҳои олимонае ҳастанд, ки ҳарчанд барои татбиқи онҳо қобилиятҳои маълуми табиӣ тақозо мегардад, аммо дар ҳадди охир нақши асосиро дар он меҳнат, ғайрат ва суботкорӣ мебозад ва он ҳам на аз модар, балки аз падар ба фарзанд дода мешавад» [11, с.34]. Аммо дар пеш бурдани меҳнату фаъолият ӯ падарро омили муайянкунанда шинохта, заҳмату тарбияти модарро ба эътибор намегирад. Артур Шопенгауэр мавқеи методологии худро иваз накарда, нақши занро дар ташаккулёбии низоми амалҳои сиёсию ташкилотчигӣ ба зинаи пастар гузошта бошад ҳам, дар ташаккули қобилиятҳои интеллектуалӣ мақоми модарро дар ҷои аввал мегузорад. Сифатҳои ахлоқӣ аз падар ба фарзанд гузашта, танҳо қобилияти интеллектуалии аз модар гирифта метавонад шӯълаи баъзе рағбату ҳаваси аз падар мерос гирифтаро, гоҳе хомӯш созад ва гаҳе муваққатан пахш намояд. Шопенгауэр андеша меронад: «Агар, масалан, инсон аз модар хиради бузурге, чун қобилият ба мулоҳиза ва дурандеширо мерос гирифта бошад, пас бо таъсири ин қобилият ӯ метавонад рағбатҳои аз падар гирифтаро кисман қувват бахшад ва ё қисман пинҳон намояд. Рағбату шавқу ҳаваси модар ба кӯдакон дода намешавад....» [13, с.31].

Шопенгауэр заҳмату хидматҳои падарро ба шарофати дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мақоми афзалиятнок доштанаш – нисбати модар ва нақши устувортари ӯро дар ташкили истеҳсолоти моддию маънави замонааш зикр накарда, танҳо ҳувияти биологию хусусияти генотипии ӯро ба эътибор мегирад. Мутафаккир хидматҳои падари хешро низ дар роҳи тарбияю таълими шахсияташ ба таркиботи биологию хусусияти генотипиаш алоқаманд месозад. Барои ӯ заҳматҳои зиёди падараш дар роҳи афзунияти имконияти молиявии хонадонашон ва масрафҳои беҳудаи модарашон баъд аз вафоти падар хотирмон буд ва нақши занро барои ташаккули қобилиятҳои кордонию корчалонӣ ва фаъолиятҳои амалии сиёсӣ дар нисбати падар заифтар месозад. Аммо дар ҷараёни шахсиятҳои таърихиро ба системаи меросияти биологии қобилият кашидани Шопенгауэр баъзан мушкилиҳо падид меоянд. Баъзе аз шахсиятҳои эҷодкоре мавриди таҳлил қарор мегиранд, ки маълумотҳо доир ба модарони онҳо камтар аст ва дар системаи Шопенгауэр бошад бояд қобилиятҳои интеллектуалиро ба модарон ва қобилиятҳои амалию сиёсӣ ва фаъолиятҳои роҳбарӣ ба падарон нисбат дода шаванд. Аз ин рӯ Шопенгауэр кӯшиш мекунад, қобилияти падарони шахсиятҳои эҷодкорро пастар нишон дода, ҳаққонияти методи хешро ҳақ барорад. Аз нигоҳи консепсияи фаъолиятию талаботӣ инсонҳо зодаи шароитҳои замон, муносибатҳои истеҳсолию ҷамъиятӣ, имкониятҳои таълиму тарбия ва тарзи фаъолияти ҳаётии онҳоянд. Ба ҳар ҳол инҷо мушоҳида мекунем, ки чӣ тавр Шопенгауэр бунёди истеъдод ва қобилиятҳои эҷодкоронро ба

ирсияти модарзодии онҳо пайваст мекунад: «Дар ҳадди охир, дар соҳаи санъат ду нобиғаи дараҷаи аввал – Рафаэл ва Мотсарт ҳастанд, ки падарони онҳо низ ба ҳамон касбе машғул буданд, ки писаронашон ҳамчунин. Аммо, аввалан, истеъдоди падарони онҳо камтаре буд, ки дар бораи онҳо маълумоте нест, дувум модарони ин нобиғаҳо чӣ касоне буданд, номаълум мондааст» [13, с.35]. Дар рисолаи Шопенгауэр шароитҳои ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва зарурияту талаботҳои асри XV-XVII-и аврупоӣ, инчунин некӯаҳволии ҳаёти шаҳрҳои наздибаҳрие, ки ба шарофати тиҷорату савдою шаҳрсозӣ муяссар шуда буд, ҳеҷ ба эътибор гирифта намешаванд. Пешрафти истеҳсолоти моддию технологӣ, ки ногузир ба вусъату инкишофи маданияти маънавӣ бурда, талаботу эҳтиёҷро ба сӯйи қонеияти он тела медиҳад, хоси Италияи ҳамонзамона буд. Калисои католикӣ нақши ҳукмраворо дар нисбати ҳама монархҳои аврупоӣ дошт ва андозу хироҷи маъмурини Папа ҳама ба сӯйи Рим меомад.

Осори санъаткорону ҳайкалтарошон ва хусусан рассомон барои зеб додани калисоҳои боҳашамат сохташуда, хело бозоргир буд. Дар тамоми шаҳрҳои Италия сехҳои тайёр намудани ҳайкалу муҷассамаҳо ва устохонаҳои кашидани расмҳои ба мавзуоти динӣ мувофиқ пайдо гашта буданд, ки яке аз ҳамин хел сехҳоро дар Урбино падари Рафаэл Санти соҳибӣ мекард. Дар ҳамин сех кор кардани Рафаэль ва аз анъанаи мактаби расомии италиёвӣ истифода бурдани ӯ аз назари Шопенгауэр берун аст. Рафаэл аллакай соли 1501 ба Перудҷе омада, дар устохонаи Пиетро Перудҷино бо таъсири услуби Перудҷино аввалин асарҳояшро меофарад. Анъанаи Леонардо да Винчи ва Микеланҷелоро дар сатҳи малакаю истеъдоди онҳо бояд анҷом дод ва Рафаэл соли 1504 ба Флоренсия омада бо Леонардо да Винчи, Микеландҷело, Бартоломео дела Порта ва устоҳои дигари Флоренсия шинос шуда, техникаи мусавваранависии онҳоро амиқ меомӯзад. Калисои Сант- Агостино дархосткунандаи мусавваразҳои ӯ буд ва дар як шароити рақобати сахти эҷодӣ Рафаэл асар эҷод мекард. Бо дархости Ватикан, барои капеллаи (маъбади масеҳӣ, ки ҷузъе аз муассиса ё ҷои истиқомат аст) Сикстин асарҳо офарида, ба рафти сохтмони калисои Петри Муқаддас роҳбарӣ мекунад. Ятим мондани ӯ дар хурдиаш аз модар ва ҳавасҳои дарёфти муҳаббатҳои модар дар расмҳои навиштаи ӯ таҷассум ёфтаанд. Ба теъдоди беш аз 20 расми Мадоннаро бо ҳар тобиш ва рангинии идея эҷод сохта, онҷо муҳабату меҳрубонии хосаи модариро ҷой медиҳад [10, 84с.]. Чуноне мебинем қобилияти Рафаэл натиҷаи меҳнату омӯзиши ӯст, ки на бо ҳидояти ирсияти биологиаш, балки бо тақозои зарурияtҳои замон ва қонеъ намудани дархостҳои афзоишёбандаи калисоҳои сарватмандшуда, дар муҳити эҷодию истеҳсолии Италияи асри XVI ташаккул ёфтааст [9, с.670].

Сарнавишти Мотсарти хурдсол ҳам таҳти таъсири тарбияю таълими падараш – Леополд Мотсарт, яке аз машҳуртарин педагогҳои аврупоӣ, муаллифи китоби «Таҷрибаи мактаби комили ғижжакнавозӣ» («Опыт основательной скрипичной школы») оғоз гардидааст. Падар ӯро аз хурдӣ ба муҳити эҷодӣ ворид сохта, шахсан клавесине, гижжак ва органро ёд додааст. Аз падар Мотсарт ҳунар омӯхта, танҳо дар ҷараёни фаъолияти пуршиддати эҷодӣ ба қуллаҳои баланди ҳунарӣ расидааст. Меҳнату фаъолият, шароити мусоиди эҷодӣ, талаботу манфиатҳои ҳаёти Мотсарт, чуноне болотар шоҳиди он шудем, мутаассифона барои Шопенгауэр вуҷуд надоранд ва ӯ инсонро танҳо дар ҷодаи биологияташ меомӯзад. Азбаски дар ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ модарон, гуфтан мумкин аст ҳувияти ирсии модарон таъсири бештар дорад, Шопенгауэр кӯшиш мекунад ба саволе ҷавоб диҳад, ки чаро худи модарон, ки бунёди қобилиятҳои интеллектуалию эҷодианд, ҳунару қобилияташон номаълум мондааст: «Умуман бояд таваҷҷуҳ ба он дошт, ки табиат ва вазъи зан чунин аст: ӯ имкон надорад қобилиятҳо ва истеъдоди худро то ҳамон ҳадде инкишоф бидиҳад, ки то ҳамон ҳад мардон қобил ҳастанд – аз ин рӯ бештари истеъдоди занон аз чашми мушоҳидакунанда пинҳон мемонад» [13, с.35]. Вақте, ки ӯ менависад: «зан имкон надорад қобилиятҳо ва истеъдоди худро то ҳамон ҳадде инкишоф бидиҳад, ки

то ҳамон ҳад мардон қобил ҳастанд» метавон ба қисми аввали фикри ӯ, ки вазъияти занҳоро дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳдуд медонад (хусусан барои замони зиндагии ӯ) комилан розӣ шуд. Дар назарияи фаъолиятшиносии Г. Гегел қобилияту истеъдод дар заминаи талаботу зарурияти таърихӣ эҷод шавад ҳам, мақоми зан аз низоми фаъолияти ҷамъиятию таърихӣ берун мемонад: «Маълумот барои занҳо бо роҳҳои номаълум меояд, мисле дар муҳити тасаввуроте, ки аз ҳаёт манша мегирад, на бо роҳи ахзуднамудани дониш, дар ҳолате, ки мард мақоми хешро ба воситаи дарёфти андеша ва кӯшишҳои техникӣ ба даст меорад» [2, с.215-216]. Мушоҳида мекунем, ки Шопенгауэр дар муқоиса ба Гегел, ки занонро дар роҳи такомули фаъолияти эҷодиашон маҳдуд месозад, қадаме ба пеш гузоштааст. Воқеан дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ занҳо дертар, тадриҷан, марҳила ба марҳила (дар муқоиса ба мардон) ба системаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ворид шуда, аз мавқеи «фабрикаи тавлиди тифл» ба сӯи нақши комилашон дар истеҳсолоти моддию маънавии ҷамъиятӣ раҳсипор шуданд. Ин барои Аврупою Америко дар асри XX муяссар шуд. Барои кишварҳои Шарқи исломӣ мубориза занҳо ба хотири истиқлолияти интелектуалию эҷодӣ мубориза ҳо дар пеш аст. Қисми дуюми андешаи Шопенгауэр «зан имкон надорад истеъдодҳои худро инкишоф диҳад» далолат ба он мекунад, ки қобилияту истеъдод қаблан ба зан дода шудааиду, танҳо имконияти инкишофи онҳоро зан надорад, қобили қабул нест. Озодшавии занҳо аз торикии мутаассибият ва фаъолона саҳм гирифтани онҳо дар истеҳсолоти ҳаёти маънавии ҷомеа тадриҷан, марҳила ба марҳила дар тамаддуни аврупоӣ аз замони Эҳё инҷониб шуруъ шуд ва охири қарни XX дар аксари кишварҳои аврупоию америкоӣ ва осиёию африқоӣ занҳо ба таркиботи ҷамъиятии меҳнат фаъолона ворид шуда, аз воситаи тавлиди тифл ба узви комилҳуқуқи ҷомеаи прогрессивӣ боло шуданд. Аллакай асрҳои XVI-XVII бо афзун шудану таҳким ёфтани муносибатҳои прогрессивӣ ва зарурятҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, паҳн шудани рӯҳи протестантӣ анъанаи ширкат варзидани занон дар ҷодаи муносибатҳои фарҳангию сиёсӣ расм шуд. Акнун занони аристократҳо дар маҳфилҳои фарҳангию сиёсӣ фаъолона иштирок намуда, рафти самт гирифтани маҳфилҳоро ба нақшаи худ роҳандозӣ мекарданд. Омӯзишу таълими замона занонро низ фаро гирифта, баъзе аз намояндагони онро ба қуллаҳои эҷодию сиёсӣ боло бардошт. Солонҳои дарборӣ ва маҳфилҳои фарҳангиро баромади занони зебою боистеъдод зеб медод ва табиист, ки чунин иқдомҳо сатҳи маърифатнокӣ ва мухторияту мустақилияти занҳоро боло мебардошт. Романнависию шеърсароӣ, либосҳои мӯдӣ духтану дар театрҳо нақш бозидан бар дӯши занҳо ҳам гузошта шуд ва қобилиятҳои умумиинсониро то андозае занон низ такмил додаанд. Танҳо дар ҷараёни ҳаёти ҷамъиятӣ ин анъанаҳо, малакаҳою истедодҳои эҷодию интеллектуалӣ инкишоф ёфта, дар ҷараёни фаъолияти иҷтимоияшон аз насл ба насл гузаштанд. Майдони ташаккулу такомули қобилияти зан, на табиати биологии онҳо, балки саҳнаҳою солун, маҳфилу ҷамъомадҳои ҳунарӣ ва ба ҷараёни тарбияю таълим, ба саҳнаи истеҳсолоти моддию маънавӣ, ба раванди тарзҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ бештар ҷалб шудани занҳо буданд. Фарзандон аз модарон бисёр қобилиятҳоро ба мерос мегиранд, аммо на ба таври ирсияти биологӣ, балки бо роҳи омӯзишу таълим аз ҳамин модарон танҳо дар саҳнаю ҷодаи ҳаёти иҷтимоӣ. Шопенгауэр он қадар ба қобилиятҳои ирсиятии занон итминон дорад, ки тавлиди шахсиятҳои бузурги Замони Нав ва қарни XVIII-XIX-ро натиҷаи идомаи ирсияти биологии занон медонад. Ӯ менависад, ки модари Жан Жак Руссо, Д.А. Аламбер, Ж. Бюффон, И. Кант, Шиллер, Валтер Скотт ва дигарон занҳои соҳибқобилияте буданд, ки тавассути меросияти ирсӣ қобилияти онҳо ба фарзандонашон гузаштанд: «Жан Жак Руссо дар бораи модари худ мулоҳизаи неке баён медорад» – дар ҳамин саҳифа идома медиҳад фикри хешро А. Шопенгауэр. Аммо таассуроти хуш аз модар ҳанӯз исбот намесозад, ки қобилиятҳои эҷодии писар тавассути меросияти биологӣ аз модар омадааст. Дар хусуси такомули маънавии Жан Жак Руссо муҳаққиқон даҳҳо омилҳоро ном мебаранд, ки маҷмуан шахсияти ӯро ҳамчун эҷодкор офаридааст. Жан Жак Руссо

дар ҷавонӣ чанд муддате дар хонаи мадам де Варанс зиндагӣ дошт. Ба хонаи мадам де Варанс одамони донишманд, равшанфикрону маорифпарварон ташриф оварда, сӯҳбату муколамаи интеллектуалии онҳо ба Жан Жак Русо таъсири рафънопазир гузоштааст. Ғайр аз ин соли 1740 Руссо бо тавсияи де Варанс ба вазифаи гувернер – мураббии кӯдакон дар хонаи судяи лионӣ Жан Бонно де Мабли, бародари бузурги файласуфони маорифпарвар Мабли ва Кондиляк шуруъ кард. Дар муҳити ин хонадон суҳбатҳои фалсафию сиёсӣ мавзӯи ҳамешагӣ буд ва Руссо, ки ҳарчӣ тезтар аз вазифаи нолоиқе барои ӯ – чун гувернер халос шуда, мақоми иҷтимоии хешро дигар дидан мехост, бе шубҳа аз муколамаҳои мубоҳисаомези ин маҳфил баҳраманд гашта, китобҳои фалсафию илмиро хонда, барои худ донишҳои заруриро маърифат намудааст. Ва зиндагиномаи на танҳо Руссо, балки даҳҳо мутафаккирони соҳибзавқу соҳибистеъдод ҳатман дар доираи муҳити фарҳангии маълуме пушти сар шудааст ва зарурият, талаботу имкониятҳои замонаашон онҳоро «рӯйи об» овардааст. Шопенгауэр барои тасдиқи методи хеш, дар бораи модари Д. Аламбер Клодина де Тансен маълумот медиҳад, ки зани оқилаю донишманд буд ва ҳамин ирсияти хешро ба воситаи табиати биологиаш ба фарзандаш «тӯҳфа» кардааст. Бояд гуфт, ки Д. Аламбер аз алоқаи модараш бо полковник Луи – Камю Детуш тавлид шуда, дар ширхорагӣ Клодина де Тансен ӯро назди пойгоҳи калисои Иоанни Муқаддас (Круглой церкви Св. Иоанна) бурдааст, то каси дигар ӯро ба фарзандӣ бихонад. Дар оилаи оинасоз (шишагар, стекольщик) Д.Аламбер тарбия гирифта, ҳамзамон бо кӯмаки молиявии падараш Детуш дар колеҷи Мазаринӣ ва Академияи илмҳои ҳуқуқ таҳсил намуда, маълумоти беҳтаринро соҳиб шудааст. Аммо барои Шопенгауэр қобилияти дар ҷараёни таҳсилу таълим гирифтаи Д. Аламбер ҳеҷ қимате надошта, танҳо ирсияти аз модар бо «хунаш» гирифтаро бунёди истеъдод ва қобилияти Д Аламбер меҳисобад.

Модари Жорж Луи Бюфонро (1707-1788) низ соҳибқобилият гуфта, дастовардҳои таҳқиқотию илмии табиатшинос ва биологи франсавиро ба сифатҳои модараш пайванд месозад. «Модари Бюффон низ бо истеъдоди бештари худ фарқ мекард», таъкид мекунад Шопенгауэр [13, с.37]. Месазад ёдовар шуд, шаҳри Дижон, ки Бюффон бо ёрию салоҳдиди падараш Бенҷамин Леклерк – мушовири парламенти Дижон (Бургундия) онҷо таҳсил кардааст, бо анъанаи фарҳангию технологӣ ҳанӯз асрҳои XVI-XVII шуҳрат пайдо карда буд. Кӯшишҳои падари ӯ ба хотири маълумотнок намудани писараш барои муҳаққиқон маълум аст. Фаъолияти илмии Бюффон дар шаҳри фарҳангии Франсия, забономӯзии ӯ, тарҷумаи китобҳои табиатшиносӣ аз англисӣ ба франсавӣ, меҳнати пайдарҳами ӯ дар боғи ботаникии шоҳигарӣ, шароитҳои муфиди фаъолияти илмӣ ва таваҷҷуҳи дарбор ба таҳқиқотҳои илмӣ ва ҳадафи зарурии ҳаётии Бюффон имкон доданд, ки ӯ комилану сидқан ба таҳқиқотҳои табиатшиносӣ машғул гашта, чанд фарзияҳои илмии мувофиқи замонро ба миён гузорад. Барои табиатшиносии муосир таҳқиқотҳои Бюффон қиммати бузург надоранд, вале барои муҳити илмии охири қарни XVIII намунаи беҳтарини илм ҳисобида мешуданд.

Чуноне зикр намудем Шопенгауэр барои фарзандон хулқияту характер, шавқу рағбатро аз падар ва ақлу қобилиятҳои эҷодиро аз модар медонад. Муқаррароти Шопенгауэр ягонагии характеру хулқияти модару фарзандро қабул надорад, чун табиат дар ниҳоди фарзанд аз модар танҳо барои қобилиятҳои ақлӣ ва эҷодӣ меъёр (лимит) гузоштаасту халос. «Таърих ба мо тимсолҳои зиёдеро нишон медиҳад, ки фарқияти комилро дар хулқияти модару писар исбот мекунанд ва баъдан номумкин будани шубҳаро дар бораи дуруст будани муқаррароти болотар зикр намудаи мо, тасдиқ мекунанд» ва барои тақвияту тасдиқи ақидааш Шопенгауэр ба эҷодиёти драматургҳои шинохта рӯ меорад. Душмании Орест ва Ҳамлет бо модаронашон аз мутазодии характеру хулқияти онҳо сар мезанад. Орест ва Ҳамлет аз «таҳқиршавии номӯси падарон» қасосашонро аз модаронашон мегиранд: «Зуҳуроти баръакс, хандаовар, номумкин ва нафратовар мебуд, агар писар қасоси номӯси модарро аз

падар гирад. Зеро танҳо байни падар ва писар айнияти воқеии ирода ё моҳияти он вуҷуд дорад» [13, с. 37]. Шопенгауэр ҳамон мавқеи методологиеро, ки мувофиқи он шоирону нависандагон, олимону файласуфон ва умуман аҳли эҷод қобилиятҳои интеллектуалию эҷодӣ ва ақлиашонро аз модаронашон ба меросӣ мегиранд, идома дода зикр мекунад, ки модари Кант ақли зиёди табиӣ дошта, модари Гёте ҳам оқила будааст. Модари Шиллер майли шеърнависӣ ва модари Бюргер бо вуҷуди базӯр хат навиштанаш ҳам, «зани қобилиятнок ва соҳибистеъдоде будааст» – менависад Шопенгауэр. Набояд фаромӯш сохт, ки падари Бюргер, марди соҳибмаърифат, тамокукашон ҳар рӯз, ҳамеша соате ба фарзандаш машғул буд, дар низоми андешаҳои Артур Шопенгауэр хотирасон намешаванд. Ирсияти модар аз ҳама гуна фаъолияти «чаҳоряксоата» дар фаҳмиши Шопенгауэр боло аст. Модари Кант зани саргардони тавлиду тарбияи фарзандон буд, ки авлоди гузаштааш мисли авлоди падараш ҳунармандон буданд. Анна Регина (модари ӯ чаҳор фарзандро аз даст дода, панҷ фарзанд – ду писар ва се духтарашро тарбия мекард) пайрави равияи пиетизми протестантӣ буд, ки муҳаббат ба табиат, худопарастии ботинии ҳар шахси алоҳида ва эҳтироми хулқиятҳои некро дар қалби Иммануили ҷавон ҷой дода буд. Таҳсил дар мактаби форштади назди госпитали Георгии муқаддас, сипас таълим дар яке аз мактабҳои беҳтарини Кёнигсберг – мактаби лотинии «Фридрих – Коллегиум» ва баъд дар 16 солагӣ донишҷӯи Донишгоҳи Кёнигсберг шудани он марҳилаҳои соҳибқобилият шудани Кант аст. Заруріяту муҳтоҷии зиндагӣ ба ҳамин амвоҷи маърифати эҷодии Кант нерӯи дигареро зам кард ва боз даҳҳо омилҳои воқеию ҳаётӣ буданд, ки ба ҷаҳониён Канти бузургро муаррифӣ намуданд.

Масъалаи ирсияти сифатҳои инсон, хусусан қобилиятҳои иҷтимоии ӯ садсолаҳо мавриди мубоҳисаҳои мутафаккирон қарор дошт. Қобили ёдоварист, ки асосгузори равоншиносии муосир Вилгелм Вундт муҳити тарбия ва таълими тифлро дар ҷои аввал гузошта, ҳунарҳои ӯро натиҷаи шароитҳое медонад, ки ӯро фаро гирифта буданд [1, с.44]. Модари муҳрубон, покизакору хушахлоқ ва падари оромтабиат, қавииродаю боинтизом албатта дар ташаккули Канти ҷавон саҳми босазо гузоштанд. Аммо ин саҳмияи онҳо сирф дар доманаи ҳаёту фаъолият, муносибатҳои ҷамъиятӣ, шароитҳои замонӣ ва анъанаҳои муҳити зиндагии онҳо барои ташаккули Кант сурат гирифт, на дар ҷодаи ирсияти биологии онҳо [5, с.330]. Модари Гёте Катерина Элизабет (1731-1808) агар маълумоти системавӣ ҳам нагирифта бошад, бисёр мутолиа мекард ва маҳфили дӯстдоштаи ӯ театр буд. Дар заминаи китобҳои хонда ва мазмуни саҳнаҳои дар театр дидааш, пеш аз хоб ба писараш чизеро нақл карда, бақияи нақлро ба шаби оянда мегузошт. Интизории ҳикояҳои ширину гуворо тахаюли Иоҳанни хурдакакро ба парвоз меовард ва фаъолияти тафаккури рангинхаёлу шоиронаро роҳандозӣ мекард. Аз модар Гёте тарзи баёни каломи мавзун, хаёлҳои ҳаловатбахшандаро омӯхта, дар китобхонаи хонадонашон ҳанӯз дар ҷавонӣ «Иллиада», «Метаморфозы»-и Овидия, шеърҳои Вергилияро мутолиа мекунад. Модари ӯ дар шароити ҳаёти воқеӣ бо фаъолияти меҳнатии хеш, ки он тарбияи фарзанд номгузорӣ шудааст, ба писараш рӯҳонияти марифатӣ ва қобилияти бадеиашро дода, ба тавре имконияту истеъдоди хешро дар симои фарзандаш татбиқ месозад.

Аммо ин меросгузорӣ на ба воситаи сифатҳои аз табиати модар ба ҳувияту табиати Гёте ҷой карда шуда, балки ба воситаи фаъолияти устувору бетаъхир ва мунназами ҳаётию ҷамъиятӣ анҷом ёфтааст. Таҳсил дар донишгоҳи Лейпсиг ва Страсбург малакаи маърифату дониши ӯро ба сатҳи баланд бардошт. Шароитҳои ҳаётӣ, имконияти таҳсил ва талаботҳои ҷомеаи маорифпарварие, ки ҳатто шоҳи Пруссия Фридрихи II файласуфу мусиқишинос буд, имконияти эҷодии ҷавони хубтаҳсилкардаро бемамониат афзун сохтанд, сабаби ташаккули маърифати эҷодии Гёте гаштанд. Ин воқеиятро худи Гёте хело устуворона ба низоми андешаҳои фалсафиаш ҷой медиҳад: «Чун шахсияти мо, чи муайянияте он надошта бошад ҳам аз замонаи судури он, аз он ҷое, ки рух додааст, вобаста аст ва тасодуфҳо ба

қобилиятҳои зарурӣ таъсир хоҳанд гузошт» [3, с.232]. Аммо дар методи таҳқиқотии Шопенгауэр ҳамаи ин омилҳо танҳо бо як ҷумла: «… Кант: модари ӯ бо ақли бузурги табии худ фарқ мекард, Модари Гёте ҳам хирадманд буд» – ҷамъбаст мегардад. Ҳамин нуктаро дар мавриди қобилияти эҷодии Шиллер, Бюргер ва Валтер-Скотт, Брокгауз ва дигарон, ки Шопенгауэр аз ҳувияту табиати модаронашон медонад, гуфтан мумкин аст. Дар фаҳмиши фаъолиятию талаботии сифатҳои инсон масъала дигар хел меистад. Ақлу ҳунар, истеъдоду маҳорат ва ҳатто равонии (психикаи) инсон маҳсули ҳаёти воқеии ӯ ҳастанд. Ҳаёти воқеӣ инсонро месозад ва раванди ташаккул ёфтани инсони алоҳида ва ҷамъи инсоният беохир аст. Ба қавли файласуфи шӯравӣ Э.В. Иленков «… Дар ҳайати функсияҳои олии психикии инсон мутлақан ҳеҷ чизи ирсие нест ва буда наметавонад, ҳамаи психика ин маҳсули ҳаёт ва ба маънои васеи он натиҷаи тарбият аст, яъне аз насл ба насл на бо роҳи табиию ирсиятӣ, балки сирф бо роҳи «маснӯӣ, сохташуда» дода мешавад» [6, с.83]. Новобаста ба ихтилофи андеша, бояд таъкид намуд: Артур Шопенгауэр мутафаккири мумтозе аст, ки инсонро бо ҷумла ҷузъиёти равонию рӯҳиаш омӯхта, тобишҳои гуногунранги зиндагию фаъолият, ниёзу манофеи инсонро ба риштаи андешаронихои фалсафию антропологӣ ворид сохтааст.

**АДАБИЁТ**


1. Вундт В. Психология народов [Текст] / В. Вундт. – М.: «ЭКСМО», 2002. – 863 с.
2. Гегель Г. Философии права [Текст] / Г. Гегель. – М.: Изд-во «Мысль», 1990. - 524 с.
3. Гёте И.В. Избранные сочинения по естествознанию (Общие вопросы естествознания. Опыт как посредник между объектом и субъектом [Текст] / И.В. Гёте. – М.: Изд-во АН СССР, 1957. – 553 с.
4. Гёте И.В. Избранные философские произведения [Текст] / И.В. Гёте. – М.: Наука, 1964. - 520 с.
5. Гулыга А.В. Кант [Текст] / А.В. Гулыга. – М.: Молодая гвардия, 1977. – 330 с.
6. Ильенков Э.В. Психика человека под «лупой времени» [Текст] / Э. В. Ильенков // Природа. – 1970. – № 2. – С. 88-91.
7. Кречмер Э. Гениальные люди [Текст] / Э. Кречмер / Перевод с немец. и вступ. заметка Г. Ноткина // Звезда. – 1999. – № 11. – С. 130-144.
8. Райков Б.Е. Германские биологи эволюционисты до Дарвина: Лоренц Окен, Карл Фридрих Бурдах, Мартин Генрих Ратке [Текст] / Б.Е. Райков. – Л.: «Наука», 1969. – 232 с.
9. Стам С.М. Корифеи Возрождения. Искусство и идеи гуманистического свободомыслия [Текст] / С.М. Стам – М.: Вузовская книга, 2006. – 670 с.
10. Стам С.М. Флорентийские мадонны Рафаэля (вопросы идейного содержания) [Текст] / С.М. Стам. – Саратов: Изд-во Саратовского ун-та, 1982. – 84 с.
11. Столяренко Л.Д. Психология. 100 экзаменационных ответов [Текст] / Л.Д. Столяренко, С.С. Самыгин, М.К. Багадирова. – М., Ростов н/Д.: Издательский центр «МарТ», 2008. – 224 с.
12. Тойч Чампион Курт, Тойч Джоэл Мари. Второе рождение [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.booksgid. com/people/11074-vtoroe-rozhdenie-ili-iskusstvo-poznat-i.html. (Дата обращения: 05.05.2022).
13. Шопенгауэръ [Текст] / Под редакции В.В. Чуйко. Издание второе. – СПб: Издание книготорговца В.И. Губинского, 1886. – 187 с.
14. Шопенгауэр А. Собр. соч.: в 6 т. Т. 6: [Текст] Из рукописного наследия / Под ред. А. Чанышева. М.: ТЕРРА - Книжный клуб; Республика, 2001. 352 с.


**I. НАЗАРИЯИ ГЕНОТИПИЮ ФИЗИОЛОГИИ ҚОБИЛИЯТ: АРТУР ШОПЕНГАУЭР**


Дар мақола ҷиҳатҳои характерноки ирсияти биологӣ дар консепсияи антропологии файласуфи олмонӣ Артур Шопенгауэр таҳқиқ мешавад. Таъкид мегардад, ки файласуф Артур Шопенгауэр таҳти таъсири таҳқиқотҳои анатомӣ-биологии олимони олмонии қарни 19 қарор дошта, ба андеша меояд, ки инсон дар асоси ирсияти биологӣ аз волидайн сифатҳои иҷтимоии худро низ қабул мекунад. Принсипи методологии Шопенгауэр ба он такя мекунад, ки хусусиятҳои интеллектуалӣ ва эҷодии инсон аз модар, хирад, устуворӣ ва ирода бошад аз падар ба меросӣ мемонад. Муаллифи мақола, ҳукмҳои зарофатбаёни мутафаккири бузургро баҳогузорӣ намуда, хидматҳои ӯро дар таҳқиқи нерӯхои мохиятӣ ва қобилиятҳои инсон зикр намуда, ҷиҳатҳои хоси консепсияи «анатомӣ-физиологӣ»-и ӯро таърифу тавсиф карда, ба хулоса меояд, ки масъалаи асосҳои генетикии сифатҳои инсонӣ то ба ҳол мавзӯи мубоҳисаовар ҳастанд. Исбот мешавад, ки аз мавқеи консепсияи фаъолиятии қобилият дар хусусиятҳои анатомию физиологии фард наметавон «шароитхои мусоид» барои инкишоф ва такомули қобилиятҳо пайдо намуд. Андеша асоснок карда мешавад, ки татбиқи васеи инженерияи генҳо дар омӯзиши мағзи сари инсон, таҳқиқи хусусиятҳои генотипикии ӯзвияти он, истифолаи методҳои нодири генотипикӣ дар амалияи фармакологӣ на дар бораи зуҳури механизмҳои мураккаби ташаккули

сифатҳои иҷтимоии инсон ё исботи бедор шудани «нишонаҳо»-и қобилияти инсонӣ, балки дар бораи қомилшавӣ ва афзоиши хусусиятҳои анатомию биологии инсон шаҳодат медиҳад. Муаллиф итминон дорад, ки дар доираи барномаи биологӣ ва генҳои инсон наметавон ҳадафҳои ҳаётиро барқарор, муайян ва татбиқ намуда, инсон ҳамчун субъекти иҷтимоӣ фаъолият намояд.

Калидвожаҳо: ирода, интеллект, маърифати ақлӣ, қобилият, маърифати муроқибавӣ, нобиға, нубуғият, эҷодиёт, ирсият.

## I. ГЕНОТИПО-ФИЗИОЛОГИЧЕСКАЯ КОНЦЕПЦИЯ СПОСОБНОСТЕЙ: АРТУР ШОПЕНГАУЭР

В статье исследуются характерные признаки биологической наследственности в антропологической концепции немецкого философа Артура Шопенгауэра. Подчеркивается, что философ Артур Шопенгауэр, находясь под влиянием анатомо-биологических исследований немецких ученых 19 века, приходит к мысли, что человек на основе биологической наследственности приобретает от родителей и социальные качества. Методологический принцип Шопенгауэра заключается в том, что интелектуальные и творческие особенности человека наследуются от матери, тогда как разум, настойчивость и воля передаются от отца. Автор статьи, оценивая филигранные суждения великого мыслителя, подчеркивая его заслуги в исследовании человеческих сущностных сил и способностей, выделяя и описывая характерные особенности его «анатомо-физиологической» концепции способностей, приходит к выводу, что проблема генотипической основы человеческих качеств продолжает оставаться дискуссионным. Утверждается, что с позиции деятельностной концепции способностей в анатомо-физиологических особеностях индивида невозможно обнаружить «благоприятные условия» для развития и совершенствования способностей. Обосновывается мысль о том, что широкое применение методов генной инженерии в изучении головного мозга человека, исследование генотипических особенностей его организма, использование уникальных генотипических методов в фармакологической практике свидетельствуют не о проявлении сложных механизмов формирования социальных качеств человека или доказательстве пробудившихся «задатков» человеческих способностей, а о совершенствовании и умножении его анатомо-биологической особенности. Автор более чем убежден, что в рамках биологической программы и генов человек не может установить, определить и реализовать свои социально-жизненные цели, намерения и действовать как социальный субъект.

**Ключевые слова:** воля, интеллект, рациональное познание, способность, созерцательное познание, гений, гениальность, творчество, наследственность

## I. GENOTYPO-PHYSIOLOGICAL CONCEPT OF ABILITIES: ARTHUR SCHOPENHAUER

The heredity in the anthropological concept of the German philosopher Arthur Schopenhauer. It is emphasized that the philosopher Arthur Schopenhauer, being influenced by the anatomical and biological studies German scientists of the 19th century, comes to the conclusion that a of person, on the basis of biological heredity, acquires from parents and social Schopenhauer's methodological principle is B quality. TOM that the intellectual and creative characteristics of a person are inherited from the mother, while intelligence, perseverance and will are inherited from the father. The author of the article, appreciating the filigree judgments of the great thinker, emphasizing his merits in the study of human essential forces and abilities, highlighting and describing the characteristic features of his rope-physiological^ concept of abilities, he comes to the conclusion that the problem of the genotypic basis of human qualities continues to be debatable. It is argued that from the standpoint of the activity concept of abilities in the anatomical and physiological features of the individual, it is impossible to find favorite conditions for the development and improvement of abilities. The idea is substantiated that the widespread use of genetic engineering methods in the study of the human brain, the study of the genotypic characteristics of his body, the use of unique genotypic methods in pharmacological practice do not indicate the manifestation of complex mechanisms for the formation of human social qualities or evidence of the awakened "inclinations" of human abilities, but about improving the multiplication of its anatomical and biological features. The author is more than convinced that within the framework of the biological program and genes, a person cannot determine and realize his social and life goals, intentions to act as a social subject.

**Key words**: will, intellect, national knowledge, ability, excess knowing, genins, creative activity, heredity/

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аминов Файзалӣ Азимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: 918-63-47-45. E-mail: Faizali/Aminov58@mail.ru

**Сведения об авторе:** ***Аминов Файзали Азимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент общеуниверситетской кафедры философии. Адрес: Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: 918-63-47-45. E-mail: Faizali/Aminov58@mail.ru

**Information about the author:** ***Aminov Faizali Azimovich*** – Tajik National University, candidate of philosophical sciences, docent. Address: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 918-63-47-45. E-mail: Faizali/Aminov58@mail.ru

УДК:1(091) (575.3)

# ТАШАККУЛИ КАТЕГОРИЯҲОИ КУЛЛ, МАХСУС, МУҶАРРАД ДАР ОНТОЛОГИЯИ АРАСТУ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАЪЛИМОТИ ҲАСТИШИНОСИИ ИБНИ СИНО

*Субҳонзода С.И.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Ба даст овардани дониши ҳақиқӣ танҳо бо воситаю принсипҳои илмӣ маҳдуд шуда наметавонад. Ошкор намудани сохтори тасвири олам, муайян намудани моҳияти он то андозае барои муайян намудани асосҳои консептуалӣ ва мантиқи рушди ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат мекунад. Паст будани сифати донишандӯзӣ ва умуман дониши илмӣ ва танг будани ҷаҳонбинӣ яке аз мушкилоти муҳимтарини замони мо шудааст.

Аҳамияти мушкилоти омӯзиши сохти тасвири олам аз нуқтаи назари кулл, махсус ва муҷаррад бо зарурати дарки сохтори ҳам тасвири худи олам (ки ба методологияи нумӯи дониши ҳақиқӣ мебарад) ва ҷанбаҳои пурмаъноии он муайян карда мешавад. Масъалаи тасвири олам, чӣ гуна будани он, кадом вазифаҳоро иҷро кардани он ҳамеша ҳам файласуфон, ҳам олимон ва ҳам олимони соҳаҳои гуногуни илмро ҷалб мекард. Асосҳои онтологӣ ва гносеологии тасвири олам на танҳо маҷмуи объективии илмро, балки ба андозаи муайян тамоюлҳои инкишофи онро ҳамчун як чизи ягона муайян мекунанд. Аз ин нуқтаи назар онҳо масоили ниҳоят муҳим ва таъхирнопазир буда, таҳлили ҷиддиро талаб мекунанд.

Масъалаи муносибати байни унсурҳои сохтории тасвири олам ва категорияҳо ва мафҳумҳои зери назари фалсафии муосир низ хеле муҳим аст.

Муайян намудани механизмҳои мушаххаси ин муносибатҳо нақш ва аҳамияти воқеии онтология ва гносеологияро дар инкишофи илм дурусттар муайян намуда, соҳаҳои предмет ва фалсафаи илм, методологияи дониши илмиро равшантар муайян мекунанд.

Илова бар ин, муайян намудан ва таҳлили сохтори тасвири олам, (аз баъзе ҷиҳатҳо) дар навбати худ, имкон медиҳанд, ки як қатор масъалаҳои марбут ба мушкилоти соф идеологии ҳам фалсафа ва ҳам илм равшан карда шуда, нақш ва моҳияти воқеии категорияҳои фалсафӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ муайян карда шаванд.

Бисёри муҳаққиқон ба масъалаи таносуби категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад, инчунин дараҷаи таъсири онҳо ба сохти тасвири оламро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Худи аз рӯйи категорияҳои фалсафӣ тафсир намудани ҳастӣ тавассути призмаи кулл, махсус ва муҷаррад дар давраи фалсафаи қадим аллакай ҳатман ба назари муайян ба олам, ба мафҳумҳои муайян дар бораи он ки олам чӣ гуна бояд дарк карда шавад, он умуман чӣ тавр сохта шудааст ва чӣ гуна аст, оварда мерасонад. Чунин саволҳоро намояндагони мактаби милетӣ (Фалес, Анаксимандр, Анаксимен), мутафаккирони мактаби пифагорӣ (Аристоксен, Архитаси Тарентӣ), намояндагони мактаби элеатӣ (Парменид, Зенон, Ксенофан), инчунин Эмпедокл, Анаксагор, Демокрит мегузоштанд ва аз рӯйи диди худ ҳал мекарданд. Дар рушди ин масъала Суқрот, Афлотун ва Арасту саҳми назаррас гузоштаанд. Арасту ақидаҳои файласуфони давраи атиқаро омӯхта, тадқиқоти мутафаккирони он замонро оид ба мушкилоти алоқаи категорияи кулл ва муҷаррад ҷамъбаст намуда, нақш ва вазифаҳои кулл ва муҷаррадро дар сохтори дарки олам муайян кардааст.

Агар ба андешаи баъзе намояндагони фалсафаи антиқа муҷаррад ба ҳайси марҳилаи гузариш, ки ба дарки мафҳуми кулл баромад карда тавонад, пас аз худи кулл, аз мафҳум ҳамаи гуногунрангии ягонаи намояндагони онро чӣ тавр баровардан мумкин аст? Ин мушкилот барои фалсафаи Юнони қадим ниҳоят ҷиддӣ буд. Агар хосияти муҷаррад аз кулл бароварданашаванда бошад, пас то кадом

дараҷа кулл худ кулл шуда метавонад. Мумкин аст, ки кулл номида шуда истода, он, моҳиятан ҳамин тавр набошад ва абстраксияи якхелагии ашёҳои ягона бошад? Чунин саволгузорӣ Арастуро шояд водор сохта бошад, ки дар метафизикаи худ кӯшиш намудааст, махсусияти муҷаррадро муайян намояд ва дар асоси он мантиқи гузариши куллро ба муҷаррад муфассал ва аниқ асоснок намояд.

Дар омӯзиши ин мушкилот Арасту аввалин маротиба мушкилӣ ва фундаменталӣ будани мушкилоти гузариши куллро ба муҷаррад ошкор намудааст [4,с.25]. Ба фикри мо, сабаби ин гуфтаҳо мулоҳизаҳо ва хулосаҳои мухолиф оид ба робитаи мутақобилаи кулл ва муҷаррад, ки дар кори ӯ хеле зиёд дида мешаванд, ба ҳисоб мераванд. «Агар чизе ғайр аз чизҳои алоҳида вуҷуд надошта бошад ва чунин чизҳо ниҳоят зиёд ҳастанд, пас чӣ гуна метавон дар бораи чӣ будани беохирӣ дониш пайдо намуд? Зеро мо ҳама чизро барои он дарк менамоем, ки онҳо аз ин ё он ҷиҳат ҳамон як чизанд ва ягон чизи умумӣ вуҷуд дорад. Аммо дар баробари ин, агар ин бояд чунин бошад ва ба ҷуз чизҳои алоҳида чизе вуҷуд дошта бошад, пас зарур аст, ки ғайр аз ин чизҳо наслҳо вуҷуд дошта бошанд - ё охирин ё аввал; дар айни ҳол душвориҳои мавҷударо фикр карда, мо навакак муқаррар намудем, ки ин имконнопазир аст» [4,с.144].

Ва баъдтар дар «Метафизика»-и худ чунин қайд менамояд: «Чунин ба назар мерасад, ки ҳеҷ имкон надорад, ки ҳар чизе ки ба таври умумӣ гуфта мешавад, моҳият бошад. Моҳияти аввал он моҳиятест, ки хосси ҳар як чиз буда, ба чизи дигар хос нест, умумӣ бошад, кулл аст: чунки умумӣ чизест, ки табиатан ба бисёриҳо хос аст. Аз ин рӯ, барои кадом чиз ин умумӣ моҳият буда метавонад? Ё барои ҳамаи чизҳо ё на барои ягон чиз. Аммо барои ҳама чиз ин умумӣ моҳият буда наметавонад. Агар барои як чиз буда тавонад, пас дигар чизҳо низ ҳамин чиз хоҳанд буд: чунки агар ягон чиз як моҳият дошта бошаду моҳияти ҳастӣ як бошад, пас худи ҳамин чиз ҳам як аст. Пас, агар бар асоси ин мулоҳизаҳо назар андозем, маълум мешавад, ки ҳама чизе, ки ба таври умумӣ вуҷуд дорад, моҳият нест ва ҳеҷ яке аз гуфтаҳои умумӣ ин чизро ифода намекунанд, балки фалон ва фалонро ифода мекунад». Яъне, умумимро аз кулл фарқ кардан зарур аст [4,с.148].

Аммо дар баробари ин Арасту ба таври равшан ҳамин ақидаеро пешниҳод мекунад, ки умумӣ тавассути шаклҳои алоҳидаи материалӣ вуҷуд дорад ва ҳар як чунин шакл ҳам ҳамчун муҷаррад ва ҳам кулл баррасӣ шуда метавонад. Умуман, Арасту муайянии сифатии ин ё он ашёро (ки аз муайянии сифатии дигар чизҳо фарқ мекунад) баррасӣ намуда истода, ҳар дафъа шакли ба он мувофиқро «аз боло» мебарорад ва ба шарофати охирин ин ё он чизи синфи дахлдорро «муайян мекунад».

Ин гуна ақидаҳоро пеш бурда истода, Арасту ба он наздик шуд, ки як чизи ягонаро ҳамчун ягонагии умумии зарурӣ (шакл) ва муҷаррад (мазмуни тасодуфӣ) баррасӣ намояд. Дар шахсияти Арасту юнониёни қадим мушкилоти мавҷудияти онтологии куллро то ба ҳадди имкон муайян намуда, ба таври умум мақоми консептуалии ин куллро ошкор намуда, тахминӣ будани мантиқи гузариши «кулл - муҷаррад»-ро асоснок кардаанд.

Мушкилоти «ҳалношуда»-и кулл дар замони атиқа, дар фалсафаи асримиёнагӣ дар шакли як масъалаи динии шарҳи яккагии илоҳӣ ва сегонаи он пайдо мешавад, ки мо онро дар мақолаҳои минбаъда мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Арасту бар ин назар буд, ки кулл дар натиҷаи ба ҳам пайвастани материя ва шакл ба вуҷуд меояд. Материя ҷудо аз шакл танҳо субстрати номуайян аст ва танҳо ҳамчун имкони чизи муайян зоҳир мешавад. Шакл ба материя муайянӣ медиҳад ва ҳамин тариқ имконро ба воқеият табдил медиҳад, он моҳияти як чиз, хусусияти онро муайян мекунад.

Арасту чунин мешуморад, ки чизҳои ягонаи ҳиссӣ дар натиҷаи омезиши материя ва шакл ба вуҷуд меоянд. Ягонагии материя ва шакл моҳияти ин чизҳоро муайян мекунад. Дар махлуқоти руҳонӣ, ки шаклҳои мавҷудият (табиати руҳӣ

доранд) ба вуҷуд меоянд, моҳият бо шакл мувофиқат мекунад. Азбаски дарвоқеъ чизҳои зиёде дорои як материя ва як шакл вуҷуд доранд, моҳият ҳамчун кулле, ки ба чизҳои зиёди муҷаррад тааллуқ дорад, баромад мекунад. Таносуби кулл ва муҷаррад дар ин ҷо ҳамчун таносуби кулл ва ҷузъ баромад мекунад; кулл хамчун умумӣ, муҷаррад ҳамчун ҷузъ амал мекунад.

Дар Шарқ пайравони мактаби Арасту минбаъд зиёд мешуданд. Ал-Киндӣ таҳрири тарҷумаҳои "Метафизика"-и Арасту, "Ҷуғрофиё"-и Батлимус (Птолемей) ва асарҳои Уқлидус анҷом дод. Инчунин, баёни мухтасари "Фанни шеър" ("Поэтика")-и Арасту ва "Сарсухан"-и Порфирийро ба забони арабӣ пешкаш намуд, ба "Категорияҳо" ва "Аналитикаи дуюм"-и Арасту, ба китоби "Ал-Магест"-и Батлимус ва "Унсурҳо"-и Уқлидус тавзеҳ навишт. Эҷодиёти Ал-Киндӣ ба рушди на танҳо афкори фалсафии асрҳои миёнаи Шарқи мусулмонӣ, балки ба афкори илмӣ-фалсафии қарни миёнаи Аврупо низ таъсири бузург расонид [8,с.154]. "А. Корбен, Киндиро аввалин пайрави фалсафаи машшоияи шарқӣ дониста, исрор менамояд, ки мутафаккир тавре дар фалсафаи ислом маъруф аст, ки бояд ӯро аввалин пайрави Арасту ном бурд. Ба андешаи ӯ, "мардуми Аврупои Лотинӣ Киндиро бинобар сабаби чанд рисолае, ки дар боло зикр намудем, ҳамчун файласуф шинохта, дигарон бошанд, ӯро ба ҳайси риёзидон ва устоди нуҷумшинос низ эътироф менамоянд" [6,с.12]. Ин асарҳо ба ҷаҳонбинии Ибни Сино таъсири бевосита доштанд. Сарчашмаи назарии бевоситаи фалсафаи машшоиёни шарқӣ таълимоти Арасту ва пайравони вай мебошанд. Ибни Сино робитаи фалсафаи худро бо таълимоти Арасту таъкид кардааст. Дар "Мадхал"-и мантиқи "Шифо" худаш навиштааст, ки "ҳангоми навиштани ин китоб корро аз "Мантиқ" оғоз кардам ва кӯшиш кардаам, ки дар он тартиби китобҳои возеҳи мантиқро риоя кунам" [1,с.11].

Ҳақ ба ҷониби академик Мусо Диноршоев, ки дар асари "Матолиби фалсафи Ибни Сино" (Душанбе, "Дониш-2011") чунин менависад: "Ибни Сино дар тадвини фалсафаи худ таҳлили бисёр масъалаҳои умдаи фалсафӣ, ба мисли сохти ҳаюло (модда) ва аҷсом, сабабият, сифатҳои модда ва моҳияти онҳо, азалияту абадияти олам, нафсу тан, робита ва таъсири мутақобилаи ашё, кавну фасод ва қонунмандии онҳо ба Арасту такя мекунад" [5,с.63-64].

Ибни Сино ба илми мантиқ дар эҷодиёти худ ҷойи махсус ҷудо карда буд. Мантиқро "раҳнамои инсон аст барои касб кардани ҳикмати назарӣ ва амалӣ ва нигоҳдорандаи ӯ аст аз саҳву ғалат дар мабоҳиси фикрӣ ва назарӣ" ба қалам додааст. Мантиқро аз нуҳ қисм иборат медонист: таълимот роҷеъ ба мафҳумҳо; маъқулот (категорияҳо); таълимот оид ба ҳукм; илми маҷҳулот (силлогизмҳо); оид ба исбот; тубиқо (ҷадал); суфистико; ритурико (хитоба); фаронитико (қиёси шеърӣ).

Таълимоти Ибни Сино роҷеъ ба масоили ҳастӣ ба мавзуи мобаъдуттабиа – илми куллии универсалиро ташкил мекунад. Ба ҳайси илми трансценденталӣ вай хосиятҳои олии Зотро баррасӣ мекунад, ки тавассути системаи категорияҳо ва қонунҳо ифода ёфта, вазифадор буд чун асоси ҷаҳонбинии таҳқиқоти табиатшиносии олам, қабл аз ҳама физикаи назариявӣ, хизмат намояд. Аз нуқтаи назари мантиқ ва методологияи маърифати илмӣ, масъалаи моҳият ва вуҷуд умуман ва аз ҷумла инсонро наметавон асоснок ва баён намуд, агар пештар аз он масъалаи ҳастӣ, маҷудият дар таҷрибаи таърихии одамон, таҳлили ақлонӣ гузаронида нашавад.

Ибни Сино мафҳуми ҷавҳарро ҳамчун моҳияти чизе, ки дар ҳастии хеш чизеро напазирад ва дар пазирое ҷойгир нест, инъикос менамуд. "...Ҳарчи араз набувад ва ҳастии вай андар мавзуъ набувад, балки вай ҳақиқате бувад ва моҳияте, ки ҳастии он ҳақиқат андар чизе, ки пазиро бувад бад-он сифат, ки гуфта омад набувад, вай ҷавҳар бувад" [2]. Ҷавҳар чун ҷинси олии ҳастӣ аз ҷониби Ибни Сино ба чор навъ қисмат

мешавад: модда (ҳаюло), сурат, бадан (тан) чун ягонагии модда ва сурат ва нафс (ақл) [9]. “Ва ба ҳайси қувваи билфеъл сурат, аз ҷониби Ибни Сино, чун “универсум” ё мояи куллии ҳастии ҷавҳарҳои алоҳида гирифташуда баррасӣ мешавад. Дар таъбири Ибни Сино универсалияҳо (умури куллӣ) умуман ду мазмун доранд: аз як ҷониб мафҳуми куллиро (ғояро) ифода мекунад, ки тавассути қобилияти муҷарради ақл аз чизҳои ҷузъӣ бароварда шудааст ва танҳо дар ақли инсон мавҷуданд; аз ҷониби дигар – ба моҳияти ҷисмҳои мавҷудаи воқеӣ шарик аст. Бинобар ин, мафҳумҳои куллӣ (универсалияҳо) ҳам дар ақл ва ҳам берун аз мавзуи (субъекти) маърифаткунанда муаррифӣ шудаанд”.

Дар асари номбурдаи академик Мусо Диноршоев “Матолиби фалсафаи Ибни Сино” қайд карда мешавад, ки яке аз ҷузъҳои муҳимми низоми мантиқи Ибни Сино таълимот дар бораи мақулаҳо мебошад, ки дар китоби дувуми қисмати мантиқи «Шифо» бо номи «Мақулот» ва дар фаслҳои алоҳидаи «Илоҳиёт»-и «Шифо» ва «Донишнома» баён шудааст. Мо низ бар он назарем, ки Ибни Сино дар мавриди коркарди назарияи категорияҳои худ зери таъсири Арасту қарор доштааст. Ин ки ӯ чун Арасту категорияҳоро ҷинси олии мавҷудоти айнӣ ва ҷинси олии алфози ақлонӣ медонад.

Ибни Сино мавқеи Арастуро дар бораи даҳ мақулаи ҳастӣ, ки дар асари ӯ «Мақулот» баён шудааст, мепазирад ва дар осори зикршудааш пайгирона ҷонибдорӣ менамояд. Вале Арасту дар «Таҳлилшиносии дуюм»-и худ, танҳо аз ҳашт мақула (мақулаҳои вазъ ва милк зери дигар мақулаҳо радабандӣ шудаанд), дар «Метафизика» гоҳ аз ҳафт ва гоҳ аз чаҳор мақула сухан мегӯяд [5,с.139]. Яъне, Арасту дар бораи микдори категорияҳо ба як фикри ниҳоӣ нарасидааст. Аммо Ибни Сино дар ҳама осораш пайгирона аз даҳ мақула сухан мегӯяд - ҷавҳар, чандӣ (каммият), чигунагӣ (кайфият), изофат, кучоӣ (айна), кайӣ (мато), ниҳод (вазъ), дошт (милк, мулк), куниш (аняфъал), бикунидан (ан янфаъил). Ҷавҳар аз рӯйи таъбири Ибни Сино ҳақиқате ва мохияте аст, ки ба зоти худ вуҷуд дорад ва дар мавзуъ нест. Он аз назари Ибни Сино панҷ навъ дорад: 1. ҳаюло; 2. сурат; 3. ҷисм; 4. нафс: 5. акд. Араз - он аст, ки ҳастии вай дар чизи дигар истодааст, ҷуз ҷавҳар, ки пазиро ва мавзеи араз аст, ҳама мақулаҳои дигар навъҳои аразанд [5,с.140].

Категорияҳо ҳастиро аз ҷиҳатҳои гуногун намоиш медиҳанд. Як фарқи назари Ибни Сино оид ба категорияҳо аз назари Арасту иборат аз он аст, ки вай табақабандии категорияҳоро дар як системаи пайдарпай нишон медиҳад. Дар шумораи категорияҳо низ ягон дудилагӣ зоҳир накардааст. Дигар фарқи муҳимми байни назарияҳои Арасту ва Ибни Сино дар шарҳи масъалаҳои вобаста ба категорияҳо мебошад, ки Арасту ҳаракатро танҳо дар категорияҳои каммият, кайфият ва макон нишон медиҳад. Ибни Сино бар замми ин муътақид буд, ки ҳаракат дар категорияи ҳолат низ вучуд дорад. Дигар ин ки Арасту ва Ибни Сино дар тавзеҳи масъалаи категорияҳо калавишҳои афлотунии Арастуро Ибни Сино дар мавриди тавзеҳи моҳияти категорияҳо пайгиронатар рафъ кардааст.

Ҳамин тариқ, категорияҳо дар назариёти Арасту ва Ибни Сино, пеш аз ҳама, ҷанбаи ҳастишиносӣ доранд. Ҳам Арасту ва ҳам Ибни Сино муътақиданд, ки агар ҷинсҳои олии айнии ҳастӣ вуҷуд надошта бошанд, дар бораи ҷинсҳои олии зеҳнии лафзҳо сухан ба миён овардан муҳол аст, зеро лафз тарзи донистани мавҷудоти айнӣ, тариқаи инъикоси хосиятҳои куллии ашёи воқеӣ аст [5,с.141]. Муайян карда шуд, ки маҷмуи категорияҳо ва мафҳумҳои мавҷуда, ки тасвири оламро инъикос мекунанд, интихоби стратегияи ҷустуҷӯи илмии мутафаккиронро муайян мекунанд.

Кулл чунин заминаи ибтидоист, ки маҷмуи падидаҳои гуногуни воқеиятро муайян мекунад. Кулл ягонагии гуногунрангии фактҳои алоҳидаи воқеият мебошад,

ки дар шакли тамоюл, ки гуногунрангӣ ва гуногунии падидаҳои воқеиятро дар як система, ба як ягонагии комил муттаҳид менамояд, амалӣ мешаванд.

Категорияҳо зимни ҷанбаи ҳастишиносӣ, ҷанбаи мантиқӣ ва маърифатшиносӣ низ доранд, зеро чун ҷинсҳои олии лафзҳои муфрад, мураккаб, ҷузъӣ ва куллӣ дар зеҳн ва ақли инсон, дар шуури шахс (субъект)-и маърифат хосиятҳои муҳим ва куллии мавзуи маърифатро тобеъ ва ҷафс месозанд ва барои донистани ашё, падидаҳо ва фарояндҳои олам имкониятҳои зиёд муҳайё менамоянд. Хулоса кардан мумкин аст, ки асоси бунёдии ташаккул ва инкишофи тасвири оламро дар назариёти ҳастишиносии Арасту ва Ибни Сино генезиси ақидаҳои категориалӣ дар бораи ҳастӣ ташкил медиҳад. Муайян карда мешавад, ки сатҳи умумии ҷузъи онтологии тасвири олам аз назари Арасту ва Ибни Сино тавассути категорияи ҳастӣ амалӣ мегардад. Сатҳи махсуси ҷузъи ҳастишиносии тасвири олам тавассути категорияи ҷавҳар ифода меёбад. Сатҳи ягонаи ҷузъи онтологии тасвири олам тавассути маҷмуи мафҳумҳои объектҳои гуногуни материалӣ муайян карда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Абуалӣ ибни Сино. Аш-Шифо ал Мантиқ.1. ал Мадхал. -Қоҳира, 1371ҳ. -1952м. -С.11.
2. Абуалӣ ибни Сино. Донишнома. Осори мунтахаб. -Ҷ.1. -С. 59.
3. Анри Корбен. История исламской философии / Анри Корбен. –М.: Прогресс-Традиция, 2010. – 360 с.
4. Аристотель. Метафизика. Соч. в 4 т. / Аристотель. -М.: Мысль, 1976. -Т. 1. -552 с.
5. Диноршоев М. Матолиби фалсафи Ибни Сино. –Душанбе: Дониш, 2011.
6. Иброҳимов Ф.М. Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен: авт. диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа.
7. История таджикской философии. С древнейших времён до XV века. Том II. –Душанбе, 2012. – 787 с.
8. Таърихи фалсафаи тоҷик (аз қадим то асри XX) [Матн]: дар панҷ ҷилд / Зери назари К. Олимов, М. Маҳмадҷонова; муҳаррири масъул А. Шарифов. -Душанбе: Дониш, 2016. -Ҷ. II. -892 с.
9. Худойдодов Ф.Б. Сравнительный анализ силлогистики Аристотеля и Ибн Сины: дис. на соис.ученой степени доктора наук. Диссертация на тему «Сравнительный анализ силлогистики Аристотеля и Ибн Сины», скачать бесплатно автореферат по специальности ВАК РФ 09.00.03 - История философии (dissercat.com)
10. Шариф М. Авиценна как поэт // Золотая книга. - Каир, 1952 (на араб, яз.)
11. Шахверди Мухаммад. Философия Ибн Сины. -Тегеран, 1994.
12. Шопенгауэр А. Собрание сочинений: В4-хт. Т.П. / А. Шопенгауэр. -М., 1901.
13. Штпекл А. История средневековой философии / А. Штпекл. -М., 1912.
14. Afnan S. M. Avicenna. His Life end Works. – London, 1958.
15. Bochenski I. M. Formal Logic. - Freiburg-Munchen, 1956.


## ТАШАККУЛИ КАТЕГОРИЯҲОИ КУЛЛ, МАХСУС, МУҶАРРАД ДАР ОНТОЛОГИЯИ АРАСТУ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАЪЛИМОТИ ҲАСТИШИНОСИИ ИБНИ СИНО


Дар мақола масоили ташаккули категорияҳои кулл, махсус, муҷаррад дар андешаҳои файласуфи бузурги антиқа Арасту мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Хулоса карда мешавад, ки Арасту масоили кулл, махсус, муҷаррадро, пеш аз ҳама, ҳамчун масоили онтологии пайдоиши ҳастӣ, ҳамчун масоили пайдоиши ашёи алоҳида, ҳамчун масъалаи муайян кардани пайдоиши ин ё он объектҳои ҳассос баррасӣ менамояд. Ҳамчунин, таъсири афкори Арастуро ба таълимоти ҳастишиносии Ибни Сино баррасӣ намуда, хулоса карда мешавад, ки категорияҳо дар назариёти Арасту ва Ибни Сино, пеш аз ҳама, ҷанбаи ҳастишиносӣ доранд.



**Калидвожаҳо:** Арасту, Ибни Сино, категорияҳо, онтология, шакл, моҳият, кулл, махсус, муҷаррад.


## СТАНОВЛЕНИЕ КАТЕГОРИЙ ВСЕОБЩЕГО, ОСОБЕННОГО, ЕДИНИЧНОГО В ОНТОЛОГИИ АРИСТОТЕЛЯ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ОНТОЛОГИЮ ИБН СИНЫ


В статье рассматривается становление категорий всеобщего, особенного и единичного в воззрениях великого античного философа Аристотеля. Делается заключение, что Аристотель проблему всеобщего и единичного видит, прежде всего, как онтологическую проблему основания мира, как проблему возникновения отдельных вещей, как проблему определения первоначал тех или иных чувственных предметов. Так же рассматривая влияние Аристотеля на онтологические воззрения Ибни Сины. Делается вывод, что категории в теоретическом знании Аристотеля и Ибн Сины имеют онтологическое свойство.

**Ключевые слова:** Аристотель, Ибн Сино, категории, онтология, форма, содержание, всеобщее, особенное, единичное.

**FORMATION OF CATEGORIES OF GENERAL, SPECIAL, SINGLE IN ARISTOTLE'S ONTOLOGY AND ITS INFLUENCE ON IBN SINA'S ONTOLOGY**

The article discusses the formation of the categories of universal, particular and singular in the views of the great ancient philosopher Aristotle. It is concluded that Aristotle sees the problem of the universal and the individual, first of all, as the ontological problem of the foundation of the world, as the problem of the emergence of individual things, as the problem of determining the origins of certain sensual objects. Also considering the influence of Aristotle on the ontological views of Ibni Sina. It is concluded that the categories in the theoretical knowledge of Aristotle and Ibn Sina have an ontological property.

**Keywords:** Aristotle, Ibn Sino, categories, ontology, form, content, general, particular, singular.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Субҳонзода Салоҳиддин Икром*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67

**Сведение об авторе:** ***Субхонзода Салохиддин Икром*** **-** Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, кандидат философских наук, доцент, заведующий кафедрой философии. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67

**Information about the author:** ***Subkhonzoda Salokhiddin Ikrom*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Philosophy. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67

УДК 1(091)

# НИГОҲЕ БА ФАЛСАФАИ МУСИҚИИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ

*Сулаймонов Б.С.*
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода**

Замони муосир чашми инсониятро боз намуду ҷаҳони истеъмол ва суръат ном гирифт. Дар заминаи ин равандҳои ташаккулёбанда малакаҳо ва истеъдодҳои мутақобила ба вуҷуд омаданд. Санъат ҳамчун ҷузъи таркибии фалсафа аз қабили ҳамин гуна арзишҳои умумибашарие аст, ки ҳанӯз аз асрҳои миёна то кунун аз асорати руҳониён раҳо нашудааст. Агарчи имрӯз ин раванд дар кишварҳои аврупоӣ аз пойи худ ин завлонаи ифротиро раҳо карда бошад, вале ифротгароии самтӣ дар он дида мешавад, ки бархилофи кишварҳои шарқӣ, ки ҳанӯз ҳам перомуни ин матлаб бо мафҳумҳои «гуноҳ»-у «савоб» назар карда, тафритро тарвиҷ медиҳанд.

Вазифаи пажӯҳишгарон дар ҷодаи ҳунарияшон ин аст, ки кашфиётҳои илмиро бо мақсади фароҳам сохтани андешаи гуманистии дорои имкониятҳои ҳамаҷониба, натиҷаи тарҳрезиҳои инсоният донанд, то ки ояндагон ба тафаккури густурдаи муҳаққиқони зебоипарасти имрӯз бо арҷгузорӣ такя намуда, диди хешро матраҳ намоянд. Аз ин рӯ, фалсафаи мусиқӣ, ки зебоипарастиро дар тинати инсонҳо парвариш медиҳад, зарурати омӯзишу баррасии тадқиқоти илмии он муҳим дониста мешавад.

Мушкилии таҳқиқот дар ин самт ҳангоми баррасӣ ба саволи «Фалсафаи мусиқӣ чист?», танҳо аз ҷиҳати андозагирии фалсафии мусиқӣ дар назар дошта мешавад. Шинохти аввалин падидаҳои арзишманди мусиқӣ баҳсҳои мураккабро ба вуҷуд меоранд, ки таҳқиқи он аз лиҳози соҳавӣ, яъне фарҳанг ва фалсафаи мусиқӣ, хеле муҳиму зурурӣ дониста мешавад. Усулҳои методологӣ дар кашфи фалсафаи мусиқӣ бошад, мафҳумҳои аслӣ дониста мешаванд ва аз фалсафаи эстетикии Эрони бостон ва Юнони қадим дарак медиҳанд.

Таърих гувоҳ аст, ки аввалин одамоне, ки барои зинда мондан дар рӯйи замин мубориза мебурданд, ҳамвора, дар ҷараёни муоширát бо муҳити табиӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замон, ниёзҳои худро ба воситаҳои гуногун қонеъ мегардониданд ва тафовутҳоеро меҷустанд, ки тавассути онҳо роҳҳои нави маърифатӣ-соҳавиро кашф намоянд ва ҳатто, барои фаҳмидани эҳсосоти худ садоҳои атрофро истифода мебурданд. Бо мурури замон ин садоҳоро таъбиркунандаҳои эҳсосотии худ шумориданд. Мавҷудияти ин гуна равандҳо ба мисли суруди парандаҳо дар фазои табиӣ, садои оби равон, ҳуштаки бод, садои мавҷҳо, барои инсоният дар ҷаҳони беруна илҳомбахш гардид ва инсон бевосита тавассути ин ҳаракатҳои табиӣ ба мусиқӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кард ва ба зиндагӣ бо ин гуна устувориҳо дилбаста гардид. Аз ин лиҳоз, ягона раванде, ки зинатбахши зиндагии инсоният аст, мусиқӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми баррасии таҳқиқот дар бораи мафҳуми мусиқӣ муҳимтарин чизе, ки диққати моро ҷалб намуд, ин фарқиятҳои таърифи мусиқӣ мебошад. Сабаби ба вуҷуд омадани чунин фарқиятҳо дар таърифи мусиқӣ натиҷаи давраҳои мухталифи таърихӣ, тафовутҳо дар тарзи зиндагӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии ҷомеа мебошад. Маҳдуд кардани ин фарқиятҳо аз ҷиҳати миқдор ё сифат қобили қабул нест, гарчанде ки баъзе ривоятҳо дар шакли абстракт боқӣ мондаанд. Вале бештари муҳаққиқон ба мусиқӣ ва унсурҳои он дуруст муносибат намуда, мафҳуми истилоҳии онро ба таври мушаххас тавсиф намудаанд.

Таърихи калимаи «мусиқӣ», ки аз фарҳанги юнонӣ сарчашма мегирад, ба таври мухтасар чунин тавсиф шудааст: мусиқӣ аз решаи калимаи «мюзик» гирифта шудааст ва он дар ҳама забонҳо: анг. music, фар. musique, рус. музыка, ар.ُ مُوسِيْقِي, тақрибан ба

ҳамин шакл истифода мешавад. Дар Юнон, худои Зевс нуҳ духтари афсонавиро муза – «muza» («фаришта») номидааст. Ин нуҳ духтар аз лиҳози эстетикӣ ба ҳамоҳангии замин масъул шуморида мешуданд. Дар ибтидо нуҳ духтари Зевс ҳамчун шахсияти хотира ба ҳисоб мерафтанд. Номи ин духтарони фасона чунин будааст: Телексино, Аоде, Архе, Мелете, Мнеме, Делфи, Нете, Месе ва Ҳипат. Музаҳо дар ибтидо ибодат карда мешуданд. Онҳо духтарони Аполлон ба ҳисоб рафта, онҳоро Кефисто (олиҳа) меномиданд. Музаҳо шеър, илм, рақс, санъат ва мусиқиро роҳнамоӣ мекарданд ва аз ин рӯ, баёни зеҳнӣ ва эҷодии инсонро ҳидоят ва илҳом мебахшиданд. Ҳамин тариқ, онҳо ҳамчун шахсият ва сарчашмаи ҳама донишҳо, инчунин, таҷассуми мусиқӣ ё иҷрои нутқи метрикӣ ҳисобида мешуданд. Музаҳо дар Пиерия дар наздикии Олимпус таваллуд шудаанд. Аз ин рӯ, ин макон ҷойи дӯстдоштаи онҳо ба ҳисоб мерафт ва аз ин сабаб онҳоро Пиридҳо меноманд. Агар ба таърих жарфтар назар андозем, бароямон маълум мегардад, ки дар ибтидо музаҳо ҳамчун париҳои обӣ дар байни оммаи мардум шинохта мешуданд, аз ин сабаб, онҳоро бо чашмаҳо ва ҷойҳои муқаддас алоқаманд мекарданд. Ин як эътиқоди хеле қадимист, ки пайдоиши ақида дар бораи мусиқӣ, санъат ва илм, ҳамчун қонунҳои идоракунии олам инъикос гардидааст.

Мусиқӣ олитарин рукни ба ҳам овардани инсоният ба ҳисоб рафта, аз нигоҳи фалсафаи амалӣ нуқтаи ибтидоии ҳама фазилатҳо ҳисобида мешавад. Олимони юнонӣ дар бораи ахлоқ ва мусиқӣ ақидаҳои мухталиф пешниҳод карда, кӯшиш кардаанд исбот намоянд, ки мусиқӣ ба ахлоқ чӣ гуна таъсир мерасонад. Онҳо байни мусиқие, ки ба инсон таъсири манфӣ мерасонад ва намудҳои мусиқие, ки ба ӯ таъсири мусбат мерасонанд, фарқ мегузоштанд. Дар кишварҳои Эрон, Юнон, Ҳиндустон, Чин, Миср ва ғайра, ки назар ба дигар шаҳр-давлатҳо таърихи қадима доранд, ҳанӯз дар солҳои пеш аз милод ба шинохту пажӯҳиши адабиёт, фалсафа ва мусиқӣ ҳамчун арзишҳои олии маънавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекарданд.

Дар асоси ин маълумоти зикршуда, мо метавонем дастрасии мусиқиро дар сарзамини Шарқ бевосита, манзараи интиқолёфта ва таъсиргузори мамолики қадима донем. Рушду ташаккули ин раванди фарҳангиро дар доираи як мақола аз диди аввалин файласуфи машшоӣ - Форобӣ бо таърифҳои нави шарқиёна, ки аз он мусиқӣ маншаъ гирифтаанд, дар ҳамоҳангӣ ба фалсафаи мусиқии классикӣ ба таври возеҳ дида бароем.

Дар як мақола имконият даст намедиҳад, ки тамоми паҳлуҳои фалсафаи мусиқиро матраҳ намоем, аз ин рӯ, мақсад дорем, ки ба саволҳое, ки дар баррасиҳои фалсафаи мусиқӣ меҷӯем, тавассути фалсафаи мусиқии Форобӣ онҳоро таҳлилу баррасӣ карда бошем. Абунасри Форобӣ (870-950) яке аз бузургтарин андешамандони аҳли Хуросон ба ҳисоб меравад. Ӯ дар фалсафа ҳикмати машшоиро бо ҳикмати навафлотунӣ даромехт ва дар ин соҳа аз нахустин касоне ба ҳисоб мерафт, ки дар ҷаҳони исломӣ байни ин ду раванд ҳампаймонии фикриро ба вуҷуд овард. Навиштаҳояш дар фалсафа ва маърифатшиносӣ илҳомбахши андешамандон гардид ва дар ин самт таъсири ҷовидона ба ҷо гузошт. Форобӣ аввалин шахсест, ки дар таърихи мусиқии тоҷик оид ба назарияи мусиқӣ кори мондагореро боқӣ гузоштааст. Дар сарзамини Шарқ ду мутафаккири дигаре будаанд, ки пеш аз Форобӣ оид ба назарияи мусиқӣ кору таҳқиқот анҷом додаанд. Инҳо, Исҳоқ Мавсилӣ ва ал-Киндӣ мебошанд. Аммо, дар рафти таҳқиқоти худ Форобӣ назари онҳоро дар бораи мусиқӣ танқид кардааст. Ӯ изҳор медорад, ки онҳо ақида ва андешаҳои худро ба қадри кофӣ таҳқиқ накардаанд ва танҳо нуқтаи назари олимони Юнони қадимро дар ин бора баён кардаанд.

Масъалаи оӯзиши таърихи мусиқии шарқии асримиёнагӣ дар доманаи таърих бетаваҷҷуҳ намонда, дар ҳар давру замон дар кишварҳои мухталиф вобаста ба дарки фалсафиашон мавриди пажӯҳишҳо қарор гирифтааст. Шаҳодати гуфтаҳои боло, дар

тамаддунҳои Ҳиндустон, Миср ва Месопотамия тасдиқ мегардад, ки онҳо тавассути таҳқиқот тавонистаанд, ки ба ҳам пайвастани фалсафа ва мусиқиро ба воситаи мавҷудияти инсони соҳибтафаккур нишон диҳанд. Занҷири асосие, ки байни фалсафа ва мусиқӣ мавҷуд аст, танҳо тавассути ҳиссиёти баланди инсоният густурда мегардад. Мусиқӣ ба туфайли ин хусусият, ки дорои дониши инсон, табиат ва пайдоиши инсон (*манзур ҷорӣ кардани руҳ дар бадан ба воситаи мусиқӣ)* аст, таъсире, ки одамон дар олами ботинии онҳо доранд, мушоҳида шудааст. Форобӣ бар ин назар аст, ки мусиқӣ, барои ҳамаи махлуқот ба таври тадриҷӣ таъсиргузор аст, яъне ба инсонҳо чи қадаре муассир аст, ба ҳамон андоза дар ҳиссиёти ҳайвонот низ таъсир расонида метавонад. Ба ақидаи Форобӣ, маъмулан дар саноати мусиқӣ ҳиссиёте мавҷуд аст, ки ҳамоҳангӣ ва муназзамиятро ба як ҳолати зебо табдил медиҳад.

Файласуфон ва мутафаккирони ҳар давру замон дар ин бора дониши ҳақиқии ҳаматарафаро таҳқиқ мекарданд. Онҳо ин меросро ба мо расонданд ва боварӣ доштанд, ки он бояд ҳам барои асри мо ва ҳам барои наслҳои оянда васеътар таҳқиқ ва қадр карда шавад. Вале мутаассифона, фосилаи таърихие вуҷуд доштааст, ки бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ фазои фаҳмиши мусиқӣ коста гардида, як қатор оҳангҳо ва созҳои мусиқӣ аз байн рафтаанд. Ҳаким Фирдавсӣ ин эҳтимолиятро чунин тақвият медиҳад:

*Сарояндае ин ғазал соз кард,*
*Дафу чангу найро ҳамовоз кард.*
*Ки имрӯз рӯзест бо фарру дод,*
*Ки Рустам нишастаст бо Кайқубод [2,с.11].*

Сабаби он ки мо муносибати амиқи худро ба санъати мусиқӣ бо дониши ибтидоии фалсафа, дурнамо ва дарки ҳамаҷониба дар ин самт равона месозем, аз он шаҳодат медиҳад, ки фаҳмидани робитаи мусиқӣ ва фалсафа тавассути омӯзиши ҳама хусусиятҳои он тариқи таҳқиқоти ботаҷриба сурат гирад. Барои фаҳмидани фалсафаи мусиқие, ки Форобӣ ба роҳ мондааст, мо бояд кӯшиш кунем, ки андешаҳои файласуфонро дарк намуда, ҷанбаҳои фалсафии санъат ва мусиқии давраҳои бостонӣ ва асрҳои миёнаро бо ҳисси баланд афзалият дода тавонем. Дар фалсафаи мусиқии Форобӣ хусусиятҳои илмии Афлотуну Арасту ва санъати мусиқии давраи сосонӣ ба шакли куллӣ инъикос гардида, олами зебоипарастиро ба таври системанокӣ равнақ бахшидааст. Ин муносибат ба мо кумак мекунад, ки фалсафаи мусиқии Форобиро бомуваффақият дарк кунем.

Усулҳои илмиро ба инобат гирифта, бояд ба мулоҳизаҳои Форобӣ оид ба фаҳмидани мусиқӣ ва ҳадафи асосии ӯ тибқи қонунҳои ҷаҳонӣ муносибат кард. Аз ин нуқтаи назар, мо метавонем таърифҳои фалсафаи мусиқии ӯро возеҳтар дарк кунем. Бисёр файласуфон ва мутафаккирон мисли Форобӣ ба мусиқӣ таваҷҷуҳ дошта, дар соҳаи санъати мусиқӣ тадқиқот гузарониданд ва андешаҳои худро дар шаклҳои мухталиф баён доштаанд. Дар ҳоле ки таърифҳои гуногуни мусиқӣ ҳамчун истилоҳ вуҷуд доранд. Ба ақидаи Форобӣ, мусиқӣ санъатест, ки оҳангҳоро ба маънои умумӣ ва кори дастаҷамъона дар бар мегирад ва ба як ҳолати пурмазмунтар ва зеботар табдил медиҳад. Ҳарчанд истифодаи Форобӣ аз амалиётҳои мураккаби ададӣ дар назарияи оҳангҳои инсонӣ амалияҳои воқеии мусиқии замони ӯро нишон намедиҳад. Ин маънои онро дорад, ки дар назарияву сохтор ба мундариҷа ҳеҷ иртиботе надорад ва ба омилҳои забонӣ асос ёфтааст. Ин равиши тахайюлӣ ва риёзии Форобӣ як ҷанбаи муҳимми назарияи мусиқии асримиёнагии ҳам Ғарб ва ҳам Шарқро инъикос мекунад. Дар натиҷа, ӯ ба ин васила, дар рушди мусиқии замони худ ба тамаддунҳо ва давраҳои мухталиф таъсири бузург расонидааст. Баъзе аз шарқшиносон пояи назарии фалсафаи мусиқии Форобӣ ва пайравонашро нусхае аз фалсафаи Юнон медонанд, зеро ӯ тарҷумон ва шореҳи китобҳои Афлотун ва Арасту буда, дар маҷмуъ, ҳикмати Юнонро ташреҳ медодааст. Вале ин матлаб асоси илмӣ надошта, самташ ба ноустувориҳо мерасад. Форобӣ дар заминаи фарҳанги ғании қадимаи

Машрику Мағриб тавонист, фалсафаи намунавие бисозад, ки ҳамаи шохаҳои илмиро ҳаракатдиҳанда бошад, хусусан, фалсафаи мусиқиро.

Новобаста аз маҳдудиятҳои динӣ, Форобӣ дар замони зиндагониаш тавонист суннати мусиқии илмиро зинда нигоҳ дошта, муваффақона дар ин ришта, гомҳои фаротаре дар пешбурди шинохти мусиқии классикӣ бардорад. Чунин ба назар мерасад, ки мусиқии Форобӣ аз санъати баланди Эрони аҳди сосонӣ маншаъ гирифта, аз сӯйи дигар, дар шакли маҷозӣ ба донишҳои мусиқии юнонӣ такя мекунад. Дар зеҳну тавони Форобӣ ин ҷараёнҳо дарҳам омехтанд ва аз таркиби онҳо маърифати навине дар мусиқии асримиёнагии шарқӣ падид омад, ки онро дар заминаи таълифи китоби **«Китоб ал-мусиқо ал-кабир»** («Китоби бузурги мусиқӣ») – мусиқии Форобӣ метавон номид. Форобӣ, ки ба санъати мусиқӣ аҳамияти бузург медиҳад, дар баробари китоби бузурги «Китоб ал-мусиқо ал-кабир» – мусиқиро дар китоби «Эҳсо ул-улум» («Таснифи илмҳо») дар қатори панҷумин, баъд аз илми забон, мантиқ, математика ва ҳандаса ҷойгузин намуда, ба таври муфассал ба фаҳмондадиҳии он пардохтааст.

Баъзе муаррихон ва муҳаққиқон китобҳои навиштаи Форобиро, ки дар соҳаи мусиқӣ навиштааст, ба чаҳор адад мерасонанд, ки инҳоянд: «Китоб ал-мусиқо ал-кабир», «Китоб фи иҳсо ал-ийқоъ» («Китоб андар таснифи зарбҳо»), «Китоб калом фи ал-мусиқо» («Китоб андар каломи мусиқӣ»), «Китоб фи ал-нақл». Вале муҳимтарин ва пурарзиштарини онҳо, ки то замони мо дар шакли пурра расидааст, ин «Китоб ал-мусиқо ал-кабир» мебошад. Агар ба муҳтавои китобҳо дуруст назар кунем (С.Б.), маълум мегардад, ки ин се китоби баъд зикршуда қисмате аз китоби аввала ба ҳисоб рафта, муаллифи онҳо аз рӯйи таомули замон барои осонбаён кардан ва дастраси хонанда гардонидан онҳоро талхис намудааст.

Китоби «Китоб ал-мусиқо ал-кабир»-и Форобӣ ҳаҷман хело калон (*1210 саҳифа*) буда, пурра бо забони арабӣ навишта шудааст ва муҳтавои он фарогири тамоми ҷанбаҳои фалсафаи мусиқӣ мебошад. Усули мисоловарии китоб бештар математикӣ буда, барои осонтар ва фаҳмотар шудан ба хонанда, расми асбобҳо низ кашида шудааст. Новобаста аз доманаи васеи мавзуоти мусиқӣ, китоб дорои ду қисмати аслӣ аст. Қисмати аввал муқаддимавӣ буда, аз ду мақола иборат аст. Дар мақолаҳои қисмати аввал сухан дар бораи оҳанг ва таърифи он, ниҳодҳои ҳунари мусиқӣ, олоти мусиқӣ, нотаҳо ва мақомашон дар созиши оҳанг ва ҷинсҳо меравад. Дар қисмати дуюми китоб, ки се бахшро фарогир аст, ҳар яке аз онҳо дорои ду мақола мебошад.

Бахши аввал дар усули ҳунари мусиқӣ аст. Дар мақолаи аввали ин бахш Форобӣ роҷеъ ба мушаххасоти савт, фосилаҳои мусиқӣ, миқдори фосилаҳо ва қисмати (аҷнос) ҷинсҳо баҳспардозӣ мекунад. Мақолаи дуюми ҳамин бахш навъҳои нағмаҳо (сурудҳо) ва омехташавии нотаҳои мусиқиро дар бар мегирад. Бахши дуюми қисмати дуюми «Китоб ал-мусиқо ал-кабир»-и Форобӣ шомили олоти мусиқии машҳур ва нотаҳои махсус мебошад. Дар мақолаи аввали ин бахш Форобӣ тавонистааст, уду пардаҳои уд ва кукҳои содаи торҳои удро (асбоби мусиқӣ) мавриди баҳс қарор диҳад. Дар мақолаи дуюм бошад, атрофи созиш ва навозиши асбобҳои мусиқии классикӣ, аз қабили танбур, чанг, кунор (навъе аз сантур), тос, ғижак, даф, нақора, табл, рубоб, танбури хуросонӣ ва кукҳои он, найҳо, сурной ва сантур (маозиф), инчунин, тарзи истифодаи онҳо пардохтааст. Агар дуруст ба ин асбобҳои мусиқии зикршуда назар андозем, маълум мегардад, ки ҳамаи онҳо марбут ба асбобҳои замони сосонӣ буда, аксарияти онҳоро Борбад тарзи созиш ва навозишашонро зикр кардааст. Бахши охир (сеюм)-и китоб ба оҳангҳои ҷузъӣ марбут аст. Мақолаи аввал қисмҳои дугонаи оҳангҳо, теъдоди ҷадвалҳои нотаҳо, навъҳои нотаҳои форам ва нохушояндро фаро мегирад. Дар мақолаи дуюми бахши сеюм танҳо ташреҳи дугонагии оҳангҳо дар назар дошта шудааст.

Абунасри Форобӣ ҳангоми ба танзим даровардани гом ва фосилаҳои мусиқӣ навовариҳои арзишманде боқӣ гузоштааст. Муҳимтарин масъалаҳое, ки дар ин китоб

мӯшикофона мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, нотаҳо, садоҳои хушоянду нохушоянд ва наздикию пайвандии нотаҳо мебошанд.

Форобӣ барои ошкору муайян сохтани нотаҳои мусиқӣ ва мақоми онҳо дар танзими оҳанг беҳтарин муқоисаҳои илмиро ба кор бурдааст. Дар мақолаи дуюми бахши аввали ҳамин китоб ҳангоми воридшавӣ ба ҳунари мусиқӣ чунин мегӯяд: «Бояд донист, ки нотаҳое, ки оҳангҳо аз онҳо сохта мешаванд, ба манзалати ҳарфҳо (забон)-е мебошанд, ки дар сохтани калимаву гуфтор, махсусан, гуфтори мавзун ба кор мераванд. Чуноне ки шумори ҳарфҳо дар ҳар забон фарогири доираи муайян аст, шумори нотаҳои мавҷуд дар оҳангҳо низ муайян аст. Илова бар ин, дар ҳар забон ҳарфҳо бо радифи хосе мураттаб шудаанд, ҳамчунин аст нотаҳои мусиқӣ, ки шуморашон мушаххас ва мақому мартабаи ҳар нота барои сохтани оҳанг назди оҳангсоз хос аст» [3,с.358].

Ҳар як забон дар истифодаи ҳарфу калимаҳо тартиби муайяни худро дорад, ки ба табиати ҳамин соҳибзабонон хос аст. Аммо бархилофи гуфтаҳои боло, дар илми мусиқӣ ин ҳолат табиӣ аст ва тағйири ин ҳолат танҳо натиҷаи нодурустро ба бор меорад. Дар бораи истифодаи нотаҳо Ал-Киндӣ ба таври назариявӣ ба такя ба фалсафаи мусиқии Юнони қадим андеша баён намудааст, вале Форобӣ андешаҳои ӯро рад намуда, оид ба намоиши нотаҳо ба воситаи ададҳо ва намоиши фосилаҳои мусиқӣ ба василаи нисбатҳо андешаи худро чунин баён кардааст: «Миқдори як ҷисмро нисбат ба ҷисми дигар он вақте метавон муайян намуд, ки он дуро бо шумораҳои аз як ҷинси андозагиришуда, тому мушаххас созанд ва ин ҳангоме муяссар мегардад, ки вазъи чигунагии он ду ҷисми номбаршуда муштарак бошанд» [3,с.457].

Форобӣ дар китоби «Эҳсо ул-улум» дар баробари дигар илмҳо ба ташреҳи фалсафаи мусиқӣ пардохта, оид ба илми мусиқӣ фикрашро ба чунин тарз баён кардааст: «Мусиқӣ илмест, ки баҳси он ҳамеша дар бораи қисмати оҳангҳост ва бо таъкид бояд гуфт, ки мусиқишиносонро зарур аст, ки саноати ин илмро ба ду қисмат (назарӣ ва амалӣ) ҷудо намоянд, то барои омӯзанда осониро ба бор орад. Агар илми мусиқӣ ба ду қисм, яъне амалӣ ва назарӣ ҷудо шавад, зарур аст, ки дар ҳар ду раванд пайвандии мантиқӣ асос бошад. Якумин (мусиқии амали)-ро қисмати оҳангҳои маҳсуса ва олатҳое, ки аз рӯйи табъ ё саноат сохта шудаанд, дар бар мегирад» [5,с.115].

Олатҳои табиии аз назари Форобӣ асбобҳоеро меноманд, ки ба воситаи ҳанҷара (ҳалқ) ва бинӣ навохта мешаванд. Аммо қисмати дуюм, яъне ба воситаи саноат мазомир ва удро гӯянд. Дуюмин (мусиқии назари)-ро муҳимтарин рукни ин саноат (Форобӣ) дониста, ин саноатро ба панҷ қисмат – «сохту навозиши олот, хониши суруд, истифодаи асбобҳои гурӯҳӣ, вазну қофия ва оҳангсозӣ ҷудо мекунад» [5,с.117].

Ӯ иброз медорад, ки дар бахши аввали қисмати назариявӣ сухан танҳо дар бораи созиш ва навозиши асбобҳои мусиқӣ меравад. Дар бахши дуюм масъалаи сурудхонӣ, тарзи истифодаи ҳиҷоҳо, интихоби матн ва ҳамоҳангии он бо оҳанг баррасӣ мешавад. Бахши сеюмро Форобӣ барои истифодаи олоти мусиқие дар назар гирифтааст, ки дар як вақт аз ҷониби гурӯҳ навохта мешаванд. Бахши чаҳорум бевосита дар бораи қофия, вазн ва пайвастагии он бо садои оҳанг дар назар гирифта шудааст. Бахши панҷум бошад, дар бораи сохтани оҳангҳои нав дар мавзуоти гуногун мебошад.

Абунасри Форобӣ бозёфтҳо ва кашфиётҳои худро дар бахши мусиқӣ бар асоси назарияи мусиқишиносони қаблӣ такмил намудааст. Ҳамин тариқ, нишон додааст, ки ӯ бо роҳи анализу синтез кардани тамаддуни исломӣ дар давраи худ, як системаи муназзам сохта тавонистааст. Барои таҳқиқи нуқтаи назари Форобӣ ба фалсафаи мусиқӣ, мо бояд усули таҳлили илми мусиқиро, ки ӯ ба танзим даровардааст, таҳлилу баррасӣ кунем. Форобӣ фалсафаи беназири мусиқии худро тавассути таҳқиқи илм ва фаҳмиши мусиқӣ, ки дар давраҳои қаблӣ муайян шудаанд, инъикос кардааст. Барои

фаҳмидани фалсафаи мусиқии Форобӣ, мо бояд мисли ӯ илми мусиқӣ, таърифи ва равишҳои фалсафиро дар давраҳои қаблӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем. Ин мақола низ ҳамчун тадқиқот таърифи мусиқӣ, робитаи мусиқӣ бо фалсафа ва кори аввал ҳамчун шарҳи фалсафаи мусиқии Форобӣ дар назар дошта шудааст. Идеяи мусиқии ин донишманди бузурги тоҷик, ки ба давраҳои минбаъда равшанӣ меандозад, имрӯз ҳам ҳамчун илми зарурӣ мавриди таҳқиқ қорор мегирад. Маълумоте, ки Форобӣ дар китобҳояш оид ба фалсафаи мусиқӣ ва назарияи мусиқӣ овардааст, як ишораи муҳим ба дарки мусиқӣ дар ҷуғрофияи кишварҳои шарқӣ мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Абубакр Зубайдӣ. Мусиқии тоҷик дар даврони истиқлол [Матн]. –Душанбе, 2017. -304 с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]. Ҷ.2. –Душанбе, 2006. -480 с.
3. Абунасри Форобӣ. Китоб ал-мусиқо ал-кабир (Китоби бузурги мусиқӣ) [Матн]. -Бейрут, 1974. -1210 с. (бо заб. ар.)
4. Абунасри Форобӣ. Китоб ал-ҳуруф (Китоби ҳарфҳо) [Матн]. –Бейрут: Дорул-Машриқ, 1990. -324 с. (бо заб. ар.)
5. Абунасри Форобӣ. Эҳсо ул-улум (Таснифи илмҳо) [Матн]. -Қоҳира, 2008. -183 с. (бо заб. ар.)
6. Азза Абдулҳамид. Муносибатҳои забон ва мусиқӣ дар «Китоби бузурги мусиқӣ»-и Абунасри Форобӣ [Матн]. -Истанбул, 1992. -107 с.
7. Аль-Фараби. Философские трактаты [Текст]. -Алма-Ата, 1972. -495 с.
8. Аль-Фараби. Трактаты о музыке и поэзии [Текст]. -Алма-Ата, 1983. -452 с.
9. Аль-Фараби. Естественнонаучные трактаты [Текст]. -Алма-Ата, 1987. -495 с.
10. Бартольд В.В. Культура мусульманства [Текст] / В.В. Бартольд. -М., 1918. -111 с.
11. Дарвеш А. Ал-Фараби ва фалсафат ул- ‘акл (Форобӣ ва фалсафаи ақл) [Матн] / А.Дарвеш. -аир, 2014. -302 с. (бо заб. ар.)
12. Мартин Литчфилд. Мусиқии ибтидоӣ [Матн] / Литчфилд Мартин. –Ню Йорк, 1992. -108 с.
13. Маҷдӣ Комил. Ал-Форобӣ [Матн] / Комил Маҷдӣ. –Қоҳира, 2015. -229 с.
14. Пратт, Валдо. Селден. Таърихи мусиқӣ: дастур ва роҳнамо барои донишҷӯён [Матн] / Валдо Пратт. –Ню Йорк, 1908. -176 с.
15. Содиқов А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ [Матн] / А. Содиқов. –Душанбе, 1989. -143 с.
16. Умар Фаррух. Торих ул-фикр ал-арабӣ (Таърихи андешаи арабӣ) [Матн] / Фаррух Умар. –Бейрут, 1922. -727 с. (бо заб. ар.)
17. Хайруллаев М.М. Мировоззрение Фараби и его значение в истории философии [Текст] / М.М. Хайруллаев. -Ташкент, 1967. -355 с.


## НИГОҲЕ БА ФАЛСАФАИ МУСИҚИИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ


Муаллиф дар мақола яке аз масъалаҳои муҳимми мусиқӣ ва назарияи онро, ки дар таълимоти Абунасри Форобӣ ҷойгоҳи махсус доранд, ба таври муфассал аз рӯи китобҳои «Китоб ал-мусиқо ал-кабир» («Китоби бузурги мусиқӣ»), «Эҳсо ул-улум» («Таснифи илмҳо»), ва пажуҳишҳои мутахассисони соҳа баррасӣ намудааст. Ба андешаи ӯ, Форобӣ яке аз аввалин муҳаққиқони шарқиест, ки доир ба назарияи мусиқӣ дар таърихи мусиқии тоҷик асарҳо таълиф намуда, новобаста аз вазъи пуртазоди динӣ ин риштаи илмро дар сарзамини Шарқ ташаккул додааст. Вобаста ба матолиби дарназардошта, маълум мегардад, ки муаллифи мақола аз сарчашмаҳои амиқи таърихӣ истифода карда, андешаҳои ноби Форобиро аз рӯйи матнҳои асил пешкаш гардонидааст. Муҳаққиқони мусиқӣ ақидаи умумӣ доранд, ки фаҳмиши мусиқии Форобӣ дар асоси мусиқии Юнони қадим бунёд ёфтааст. Вале дар ин таҳқиқот ба хулосае омадем, ки Форобӣ ихтирооти марбут ба мусиқии худро ба афкори дигар мусиқишиносони қадимӣ, махсусан, эронитаборон зам намуда, чаҳорчӯбаи мустаҳкаме барои омезиш додани мусиқии тамаддуни исломӣ дар давраи худ эҷод кардааст. Аз кӯшишҳои муаллифи мақола хулоса кардан мумкин аст, ки ӯ мехоҳад исбот намояд, ки тоҷикон ҳанӯз дар асрҳои миёна дорои андешаи бузурги фалсафӣ буда, бо таълифи осорашон махсусан, осори санъатшиносӣ, ба рушди фарҳанги ҷаҳонӣ таъсири мусбат расонидаанд. Аз рӯйи пажӯҳишҳои ин соҳа донише ба даст овардан мумкин аст, ки Форобӣ тамаддуни исломиро дар замони худ бо фалсафаи Юнону Эрони қадим синтез намудааст. Бунёди идеяи мусиқии ин донишманди бузурги тоҷик аз ин ҷо маншаъ гирифта, ӯ дар ин самт нахустин донишманди мусиқишиноси тоҷик ба ҳисоб меравад, ки дониши мусиқии худро дар пояи илмӣ вобаста ба чаҳорчӯбаи қонунҳои умумибашарӣ бурда мерасонад ва ба назарияи мусиқии Шарқу Ғарб равшанӣ меандозад



**Калидвожаҳо:** санъати мусиқӣ, фалсафаи мусиқӣ, мусиқишиносӣ, назарияи мусиқӣ, созҳои мусиқӣ, оҳангсозӣ, таърихи мусиқӣ, нотаҳо, навозиши олот, қофия, садо, аҷнос, Абунасри Форобӣ.

**ВЗОР НА ФИЛОСОФИЮ МУЗЫКИ АБУ НАСРА ФАРАБИ**

В статье автор подробно рассматривает один из важнейших вопросов музыки и теории музыки, занимающий особое место в учении Абу Насра аль-Фараби, подробно говорится в книгах «Китаб ал-Мусика аль-Кабир» («Великая книга музыки»), «Эхса ул-улум» («Классификация наук»), а также в исследованиях специалистов этой области. По его мнению, Фараби был одним из первых восточных мыслитель, написавших произведения по теории музыки в истории таджикской музыки, и, несмотря на тяжелое религиозное положение, сформировал эту отрасль науки на Востоке. В связи с рассмотренными материалами видно, что автор статьи, используя достоверные исторические источники, представил идеи Фараби на основе оригинальных текстов. Исследователи музыки придерживаются общего мнения, что понимание музыки Фараби основано на древнегреческой музыке. Однако в данном исследовании мы приходим к выводу, что Фараби добавил свои музыкальные изобретения к идеям других древних музыковедов, особенно иранцев, и создал в свое время прочную основу для смешения музыки исламской цивилизации. Из усилий автора статьи можно сделать вывод, что он хочет доказывать, что таджики в Средние века еще обладали великой философской мыслью, и, написав свои произведения, особенно произведения искусства, оказали положительное влияние на развитие мировой культуры. По исследованиям этой области можно сделать вывод, что Фараби синтезировал в свое время исламскую цивилизацию с философией Древней Греции и Ирана. Здесь зародилась основа музыкальной мысли этого великого таджикского ученого, он первый таджикский музыковед в этой области, который подводит свои знания о музыке на научной основе в рамках универсальных законов и проливает свет на теорию восточной и западной музыки.



**Ключевые слова:** музыкальное искусство, философия музыки, музыковедение, теория музыки, музыкальные инструменты, композиция, история музыки, ноты, игра на инструментах, рифма, звук, род, Абу Наср Фараби.



**GLANCE ON THE PHILOSOPHY OF MUSIC OF ABU NASR FARABI**

In article the author in detail considers one of the most important questions of music and the theory of music holding a specific place in Abu Nasr al-Farabi's doctrine, « Ehso ul-Ulum » («Classification of Sciences ») and also in researches of experts of this area is in detail told in books «Kitab al-Musiqa al-Kabir» («The Great Book of Music»). According to the author, Farabi was one of the first oriental thinkers who wrote works according to the theory of music in the history of the Tajik music and, despite difficult religious situation, created this branch of science in the East.Due to the considered materials it is visible that the author of article, using reliable historical sources, presented the ideas of Farabi on the basis of original texts. Researchers of music hold the general opinion that understanding of music of Farabi is based on Ancient Greek music. However in this research we come to a conclusion that Farabi added the musical inventions to the ideas of other ancient musicologists, especially Iranians, and created a strong basis for mixture of music of an Islamic civilization in due time. From efforts of the author of article it is possible to draw a conclusion that he wants to prove that Tajiks in the Middle Ages still possessed great philosophical thought, and, having written the works, especially works of art, had a positive impact on development of world culture. On researches of this area it is possible to draw a conclusion that Farabi synthesized an Islamic civilization with philosophy of Ancient Greece and Iran in due time. Here the basis of a musical thought of this great Tajik scientist arose, he is the first Tajik musicologist in this area who brings the knowledge of music on a scientific basis within universal laws and sheds light on the theory of east and western music.



**Keywords:** musical art, music philosophy, musicology, the theory of music, musical instruments, composition, history of music, a note, playing on musical instruments, rhyme, sound, sort, Abu Nasr Farabi.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сулаймонов Баҳманёр Саидэҳсонович*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Телефон: **(+992) 938384345**

**Сведение об авторе:** ***Сулаймонов Бахманёр Саидэхсонович*** - Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат философских наук, доцент кафедры философии и политологии. **Адрес**: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. Телефон: **(+992) 938384345**

**Information about the author:** ***Sulaymonov Bakhmaner Saidehsonovich*** **-** Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzod, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy and Political Science. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev street, 17/6. Phone: **(+992) 938384345**

УДК: 323.28:297(575.3)

# ШАКЛГИРИИ ГУРӮҲҲОИ ИФРОТГАРОИ ДИНӢ ВА ТАҲДИДИ ОНҲО БА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

*Давлатзода А.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз замоне, ки инсоният ҳамчун мавҷуди бохирад чашм ба олами ҳастӣ кушодааст, бо шаклҳо ва омилҳои ифротгароӣ, бо душвориҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғ. ҳамқадам будааст. Ифротгароӣ вобаста ба шароити мушаххаси иҷтимоию сиёсии ҷомеа, ҳамчун оқибати манфии равандҳои иҷтимоӣ дар шаклҳои гуногун зуҳур мекунад ва зиддиятҳои воқеии иҷтимоию сиёсиро, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меоянд, инъикос менамояд.

Нахустин ифротгароии динӣ пас аз зуҳури динҳои ибтидоӣ, дар шаклҳои мухталиф арзи ҳастӣ карда, то даврони муосир такмил ёфтаанд. Ифротгароӣ ва тундгароӣ дар масеҳият, буддоия, синтоизм, яҳудия, ислом ва дар дигар дину идеологияҳо дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла, дар шакли таассубу хурофот, бо роҳи зӯрӣ нишон додани бартарии ғоявии худ зуҳур кардааст. Ҳадафи ифротгароӣ ва тундгароӣ ҳаргиз таълими дуруст додани мардум, ба роҳи рост ҳидоят кардани омма ва ҳал намудани мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ набудааст, балки ҳамеша кӯшиши ба василаи дин ва таълимоти динӣ ба ҳадафу ғаразҳои сиёсӣ расидани ашхоси алоҳида ва гурӯҳҳову равияҳои махсус шинохта шудааст, ки ҳамчун гузариш аз дин ва ба сиёсат фаҳмида мешавад [1,с.185].

Таълимоти бунёдии масеҳият ва дини буддоӣ то андозае аз ҳаёти сиёсӣ дурӣ ҷустани пайравони худро талаб мекунанд, дар сурате ки дар конфутсийгароӣ ва ислом равишу муносибати сиёсӣ ба фармоишҳо ва вазифаҳои маънавии диндорон меафзояд. Аз ин ҷиҳат, исломро наметавон ба ҳеҷ ваҷҳ аз сиёсат дур кашид.

Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон, нахустин ифротгароёни маҳз исломӣ дар даврони сулолаи Уммавиён (661–750 мелодӣ) зуҳур кардаанд. Онҳо чунин мепиндоранд, ки маъруфтарин равияҳои ифротгароӣ хориҷиён,[*] рофизиён,[*]

---

[*] Хориҷиён (аз арабӣ الخوارج - баромад кардан (аз ҷумла зидди ҳукумат), тарккардаҳо) - аввалин гурӯҳи динӣ ва сиёсӣ дар таърихи ислом мебошад, ки аз қисми асосии мусулмонон ҷудо шудаанд. Хориҷия пас аз ҷанги Сиффин дар соли 657, ҳангоми мубориза барои қудрат байни халифа Алӣ ибни Абутолиб ва Муовия дар давраи нооромиҳои байни мусалмонон ба вуҷуд омад. Аввалин хориҷиён 12 ҳазор сарбоз аз артиши Алӣ буданд, ки пас аз бастани сулҳ бо Муовия исён бардоштанд. Онҳо ба Басра рафтанд ва дар он ҷо пойгоҳи низомии худро таъсис доданд ва аз он ҷо ба шаҳрҳои содиқ ба халифа ҳамла карданд. Аввалин пешвоёни хориҷиён «муҳаккимиён» мебошанд, ки бо халифа Алӣ ҳангоми тасмим гирифтани ду қозӣ барои ҳалли мунокиша ва музокироти шартҳои сулҳ бо Муовия мухолифат карданд. Хориҷиён дар минтақаи Ҳарура дар наздикии шаҳри Куфа ҷамъ омаданд, пешвоёни онҳо Абдуллоҳ ибни ал-Кавва ал-Яшкурӣ ат-Тамимӣ, Итаб ибн ал-Аъур, Абдуллоҳ ибни Ваҳб ар-Расибӣ, Урва ибни Худайр, Язид ибни Абуасим ал-Муҳарибӣ ва Ҳаркус ибни Зуҳайр, ки бо лақаби Зу-с-Судая машҳуранд. Дар байни онҳо инчунин Абдурраҳмон ибни Мулҷам низ буд, ки баъдтар Алиро ҳангоми хондани намози бомдод кушт (ин марде буд, ки худи Умар ибни Хаттоб ӯро таъриф карда буд: «Вай дар ибодат ғайрат ва ба Худо итоат мекард, аммо оқибаташ бад буд, зеро ӯ ҳокими мусалмонон – Алӣ ибни Абутолибро кушт, ки мехост бо рехтани хуни ӯ ба Худо наздик шавад!»). Сардори хориҷиёни Ироқ Нафиъ ибни Азрақ буд ва шадидтарин дар исёни онҳо алайҳи Алӣ хориҷиёни Ямома буданд, ки сардорашон Наҷда ибни Амир, Ашъас ибни Қайс, Мисор ибни Фадаки, Тамимӣ ва Зайд ибни Ҳусайни Тойӣ буданд. Хориҷиён танҳо ду халифаи аввалро қонунӣ эътироф карданд - Абубакр ва Умар ибни Хаттоб, аммо Усмон ибни Аффон, Алӣ ва ҳама дигарон (Уммавиён, Аббосиён ва ғ.)-ро эътироф нанамуданд. Хориҷиён дар ислом заминаи бидъатро гузоштанд. Таълимоти хориҷия дар солҳои минбаъда аз ҷониби бисёр гурӯҳҳои динӣ - экстремистӣ ва анархистӣ дар кишварҳои мусулмонӣ интишор ёфт ва то имрӯз фаъолона истифода мешавад.

[*] Бидъатшинос – Ибни Тоҳири Бағдодӣ (980-1037) сабоиён – пайравони Абдуллоҳ ибни Саборо аввалин рофизиён донистааст. Ӯ зайдиён, имомиён, кайсаниён ва шиаҳои ифротиро ҳамчун рофизиён баҳогузорӣ кардааст. Тавре ки Ҳасани Навбахтӣ қайд кардааст, ин маъниро сунниён тасдиқ доштанд. Тибқи ривояти дигар, аввалин касе, ки ин истилоҳро истифода бурдааст, шиаи ифротӣ Муғиро ибни

қарматиён,* хуррамиён* ва амсоли инҳо буда, дар таълимоти онҳо унсурҳои ифротӣ ба назар мерасанд.

Нахустин хориҷиён, ки дар Басра пойгоҳи низомии худро солҳои 657-661 таъсис дода буданд, аз он ҷо ба шаҳрҳои содиқ ба халифа ҳамлавар мешуданд ва ҳамчун нахустин гурӯҳҳои динӣ-ифротгарой дар ислом маъруф гардиданд ва ҳамчунин нахустин бунёдгузори бидъатҳо дар ислом ба шумор меравактнд. Ғояву таълимоти онҳо то даврони муосир пайравони зиёде дошта, аз ҷониби бисёре аз гурӯҳҳои ифротгарову тундрав дастгирӣ меёбад.

Бархе муҳаққиқону донишмандони асрҳои миёна бар онанд, ки қарматиён, рофизиён ва амсоли инҳо ба хотири расидан ба ҳадафҳои худ аз ҳеч навъи зулму ситам ва хунрезию ғоратгариҳои оммавӣ даст намекашиданд, ба корвонҳои тоҷирон ва ҳоҷиён ҳамлавар мешуданд. Меъёрҳои динӣ ва ғояҳои ахлоқии қарматиҳо бо усулҳои бунёдии ислом мухолифати ошкоро доштанд [2,с.15].

Дар ҷаҳони муосир ва алалхусус дар Тоҷикистон, баъзе гурӯҳҳои тундраву ифротгаро таълимот ва ҳадафҳои муғризонаи худро зери пардаи ислом пинҳон нигоҳ дошта, исломро бо мақсадҳои ғаразноки сиёсии худ истифода мебаранд; онҳо аз

---

Саид буд, ки тарафдорони имоми шашум – Ҷаъфар Содиқро чунин номид, зеро онҳо имоматии Муҳаммад ибни Абдуллоҳро эътирофи накарданд ва дар Мадина исён намуданд. Муаррихи исломии замонҳои Уммавиёни охирин ва Аббосиёни аввал Абумиҳнаф, шииҳои Куфаро рофизӣ номида буд, ки Зайд ибни Алиро дар мубориза барои ба қудрат расиданаш алайҳи Умавиён дастгирӣ мекард. Пас аз пайдоиши равияи зайдия, рофизиёнро асосан имомиён меномиданд, ки ҳукмронии ду халифаи аввал ва сулолаи Уммавиёну Аббосиёнро эътироф намекарданд. Рофизиён аз тақия (пинҳон кардани дини худ) истифода мебаранд, то ҷомеаи худро аз таъқиботи мухолифон муҳофизат кунанд. Онҳо ба тамоми ҷунбиши шиаҳо, алалхусус шиаи дувоздаҳимома (иснаашария) таъсири назаррас расонданд. Дар байни сунниҳо номи «рофизӣ» тобиши манфӣ дорад, аммо шиаҳо худро ягона шахсоне меномиданд, ки бадиро «рад мекунанд».

* Қарматиён (арабӣ: قرامطة) - як шохаи калони фирқаи мазҳабӣ ва сиёсии исмоилиён, ки дар Баҳрайн ҷамъияти хаёлиро ба вуҷуд оварданд ва дар соли 899 аз шохаи асосии ҷунбиши исмоилия ҷудо шуданд. Қарматиён асосгузори давлати Фотимиҳо Убайдаллоҳро имом ва маҳдӣ намешинохтанд ва омадани имоми ҳақиқии «пинҳоншуда» Муҳаммад ибни Исмоилро (набераи Ҷаъфари Содиқ) интизоранд. Соли 887 Аҳмад, писари Ибни Маймун Қаддаҳ, ба Эрон Ҳусайни Аҳвозиро ба ҳайси доӣ (воиз) фиристод. Ӯ галлабон Ҳамдон ибни Ашасро бо лақаби Қармат («кӯтоҳпо» ё «сурхчашм») ба исмоилия майл дод. Ҳамдан ба қабилаи набатиёни севадӣ, ки аз деҳқонон ва ғуломон иборат буданд, тааллуқ дошт. Вай ба назди ҳамватанонаш баргашта, моҳирона ва фаъолона дар байни онҳо таълимоти наҷотдиҳандаро тарғиб кард. Ҳамдан худ бовар дошт, ки ӯ ба манфиати алавиҳо амал мекунад, аммо чун фаҳмид, ки ин тавр нест, аз таълимоти худ даст кашид ва бе ному нишон ғайб зад. Аммо кори оғозкардааш қатъ нашуд. Ба ин ҷараёни ӯ одамони зиёде, ки аз тартиботи иҷтимоӣ норозӣ буданд, ҳамроҳ шуданд. Дар соли 930 бародари Абусаид, Абутоҳири Ҷаннабӣ, ки муддати тулонӣ ҳоҷиёнро ба Макка роҳ намедод, қарор кард, ки ҳаҷро ниҳоят нобуд кунад; ӯ ба Макка ҳамла карда, қатли омм ба амал овард ва Санги Сиёҳи Каъбаро рабуд. Танҳо соли 951 зиёратгоҳ ба мусалмонон баргардонида шуд. Қарматиён хулафои фотимиро ба имомат қабул надоштанд. Онҳо аз ҷониби амири Сомониён Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ (ҳукмрониаш 943-954) барои исёнҳояш сарукӯб шуда буд. Дар аввали асри XII фаъолияти қарматия амалан қатъ гардид.

* Хуррамиён (пайравони дини хушбахтӣ) – пайравони як қатор ҷунбишҳои динӣ ва сиёсии зидди исломӣ, зидди хилофат дар Эрон, Осиёи Марказӣ ва инчунин дар қаламрави Озарбойҷони муосир буданд, ки дар давраи аввали ҳукумати Аббосиён фаъолият доштанд. Ҷунбиши хуррамиён соли 809 дар кӯҳҳои Толиш ба вуҷуд омада, ба зудӣ дар тамоми Озарбойҷон, инчунин қисми Аррон ва Арманистон паҳн шуд. Ташаббуси ҳаракати озодихоҳии халқҳои тобеи хилофат аз Арран буд. Дар ин кор талишҳо нақши назаррас доштанд. Дар кишвари онҳо, дар кӯҳҳои Талиш, дар қалъаи шикастнопазири Бадз (Базз), он қароргоҳи асосии хуррамиҳои «сурх» буд. Ақидаи хуррамиён омезиши ғояҳои Маздак бо унсурҳои масеҳию исломӣ буд. Хуррамиён ба муборизаи ду принсип – Нур ва Зулмот эътиқод доштанд, дар ҳоле ки тартиботи мавҷудаи иҷтимоӣ маҳсули як мабдаи торик ва шайтон ҳисобида мешуд; хуррамиён инчунин ба таҷассуми доимии Худо дар Одам, Иброҳим, Мусо, Исои Масеҳ ва Муҳаммад (с) ва сипас дар симои пешвоёни ҳаракати худ бovaрӣ доштанд. Аввалин шӯриши хуррамиён бар зидди хилофати араб солҳои 778 ва 808 рух дод. Хуррамиён дар шӯриши Абумуслим (747-750), Сумбод (755), шӯриши Байрақдорони Сурх (778/779), Муқаннаъ (охири асри 8) ва Бобак (асри 9) ширкат варзиданд.

таълимоти ноби ислом дур шуда, бештар сиёсатзада шудаанд ва ҳадафҳои сиёсии бисёр хатарноке доранд, ки ин ҳадафҳои онҳо ҳаргиз ба манфиати кишвар ва мардуми мо намебошанд [1,с.281].

Муқовиматҳо дар Тоҷикистон, аслан баъди бозсозӣ дар собиқ Шуравӣ оғоз гардиданд ва дар раванди касби истиқлолият шиддат гирифтанд. Қувваҳои гуногун (ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва иттиҳодияҳо) пайдо шуданд, ки барои мустақилият ва истиқлолияти кишвар фаъолона амал менамуданд. Маҳз дар ибтидо фаъолияти бомарому ҳадафманди онҳо боиси ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ шуд. Дар соли 1989 Қонун дар бораи мақоми давлатии забони тоҷикӣ қабул гардид. Мутаассифона, дар ҳаллу фасли ин масъала ҷомеаи Тоҷикистон ба гурӯҳҳои мухолифи ҳам тақсим гардид. Дар маҷмуъ, ин ду гурӯҳи мухолифро муътадилиён ва тундгароён метавон унвон намуд. Ба гурӯҳи аввал, яъне муътадилиён (миёнаравон, консерваторҳо) кормандони солхӯрдаи ҳизбӣ, намояндагони хоҷагии қишлоқ, як қисми зиёиён, ки дар сохторҳои давлатӣ ва ҳизбӣ кору фаолият менамуданд ва мансаби худро асосан аз ҳисоби хуб донистани забони русӣ ҳифз сохта, дар “рус” шудани аҳолӣ саҳми зиёд доштанд, технократҳо ва дигарон шомил буданд [3].

Дар тули беш аз чиҳил сол (1980–2022) Иттиҳод (ё Коалитсия)-и ИМА (ҳамчун роҳбар), Арабистони Саудӣ, Қатар (ҳомиён, сарпарастон) ва Покистон (иҷрокунанда) триллионҳо доллар дар Афғонистон сарф карда, ба ҳадафи стратегии худ дар ин кишвар расиданд – Афғонистон акнун на кишвари мустақил, балки ба Қаламрави пиёда кардани аҳдофи Иттиҳод ва англосаксҳо табдил ёфтааст. Онҳо аз ин кишвар ба ҳайси қаламрави вусъат додани ифротгароии динӣ ва терроризм дар Осиёи Марказӣ ва тамоми ҷаҳон истифода хоҳанд бурд. Вазифаи назорати вусъат додани ифротгароии динӣ ва терроризмро, пеш аз ҳама, дар Осиёи Марказӣ ин Иттиҳод (ИМА, Арабистони Саудӣ, Қатар ва Покистон) ба дӯши «фарзандон»-и худ – “Толибон” – хунхортарин ташкилоти террористӣ вогузоштааст, ки таҷрибаи беш аз чиҳил солро дар ин ҷода дорад. Иттиҳод вазифаҳои вусъати ифротгароии динӣ ва терроризмро чунин аниқу дақиқ муайян кардаанд: 1. Ҳифз кардани шиддати нооромиву вусъати ифротгароӣ дар минтақаи Осиё (бахусус дар Осиёи Марказӣ) бар зарари Русия, Чин ва Эрон. 2. Тақвият бахшидани таҳдиди терроризм ва ифротгароӣ ба ҳамаи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва давлатҳои ҳамҷавори он. 3. Дар ҳолати зарурӣ ва мувофиқ “Толибон”-ро ба «ҷанги муқаддас» (ҷиҳод) ба Осиёи Марказӣ, ноҳияи мухтори Уйғуристони Чин ва Эрон алайҳи «куффор» ва «мушрикону динбаргаштагон» равона кардан [5,с.25].

Барои бомуваффақият анҷом додани ин ҳадафи стратегияшон Иттиҳоди мазкур барои “Толибон” одамони зарурии наздик ба руҳияву мақсадашонро ҷустуҷӯ ва тарбия доранд. Аз ҷумла: 1. Шахсон ва гурӯҳҳое, ки дастовардҳои муосири ҷаҳонро қабул надоранд. 2. Шахсон ва гурӯҳҳое, ки шииёнро мусулмон намеҳисобанд. 3. Шахсон ва гурӯҳҳое, ки сабки ҳаёти асрҳои миёнаро аҳкоми илоҳӣ мепиндоранд. 4. Шахсон ва гурӯҳҳое, ки фақат муқаррароту сарҳадоти диниро барои «уммат»-и худ қабул доранд, на сарҳадоту муқаррароти миллиро. 5. Шахсон ва гурӯҳҳое, ки барои инсон ҳеч арзише қоил нестанд ва «кофирон» ва «мушрику динбаргаштагон»-ро кушта, кори хайре барои онҳо мекунанд, зеро (ба ақидаи онҳо) аз содир кардани гуноҳи бештаре барояшон монеъ мешаванд.

Вусъати ин ақидаҳои хатарноки ифротӣ дар Осиёи Марказӣ тавассути фарзандони худи ин минтақа ҳадафи стратегии Иттиҳод мебошад ва албатта, онҳо ҳеҷ муносибате бо дини ислом надоранд. “Толибон”, ки акнун ба қудрат расидаанд, беш аз ним сол инҷониб аз пешина бештар вазифаи вусъати ифротгароӣ ва терроризм дар Осиёи Марказӣ ва қаламрави худ (яъне, собиқ Афғонистон)-ро бо ниҳояти бераҳмиву хунхорӣ анҷом ва «мусулмони нав» тарбия ва ташаккул дода истодаанд. Дар натиҷа садҳо ҳазор мардуми осоиштаро қурбон мекунанд, ки бо

«дин»-и онҳо мувофиқ нестанд. Иттиҳоди мазкур акнун аз пештара бештар маблағу неруи ҳангуфт сарф мекунад, то ин ки мағзшӯии мардуми минтақа, бахусус мардуми тоҷику ӯзбек, туркман, ҳазора ва дигар аҳолии таҳҷоии Афғонистон ва кишварҳои ҳамҷавори онро вусъат бахшад, таъриху фарҳанги онҳоро аз сафҳаи таърих пок созад. Барои ба ин ҳадафаш расидан мардумони минтақаи Осиёи Марказиро, алалхусус ҷавонони онро ба душманони дину фарҳанги миллияшон табдил дода истодаанд: мафҳуми миллати тоҷику ӯзбек, қазоқ, туркман, пушту ва ғ-ро аз байн бурда, «уммат»-и ягонаи «мусулмон»-е сохта истодаанд, ки манқурт асту террорист, ваҳшии бесавод асту хунхор [5,с.30].

Пешгирӣ аз интишори ифротгароии динӣ ва хатарҳои он дар сатҳи ҷаҳонӣ, роҳи пешгирии ин вабои муосир бидуни иттиҳоди давлатҳои қавӣ ва мубориза дастҷамъӣ хеле мушкил хоҳад буд. Ин гурӯҳҳои террористӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ зидди арзишҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ва ҳувияти миллии мардумони гуногунзабону гуногунфарҳанг ҷанг эълон кардаанд. Онҳо бо зудудани хотираи таърихии миллатҳо, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои диниву миллӣ, ки ин ҳувияти миллии мардумони ҷаҳонро пойдор медорад, мехоҳанд забону фарҳанг, ҳувият ва арзишҳои худро ҷойгузини онҳо кунанд. Масалан, ифротгароёни динӣ ё ғайри муқаллидину мазҳабзудоён «бо як таассуби бисёр ҳайратовар худро пайрави аршади аввалияи замони оғози зуҳури ислом бардурӯғ муаррифӣ намуда», хондану донистани осори фарҳангии бузургонамон: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Саноӣ, Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ, Иқбол ва ғ. ва арҷгузории ҷашнҳои миллиамон (Наврӯз, Сада, Меҳргон)-ро куфру бидъат эълон кардаанд. Ифротгароёни мазҳабӣ садақоту хайроти инфиродӣ ва дуои дастҷамъонаву зиёрати қубури волидону ниёгонро намепазиранд. Яъне, онҳо зидди фарҳанги миллӣ, ваҳдати мардум, зидди ҳар он чизе, ки боиси якпорчагии миллат мешавад, мубриза бурда истодаанд. Ваҳдати миллат ва якпорчагии кишвар ба онҳо имкон намедиҳад, ки ҳадафҳои ғаразноку хатарноки хоҷагони онҳоро – душманони фарҳангу тамаддуни моро дар ин минтақа амалӣ гардонанд. Ифротгароёни динӣ ва хоҷагони онҳо мехоҳанд ҳар як миллати «саркаш»-у мазҳаби онро аз дарун фосид гардонанд ва фарзандони миллати моро мағзшӯӣ карда, бар зидди худи мо равона созанд. Ҳамагон аз тариқи симо мушоҳида карда буданд, ки чӣ гуна як фарзанди нохалафи аъзои ДИИШ дар Сурия модари худро сар зада буд; модаре, ки барои ба хона баргардонидани фарзандаш омада буд. Яъне, ҷиноят ва хиёнати ифротгароёни зархариди мазҳабӣ ба ҳаддест, ки фарзандони моро ба душманони худи мо табдил додан мехоҳанд [6,с.228].

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид гуфтааст: «Мутаассифона, дар кишварамон баъзе равияҳои тундрави бунёдгароёна (салафия ва таҳририя) пайдо шуда истодаанд, ки мехоҳанд ба мардум исломро ҷудо аз арзишҳои миллӣ маънидод намоянд. Мо ифтихори хосса дорем, ки бунёдгузори бузургтарин ва бонуфузтарин мазҳаб дар дини мубини ислом, фарзанди арҷманди халқи тоҷик Имом Абуҳанифа – Нуъмон ибни Собит маъруф ба Имоми Аъзам мебошад. Низоми ҷаҳонбинии мо асосан дунявӣ мебошад, вале арзишҳои исломӣ дар он мақоми муҳим доранд, садсолаҳо ин арзишҳоро ҳифз ва пурғановат кардааст. Бинобар ин, арзишҳои исломӣ ҷузъи муҳим ва ҷудонопазири фарҳангу зиндагии мо гардидаанд. Барои эҷоду густариши арзишҳои исломӣ ниёгони халқи форс-тоҷик ҷойгоҳи баландеро касб кардаанд» [7].

Арзишҳои дини ислом ва таълимоти Абуҳанифа дар тули таърих арзишҳои миллӣ ва ёдгориҳои таърихии халқи тоҷикро аз газанди рӯзгор ва таҳоҷуми душманони бодиянишин ҳифозат намудаанд. Мухолифони арзишҳо ва андешаҳои мазҳабӣ ва миллии мо то ҷое кӯшидаанд, ки пайкараи афкору андеша ва чеҳраи дурӯғини хешро бо ҷомаву дастори шаръӣ ва номҳои зебо ва ширини исломӣ, ба монанди: «яктопарастон», «харидорони биҳишт», «муҳаддисин», «махдалия», «салафия», «қуръония», «ғайримуқаллидин» ва «бемазҳабон» муаррифӣ намоянд, то

бошад ки ҳадаф ва андешаи ботили онҳо ғофил бимонанд ва мардуми бехабар аз макрашон, ин тоифаро ғамхор ва ҳомии дину мазҳаби худ пиндоранд. Андешаҳои вайронгари онҳо аксари вақт тавре матраҳ мегарданд, ки ҷавонони бехабар аз макри онҳо зери таъсири шиор ва даъватҳои онҳо қарор мегиранд ва ҷавонони ноогоҳ ҳимоят аз ҳаракатҳои сиёсӣ ва аҳдофи ғаразноки мухолифини фарҳангу тамаддуни миллӣ хоҳанд кард [4,с.57].

Ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ дар шароити ҷаҳоншавӣ вазифаи ҳар фарди фарзонаи миллати тоҷик аст. Ғояҳои низову фитнаандозиҳо ва тундгароию такфиргароии ифротгароёни мазҳабӣ падидаи номатлуб ва тарҳрезигаштаи душманони фарҳанг ва тамаддуни мардуми Шарқ ва дини ислом буда, ҳеҷ иртиботе ба фарҳанг ва тамаддуни исломӣ ва миллати форс-тоҷик надоранд. Аз ин рӯ, шинохти чеҳраҳои динситезу мазҳабгурез ва андешаҳои осебпазири гурӯҳҳои ифротгарою иртиҷоии динӣ барои ҷавонони тоҷик дастовези хуби илмӣ ба ҳисоб меравад. Чуноне ки зикр гардид, дар шароити ҷаҳонишавии имрӯза, яке аз таҳдидҳои асосии амнияти маънавии ҷомеаи тоҷик фаъолияти ҳаракату созмонҳои ифротгарову террористӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳаракату созмонҳо баҳри амалӣ намудани мақсадҳои худ аз воситаҳои мухталиф истифода намуда, пеш аз ҳама, ба амнияти ҷомеа, бахусус ба шуури ҷамъиятӣ таъсири бад мерасонанд ва амнияти маънавии ҷомеаро халалдор мекунанд. Барои гузаронидани чораҳои пешгирикунанда ва бартараф намудани ифротгароӣ ва терроризм зарур аст, ки нозукиҳои ин падидаҳои мураккаб ошкор карда шавад, зеро дар ҳар як амали ифротгароиву террористӣ мушкилии ҷаҳонӣ пинҳон аст, ки таҳлилу диққати махсусро талаб менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки воситаи боэътимоди пешгирӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанг дар ҷомеа, махсусан, дар байни ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки ифротгароӣ аз сатҳи рушди фарҳанги маънавии ҷомеа ва шиддатнокии равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ вобаста аст. Дар ҳолати баланд будани сатҳи фарҳанги маънавӣ ифротгароӣ ва терроризм на бо амалҳои мақомоти махсуси ҳифзи ҳуқуқи давлатӣ, балки бо тарғибу омӯзиши арзишҳои баланди фарҳангӣ пешгирӣ карда мешаванд. Лекин дар ҳолати адами арзишҳои баланди фарҳангию ахлоқӣ ва сатҳи пасти рушди фарҳанги маънавӣ, суст будани фаъолияти сохторҳо ва ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеа, мардум, бахусус ҷавонон ба бетартибиҳову низоъҳои иҷтимоӣ даст зада, кӯшиш мекунанд, ки зиддиятҳои иҷтимоиро босуръат бо роҳи тундгароӣ куллан бартараф намоянд. Дар натиҷа амалҳои тундгароӣ ба амнияти милливу ҷамъиятӣ ва маънавӣ таҳдид мекунанд ва хатари зуҳури ҷангҳои шаҳрвандӣ ва байналмилалӣ ба миён меояд.

Хулоса, омӯзиш ва баррасии масъалаҳои мухталифи таъмини амнияти фарҳангию маънавии ҷомеа, таъсири фаъолияти созмонҳо ва ташкилотҳои ифротгароиву террористӣ ба амнияти маънавии ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Сатҳи баланди рушди маънавии ҷомеа метавонад воситаи асосии маҳдуд намудани фаъолияти созмону ҳаракатҳои ифротгароиву террористӣ дар шароити муосир гардад.

**Муқарриз:Худойдодзода Ф. – д.и.ф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдулатипов Р.Г. Судьбы ислама в истории России: история и перспективы / Р.Г. Абдулатипов. -М., 2002.
2. Абдель Карим Хадиджа. Религиозное и идеологические течение в исламе в средние века: дисс. док. истор. наук / Абдель Карим Хадиджа. -СПб, 2005.
3. Ахмедов, С. Конфликты в Таджикистане: причины и последствия. [Электронный ресурс]. URL: http://poli.vub.ac.be /publi/etni-1/akhmedov.htm (дата обращения 20.09.2020).
4. Маҳмадизода Нозим Давлатмурод. Омилҳои иҷтимоии экстремизми динӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон / Маҳмадизода Нозим Давлатмурод. -Душанбе, 2020.
5. Мужда Ваҳид. Панҷ соли ҳукумати “Толибон” / Мужда Ваҳид. -Теҳрон, 2018.

6. Муҳаққиқ Абдулло. Салафия: нигоҳи муосири илмӣ-сиёсӣ ё радди афкор ва аҳдофи ғаразноки Албонӣ / Муҳаққиқ Абдулло. -Душанбе, 2011.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2017.
8. Рязанов Д.С. Религиозный экстремизм, религиозно-политический экстремизм и религиозный фундаментализм: общее, особенное, единичное / Д.С. Рязанов // Известия Иркутского государственного университета. Серия политологии религиоведения. - 2014. -Т. 7.
9. Раджабов Ш.А. Социально-политические проблемы безопасности в современных условиях: опыт Таджикистана: дисс. канд. полит. наук / Ш.А. Раджабов. -Душанбе, 2007. -152 с.
10. Самыгин С.И. Социальная безопасность / С.И. Самыгин. -М., 2012. -359 с.
11. Смольков В.Г. Проблема формирования гражданского общества / В.Г. Смольков // Социально-политические науки. - 1991. -№4. -С.28-40.
12. Шарипов А.К. Радикализм и экстремизм как основа терроризма / А.К. Шарипов. -Душанбе, 2011.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам (р) / Эмомалӣ Раҳмон. -Душанбе, 2009. -С. 7.

## ШАКЛГИРИИ ГУРӮҲҲОИ ИФРОТГАРОИ ДИНӢ ВА ТАҲДИДИ ОНҲО БА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои зуҳури ифротгароӣ, заминаҳои пайдоиш ва омилҳои иҷтимоиву маънавии он, ҳамчунин таъсири он ба таназзули фарҳангҳо, махсусан фарҳанги миллии мо – тоҷикон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Пас аз оне, ки гурӯҳҳои хурди ифротгароёни динӣ дар аксар минтақаҳои ҷаҳон бо ҳадафҳои бунёди ҷомеа ва давлатҳои динӣ овоз баланд намуданд, тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ барои мубориза бо онҳо ва ҳифзи манфиатҳои миллии худ чораҷӯӣ менамуданд. Ин буд, ки аз рӯзҳои аввали соҳиб шудан ба Истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон барои мубориза бо ин гурӯҳҳо санадҳои муайяни ҳуқуқӣ қабул намуд. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур роҳҳои пешгирӣ намудани таъсири гурӯҳҳои ифротии динӣ ба фарҳанги миллӣ нишон дода шуда, ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи шуурнокии мардум, тарғиби анъанаҳои миллӣ ва фарҳанги миллӣ асоснок карда шудааст. Маҳз ҳамин ҳадафҳои нопоки гурӯҳҳои ифротгарои динӣ, ки ба нобудшавии фарҳанги миллатҳо оварда мерасонад, боиси муборизаи шадид бо ин гуна афрод мегардад. Дар маҷмуъ, дар мақола бо такя ба таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ҷанбаҳои таъсиррасонии ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ нишон дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** ифротгароии динӣ, терроризм, фарҳанги миллӣ, арзишҳои миллӣ, мазҳаби ҳанафия, эҳёи фарҳанги миллӣ, ҷаҳонишавӣ, таҳдиду хатар.

## ФОРМИРОВАНИЕ РЕЛИГИОЗНЫХ ЭКСТРЕМИСТСКИХ ГРУПП И ИХ УГРОЗА НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЕ

В данной статье исследуются особенности проявления экстремизма, предпосылки его возникновения и социально-духовные факторы, а также его влияние на деградацию культур, особенно нашей национальной культуры-таджиков. После того как небольшие группы религиозных экстремистов в большинстве регионов мира проголосовали за цели построения общества и религиозных государств, все мировое сообщество восстало и приняло меры по борьбе с ними и защите своих национальных интересов. Это было связано с тем, что с первых дней обретения государственной независимости Таджикистан принял для борьбы с подобными группами определенные правовые акты. Также в данной статье показаны способы предотвращения влияния экстремистских религиозных групп на национальную культуру и обоснованы правовые нормы, повышение уровня сознания народа, пропаганда национальных традиций и национальной культуры. Именно гнусные цели религиозных экстремистских групп, которые приводят к разрушению культуры наций, приводят к ожесточенной борьбе с такими людьми. В целом, в статье, опираясь на научные исследования отечественных и зарубежных исследователей, показаны аспекты влияния религиозного экстремизма на национальную культуру.

**Ключевые слова:** религиозный экстремизм, терроризм, национальная культура, национальные ценности, ханафизм, возрождение национальной культуры, глобализация, угрозы и опасности.

## FORMATION OF RELIGIOUS EXTREMIST GROUPS AND THEIR THREAT TO NATIONAL CULTURE

This article examines the features of extremism, the prerequisites for its emergence and socio-spiritual factors, as well as its impact on the degradation of cultures, especially our national culture-the Tajiks. After small groups of religious extremists in most regions of the world voted for the goals of building a society and religious states, the entire world community stood on its belly and took measures to combat them and protect its national interests. This was due to the fact that from the first days of gaining state independence, Tajikistan adopted certain legal acts to combat such groups. Also, this article shows ways to prevent the influence of extremist religious groups on national culture and substantiates legal norms, raising the level of consciousness of the people, propaganda of national traditions and national culture. It is these nefarious goals of religious extremist groups that lead to the destruction of the culture of nations, lead to a fierce struggle with such people. In general, the article, based on the

scientific research of domestic and foreign researchers, shows the aspects of the influence of religious extremism on national culture.

**Keywords:** religious extremism, terrorism, national culture, national values, Hanafism, revival of national culture, globalization, threats and dangers.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи онтология ва назарияи маърифат. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **902-08-09-87**

**Сведения об авторе:** ***Давлатзода Ахмад Ширинхуджа*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры онтологии и теории познания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **902-08-09-87**

**Information about the author:** ***Davlatzoda Ahmad Shirinhuja*** – Tajik National University, Ph.D student of the Department of Ontology and Theory of Cognition. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 902-08-09-87**

УДК:14.141.8

# СИЁСАТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАСЪАЛАИ ОЗОДИЮ БАРОБАРҲУҚУҚИИ ЗАН

*Сафарова Б.Қ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҷрибаи таърихӣ борҳо собит сохтааст, ки раванди бунёди давлату давлатдорӣ хеле мураккабу мушкил ва дар айни ҳол пуртазод буда, аз марҳилаҳои гуногуни таҳаввулу ишкишоф иборат мебошад. Ҳар як зинаи инкишофи он хусусиятҳои хосси худро дорад ва мавҷудияти минбаъдаи миллату давлатҳо аз таҳаввулоти ин марҳилаҳо вобаста аст. Дар ин раванд миллату халқиятҳои зиёд барои бунёди давлати миллӣ ва устувор гардидани пояҳои он талош варзида, аз имконияти таърихие, ки баҳри пойдории онҳо фароҳам омада буд, мақсаднок истифода бурда, ба ҳадафҳои миллии худ расида тавонистанд. Вале дар ин миён мушоҳида мешавад, ки миллату давлатҳои зиёде дар баробари таҳаввулоту тазодҳои равандҳои иҷтимоӣ дар ҳифзи ҳастии миллӣ ва устувории пояҳои давлатдории худ оҷиз мондаанд. Танҳо ҳамон миллату давлат дар равандҳои пуртазоди таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҳастии худро нигоҳ дошта, устувории пояҳои далатдории худро таъмин намуда метавонад, ки агар аз таҷрибаи таърихӣ ибрат гирифта, дар бунёди давлати миллӣ ва устувор гардонидани пояҳои давлатдории хеш неруи тамоми қишрҳои иҷтимоию демографиро ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии мамлакат ҷалб намояд.

Аз тарафи дигар, пешрафти илму технологияи муосир, тағйирот дар низомҳои идоракунии муосир ва ворид шудани муносибатҳои нав ба ҳаёти иҷтимоии ҷомеа тақозо менамояд, ки пеш аз ҳама, дар бунёди давлати миллӣ бояд на ба ҷинсият, балки ба тафаккури созанда, ақлу идрок, малакаи касбӣ, ҳисси баланди ватандорию худшиносӣ ва таҷриба афзалият дода шавад. Зеро бунёди давлати мустақили миллӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва устувор гардонидани пояҳои давлатдорӣ дар марҳилаи кунунии тақвияти равандҳои ҷаҳонишавӣ кори саҳл нест.

Ҳамаи инро дарк карда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар эъмори давлати миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, устувор гардонидани пояҳои давлатдорӣ ва бунёдкорию созандагӣ аз неруи созандаи тамоми табақаҳои иҷтимоӣ, махсусан неруи занон васеъ истифода мекунад. Зеро дар марҳилаи таҳкими заминаҳои давлатдории миллӣ истифодабарии самараноки неруи созандаи занон яке аз омилҳои муҳимми таъмини рушди иқтисодию иҷтимоӣ, суботи сиёсӣ ва болоравии сатҳи худшиносию худогоҳии мардум хоҳад гашт.

Сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи озодию баробарҳуқуқии зану мард, истифодаи неруи зеҳнии онҳо дар бунёди давлати миллӣ аз нахустин рӯзҳои соҳибистиқлолӣ мушаххас гардида, ба намояндагони ҳарду ҷинс имконияти озодонаи инкишоф додани қобилияту тавоноиро ба вуҷуд оварда, маҳорату малакаҳояшонро дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат истифода мебарад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан ба қувваи созандаи зани тоҷик эътимоди комил доштанд ва бо ташаббуси шахсии худ тавассути қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кӯшиш намуданд, ки баҳри ҷалби ҳарчи бештари занон ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа фазои мусоидро фароҳам оваранд. Заминаҳои давлатии дастгирии занон, пеш аз ҳама, дар татбиқи сиёсати давлат баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои занон ва мардон, инчунин таъмини имкониятҳои баробари онҳо таҷассуми худро ёфта, мавқеи роҳбарияти сиёсии мамлакатро дар ин самт нишон медиҳад [15,с.34].

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин масъала чунин омадааст: "Мо минбаъд низ мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгирӣ менамоем. Мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии занон ҳамчун неруи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем. Баробари ин, медонем, ки зан модар аст, яъне ягона мавҷудест, ки инсонро ба дунё меорад ва ба ӯ ҳаёт мебахшад. Ба ин хотир, мо масъул ҳастем, ки ба ин мавҷуди офарандаи инсоният арҷ гузорем, ранҷу машаққат ва заҳмату хизматҳои ӯро қадр намоем" [11].

Аз ибтидои соҳибистиқлолӣ масъалаи беҳбудии шароити кору зиндагии занон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва хусусиятҳои фарҳангиву суннатӣ шакли муайяни сиёсати беҳбуд бахшидани вазъи иҷтимоии занонро ба миён гузошт. Бояд қайд намуд, ки дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳоро бо ниҳоди "СММ-Занон" (UN Women) ба роҳ монда, дар ин самт тадбирҳои гуногун дар самти ҳалли масъалаҳои гендерӣ андешида шуд. "СММ-Занон" барномаи муштараки СММ оид ба баробарии гендерӣ ва тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои занҳо мебошад, ки бо мақсади тезонидани раванди таъмини талабу ниёзҳои занону духтарон дар саросари ҷаҳон таъсис дода шудааст.

Намояндагии "СММ-Занон" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати роҳандозии фаъолияти гурӯҳҳои кории ноҳиявӣ, додани маслиҳатҳои ройгони ҳуқуқӣ барои занон, аз ҷумла дар масъалаи ҳуқуқ ба замин ва амволи давлатӣ барои солҳои 2016-2020 фаъолият бурдааст. Бо мувофиқаи пурраи мавқеъ дар робита ба афзалиятҳои миллии давлат дар соҳаи рушд барои солҳои 2016-2020 сохтори "СММ-Занон" ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи уҳдадориҳо дар соҳаи баробарии гендерӣ тавассути татбиқи ташаббусҳо дар самти васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои иқтисодӣ, бартараф кардани зӯроварӣ нисбати занон, сулҳ, бехатарӣ ва омилҳои гендерӣ дар фаъолияти гуманитарӣ кумак расонидааст [16].

Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати гендерии худро дар асоси санадҳои байналмилалӣ ба роҳ монда, тамоми уҳдадориҳои байналмилалии худро дар масъалаи таъмини баробарҳуқуқии занону мардон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои занон дар асоси чунин санадҳои байналмилалӣ: Эъломияи ҳуқуқи башар (1997), Эъломияи Пекин ва Барномаи амали он (1993), Конвенсияҳои СММ «Дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои таъбиз нисбати занон» (1993), Протоколи иловагии он (2014), «Дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии занон» (2003), Аҳднома оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (2003), «Дар бораи ҳуқуқуқи кӯдак» (1993), Қатъномаҳои Шурои бехатарии СММ оид ба ҳуқуқҳои занон, Нақшаи миллии амал оид ба татбиқи тавсияҳои СММ оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон (соли 2014), Нақшаи миллии амал Қатъномаҳои 1325 ва 2122-и Шурои амнияти СММ (соли 2014, Тоҷикистон соли 2014 аъзои Комиссияи СММ оид ба мақоми зан гардид) ва ғайраҳо ба тавсиб расонда, амалӣ менамояд.

Илова бар ин, дар ҷумҳурӣ якчанд тадбирҳои давлатӣ ва барномаю стратегияҳои давлатӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои занон қабул ва амалӣ гардиданд. Таҳия ва амалисозии маҷмуи тадбирҳои давлатӣ дар самти ҳимояи хуқуқҳои занон дар соҳаҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ, инчунин қабулу амалисозии стратегияхои миллӣ ва барномаҳои рушд бо назардошти манфиат ва ҳуқуқҳои занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба тариқи зайл нишон дод;

➢ Нақшаи миллии тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба баланд бардоштани нақшу мақоми занон барои солҳои 1998-2005”;

➢ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 1999 “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа”;

➢ Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.08.2001, №391), боби иловагӣ ба Барномаи мазкур «Дастрасии занони деҳот ба замин», с. 2004;

➢ Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006);

➢ Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015;

➢ Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.05.2010, №269) ва Накшаи амали он (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №548 аз 29-уми августи соли 2015);

➢ Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №801, аз 30.12.2015);

➢ Стратегияи дарозмуддати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015;

➢ Стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009, барои солҳои 2010-2012, ки ба онҳо бобҳои алоҳидаи “Таъмини рушди гендерӣ” ворид карда шуд;

➢ Стратегияи рушди Тоҷикистон барои то соли 2030 (масъалаи гендерӣ дар рушди тамоми соҳаҳо ба инобат гирифта шудааст).

Ҳамаи ин тадбирҳои давлатӣ ва барномаю стратегияҳои давлатӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои занон нақши муҳим гузошта, аз тарафи дигар онҳо барои татбиқ гардидани сиёсати гендерии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намудаанд. Илова бар ин, дар замони соҳибистиқлолӣ якчанд қарору қонунҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва амалӣ гардиданд, ки дар сиёсати гендерии Ҷумҳурӣ ин қарору қонунҳои ҳамчун асоси қонунӣ истифода мешаванд ва далели қатъӣ аз пуштибони ҳуқуқу озодиҳои занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Аз ҷумла: Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ аз (22.08.97, №383)”, “Дар бораи Барномаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Танзими оила ва ҳуқуқ” аз (02.12.1999, №483)”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” ва даҳҳо дигар фармоишу қарорҳо, ки ба беҳдошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангию маънавии оилаҳо, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, иштироки фаъоли онҳо дар идоракунии давлат, тайёр намудани кадрҳои болаёқату донишманд аз ҳисоби духтарон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон ва беҳгардонии вазъи сиҳатии модару кӯдак равона карда шудаанд, замина гузошт [9,с.45].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маърузаи худ бахшида ба “Иди Модарон” чунин иброз доштанд: “Ҳадафи мо аз қабули ин санадҳо, пеш аз ҳама, арҷгузорӣ ба ҳуқуқу озодиҳои занон, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, тавсеаи нақши онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии мамлакат, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти занону бонувон мебошад” [13].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки “Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд, давлат ба ҳар қас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс,

забон, эътиқодҳои динӣ мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад” [6]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарҳуқуқии мардон ва занонро бевосита эълон медорад.

Аз якуми марти соли 2005 Маҷлиси Олӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»-ро қабул намуд, ки он аз 23 модда иборат аст. Аҳамияти қабули ин қонун аз он иборат аст, ки таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии занону мардонро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ танзим намуда, барои аз байн бурдани табъиз аз рӯйи ҷинсият равона карда шудааст ва имкониятҳои баробарро барои занону мардон кафолат медиҳад [14,с.69].

Дар моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имконятҳои баробари амалигардонии онҳо» мафҳуми “баробарии гендерӣ” чунин тавсиф шудааст: «Баробарии гендерӣ-баробарии вазъи ҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо ба ҳарду озодона инкишоф додани қобилияти тавоноӣ, маҳорат ва малакаашонро барои иштирок дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва азхудкунии натиҷаи он имконият медиҳад». Дар моддаи 3-юуми ин Қонун омадааст: «Вайронкунии принсипе, ки ба баробарии гендерӣ асос ёфтааст (гузаронидани сиёсати давлатӣ ё содир кардани амалиёти дигаре, ки мардону занонро аз рӯйи ҷинс дар мавқеи нобаробар қарор медиҳад), поймолкунии ҳуқуқ шуморида мешавад ва бояд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур бартараф карда шавад» [7,с.3]. Иштироки баробари мардону занон дар идоракунии давлатӣ муҳимтарин нуктаи Қонуни мазкур аст. Масалан, дар моддаи 5-уми Қонун мехонем: «Давлат иштироки баробари мардону занонро дар идоракунии давлатӣ кафолат медиҳад. Давлат баробарии мардону занонро дар шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ бо тарзу воситаҳои ҳуқуқӣ, ташкил ва ғайра таъмин менамояд» [7,с.4].

Бо Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, (№ 37, аз моҳи марти соли 1991) Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ин яке аз дастовардҳои даврони соҳибхтиёрии Тоҷикистон буда, дар байни давлатҳои мушаракулманофеъ таҷрибаи аввалин буд. Ҳадаф аз таъсиси Кумита дар лаҳзаҳои вазнинтарини давлатдорӣ, ки ҷумҳурӣ ба кумаку дастгирии ҳар як сокини худ ниёз дошт, пеш аз ҳама, муттаҳид намудани занон, иштирок дар мураттаб сохтан ва амалӣ намудани барномаҳои рушди иқтисодӣ – иҷтимоӣ, беҳдошти вазъи занон, ҳифзи оила ва модару кӯдак, муайян намудани стратегияи илман асосноки рушди оила ва сиёсати демографӣ, беҳтар намудани шароити корӣ дар истеҳсолот ва ҳаёти ҷамъиятӣ, ташкили маишату истироҳати занон иборат буд. Ҳамчунин, масъалаҳои ҳаётан зарурӣ, аз қабили масъулияти оиладориву тарбияи фарзандон, ҳимояи ҳуқуқи онҳо дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, дастгирии онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷорат, таълими касбӣ, хизматрасонии тиббӣ ба занону кӯдакон, мубориза занон баҳри сулҳу осоиштагӣ дар кишвар ва бисёр дигар масъалаҳое буданд, ки ба дӯши Кумита вогузор шуда буданд.

Таъсиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2008) аз ҷумлаи ниҳодҳои асосии амаликунандаи сиёсати гендерӣ дар Ҷумҳурӣ маҳсуб меёбанд.

Дар замони муосир, махсусан, дар марҳилаи навин, ки самаранок истифода бурдани неруи зеҳнӣ дар бунёди ҷомеаи мутамаддин аҳамияти аввалиндараҷаро касб мекунад, неруи зеҳнии занону бонувонро сарфи назар кардан ғайриимкон аст. Ин аст, ки сиёсати гендерии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан баҳри он равона шудааст, ки аз ин неруи созанда дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода шавад. Аз ин ҷост, ки дар сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкати фаъолонаи занонро дар ҳама соҳаҳо мушоҳида карда метавонем. Хусусан, саҳми занон дар бахшҳои илму маориф, фарҳангу тандурустӣ, соҳаи ҳарбӣ ва дигар самтҳои ҳаёти иҷтимоию

иқтисодии мамлакат афзун мегардад. Ҳамзамон, ҷиҳати баланд бардоштани ҳуқуқ ва озодиҳои занону модарон, ҷалби васеи онҳо ба раванди татбиқи сиёсати давлатӣ, интихобу тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувон рӯз аз рӯз такмил ёфта, равиши тоза гирифта истодааст. Имрӯз занони тоҷик олиму омӯзгор, табибу сиёсатмадор, ҳунарманду варзишгар, рӯзноманигору ихтироъкор ва қариб дар ҳама касбу кор пешқадаму саҳмгузоранд. Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар чунин иброз намуданд: "Аз 1-уми январи соли 2021 аз шумораи умумии 19210 нафар хизматчиёни давлатӣ 4485 нафар ё 23,4%-ро занон ташкил медиҳанд. Саҳми занон дар соҳаи маориф 73% ва тандурустиву ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қариб 68%-ро ташкил медиҳад" [10].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти занон дар соҳаи маориф ва тандурустӣ нисбат ба дигар соҳаҳо бештар ба назар мерасад. Ин ҳолат аз пуштибонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз занону бонувон дар ин самтҳо гувоҳӣ медиҳад. Фармонҳои Президенти мамлакат ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти дастгирии занону бонувон, чораҷӯиҳои муайян ва таъсиси марказҳои гуногун, ки дар даврони истиқлолият рӯйи кор омаданд, барои беҳбуд бахшидани фаъолияти ин қишри ҷомеа дар самтҳои зикргардида мусоидат карда тавонистанд. Масалан, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ба низом даровардани қабули духтарон ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи квотаи Президентӣ барои солҳои 2001-2005" (аз 19 апрели соли 2001, №199), "Дар бораи қоидаҳои қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (аз 03–уми апрели соли 2006, №137), ташхиси гендерии китобҳои дарсӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси Маркази педадагогикаи гендерӣ дар назди Академияи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси муассисаи давлатии "Маркази таълимии "Чароғи ҳидоят", таъсиси хобгоҳ барои духтарони "Сарвар", таъсиси стипендияҳои президентӣ, ташкили намояндагии Кумитаи кор бо занон ва оила дар тамони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, "Консепсияи сиёсати давлатии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2015", нақшаи чорабиниҳои миллӣ оид ба таъмини модарии бехавф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2014, нақшаи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимии репродуктивии аҳолӣ барои то соли 2014, нақшаҳои миллӣ оид ба таъмини ҳифзи саломатии модарон, солимии модару кӯдак, солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ, пешгирии камухунӣ ва бемориҳои камйодӣ, пешгирии бемориҳои вирусӣ ва тариқи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва ғайра, аз ҷумлаи тадбирҳои муҳим дар ин самтҳо мебошанд, ки ба рушди фаъолияти занону бонувон дар самтҳои маорифу тандурустӣ мусоидат намуданд.

Ҳамаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии номбаршуда заминаи қонунгуории баробарҳуқуқии занону мардонро дар ҷумҳуриямон таъмин менамоянд. Ҳатто барои амалӣ сохтани сиёсати беҳтар намудани вазъи иҷтимоии занон мақомотҳои давлатӣ, мисли Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи Маҷлиси Олӣ оид ба корҳои занон, ҳифзи саломатӣ, ҳимояи иҷтимоӣ ва муҳити зист, кумитаҳо (комиссияҳо) дар мақомотҳои ҳокимияти намояндагии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, вазорат ва муассисаҳои бахши иҷтимоӣ (тандурӯстӣ, ҳифзи иҷтимоӣ) ва ғ. кор карда истодаанд.

Яке аз мушкилиҳои асосӣ дар замони муосир, хушунат нисбат ба занон, махсусан хушунати оилавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷаҳони муосир хушунат нисбат ба занон падидаи паҳнгашта буда, бартараф кардани он яке аз вазиҳаҳои асосии ҳар як давлату ҳукумат маҳсуб меёбад. Ин падида решаи қадима дошта, аз тафаккури мардумони замонҳои дури таърихӣ маншаъ мегирад. Одамони қадим чунин ақида

доштанд, ки мардон дар тафаккур аз занон бартарӣ доранд, аммо занҳо ҳамчун сарчашмаи эҳсосот ба тафаккури мардон танҳо маънӣ мебахшанд. Шояд, ҳамин нуктаи назари ниёгон, сарварони қавму қабилаҳо ва давлатҳои қадимро ба андешае овард, ки занҳо ба ғайр аз тавлиди насл дигар ба ҳеҷ чиз қодир нестанд ва ҷойи онҳоро дар кулба назди оташдон – «сари дегу табақ» муайян намуда, вазифаашонро – рӯзғордорӣ ва тавлиди наслу нигоҳубини он таъин кардаанд [5,с.67].

Хушунат ё зуроварӣ нисбат ба занону бонувон асосан дар оилаҳое, ки навбунёданд ва сатҳи пасти ҷаҳонбинии илмӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқиро доро мебошанд, ба назар мерасад. Занон бо сабаби аз ҷиҳати иқтисодӣ вобаста ба мард будан, надоштани сарпаноҳ, анъанаҳо ва қолибҳои гендерӣ дар мавриди дучори ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ қарор гирифтан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд ва онҳо барои бесаробон намондан ба ҳам гуна ин зӯровариҳои хонаводагӣ таҳаммул менамоянд.

Ин ҷо зарур аст, ки барои равшан гардидани масъала, худи мафҳуми зӯровариро баррасӣ намоем. Зӯроварӣ дар оила маънои рафтори бераҳмонаи як нафар нисбати дигар нафаре, ки бо ӯ дар муносибати наздик қарор дорад, дар назар дорад. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва умуман, дар адабиёти ҳуқуқӣ шаклҳои зерини амалҳои зӯровариро ҷудо мекунанд:

- зӯроварии ҷисмонӣ;
- зӯроварии психикӣ (эҳсосӣ);
- зӯроварии шаҳвонӣ [1,с.39].

Зӯроварӣ дар оила – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусиятҳои ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад.

Дар адабиёти муътабари илмӣ дар баробари зикр гардидани шаклҳои зӯроварии номбурда, инчунин зӯроварии иқтисодӣ дар оиларо ёдоварӣ намудаанд, ки дар замони муосир чунин шакли зӯроварӣ дар аксари кишварҳои олам махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле падидаи паҳнгашта мебошад. Бо назардошти ин вазъ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" (аз 19 марти соли 2013, № 954)-ро қабул намуд, ки дар Қонуни мазкур зӯроварии иқтисодиро чунин маънидод мекунад: "Зӯроварии иқтисодӣ дар оила - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила вобаста ба маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, руҳӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад" [8].

Дар асрҳои XIX- XX дар кишварҳои Англия ва ИМА зӯроварӣ дар оила зуҳуроти меъёрӣ дониста шуда, дар баъзе маврид қонунгузории кишварҳои алоҳида истифода бурдани онро иҷозат дода буд. Масалан, дар Англия дар ибтидои асри XX мард ҳуқуқ дошт, ки ҳамсари шаттоҳашро дар хона лату кӯб кунад, ба шарте ки калтак барои латту кӯб аз ангушти калониаш ғафс набошад. Дар Амрико (асри XIX) дар ҳолатҳои қатъиян зарур ҳангоми ҷазодиҳии ҷисмонии ҳамсар мард расман аз ҷавобгарӣ озод карда мешуд. Танҳо дар солҳои 70-80-уми асри XIX дар Ғарб пас аз паҳн гардидани ғояи баробарҳуқуқии занону мардон дар никоҳу кор, масъалаи зӯроварӣ дар оила низ ҳамчун зуҳуроти манфӣ дониста шуд [4].

Мутаассифона, дар кишвари мо низ новобаста аз талошҳои зиёди давлату ҳукумат дар самти мубориза бо ин падидаи номатлуб, ҳанӯз ҳолатҳои зиёди ин

зуҳуроти манфӣ мушоҳида мешаванд. Мувофиқи маълумоти оморӣ, бештар шудани қатъ гардидани ақди никоҳ тайи солҳои охир дар Тоҷикистон гувоҳи ин гуфтаҳост. Дар бисёр оилаҳои вайроншуда кӯдакони ноболиғ тарбия меёбанд. Бояд қайд кард, ки мактаб низ дар баробари ин гуна оилаҳо ба муаммою душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ гаштааст. Мушоҳида ва омӯзишҳои педагогию психологии солҳои охир нишон медиҳад, ки бо вуҷуди дар даврони истиқлолият дар бунёди оилаи устувори тоҷик ба муваффақиятҳо ноил шуданамон, инчунин мушкилот ва муаммоҳои мувофиқ ба замони нав ба вуҷуд омадаанд, ки ба раванди таълиму тарбияи фарзандон таъсири манфӣ мерасонанд. Дар ҳамин давраи тақдирсоз то андозае эҳсоси масъулияти волидайн дар мавриди таълиму тарбияи фарзандон мувофиқи мақсад набуд. Аз ин лиҳоз, ин масъала дар сатҳи давлатӣ муҳокима гардид ва дувуми августи соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ба тавсиб расид.

Илова бар ин, дар замони соҳибистиқлолӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёде дар самти пешгирии зӯроварӣ нисбати занон андешида шудааст, ки моҳияти онҳо дар қонуну қарор, барномаю стратегияҳои давлатӣ, ташкили курси махсуси омӯзишии “Зӯроварӣ дар оила”, ташкили марказҳои иттилоотию машваратӣ, таъсиси хонаҳои кумакрасонӣ, таҳия ва чопи маводи иттилоотии таксимотӣ ва ғайра ифода ёфтаанд, ки муҳимтарини онҳоро метавон ба тариқи зайл нишон дод:

- Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” аз 19 марти соли 2013, №954.
- Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023 ва Нақшаи амали он (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 майи соли 2014, таҳти №229).
- Барномаи таълим ва тарбияи хуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016” ва Нақшаи чорабиниҳои Барнома барои солҳои 2016-2017.
- Нозирони минтақавӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар раёсатҳои корҳои дохилии шаҳри Душанбе, вилоятҳои Хатлон ва Суғд ва таъсиси 5 воҳиди кории иловагии нозирони минтақавӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ.
- Курси махсуси омӯзишии “Зӯроварӣ дар оила” дар Академияи милитсияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фанни таълимии “Пешгирии зӯроварӣ дар оила”.
- Таъсиси хонаҳои кумакрасонӣ барои қурбониёни зӯроварӣ дар назди 8 шуъбаи беморхонаҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Ташкили тренинги махсуси омӯзишии Шурои адлия барои судяҳо.
- Омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои дигар оид ба масъалаи пешгирии зӯроварӣ нисбати занон аз ҷониби Суди Олӣ.
- Таъсиси 110 маркази иттилоотию машваратӣ дар назди шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ.
- Фаъолияти Маркази бухронии “Боварӣ”- и назди Кумитаи кор бо занон ва оила, телефони “Боварӣ”.
- Фаъолияти 33 маркази буҳронӣ ва 3 паноҳгоҳи муваққатӣ дар назди мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятию байналмилалӣ.
- Фаъолияти Хадамоти дастгирии духтарон барои духтарони ҷабрдида аз зӯроварӣ ва хариду фурӯш.
- Дар назди Кумита гурӯҳи кории байниидоравӣ аз ҳисоби вазорату идораҳои дахлдор ва ташкилоти ҷамъиятӣ оид ба иҷрои Барномаи давлатӣ таъсис дода шуд.

➢ Омӯзиши Қонун «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

➢ Курсҳои омӯзишии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президент оид ба масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ нисбати занон дар корхона, оила ва ҷомеа.

➢ Омӯзиши курси махсуси «Мушкилиҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдак ва зан дар доираи ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

➢ Таҳия ва чопи маводи иттилоотии тақсимотӣ, таҳияи роликҳо, барномаҳои махсуси телевизионӣ дар мавзуи мазкур, мизҳои мудаввар, конференсияҳо, семинарҳо тренингҳо, дигар чорабиниҳои иттилоотӣ.

Тибқи санадҳои зикргардида бояд ба ҷабрдидагони хушунат ва зӯроварӣ хизматҳои иҷтимоӣ пешниҳод гардида, ҷиҳати ҳалли мушкилоти онҳо, махсусан оид ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда тадбирҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи оила ҳамчун асоси ҷамъият, танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, ташаккули вазъи тоқатпазирии ҷомеа нисбат ба зӯроварӣ дар оила тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Илова бар ин, бо мақсади пурзӯр намудани механизми пешгирии зӯроварӣ дар оила, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, бахусус омилҳои зӯроварӣ дар оила, бақайдгирии огоҳикунии инфиродӣ оид ба масъалаҳои роҳ надодан ба ҳаракатҳои зиддиҷамъиятӣ, кирдорҳои ношоиста ва рафторҳои бадахлоқона нисбати занон дар оила, пешгирии зӯроварӣ дар оила, ин тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шуда, баробарҳуқуқии мардону занонро дар ҳалли масоили оилавӣ, сарфи назар аз миллату нажод, ҷинс, забон, ва эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк таъмин менамояд.

Хулоса, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои гуногуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳалли масъалаҳои баробарҳуқуқии занон мушкилоти мавҷуда дар ин самт давра ба давра ҳалли худро ёфта истодаанд. Тибқи маълумоти оморӣ, маҳз тавассути пуштибонии сиёсати давлат дар ин самт сол то сол фаъолияти занон дар бахшҳои гуногуни хоҷагии мамлакат бештар мегардад.

Барои мунтазам бартараф кардани мушкилоти ҷойдошта дар ин самт зарур аст, ки дар масъалаи тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда як қатор монеаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва афкори умумро бартараф карда, сиёсати давлатиро оид ба тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд ба стратегияи умумии рушди Тоҷикистон ва ба ҳамаи барномаҳои давлатии асосии мамлакат ворид карда шавад, то ба ин восита барои татбиқи самараноки сиёсати гендерии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунад.

**Муқарриз: Маҳмадизода Н.Д.- д.и.ф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Баҳромбеков Ҷ.Д. Кори иҷтимоӣ бо оила / Ҷ.Д. Баҳромбеков, Ҷ.Д. Ҷураев. -Душанбе: Истеъдод, 2012. -245 с.
2. Бобосодиқов А. Асосҳои идоракунӣ, ҷанбаҳои гендер / А. Бобосодиқов. -Душанбе, 2011. -134 с.
3. Бурова С.Н. Гендерное равенство как основа современной семьи / С.Н. Бурова // Социологическая наука и образование: состояние, проблемы и перспективы развития: мат. междунар. науч. конф. (4-5 октября 2010 г., Минск). -Минск, 2010. -С.49-51.
4. Из опыта Канады // США: экономика, политика, идеология. - 1996. -№3. -С.66.
5. Каримова М.Т. Ташкили кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Т. Каримова, Ф.М. Муъминова, С.С. Бохирова. –Душанбе, 2010. -443 с.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2016. –С.6.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», аз 1-уми марти соли 2005. -С.3.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” аз 19 марти соли 2013.

9. Оид ба фаъолияти Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 20 соли соҳибистиқлолии кишвар. Душанбе, 2011. -344 с.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/19088
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 26.12.2018).
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/27417 (санаи муроҷиат: 24.03.2022).
13. Постоновление Правительства Республики Таджикистан «О национальной стратеги активизации роли женщин в Республике Таджикистан на 2010-2011 годы». -Душанбе, 29 мая 2010 года.
14. Хидирова М.У. Хизматчиёни давлатӣ ва гендер: маводҳо барои истифодабарӣ дар кори амалӣ / М.У. Хидирова. -Душанбе, 2006. -344 с.
15. Хидирова М.У. Сарварӣ дар низоми идоракунии сиёсӣ / М.У. Хидирова. -Душанбе, 2011.
16. Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо СММ дар самти таъмини баробарии гендерӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: mfa.tj//08.07.2019.
17. Шоисматуллоев Ш. Насилие в отношении женщин: прошлое и настоящее / Ш. Шоисматуллоев. - Душанбе: Ирфон, 2005. -378 с.

## СИЁСАТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАСЪАЛАИ ОЗОДИЮ БАРОБАРҲУҚУҚИИ ЗАН

Дар мақола мавзуи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи озодию баробарҳуқуқии занон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои муътамади илмӣ, оморӣ давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар замони соҳибистиқлолӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тҷикистон қабул ва амалӣ гардидаанд, такя намуда, масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муҳимтарин масъалаҳое, ки дар мақола баррасӣ шудаанд, иборатанд аз: кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари истифодабарии онҳо, беҳдошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангию маънавии оилаҳо, табдирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии давлатӣ, тайёр намудани кадрҳои болаёқату донишманд аз ҳисоби духтарон, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои занону модарон, ҷалби васеи онҳо ба раванди татбиқи сиёсати давлатӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон ва беҳгардонии вазъи сиҳатии модару кӯдак, падидаи хушунат нисбат ба занон, махсусан хушунати оилавӣ, механизми пешгирии зӯроварӣ дар оила, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, бахусус омилҳои зӯроварӣ дар оила ва ғайра.

**Калидвожаҳо:** зан, ҳуқуқ, озодӣ, тарбия, баробарҳуқӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати гендерӣ, нобаробарии гендерӣ, модару кӯдак, падидаи хушунат, қатъи ақди никоҳ.

## ПОЛИТИКА ПРАВИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ВОПРОСЕ СВОБОДЫ И РАВНОПРАВИЯ ЖЕНЩИН

В статье рассматривается политика Правительства Республики Таджикистан по вопросу свободы и равноправия женщин. Автор, опираясь на достоверные научные источники, государственную статистику и другие нормативные и правовые документы, принятые и реализуемые Правительством Республики Таджикистан в период независимости, по мере необходимости обсудил данный вопрос. К наиболее важным вопросам, рассматриваемым в статье, относятся: государственные гарантии равных прав мужчин и женщин и равных возможностей их использования, улучшение социально-экономического, культурного и духовного положения семей, меры Правительства Республики Таджикистан по повысить статус женщины в обществе, их участие в государственном управлении, подготовка талантливых и знающих кадров из девушек, расширение прав и свобод женщин и матерей, их широкое вовлечение в процесс реализации государственной политики, повышение правовых знаний женщин и улучшение состояния здоровья матерей и детей, феномен насилия в отношении женщин, особенности семейного насилия, механизм профилактики семейного насилия, борьба с преступностью, особенности семейного насилия и др.

**Ключевые слова:** женщина, права, свобода, образование, равенство, Республика Таджикистан, гендерная политика, гендерное неравенство, мать и ребенок, явление насилия, расторжение брака.

**THE POLICY OF THE GOVERNMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE ISSUE OF FREEDOM AND EQUAL RIGHTS OF WOMEN**

The article discusses the policy of the Government of the Republic of Tajikistan on the issue of freedom and equality of women. The author, relying on reliable scientific sources, state statistics and other regulatory and legal documents adopted and implemented by the Government of the Republic of Tajikistan during the period of independence, discussed this issue as necessary. The most important issues discussed in the article include: state guarantees of equal rights for men and women and equal opportunities for their use, improvement of the socio-economic, cultural and spiritual situation of families, measures of the Government of the Republic of Tajikistan to improve the status of women in society, their participation in public management, training talented and knowledgeable cadres of girls, expanding the rights and freedoms of women and mothers, their wide involvement in the process of implementing state policy, increasing the legal knowledge of women and improving the health of mothers and children, the phenomenon of violence against women, the specifics of domestic violence, the mechanism for preventing domestic violence, the fight against crime, the specifics of domestic violence, etc.

**Keywords:** woman, rights, freedom, education, equality, Republic of Tajikistan, gender policy, gender inequality, mother and child, violence, divorce.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафарова Бону Қурбоновна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **SafarovaBQ@mail.ru.** Телефон: **918750991**

**Сведение об авторе*:*** ***Сафарова Бону Курбоновна*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории философии и социальной философии. **Адрес***:* 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **SafarovaBQ@mail.ru.** Телефон: **918750991**

**Information about the author:** ***Safarova Bonu Kurbonovna*** – Tajik National University, applicant for the Department of History of Philosophy and Social Philosophy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Email: **SafarovaBQ@mail.ru.** Phone: **918750991**

УДК:1(091) (575.3)

# МАСЪАЛАИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР АФКОРИ ФАЛСАФИИ ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ ВА МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

*Шерназаров Д.Т.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Осору афкори фалсафию ирфонӣ ва иҷтимоию маънавии намояндагони барҷастаи фалсафа, ирфон ва илму маърифати ҳама давру замон барои амалишавии ҳадафҳои олии инсонӣ равона гашта, таҳаммулпазириро беҳтарин арзиши иҷтимоии эътирофи умумгашта ва ҷавҳари муносибатҳои гуманистӣ ва инсондӯстӣ қабул ва ҳамчун меъёри ахлоқӣ-ҳуқуқии омма арзёбӣ кардааст. Мо дар ин мақолаи худ перомуни андешаҳои таҳаммулпазирии ду тан аз бузургмардон, мутафаккирон ва файласуфони барҷастаи тоҷик баҳс хоҳем кард. Намояндагони барҷастаи фарҳанги таҳаммулпазирии асримиёнагии тоҷик Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба шумор меравaнд. Мавриди зикр аст, ки дар баробари ин ду мутафаккири барҷастаи асримиёнагии тоҷик, инчунин метавон Муҳаммад Ғазолӣ, Насируддини Тӯсӣ, Фахриддини Розӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофиз ва Абдураҳмони Ҷомиро низ ном бурд. Вале таваҷҷуҳи мо дар ин мақола ба Ҷалолуддини Балхӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ нигаронида шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки масъалаи таҳаммулпазирӣ ба қатори масъалаҳои нисбатан муҳим ва фаъоли баррасишавандаи ҷаҳони муосир дохил шуда, дар шакли фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва динӣ вуҷуд дорад. Ҳангоми таҳлили андешаҳои таҳаммулгароёнаи Ҷалолуддини Балхӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, бе шубҳа, мо таҳаммулгароии диниро мушоҳида менамоем, зеро ин мутафаккирон сарчашмаи андешаҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва таҳаммулгароёнаи худро аз ирфони исломӣ бардошт намудаанд. Дар таҳаммулгароии динӣ ҳамчун падидаи маҷмуавии шуури ҷамъиятӣ, муқаррароти ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоиву психологӣ мутобиқат намуда, дуруст будани анъанаҳои сершумори динӣ эътироф карда мешаванд. Таҳаммулгароии динӣ, инчунин, амалҳои мушаххаси инфиродӣ, сохторҳои ҷамъиятӣ ва ахлоқиро баррасӣ менамояд. Яъне, таҳаммулгароии динӣ ҳамчун арзиш ва меъёри иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар ҳуқуқи мухталиф будани афрод ҳам дар эътиқоду боварӣ ва ҳам дар мансубияти мазҳабӣ зоҳир мегардад, тасниф карда мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори таҳаммулгаро қайд менамоянд, ки “Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳамчун як фарди озодандеш ва инсонпарвар ғояҳои абадзиндаи ваҳдату дӯстӣ ва ҳамдиливу ҳамгироии инсонҳоро шиори зиндагӣ ва маънии ҳаёт донистааст” [1].

Инчунин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба масъалаи таълимот ва андешаҳои ҳакимонаи бузургон диққати ҷиддӣ дода, онҳоро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст ва роҷеъ ба онҳо андешаҳои худро иброз намудааст. Пешвои миллат қайд менамоянд, ки “Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ баъди азият ва мушкилоти зиёде, ки дар зиндагияш рӯ ба рӯ шудааст, ба хулосае омадааст, ки барои ҷомеа ва инсоният сулҳ ва оромиш нақши арзанда дорад. Бо ин мақсад ӯ дар асарҳояш ҳикмати мадороро ташвиқ карда, таҳаммулгароиро воситаи муҳимми бартараф намудани ҳар гуна низоъ медонад. Ин таъкиди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ имрӯз ҳам моҳияти худро гум накардааст. Зеро бубинед, ки “мову ман”, “куфру

имон” ва “бидъату суннат” гуфтани бархе аз мусулмонон дар баъзе кишварҳои олам, мисли Сурия, Ироқ, Яман, Лубнон, Миср ва Афғонистон оқибатҳои нангинеро пеш овардааст, ки имрӯз тамоми дунё аз он нигаронӣ дорад. Аз ин рӯ, зиёиён ва олимону донишмандон, уламои дин ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки дар асоси андешаҳои ҳакимонаи ин қабил донишмандон ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти хурофотпарастӣ, экстремизму терроризм ва дигар падидаҳои номатлуб мубориза баранд ва барои дар зеҳни мардум, хусусан, наврасону ҷавонон, ташаккул додану реша гирифтани ғояҳои инсондӯстӣ, таҳаммулгароӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ мунтазам кор кунанд” [2, с.273-274].

Муносибатҳои одилона ва муфиди бисёртарафаи байни одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, миллатҳо, динҳо ва намояндагони ин ё он тамаддун, ки дар худ арзишҳои таҳаммулпазириро таҷассум менамоянд, зиндагии осоиштаи шаҳрвандон ва пешрафти ҷомеаро таъмин менамояд. Таҳаммулпазирӣ дар тамоми соҳаҳое, ки муносибатҳои доимӣ ва мураккабу гуногунҷанбаи инсонҳоро тақозо менамоянд, муҳим мебошад, аммо бештар дар доираи муносибатҳои сиёсӣ, динию мазҳабӣ ва миллию минтақавӣ аҳамияти хоссаро пайдо кардааст [3, с.6].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 700–умин солгарди мелоди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо нигаронӣ аз хуруҷи равияҳои тундгаро дар кишвар изҳори ақида карда, ба аҳли ҷомеа рӯ оварда гуфта буданд: “Дар шароите, ки равияҳои тундгаро ва низоъҳои диниву мазҳабӣ дар баъзе манотиқи дунё торафт вусъат меёбанд, ақидаҳои мутафаккирони гузашта, амсоли Амири Ҳамадонӣ арзиши бештар пайдо мекунанд” [2, с.266].

Бешак, гуфтаҳои боло шаҳодат медиҳанд, ки афкори Ҷалолуддини Балхӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои нигоҳ доштани сулҳу субот, яке аз нақшҳои марказиро бозида метавонад, аз ин лиҳоз моро зарур аст, ки ақидаҳои онҳоро дар хусуси таҳаммулгароӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор бидиҳем. Нахуст аз осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ оғоз мекунем.Мероси Ҷалолуддини Балхӣ як ҷузъи муҳим ва баёнгари гуфтугӯи байни фарҳангҳо ба ҳисоб рафта, дар маркази таваҷҷуҳ инсони комилро гузоштааст. Зеро ӯ тамоми андешаҳои динию ирфонию фалсафиро фаро гирифта, хостааст дар заминаи Қуръону ҳадис ва донишҳои исломӣ, синтези ақидаҳои мухталифро ба вуҷуд оварад. Хидмати бузурги Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар он зоҳир мешавад, ки ӯ ба воситаи таҳқиқи ирфонӣ таълимоти ҷолиби таҳаммулгароиро пешниҳод кардааст. Инсон дар таълимоти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ падидаи олии ҷаҳони моддӣ ва руҳонӣ буда, таҷассуми қудрати илоҳӣ мебошад.

Ахлоқ ва нафс, аз мавзуъҳои меҳварии олами тафаккури Мавлоно мебошад, ки бешак, ӯ муаллими ахлоқ ба шумор рафта, дар зиёда аз 26- ҳазор байт осори ӯ баҳс бобати ҳидояти инсонҳо ба сӯйи пиндору гуфтору кирдори нек аст. Орифи покизасиришт Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар осори худ гӯё ки ба тамоми паҳлуҳои ахлоқи инсонӣ ва муносибат бо Худову офаридаҳои ӯ нигоҳи вижаи худро афкандааст, вале чуноне ба назар мерасад, мавзуи чирамандии инсонҳо бар нафс ва мубаризаи инсон ба ин аждаҳои сӯзандаи ахлоқ таваҷҷуҳи вижаи худро равона кардааст. Аз ин лиҳоз ӯ худро мураббӣ ва васлкунандаи башарият унвон мекунад на фаслкунанда.

*Мо барои васл кардан омадем,*
*На барои фасл кардан омадем [4, с.25].*

Ба андешаи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, сабаби сар задани бисёре аз палидиҳои одамон нафси ғализа буда, асоси раҳоӣ аз онро дар ислоҳ ва таҳаммулпазирӣ мебинад ва перомуни ин масъала, дар ҳама дафтарҳои «Маснавӣ» ва баъзе ғазалҳои Девони Шамси Табрезӣ ба гунаҳои гуногун вохӯрдан мумкин аст [5]. Масалан:

*Нафси туст он модари бадхосият,*
*Ки фасоди ӯст дар ҳар ноҳият.*
*Ҳин, бикуш ӯро, ки баҳри он данӣ,*
*Ҳар даме қасди азизе мекунӣ.*
*Аз вай ин дунёи хуш бар туст танг,*
*Аз пайи ӯ бо Ҳаққу бо халқ ҷанг [4,с. 77].*

Ё худ:

*Модари бутҳо бути нафси шумост,*
*З-он ки он буд мору ин бут аждаҳост.*
*Оҳану санг аст нафсу бут шарор,*
*Он шарор аз об мегирад қарор [6,с. 47].*

Чуноне ки дар боло ёдрас шуда будем, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ оғози тамоми палидиҳоро аз нафси шар донista, халосӣ аз онро, ки ӯ дар ин мисраъҳо бо лафзи рамзӣ ба об ишора кардааст ва метавонад сабру таҳаммул, шикебоӣ ва таҳаммулпазирӣ унвон шавад, мебинад.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ хоксориро яке аз хислатҳои наҷиби инсонӣ шуморида, онро ҳамчун пуле ба таҳаммулпазирӣ ва фурӯтанию шикебоӣ донистааст. Илова бар ин, кибру бухл, кинаситезиро акси хоксорӣ, фурӯтанӣ ва таҳаммулпазирӣ дониста, онро мояи фурӯпошӣ ва хушкии маънавиёту инсоният ва хислатҳои наҷиби инсонӣ донистааст. Чуноне, ки ӯ мефармояд:

*Кибру такаббур бигузору бигир,*
*Дар ивази кибр ту чунин кибриё.*
*Пок шав аз хешу ҳама хок шав,*
*То ки зи хоки ту бирӯяд гиё.*
*В-ар чу гиё хушк шавӣ хуш бисӯз,*
*То ки зи сӯзи ту фурӯзад зиё [7,с. 21].*

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ бо осори пурғановати худ, ки пур аз ахлоқу одоб, донишу ҳикмат, ирфону инсоният, таҳаммулпазирию фурӯтанӣ, хоксорию шакебоист, тавонист дар миёни мардуми фарҳангдӯсти тоҷик ишқу муҳаббати ҳақиқӣ, сулҳу амонӣ, меҳру муҳаббат нисбат ба ватан ва таҳаммулпазириро дубора густариш диҳад. Ӯ дар афкори худ ҳафт пандеро баён кардааст, ки бидуни шак хислатҳои шахси таҳаммулпазир ва фурӯтан аст. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки он ҳафт панд, ҳафт роҳи асосии расидан ба таҳаммулпазирист ва онро бояд чунин унвон кард:

***Ҳафт роҳ ё хислати расидан ба таҳаммулпазирӣ:***

1. Дар бахшидани хатои дигарон монанди шаб бош;
2. Дар фурӯтанӣ, монанди замин бош;
3. Дар меҳру дустӣ монанди хуршед бош;
4. Ҳангоми хашму ғазаб монанди кӯҳ бош;
5. Дар саховат ва кумак ба дигарон монанди руд бош;
6. Дар ҳамоҳангиву канор ба дигарон монанди дарё бош;

7. Агар мехоҳӣ дигарон хуб бошанд, худат хуб бош, монанди оина [8].

Чуноне ки аз матлаби боло маълум шуд, таъриф, моҳият ва хусусиятҳои асосии таҳаммулгароӣ дар афкори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ бармало мушоҳида мешавад. Бояд тазаккур дод, ки мо дар ин мақола қатрае аз уқёниси беканори осори Мавлоноро баён кардем ва он ҳам бошад дар хусуси таҳаммулгароӣ, таҳаммулпазирӣ ва инсони комил будан.

Акнун масъалаи таҳаммулгароию таҳаммулпазириро дар осору афкори фалсафии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дида мебароем.Ситораи пурҷилову тобноке қариб 700 сол инҷониб аз қаъри асрҳо бо нури маърифату хирад андешаи моро равшанӣ мебахшад. Ин ахтари дурахшони дунёи маънавӣ бешубҳа, ҳакими ориф, таҳаммулгаро, адиби нозукхаёл, мутафаккири нуқтасанҷ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад [2,с. 266].Роҷеъ ба Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва осори ӯ, дар суханронӣ, набояд фаромӯш созем, ки мутафаккир фарзанди замони хеш буда, бешак, фармонбари он идеологияе буданд, ки дар ҷомеа ҳукмронӣ дошт. Сарчашмаи асосии таълифоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Қуръон ва аҳодиси набавӣ мебошанд. Аз таҳлили осори дар баробари Қуръон ва аҳодиси набавӣ, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар мавридаш андеша рондааст, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аллома дар баёни таълимоти хеш аз осору эҷод ва ғояҳои пешқадаму башардӯстонаи намояндагони машҳури ҷараёнҳои мухталифи фалсафа, калом ва ирфон, аз қабили Абуҳомид Муҳаммад Ғазолӣ, Аттор, Ибни Арабӣ, Саноӣ, Маҳмуди Шабистарӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ монанди инҳо фаровон истифода намудааст [2,с. 274].Аз маҷмуи масъалаҳои асарҳои Алии Ҳамадонӣ маълум мегардад, ки ӯ бештар ба мавзуъҳои таҳаммулгароӣ, инсондӯстӣ, мавзуъҳои ҳуқуқи волидайн ва муносиботи байниҳамдигарии завҷ ва завҷа, мақому мартабаи зан, бародарию дӯстӣ, ҳимояи адли шоҳи одил, шукри неъмат ва мартабаи сабру анвои сабр ва ғайраҳо андешаҳои қобили таваҷҷуҳ рондааст.

Дар воқеъ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар муносибат ба дину оин, мазҳабу равияҳои гуногуни замон, сад дар сад тарафдор ва давомдиҳандаи ақидаҳои ҳакимона, таҳаммулгароӣ ва инсондӯстонаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мебошад. Чуноне дар ин порча ӯ ишора намудааст:

*Худо хоҳад зи банда бандагиро,*
*Расул хоҳад зи уммат пайравиро…*
*Машав сӯфию мулло, Шайхи Канъон,*
*Мусулмон шав, мусулмон шав, мусулмон [9, с.127].*

“Мусулмон”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шахсест, ки ***“аз даст ва забони ӯ касе озор намеёбад”***, ҳамеша дар такопӯ ва ишқу муҳаббати холиқи худ волою шайдост. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тарбияи маънавии инсони комилро ҳамчун рукни боэътимоди ташаккули шахсият ниҳоят муҳим шуморида, одамонро ба иҷрои амалҳои солеҳ аз қабили таҳаммулгароӣ, инсондӯстӣ, саховатмандию хайрхоҳӣ, дур будан аз кизбу дурӯғ, фоҷирию бадахлоқӣ, кибру ғурур, рибо ва муфтхӯрӣ давъат менамояд.

Воқеан, ислому мазҳаби Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ асил, беолоиш таҳаммулгароёна ва поку муназзаҳ буда, комилан ба фармудаи “Қуръон” ва суннати Муҳаммад (с) мувофиқ аст. Ӯ дар ҳама мавридҳо ситезакорӣ, тундгароӣ, ҷаҳолату

кибру манманӣ ва дигар унсурҳои ахлоқи бади инсониро маҳкум карда, сабру таҳаммул, тамкину дурандешӣ, рафоқату инсондӯстиро азиз медонад ва тарғиб менамояд.Дар осору афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ҳеҷ маврид навиштае ё андешае ба назар намерасад, ки аз он бӯи тазоду тафриқа ояд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо ҳамин вижагиҳои оливу илмӣ, ахлоқиву маънавияш дар шароити бухронии имрӯз метавонад сармашқи хуб барои пайванд ва наздикии кишварҳо бошад.Мавзуи таҳаммулгароӣ ва инсондӯстӣ дар асарҳои Алии Ҳамадонӣ, бахусус дар "Захират-ул-мулук" ҳамаҷониба таҳлил гардидааст ва аксари он андешаҳо имрӯз ҳам қимати таълимию тарбиявии худро нигоҳ дошта, дар тарбияи мо ҳиссагузор мебошад.

Умуман, дар тули беш аз 1400 сол фарҳанги миллию динии мо тавассути чунин дурандешону мтафаккирони нотакрор, уламои варзида, ашхоси ботамкину парҳезкор нигаҳдорӣ ва нашъунамо ёфта, дастраси наслҳои имрӯза гардидааст. Мо бояд саргузашти пурҳикмати абармардони ҳикмату адаби гузаштаи худро омӯхта, ҷавононро бо роҳи пуршарафи онҳо, ки сарчашмаи асосии сифатҳои волои таҳаммулгароӣ, инсоният, инсондӯстӣ, раиятпарварӣ, ватандӯстӣ ва шарафмандист, шинос намоем.Яке аз муҳимтарин шеъре, ки дар он тамоми хислатҳои ҷамъшудаи таҳаммулпазириро дарёфт намуан имконпазир аст, чунин аст:Ҳар кӣ моро ёд кард, Эзид мар-уро ёр бод,

*Ҳар кӣ моро хор кард, аз умр бархӯрдор бод.*
*Ҳар кӣ андар роҳи мо хоре фиканд аз душманӣ,*
*Ҳар гуле к-аз боғи васлаш бишкуфад, бехор бод.*
*Дар ду олам нест моро бо касе гарду ғубор,*
*Ҳар кӣ моро ранҷа дорад, роҳаташ бисёр бод [10].*

Чунин ба назар мерасад, ки маонӣ ва маънавиёте, ки дар мисраъҳои болозикр инъикос ёфтааст, яке аз намунаи барҷастаи андешаи таҳаммулгароӣ ва инсондӯстӣ ба шумор меравад. Ин намунаи барҷастаи таҳаммулгароиро дар фалсафаи Шарқ бо ифодаи фалсафии **"инсони кулл"** унвон мекунанд. Намунае аз чунин фалсафаи инсони кулл, ки инъикосгари таҳаммулгароист, дар осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ низ бо чунин шакл ба назар мерасад:

*Чи тадбир, эй мусулмонон, ки ман худро намедонам,*
*На тарсоям, на яҳудам, на габру на мусулмонам,*
*На шарқиям, на ғарбиям, на улвиям, на сифлиям,*
*На з-аркони табииям, на аз афлоки гардонам [11].*

Аз рафти таҳлили андешаҳои ин ду мутафаккири барҷастаи Машриқзамин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки дар фарҳанги таҳаммулгароӣ ва фалсафаи **"инсони кулл"** ҳарду мутафаккир андешаҳои монанд ба ҳамдигарро соҳибанд. Аз ин лиҳоз, онҳоро дар як вақт мавриди таҳлил қарор додан қобили қабул аст, вале, албатта, дар мавзуи таҳаммулгароӣ ва фалсафаи **"инсони кулл"**.

Чуноне ки дар боло зикр намудем, фарҳанги таҳаммулгароӣ ва таҳаммулпазирӣ дар шароити ҷомеаи муосир монеаи гароиши инсонҳо ба ҳар гуна ҳаракатҳои ифротию иғвоситезӣ гашта, инсонро ба омӯхтани маърифати маънавию суннатҳои мазҳабию миллӣ, сабру шикебоӣ ва дур будан аз фитнаву фасод даъват менамояд.

**Муқарриз: Маҳмадизода Н.Д. – д.и.ф., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ

1. Нуралӣ Нурзод. Пешвои миллат ва шинохти мақоми инсон дар афкори Мавлоно. Нашрияи расмии ҶТ "Ҷумҳурият". №: 136, 2019 [Манбаи электронӣ] //URL:http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=37828 (санаи муроҷиат: 16.12.21).
2. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. –Душанбе: Эр-Граф, 2016. –364 с.
3. Фатҳуддин Солеҳов. Таҳаммулпазирӣ – омили муҳимми ҳамдилӣ, «Омӯзгор». - № 37. 10 сентябри соли 2020. -С.6. [Манбаи электронӣ]
//URL: http://omuzgorgazeta.tj/uploads/%D0%9E%D0%BC%D1%83% (санаи муроҷиат: 16.12.21).
4. Аҳмад Нафисӣ. Мунтахаби достонҳои «Маснавии маънавӣ». Интихоб, тадвин, тавзеҳ ва пешгуфтори Қиёмиддин Сатторӣ. Душанбе: Маориф, 2015. -320 с.
5. Ҷасур Абдулло. Мавлоно – уқёнусе кашфношуда. АМИТ «Ховар», 2018. [Манбаи электронӣ] //URL:https://www.osiyoavrupo.tj/index. ph p/mavodhoi-ilmi/maqolaho/item/601-mavlono-u-jonuse-kashfnoshuda (санаи муроҷиат: 12.12.2021).
6. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. Маснавӣ. Дафтари аввал. -233 с.
7. Мирзо Муллоаҳмад. Андарзномаи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. -С. 21.
8. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ (Мавлавӣ), [Манбаи электронӣ] //URL: http://lip.tj/parents/stati/MavlonoJaloliddinMuham madi-Balkhi (санаи муроҷиат: 12.12.2021).
9. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Маснавӣ, Дафтари панҷум. 252 с.
10. [Манбаи электронӣ] //URL:https://interesnoe.me/view/content/1 (Санаи муроҷиат: 21.11.20)
11. [Манбаъи электронӣ] //URL: https://kh-davron.uz/kutubxona/islomiy-adabiyot/tasavvuf/jaloliddin-rumiy-masnaviy-daftari-yakum-1.html (санаи муроҷиат: 21.12.21).


## МАСЪАЛАИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР АФКОРИ ФАЛСАФИИ ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ ВА МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ


Масъалаи фарҳанги таҳаммулпазирӣ яке аз мавзуъҳои марказии илмҳои фалсафа ва сиёсатшиносӣ маҳсуб мебошад. Халқи тоҷик, ки дар давраҳои гуногуни таърих мутфаккирони зиёдеро ба ҷомеа муаррифӣ намудааст. Аз ҷумлаи чунин мутафаккирон Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба шумор меравандн. Муҳиммият ва мақсади асосии мақола дар он аст, ки аз фикру андеша ва мулоҳизаронеҳоии ин ду тан мутафаккирони варзидаи асримиёнагии тоҷикро, ки дар мавриди таҳаммулпазирӣ баён доштаанд, бо равиши фалсафӣ таҳлил намудан, ва дар оянда ба манфиати миллат истифода бурдан аст. Муаллифи мақола барои татбиқи ҳадафи болозикр кӯшиш намудааст, ки андешаҳои ин ду мутафаккири асримиёнагии тоҷикро бо равиш ва методҳои махсуси фалсафӣ таҳлили муқоисавӣ намуда, арзишҳои волоеро, ки дар мавриди таҳаммулпазирӣ зикр намудаанд, инъикос намояд.



***Калидвожаҳо:*** таҳаммулпазирӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, фалсафа, хештаншиносӣ, хоксорӣ, фалсафаи тоҷик, фалсафаи асримиёнагии тоҷик.


## ПРОБЛЕМА ТОЛЕРАНТНОСТИ В ФИЛОСОФСКИХ МЫСЛЯХ ДЖАЛАЛУДДИНА БАЛХИ И МИР САИДА АЛИ ХАМАДАНИ


Проблема толерантности стала одной из дискуссионных тем в философии и политологии. Таджикский народ, в разные исторические периоды давший миру многих мыслителей, несомненно, интересовали и вопросы толерантности. Одними из таких мыслителей являются Мавлана Джалалуддин Балхи и Мир Саида Али Хамадани. Основная цель статьи - философски проанализировать идеи и взгляды этих двух ведущих средневековых таджикских мыслителей о толерантности и использовать их для будущего развития нации. Для достижения поставленной цели автор статьи попытался провести сравнительный анализ специальными философскими методами идей этих двух великих таджикских мыслителей и отразить высокие ценности толерантности.



***Ключевые слова:*** толерантность, Джалалуддин Балхи, Мир Саида Али Хамадани, философия, самопознание, смирение, таджикская философия, средневековая таджикская философия.


## THE ISSUE OF TOLERANCE IN THE PHILOSOPHICAL THOUGHTS OF JALALADİN BALKHİ AND MİR SAYYİD ALİ HAMADANİ


The problem of the culture of tolerance has become one of the most controversial central topics in the sciences of philosophy and political science and is becoming increasingly important. The Tajik people, who introduced many thinkers to the public in different historical periods, undoubtedly discussed the issue of tolerance. Some of these thinkers are Mawlana Jalaladin Balkhi and Mir Sayyid Ali Hamadani. The main purpose of the article is to philosophically analyze the ideas and thoughts of these two leading medieval Tajik thinkers about tolerance and

use them for the future and interests of the nation.To achieve this goal, the author of the article tried to conduct a comparative analysis of the ideas of these two medieval Tajik great thinkers with philosophical approaches and special philosophical methods, to reflect the high values of tolerance.

**Keywords:** tolerance, Jalaladin Balkhi, Mir Sayyid Ali Hamadani, philosophy, self-knowledge, humility, Tajik philosophy, medieval Tajik philosophy.

Конфронси умумиҷаҳонии таҳсилоти олӣ, ки моҳи октябри соли 1998 аз ҷониби ЮНЕСКО дар Париж баргузор гардид, ба баланд бардоштани сифати таълим бахшида шуда буд. Дар хуҷҷатҳои конференсия таъкид шудааст, ки «таъмини дараҷаи сифат ба яке аз вазифаҳои асосӣ табдил ёфта истода, аз соҳаи иҷтимоӣ ҷудонопазир аст. Талаботи таъмини сифат ва сиёсате, ки ба таҳияи консепсияи «сифат» нигаронида шудааст, маънои онро дорад, ки ҳадаф беҳтар намудани таъминот дар як вақт бо ҷузъҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун организми ягонае, ки ҳамчун системаи мустақил амал мекунад, мебошад» [2] .

Дар мақолаи мазкур дар доираи консепсияи «беҳтар намудани сифати таҳсилоти касбӣ» ба такмили усулу равишҳои азхудкунии дониш, малака, маҳорат, ташаккули ҷаҳонбинӣ, қобилияти равонӣ ва тавонмандӣ дар соҳаи фаъолияти касбӣ нигаронида шудааст.

Масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ба як қатор омилҳо вобаста аст. Бо қабули равишҳои нави консептуалӣ дар саросари ҷаҳон дар соҳаи рушди таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ, самаранокӣ ва сифати тайёр кардани мутахассисон ба таври назаррас ба сатҳи ҷавобгӯи талаботи замони пасиндустриявии ҷомеа моҳиятан баланд мегардадт. Сатҳи мазкур, аз як тараф, дар натиҷаи фаъолияти иҷтимоӣ ва касбӣ, аз тарафи дигар, дар натиҷаи бартараф намудани зиддиятҳо байни шароитҳои объективии ҷамъиятӣ ва эҳтиёҷоти шахсият ба даст оварда мешавад. Сатҳи олии баландбардории сифати таҳсилоти касбӣ-техникӣ ба қуллаи рушди зеҳнӣ рост меояд. Ҳамчун қувваи пешбарандаи ин падида ихтилофи сатҳи бадастомада ва сатҳи зарурии маълумоти касбии мутахассисон баромад менамояд.

Таҳсилоти олии касбӣ дорои хатти рушди худ, динамикаи мураккаб ва ба худ хос мебошад. Дар он дигаргуниҳое ба амал меоянд, ки аз эҳтиёҷоти таъхирнопазири рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба миён омадаанд. Ҷамъшавии ботадриҷи ин дигаргуниҳо боиси зарурати баланд бардоштани сифати тайёрии касбии мутахассисони оянда мегардад, ки динамикаи ташаккули системаи танзими муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро инъикос менамояд. Илова бар ин, бо доштани малакаи паймоиш дар раванди ин падидаҳои мураккаб, чун ахлоқу ҳуқуқ низоми таҳсилоти олии касбӣ фишанги муҳимтарини рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад ва мутобиқи асосҳои қонунгузории давлат ва ҷомеа, ҳамкории зичи тартибот ва қонунгузорӣ бунёд мегардад.

Дар ин замина дараҷаи рушди назария ва амалияи татбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ ба раванди таълим ва дараҷаи татбиқи амалии имкониятҳои дидактикии онҳо аз гуногунии равандҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии муосири кишвар вобаста аст. Тағйироти куллӣ дар хусусияти вазифаҳои ба вуҷудомада, ки ҳоло хадамоти ҳуқуқӣ ҳал мекунад, ба тағйирот дар ҳамаи соҳаҳои давлат ва талаботи сифатан нав ба сохтор ва мазмуни омодасозии системаи таҳсилоти олии касбӣ шартнок гардидааст.

Дар шароити муосир суръати навсозии техника ва технология, шаклҳои ташкили меҳнати зеҳнӣ назар ба суръати насливазкунии инсоният афзудааст. Соҳаи маориф аз воқеиятҳои нави ҳаёт ақиб монда, дар байни миқдори рӯзафзуни дониш ва малакаҳои барои инсон зарур ва шароити маҳдуди макотибти олӣ барои азхуд кардани онҳо зиддият ба вуҷуд омада, амиқтар мегардад.

Дар макотиби олӣ ҷорӣ гардидани воситаҳои нави таҷҳизотӣ ва барномавӣ, ки имкониятҳои компютерро зиёд мекунанд, гузариш ба категорияи анахронизми дарки он ҳамчун ҳисобкунак, тадриҷан боиси ҷойгузинии истилоҳи «компютерӣ» гардид, ки онро ҳамчун равандҳои ҷамъоварӣ, коркард, пешниҳод ва истифодаи иттилоот бо истифода аз воситаҳои электронии ҳисоббарор дарк менамоянд.

Онҳо аз рӯи муҳите тавсиф мегарданд, ки дар он амалӣ карда мешаванд ва аз чунин ҷузъҳо иборатанд - муҳити техникӣ (навъи таҷҳизоте, ки барои ҳалли масъалахои асосӣ истифода мешавад); -муҳити нбарномавӣ (маҷмӯи воситаҳои барномавӣ барои татбиқи ТИ); -муҳити фаннӣ (мазмуни мавзӯи мушаххаси илм, технология, дониш); - мухити методологӣ(дастур, тартиби истифода, баҳодихии фаъолият ва ғайра).

Бо дарназардошти истилоҳоти мазкур, баъзе муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун маҷмӯи воситаҳои электронӣ ва усулҳои фаъолияти онҳо, ки барои татбиқи фаъолияти таълимӣ истифода мешаванд, баррасӣ карда шаванд.

Дар таркиби воситаҳои электронӣ, инчунин қисматҳои дастгоҳӣ, барномавӣ ва иттилоотӣ, инчунин усулҳои истифодабарии онҳо дохил мешаванд нишон дода шудаанд, ки дар таъминоти методологии ТИ шорат гардидаанд [8, с.21].

Равишҳои дигари баҳодиҳии мавқеи ТИдар раванди таълим вуҷуд доранд. Ҳамин тариқ, дар адабиёти маълумотӣ технологияи иттилоотӣ барои таълими касбӣ ҳамчун маҷмӯи донишҳои назариявии воситаҳои компютерӣ, инчунин усулҳое, ки истифодаи онҳоро дар раванди таълим танзим мекунанд, муайян карда шудааст [4, с.65]. Л.В. Лутсевич [6, с.39] ТИ-ро ҳамчун технологияи мошин (бо ёрии компютер) коркард, интиқол, паҳн кардани иттилоот, эҷоди информатикаи ҳисоббарор ва барномавӣ муайян мекунад.

Шарҳи васеътари ин истилоҳ аз ҷониби М.И. Жалдаков [5, с.37] оварда шудааст. Ӯ пешниҳод мекунад, ки ТИ ҳамчун маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои техникии ҷамъоварӣ, ташкил, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ва пешниҳоди иттилоот, ки дониши одамонро васеъ ва қобилияти онҳоро дар идоракунии равандҳои техникӣ ва иҷтимоӣ инкишоф медиҳад, фаҳмида шавад.

Е.И. Машбетс [7, с.51] ва Н.Ф. Тализина [11, с.15-26] технологияи иттилоотии таълимро ҳамчун маҷмӯи муайяни барномахои таълимии намудҳои гуногун баррасӣ менамоянд: аз соддатарин барномаҳое, ки назорати донишро таъмин мекунанд, то системаҳои таълимии аз асоси зеҳни сунъӣ асосёфта.

В.Ф. Шолохович [10] пешниҳод мекунад, ки ТИ аз рӯи мазмуни худ ҳамчун як бахши дидактика муайян карда шавад, ки раванди мунтазам ва бошуурона муташаккили омӯзиш ва азхудкунии донишҳоро меомӯзад, ки дар он воситаҳои иттилоотикунонии таълим маврид истифодабарӣ қарор дода мешаванд.

Дар айни замон дар адабиёти педагогие, ки ҳалли масъалаҳои иттилоотикунонии макотиби олиро фаро мегиранд, тафсирҳои гуногуни баъзан ба ҳамдигаро истиснои принсипҳои истифодабарии технологияҳои иттилоотиро дар раванди таълими мактабҳои олӣ вохӯрдан мумкин астд. Бе мақсади ошкор намудани тамоми нуктаҳои мавҷда оид ба ин масъала, бо вуҷуди ин ба амри воқеии зерин диққат додан лозим аст. Аксарияти мутлақи муҳаққиқони масоили мазкур, чун қоида, роҳи таъсиси системаи махсуси принсипҳоеро пеш гирифтаанд, ки хусусиятҳои таълими компютерӣ ва ё коркарди принсипҳои хусусии истифодаи воситаҳои инфиродии иттилоотиро дар раванди таълим инъикос мекунанд. Баҳодиҳии равишҳои мавҷуда дар ин ҳолат имкон медиҳад, ки ба дурустии ин самт шубҳа дошта бошед, зеро имрӯз зиёда аз даҳҳо чунин принсипҳо мавҷуданд. Зиёда аз ин, дар аксари мавридҳо, чунон ки тадқиқот нишон медиҳад, принсипҳои пешкашгардида аслан нав нестанд, балки танҳо ба андозаи муайян принсипҳои дидактикаи анъанавӣ ва махсусан таълими барномарезишударо пурра, аниқ, мушаххас ва инкишоф медиҳанд. Охир, барои ҳар як воситаи таълимии навтаъсис

принсипҳои худро таҳия кардан мумкин нест, алалхусус бо назардошти он, ки дар солҳои охир шумораи онҳо босуръат меафзояд. Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар марҳалаи кунунии рушди педагогикаи таҳсилоти олӣ ҳангоми муайян кардани талаботи методологӣ оид ба истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим сухан на бояд дар бораи иваз кардани принсипҳои анъанавии таълим бо принсипҳои нав, балки дар бораи аз нав дида баромадани принсипҳои таълимӣ ва бо мазмуни нав пур кардани онҳо равад, ки имкон медиҳад онҳоро дар шароити тағйирёфта ба таври конструктивӣ истифода баранд.

Раванди иттилоотикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дорои характери глобалӣ мебошад. Хусусиятҳо ва принсипҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон танҳо дар шароити устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва дигаргуниҳои ҷаҳонии башардӯстона ташаккул ёфта метавонанд. Дар ин давра хусусиятҳои хосси азнавсозии фанҳои касбӣ инҳоянд:

-ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи фазои иттилоотии ҷаҳонӣ;

- иштироки баробарҳуқуқи кишвари мо дар равандҳои ҳамгироии байналмилалии иттилоотӣ;

- дар соҳаи иқтисод истифода бурдани сохторхои технологӣ дар асоси истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои нави иттилоотӣ;

- баландбардории сифати таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун принсипи воқеии бунёдии зарурат ва таъхирнопазирии ислоҳоти таҳсилоти олии касбӣ баромад менамояд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти гуфтаҳои боло, зарурати объективии таҳияи илмии масоили баландбардоии сифати таҳсилоти олии касбӣ дар макотиби олии ҷумҳурӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ҳанӯз ҳам арзи вуҷуд дорад.

Дигаргуниҳои амиқ, ки дар тамоми тарзи ҳаёти ҷомеаи тоҷикистонӣ босуръат ба амал меоянд, тағйир ёфтани сохти иқтисодии он, мунтазам нав кардан ва бо суръат ҷорӣ намудани технологияи пешқадам, тараққиёти босуръати информатика ва телекоммуникатсия, зарурати такмили ташкили ҷомеа ва идоракунии он боиси баланд шудани нақши соҳаи таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Масоили сифат, самаранокии раванди баланд бардоштани сифати таълиму тарбия масоили асосии макотиби олии муосир мебошад.

Бесабаб нест, ки сифати таълим ба яке аз вазифаҳои асосӣ табдил меёбад ва низоми маориф бояд онро ҳал намояд. Бояд қайд намуд, ки дар ибтидои солҳои 60-ум гузариш аз омили арзишҳои ракобат ба омили рақобати сифати мол, баъдан гузариш ба рақобати технологӣ ва ниҳоят, аз солхои 80-уми асри XX омили асосии рақобат рақобати сифати захираҳои инсонӣ, таҳсилоти босифат гашт [4].

Тавре ки маълум аст, сифат маҷмӯи хосиятҳои объектест, ки мутобиқати онро барои истифодаи мақсаднок муайян намуда, қонеъ гардонидани талаботи муайянро таъмин менамояд. Дар мавриди мурочиат ба соҳаи маориф сифати системаи таълим, сифати натиҷа, сифати раванди таълиму тарбияро махсус кайд кардан лозим аст. Сифати таҳсилоти олӣ, ба андешаи мо, вобаста аст аз: - пеш аз ҳама, ба сифати ҳайати омӯзгорон, ки мавҷудияти мақоми дахлдори иҷтимоӣ ва маблағгузории кофӣ, хоҳиши идоракунии захираҳои инсониро дар асоси принсипи қобилият ва таъмини омӯзгорон бо омӯзиши муттасили зарурӣ барои аз ӯҳдаи иҷрои нақши худ дар ҷомеа баромадан тақозо менамояд, - дуюм, сифати таълим аз сифати барномаҳо вобаста аст, ки муайян намудани ҳадафҳои таълим мутобиқи талаботи бозори меҳнат ва талаботи ҷомеа, усулҳои баланд бардоштани фаъолияти донишҷӯён, истифодаи технологияҳои нави компютерӣ ва иттилоотиро талаб менамояд, - саввум, сифати таълим аз сифати донишҷӯён вобаста аст, ки «маводи ибтидоӣ» мебошанд, ки ба мушкилоти марбут ба меъёрҳои муайян кардани қобилият ва ҳавасмандии онҳо, таҳияи шароити гузариши хонандагон аз системаи таҳсилоти миёна ба системаи таҳсилоти олӣ таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад; - чорум, сифати таълим аз сифати инфрасохтори муҳити дохилӣ ва беруна, сифати идоракунии донишгоҳ дар маҷмӯъ,

ки дар ҳамкории мутақобила бо муҳити зист сурат мегирад, вобаста аст, зеро макотиби олиро аз муҳити беруна ҷудо кардан мумкин нест [1, с. .147-152].

Талаботи фармоиши иҷтимоӣ -иттилооткунонии маориф, татбиқи фаъолонаи технологияҳои иттилоотӣ ва дастовардҳои пешқадами илми педагогикаи муосир, тағйироти куллӣ дар талаботи тартиботи ҷомеа дар раванди таълим мебошад. Яке аз вазифаҳои таъхирнопазири таҳсилоти олии касбӣ – ташаккули шахсияти дорои ҷаҳонбинии ҳамаҷониба дар асоси муносибати иттилоотӣ ба таҳлили равандҳо ва падидаҳои воқеият мебошад.

Омӯзиши ин масъала ба мо имконият дод, ки ҳадафи асосии ҳалли масъалаи илмии таҳияи муқаррароти методологӣ ва методии баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ дар макотиби олӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ муайян карда шавад. Аз ин рӯ, мо ба хулосае омадем, ки муносибати муосир ба баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ дар донишгоҳ на танҳо бо маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои татбиқи он, балки бо тарзи фикрронӣ оид ба масъалаҳо ва роҳҳои ташкилию педагогӣ барои ҳалли онхо низ тавсиф мешавад.. Чунин тартиб ва самтҳои ҳалли ин мушкилот, ба андешаи мо, дар инҳо инъикос ёфтааст:

- консепсияи сифати таҳсилоти олӣ, ки ба муассисаи таҳсилоти олии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад, фаъолияти онро ба такмили тайёрии касбӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ равона мекунад;

- консепсияи муносибати мунтазам ба сифати таълим, вобаста ба сифати барномаҳо, равона намудани таваҷҷуҳ ба муайян намудани мақсадҳои таълим мутобиқи талаботи бозори меҳнат ва талаботи ҷомеа;

- консепсияи мафҳуми муносибати вазъиятӣ ба сифати таълим, ки ба муайян кардани сифатҳои шахсии донишҷӯён, ки «маводи ибтидоӣ» мебошанд, таваҷҷуҳи махсусро ба масъалаҳои марбут ба меъёрҳои муайян кардани қобилият ва ҳавасмандии онҳо талаб мекунад;

- консепсияи сифати таълим аз сифати идоракунии донишгоҳ дар маҷмӯъ вобаста аст, ки он дар робита бо муҳити зист амалӣ карда мешавад, зеро донишгоҳро аз муҳити беруна ҷудо кардан мумкин нест.

Дар байни равишҳои мухталифи баррасии категорияи «сифат» бартарӣ ба равише дода мешавад, ки дар он ҳамчун категорияи илми сегона, аз ҷумла назарияи сифат, назарияи андозагирӣ ва арзёбии сифат, назарияи идоракунии сифат бартарият дода мешавад. [9, 6-52].

Дар ҷанбаи ин муносибат мо робитаи байни категорияи «сифат» ва категорияҳои моликият, сохтор, система, микдор, самаранокӣ, баҳодиҳии идоракуниро ошкор мекунем. Асоси ин категорияро як қатор муқаррарот ташкил медиҳад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд: - сифат маҷмӯи хосиятҳо мебошад; - сифати сохторӣ; ин системаи иерархивии хосиятҳо ё сифатҳои объект (раванд) мебошад; - сифат динамикӣ аст; — сифат — ин боварии асосии объект (раванд), лаҳазоти дохилии он; дар робитаи табиии қисмҳо, унсурҳое, ки предметро (равандро) ташкил медиҳанд, ифода меёбад; — сифат ба миқдор алоқаманд аст, ягонагии онҳо бо категорияи ченак ифода меёбад; -сифати объектҳои (равандҳои) иҷтимоӣ аксиологӣ буда, мувофиқ будани онҳоро барои қонеъ гардонидани талаботи инсон ба דониш муайян мекунад [3, с.42].

Масъалаи арзёбии сифати таҳсилоти олии касбиро таҳлил намуда, ду самти асосии мантиқи онро ҷудо кардан мумкин аст; - мантиқи баҳодиҳии мутлақ («хуб», «бад», «бепарво»), - мантиқи арзёбии муқоисавӣ (беҳтар аз, бадтар аз, баробар).

Таъкид карда мешавад, ки модели баҳодиҳӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад: - мантиқи арзёбии муқоисавӣ; - баҳодиҳии асосӣ (майлҳо, стандартҳо, талаботи беруна); - предмет ва объекти баҳодиҳӣ.

Ҳамин тариқ, сифат истилоҳи нисбист, ки дар робита ба таҳсилоти олии касбӣ се ҷанбаи муҳим дорад: сифати конструктивии курси тайёрии касбӣ, ки ба

мундаричаи аслӣ ва имкониятҳои ташкилии он мувофиқ аст; - сифатҳои амалиётӣ, ки ба сатҳи амалисозии раванди таълим мувофиқанд; -сифати функсионалӣ, ки ба сатҳи ноил шудан ба ҳадафҳои ниҳоии таҳсилоти касбии педагогии мутахассисон мувофиқ аст.

Таъмини сифати таҳсилоти касбӣ имрӯз яке аз вазифаҳои асосии таҳсилоти олӣ мебошад. Дар паси ин талабот зарурати омӯхтани тарзи кор мувофиқи категорияҳои қабулшудаи сифат аст, зеро истилоҳи асосии «таҳсилоти олӣ» ё «таҳсилоти олии касбӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти олии касбӣ» ба се маъно истифода мешавад: дар натиҷа, ҳамчун раванд, ҳамчун низоми тарбия.

Албатта, чунин изҳорот барои тафсирҳои гуногун ҷой мегузорад, аммо як чиз равшан аст: сифат аз ҷанбаҳои иҷтимоии натиҷаҳои таълим ҷудонашаванда аст ва бо ин фаҳмиш на танҳо бо натиҷаи ниҳоӣ, балки инчунин бо худи раванди таълим дар муассисаи таълимӣ алоқаманд аст [1, с.9].

Мафҳумҳои «сифати таҳсилоти олӣ» ва «проблемаҳои сифати таҳсилоти олӣ» ба маънои васеъ ва маҳдудг ҷудо карда мешаванд.

Ба маънои васеъ «сифати таҳсилоти олӣ» ҳамчун мутобиқати мутавозини таҳсилоти олӣ (дар натиҷа, ҳамчун раванд, ҳамчун системаи таълимӣ) ба эҳтиёҷот, мақсадҳо, талабот, меъёрҳо (стандартҳо) ва шароитҳои гуногун фаҳмида мешавад.

Ба маънои маҳдуд «сифати таҳсилоти олӣ» «сифати тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти олӣ» мебошад [11, 26]. Дар ин асос проблемаҳои сифати тайёр кардани мутахассисон дар тадқиқоти назариявӣ, методӣ ва таҷрибавӣ муносибати илмиро ба муайян кардани системам сифати маълумоти олӣ талаб мекунанд. Ин равиш ҷанбаҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

-ташаккули дастгоҳи категориявӣ дар соҳаи сифати таҳсилоти олӣ;

– тахлили ҳамаҷонибаи низоми таҳсилоти олӣ ҳамчун системаи мураккаби давлатӣ, қисмҳои асосии он, ҷараёни ҳамкории дохилию берунӣ;

-муайян намудани моделҳои дахлдори сохтории сифати таҳсилоти олӣ;

-танзими сифати таҳсилоти олӣ;

- арзёбии сифати таҳсилоти олӣ;

- ташкили мониторинги сифати таҳсилоти олӣ ҳамчун баҳодиҳӣ ва пешгӯӣ нисбат ба сифати таҳсилоти олӣ.

Таҳаввулоти технологияҳои таълимӣ ҳаракатнокии ҳудуди мазмуни мафҳумҳои усулҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълимро пешакӣ муайян мекунад, усулҳои нав аз категорияи ғайрианъанавӣ босуръат ба категорияи анъанавӣ мегузаранд. Ҳамчун мафҳуми системавӣ, технологияҳои нави иттилоотӣ, ба андешаи мо усулҳои илмталабро муттаҳид намуда, муҳити иттилоотӣ ва инфрасохторро дар якҷоягӣ таъмин мекунанд.

Баланд бардоштани сифати таълими касбӣ-техникӣ бо сохтори он алоқаи зич дошта, асоси зарурии амалигардондии он мебошад.

Иттилооти раванди таълим ва баланд бардоштани сифати он тавассути технологияҳои мураккаби иттилоотӣ амалӣ карда мешавад. Маҷмӯи чунин технологияҳо, ки татбиқи яке аз сифатҳои номбаршудаи таҳсилоти олии касбиро таъмин менамоянд, ба қавли муаллиф, ҳамчун маҷмӯи технологияҳои иттилоотӣ амал мекунанд.

Таҳлили сохторӣ ва талабот нисбати мутахассиси муосири дорои маълумоти олӣ, ки ҳудуди иҷтимоии категорияро мунтазам муайян мекунад, сифати таҳсилоти олиро барои мутахассис барои омодагӣ ба ҳалли мушкилот-проблемаҳои ҳама сатҳҳо ва намудҳо дар заминаи доираи васеи сохтори фарҳангии дониш, ки ташаккули тасвири ҳамаҷониба ва бисёрҷанбаи илмии ҷаҳон ва инсон дар он, дар фазо ва замон (гузашта - оянда), аз ҷумла ғояҳо дар бораи ҳадафҳои умумибашарӣ, арзишҳо ва маънои ҳаёти инсон, дар бораи консепсияҳо ва дурнамои тараққиёти тамаддуни башар дар умум ва дар мамлакат раҳнамоӣ менамояд.

Умуман, проблемам сифати таълим хеле мураккаб ва серҷабҳа аст. Асоси ҳалли он муносибати мунтазам ба сифат мебошад, ки ташаккули таваҷҷуҳи омӯзгорон ва роҳбаронро ба баланд бардоштани сифати раванди таълим бо истифода аз механизмҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, фаъолгардонии иқтидори рушди шахсият дар бар мегирад. Таъсиси системаҳои идоракунии сифат, мониторинги доимии сифат дар ҳама марҳилаҳо: банақшагирӣ, таълим ва тарбия, дар раванди идоракунии таълим ҳамчун як раванди мураккаби педагогӣ амалӣ карда мешавад, ки ташкили он фароҳам овардани муҳити ягонаи таълиму тарбияро тақозо мекунад, ки омили ҳалкунандаи ташаккули сатҳи муайяни омодагии мутахассис ба ҳалли масъалаҳои касбӣ мебошад.

**Муқарриз: Худойқулова Қ.- н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Булгаков М.В., Пушкин А.Е., Фокин С.С. Технологические аспекты технологии в высшем образовании / Ред.кол.: А.Н. Тихонов, В.А. Садовничий и др. – М.: Изд. МГУ, 1994. – С. 147-152.
2. Всемирная декларация о высшем образовании для XXI века: подходы и практические меры. // (Принята в г. Париже 05.10.1998 - 09.10.1998 на Всемирной конференции ЮНЕСКО "Высшее образование в XXI веке: подходы и практические меры"). / Электронный ресурс: https://www.lawmix.ru/abrolaw/9374.(дата обращения: 12.01.2022).
3. Кваша Б.Ф. Научные основы повышения качества педагогической деятельности офицера-педагога. Автореферат диссертации доктора педагогических наук. – СПб; МИНПИ, 2000. - 62 с.
4. Компьютерная технология обучения. Словарь-справочник / Под ред. В.И.Гриценко, А.М.Довгяло, А.Я. Савельева. – Киев: Наукова думка, 1992. - 650 с.
5. Компьютерные технологии в высшем образовании / Редакционная коллегия: А.Н. Тихонов, В.А. Садовничий и др. – М.: Изд-во МГУ, 1994. - 370 с.
6. Луцевич Л.В. Вопросы эффективного использования ЭВМ в учебном процессе // Автоматизированные системы научных исследований обучения и управления в вузах. Межвузовский сборник научных трудов. / Под ред. В.Н. Врагова. – Новосибирск: Новосиб. ун-т,1987. - 160 с.
7. Машбиц Е.И. Компьютеризация обучения: Проблемы и перспективы. – М.: Знание, 1986. - 80 с.
8. Образцов П.И., Шляпцев С.Н. Научно-методические подходы к разработке компьютерных педагогических технологий на основе формирования системы динамических образов. Сб.научн. трудов ВИПС. - Орел, - 1996. - № 6.
9. Проблемы реализации программ многоуровневого образования в рамках государственных образовательных стандартов. // Материалы международной научно-методической конференции. С-Пб, С-ПбГЛА, Под.ред. В.И.Онегина. – С.6-52.
10. Психология и педагогика в профессиональной подготовке сотрудников органов внутренних дел / Под.ред. А.Ф. Дунаева, А.С.Батышева. – М.; 1993.
11. Талызина Н.Ф. Психолого-педагогические основы автоматизации учебного процесса / Психолого-педагогические и психофизиологические проблемы компьютерного обучения // Сб.научн.тр. - М.: Изд-во АПН СССР, МГУ, 1985. – С.15-26 с.


## БАЛАНДБАРДОРИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ


Дар мақола сифати таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ мешавад.Дар мақолаи мазкур дар доираи консепсияи «беҳтар намудани сифати таҳсилоти касбӣ», таваҷҷӯҳи асосӣ ба такмили тарзу усулхои азхуд кардани дониш, малака, маҳорат, ташаккули ҷаҳонбинӣ, қобилият ва салоҳияти зеҳнӣ дар соҳаи фаъолияти касбӣ дода мешавад.Қайд карда мешавад, ки таҳсилоти олии касбӣ самти рушд, ҷараёни мураккаб ва махсуси худро дорад. Дар он тағйиротҳое, ки боиси эҳтиёҷоти таъхирнопазири тараққиёти иҷтимою иқтисодӣ мегардад, ба амал меояд. Ҷамъшавии батадриҷи ин дигаргуниҳо ба зарурати баланд бардоштани сифати тайёрии касбии мутахассисони оянда меоварад, ки ҷараёни ташаккули низоми танзими муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро инъикос менамояд.Дар шароити муосир суръати навсозии техника ва технология, шаклҳои ташкили меҳнати зеҳнӣ сабаби афзоиш ёфтани суръати дигаршавии насли инсоният гардиданд. Ақибмонии таълим аз воқеияти нави зиндагӣ ба вуҷуд омада, ихтилофот байни савияи донишҳои пайваста афзояндаи барои инсон зарур, воситаҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ: - муҳити фаннӣ (мазмуни як мавзӯи мушаххаси илм, технология, дониш); - муҳити методологӣ (дастур, тартиби истифода, баҳодиҳии фаъолият ва ғайра) ташкил ёфт ва амиқтар мешавад.Бо назардошти ин истилоҳот, мо пешниҳод менамоем, технологияи иттилоотӣ ҳамчун маҷмӯи воситаҳои электронӣ ва усулҳои фаъолияти онҳо ва барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ истифодашаванда баррасӣ карда шавад.Пешниҳод карда мешавад, ки иттилоотонии раванди таълим ва баланд бардоштани сифати таҳсилоти олии касбӣ тавассути технологияҳои комплексии иттилоотӣ амалӣ карда шавад. Маҷмӯи чунин технологияҳо, ки татбиқи яке аз сифатҳои

номбаршудаи таҳсилоти олии касбиро таъмин менамоянд, ба ақидаи муаллиф, ҳамчун маҷмӯи технологияҳои иттилоотӣ амал мекунанд.
**Калидвожаҳо:** такмилдиҳӣ, сифат, таълим, технология, иттилоот, рушд.

**ПОВЫШЕНИЕ КАЧЕСТВА ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ**

В статье рассматривается качества высшего профессионального образования.В данной статье в рамках концепции «повышение качества профессионального образования» основное внимание уделяется совершенствованию методов и приемов приобретения знаний, навыков, умений, формированию мировоззрения, умственных способностей и дееспособности в сфере профессиональной деятельности.
Отмечается, что высшее профессиональное образование имеет свою собственную линию развития, сложную и своеобразную динамику. В нем происходят изменения, вызванные насущными потребностями социально-экономического развития. Постепенное накопление этих изменений приводит к необходимости повышения качества профессиональной подготовки будущих специалистов, отражающего динамику становления системы регулирования социально-экономических отношении. В современных условиях темпы обновления техники и технологии, форм организации интеллектуального труда стали превосходить темпы смены поколений человечества. Произошло отставание образования от новых реальностей жизни, сформировалось и углубляется противоречие между непрерывно возрастающим объемом необходимых человеку знаний средств для реализации информационной технологий; - предметная среда (содержание конкретной предметной области науки, техники, знания); - методическая среда (инструкции, порядок пользования, оценка эффективности и др.). Следуя данной терминологии, нами предлагается рассматривать информационную технологию как совокупность электронных средств и способов их функционирования и используемых для реализации обучающей деятельности. Предлагается, что информатизация образовательного процесса и повышение качества высшего профессионального образования осуществляется через комплексные информационные технологии. Набор таких технологий, обес-печивающих реализацию одной из названных качеств профессионального высшего образования, по мнению автора, выступает в виде совокупности информационных технологий.
**Ключевые слова:** повышение, качества, образования, технология, информация, развития.

**IMPROVING THE QUALITY OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION**

The article discusses the quality of higher professional education.In this article, within the framework of the concept of "improving the quality of vocational education", the focus is on improving the methods and techniques for acquiring knowledge, skills, abilities, the formation of a worldview, mental abilities and capacity in the field of professional activity.It is noted that higher professional education has its own line of development, complex and peculiar dynamics. It is undergoing changes caused by the urgent needs of socio-economic development. The gradual accumulation of these changes leads to the need to improve the quality of professional training of future specialists, reflecting the dynamics of the formation of the system of regulation of socio-economic relations.In modern conditions, the pace of renewal of technology and technology, forms of organization of intellectual work began to exceed the pace of generational change of mankind. There was a backlog of education from the new realities of life, a contradiction has formed and deepens between the continuously increasing amount of knowledge necessary for a person of knowledge of the means for the implementation of information technologies; - subject environment (content of a specific subject area of science, technology, knowledge); - methodological environment (instructions, procedure for use, performance evaluation, etc.). Following this terminology, we propose to consider information technology as a set of electronic means and methods of their functioning and used to implement learning activities. It is proposed that the informatization of the educational process and the improvement of the quality of higher professional education is carried out through complex information technologies. A set of such technologies that ensure the implementation of one of the named qualities of professional higher education, according to the author, acts as a set of information technologies.
**Key words:** improvement, quality, education, technology, information, development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ахмедова Мушарафа Сангинбаевна*** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи милли Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **(+992) 985-90-33-77.**

**Сведение об авторе:** ***Ахмедова Мушарафа Сангинбаевна*** – Таджикский национальный университет, кандидат педагогических наук, доцент общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес:** 735114 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 985-90-33-77.**

**Information about the author:** ***Akhmedova Musharafa Sanginbaevna*** – Tajik National University, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the All-University Department of Pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **(+992) 985-90-33-77.**

УДК:371.5

# ДУШВОРТАРБИЯГӢ – МАСОИЛИ МУБРАМИ ҶОМЕАИ МУОСИР

***Худойқулова Қ.Ч.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дигаргуниҳое, ки имрӯз дар ҷомеаи мо ба амал меоянд, як қатор проблемаҳоро ба миён меоранд, ки яке аз онҳо масъалаи душвортарбиягии кӯдакон мебошад. Ҳамасола ҷиноятҳои кӯдакон, нашъамандӣ, майзадагӣ, бадахлоқии иҷтимоӣ афзоиш ёфта, тамоюли афзоиши шумораи кӯдакони душвортарбия мушоҳида мешавад. Сабабҳои мушкилоти мазкур ноустувории сиёсии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологии ҷомеа, афзоиши таъсири фарҳанги ғайр, тағйирёбии мазмуни тамоюлҳои арзишманди ҷавонон, муносибатҳои номусоиди оилавӣ мебошанд.

Ҳамаи ин ба кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад.

Чӣ тавр мо ба чунин кӯдак кумак карда метавонем? Ба волидайнаш чӣ маслиҳат медиҳем? Корро бо у чӣ тавр дуруст ташкил кардан мумкин аст? Ба ин ва бисёр саволҳои дигар, ки ба тарбияи кӯдакони душвортарбия, ташкили кор бо онҳо вобастаанд, ҷавоб ёфтан осон нест.

Роҳҳои назариявии ҳалли ин масъала дар асарҳои олимон, педагогҳо ва психологҳо, ба монанди Н. Крупская, П.П. Блонский, А. Миралиев, Х. Раҳимов, Л.В. Занков, В.И. Куфаев, М. Певзнер, А. Макаренко, В.А.Сухомлинский, А.И. Кочетов, П.Ф. Лестгафт, А.П. Эгидес, А.И. Захаров, В. Поварницина, В.Г. Степанов, Е. Натанзон ва бисёр дигарон зикр гардидаанд.

Истилоҳи «душвортарбиягӣ» дар солҳои 30-ум вориди илм шуд. Ин маънои қабулнопазирии тарбиятшаванда ва муқовимати ӯ ба таъсири педагогиро дорад. Сабаби ин муқовимат аксар вақт дар ҷой надоштани рушди мусбӣ мебошад. Аз ин ҷост ки нуқсонҳо, хислатҳои манфӣ дар характер, муносибати нодуруст дар рафтор, эҳтиёҷоти носолим ва ғайра пайдо мешаванд.

Олимон, монанди П.П. Блонский ва Н. Крупская, «душвортарбиягӣ»-ро чунин шарҳ додаанд: бачаи душвор, пеш аз ҳама, кӯдаки одӣ мебошад, ба вай ирсияти табиии муътадил хос аст. Тафовути ӯ дар он аст, ки «... вай танҳо аз ҷиҳати педагогӣ <u>беэътино</u> аст, аз ҷиҳати руҳӣ пурра инкишоф наёфтааст. Аз ин рӯ, вай бояд ҳамчун кӯдаки комилан солим ва беэътино тарбия карда шавад ”[3, с.58].

Фикру мулоҳизаҳои Н. Крупская ва П. Блонский оид ба проблемаи «мушкилоти таълим» дар асарҳои дигар муҳаққиқон дастгирӣ ва инкишоф дода шудаанд, аз ҷумла Л.В. Занкова, В.И. Куфаева, М. Певзнер ва В. Шмидт.

А.С. Макаренко дар амалия ва назария нишон дод, ки «мушкили тарбия» оқибати вайрон шудани алоқаи муътадили кӯдак бо оила, мактаб ва ҷамъият мебошад. Кӯдаки душвор аксар вақт танҳо кӯдаки нодуруст тарбиятёфта мебошад. А.С. Макаренко қайд намуда буд, ки «ҷинояткорон вуҷуд надоранд, танҳо одамоне вуҷуд доранд, ки дар вазъияти душвор қарор доранд...» [5, с. 51].

Системаи маориф аз нигоҳи Макаренко, пеш аз ҳама, эҳтироми амиқ нисбат ба кӯдакон ва коллектив мебошад.

Инкишофи минбаъдаи «мушкилоти тарбиявӣ» дар асарҳои чунин олимон ва психологҳо, монанди И. Невский, Е. Натанзон, А. Кочетов, Н. Версинская, М.Руттер, Х. Штолс ва дигарон ба назар мерасанд. Гарчанде ки онҳо дар замонҳои гуногун, дар

шароити гуногун кор мекарданд, фикру мавқеъҳои ин олимон бо ақидаҳои А. Макаренко, В. Сухомлинский, Н. Крупская ва П. Блонский монанд мебошанд. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки ҳама умри худро ба таълиму тарбия, аз нав тарбия кардани ин кӯдакони хурдакаки барои дигарон нолозим, вале беҳифозат, ки онҳоро "душвор" ном мебурданду ҳоло ҳам мебаранд, бахшидаанд, зеро ақлу ирода ва ҳиссиёти ин муаллимон бо меҳру шафқат нисбат ба ин бачагон, майли ёрӣ расонидан ба онҳо, ба онҳо фоиданок будан ба ҳам омехта шуда буд.

И.А. Невский навишта буд: «Дар ҳар мактаб кӯдакони душвор ҳастанд, ҳар як муаллим бояд бо онҳо кор кунад. Мутаассифона, аз уҳдаи ин кор на ҳама бомуваффақият баромада метавонанд» [12, с. 3]. Мафҳуми «кӯдаки душвор», ба гуфтаи И.А. Невский, «...падидаи нисбӣ ва муваққатӣ мебошад. Ин падида то андозае натиҷаи номукаммали таҷрибаи педагогӣ, натиҷаи номукаммали кори тарбиявӣ бо кӯдакон дар оила, дар мактаб мебошад» [12, с. 5]. «Кӯдаки душвор» дар аксари ҳолатҳо «душвортарбия» таваллуд намеёбад, балки дар раванди тарбияи нодуруст, таъсири манфӣ ба он табдил меёбад» [12, с. 6].

Шояд мавқеи И.А. Невский нисбат ба «душвортарбия» бо оҳангҳои ғаразнок тасвир шудааст, онҳо, ба назари ӯ, воқеан беҳтар ба назар мерасанд, нисбат ба ҳамаи кӯдакони дигар сазовори таваҷҷуҳ, гармӣ ва иштироки бештар мебошанд. Бе ҳамдардии ботинӣ нисбат ба ин кӯдакон, рахна кардан ва дар онҳо ҳадди ақал чизи хуберо дидан душвор аст. Ӯро кӣ мефаҳмад, кӣ пай мебарад ва ёрӣ мерасонад, ғайр аз омӯзгор? Ин на танҳо хусусияти методологӣ, балки характери психологии мураккабтарин проблемаи педагогӣ мебошад. Тахмин карда метавонем, ки асоси маҳорати педагогӣ на танҳо ҷустуҷӯи воситаю усулҳои кори педагогӣ, балки дуруст фаҳмидани бачагон ва муносибати дуруст ба онҳо низ мебошад.

Таҷрибаи педагог ва равоншинос Е. Натанзон проблемаи душвортарбиягиро тавассути ду мафҳуми ба ҳам зид ва ду тактикаи муносибати индивидуалӣ нисбат ба хонандагони «душвор», ки дар мактабҳои замони худ ташаккул ёфта буданд, ошкор мекунад. Аввалинашро вай "тактикаи бепарво сабт кардани кирдорҳои ношоиста ва сарзаниш кардани тарбиятгиранда меномад. Дуюм, тарҳрезии хислатҳои мусбати шахсият ва таҷрибаи ташкил намудани рафтори дурусти он мебошад" [11, с.58]. Яъне, моҳияти ин мафҳумҳо дар он аст, ки тарбиятгар, омӯзгор бояд кӯдакро ташвиқ карда тавонанд, дастгирӣ кунанд, эҳтиром кунанд, нисбат ба ӯ адоват, сарзанишу ҷазодиҳии беохир нишон надиҳанд.

Чунин муаллимону психологҳо, монанди А. Кочетов, Н. Версинская, В. Поварнитсина, Х.Штолс «душвортарбиягӣ»-ро ҳамчун «зуҳуроти манфӣ дар рафтори инсон, ҳолати низоъ, ки аз рад кардани муносибатҳои пешниҳодшуда ба вуҷуд омадааст", мефаҳмиданд [2, 3, 14].

В.А. Поварнитсина навишта буд, ки кӯдакони «душвор» асосан кӯдакони аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва руҳӣ солим мебошанд, ки дар натиҷаи тарбияи нодуруст ва умуман набудани тарбия муддати тулонӣ душвортарбия гаштаанд [14, с.35].

Дар асоси асарҳои олимон, педагогҳо ва равоншиносони он замон насли ояндаи маорифпарварон оид ба проблемаи «душвортарбиягӣ» консепсияҳои худро пешниҳод намуда, таҷрибаи наслҳои гузаштаро инкишоф медиҳанд. Он ҳама асарҳоро таҳлил намуда ба хулосае омадем, ки муҳимтарин талаботе, ки бояд ба волидон, омӯзгорон ва муаллимон пешниҳод карда шавад, ба гуфтаи Л.Ф. Лестгафт,

— «ин он аст, ки онҳо бояд хислатҳои руҳии кӯдак, инчунин хислатҳои фардии ӯро дарк кунанд ва донанд, зеро надонистани шароити инкишофи равонӣ, ҷисмонӣ, ҷинсии кӯдак аз тарафи падару модар, тарбиятгар ва муаллим ба мушкилиҳои калон оварда мерасонанд...” [6, с.154].

Ва воқеан, аксари мураббиён, омӯзгорон ва волидайн хусусиятҳои ҷинсӣ, синнусолӣ ва инфиродии кӯдаконро нодида мегиранд, ки ин боиси оқибатҳои вазнин мегардад ва дар ҳаёти минбаъдаи кӯдак осори манфии худро мегузорад. Тарбия таъсиррасонии мақсадноке аст, ки барои натиҷагирӣ кардан аз он солҳои тулонӣ сипарӣ мешаванд. Ҳаёти ҳамарӯзаи мо нишон медиҳад, ки тарбияи наврасон кори басо мушкил буда, барои фаро гирифтани наврасон ба тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ ва дар онҳо ташаккул додани ҳиссиёти баланди башардӯстӣ, дарёфти роҳу воситаҳои муосирро талаб менамояд.

Ҳар як оила орзу мекунад, ки дар оянда фарзандаш хушбахт шавад. Вале, мутаассифона, бисёре аз волидайн дар бораи дар оянда хушбахт шудани фарзанди худ тасаввуроти дуруст надоранд. Ҳастанд волидайне, ки фарзандони худро аз ҷиҳати иқтисодӣ аз будаш зиёд таъмин менамоянд ва аз синни хурдсолӣ ӯро дар руҳияи худпарастӣ, хасисӣ, худбинӣ тарбия менамоянд. Ба қавле онҳоро “эрка” ба воя мерасонанд. Дар бисёр маврид бошад, падару модарон барои он ба бачагон алоқа пайдо мекунанд, ки ба онҳо писанд бошанд, на ба мақсадҳои муайяни тарбиявӣ. Ин ақидаи педагоги давраи шуравӣ Г.Н. Волковро тарафдорӣ намуда, чунин зикр кардан мумкин аст, ки мушоҳидаҳо аз таҷрибаи зиндагӣ дигар намудҳои волидайнро нишон медиҳанд, ки умуман ягон мақсади педагогӣ-тарбиявӣ дар назди худ намегузоранд ва танҳо бо бачагон аз рӯйи ягон майлу хоҳиши худ алоқа пайдо мекунанд. Ба чунин гуфтаҳои Н.А. Крупская эътибор додан лозим аст: гуфтан лозим нест, ки дар ин ё он масъала оила ё худ дар ин ё он бобат мактаб ва ҷомеа таъсир расонанд. Таъсири тарбияро ин тавр аз ҳамдигар ҷудо намекунанд. Бояд гуфт, ки ин гуна саъю кӯшиши «азҳамҷудокунӣ» дар байни баъзе муаллимон ва волидайн, албатта, мушоҳида мешавад. Қисме аз омӯзгорон чунин мешуморанд, ки гӯё вазифаи онҳо таълим додан, вазифаи оила бошад, тарбия намудан аст [4, с.93]. Волидайн бошанд, баъзан чунин мешуморанд, ки ҳам омӯзиш ва ҳам тарбия кори мутахассисон-омӯзгорон мебошад. Дар баъзе маврид волидайн қайд мекунанд, ки барои ин кор онҳо на дониш доранду на вақт ва гӯё вазифаи асосии онҳо ин фарзандони худро хӯрондан, пӯшондан бо ҳама чизҳои зарурӣ таъмин кардан мебошад. Аз ин гуна рафтор бештар тарбияи ахлоқии бачагон халалдор мегардад. Бачагон аз пардапӯшӣ ва камфаҳмии волидайн ва омӯзгорон, ки шароити номусоид дар раванди тарбияи онҳо мебошад, тарбияи нодуруст мегиранд. Сарҳад гузоштан дар боби тарбияи ахлоқии бачагон дар байни оила ва мактаб, волидайн ва омӯзгорон ба оқибатҳои нохуш оварда мерасонад. Барои тарбияи ахлоқии бачагон ғамхорӣ намудан, ба андешаи мо, ин вазифа гузоштан дар назди умум, яъне оила, мактаб ва ҷомеа мебошад. Ин вазифаи худро онҳо танҳо дар натиҷаи таъмин намудани мушкилоти ягонаи ахлоқ нисбат ба бачагон иҷро карда метавонанд. Дар таъмин намудани ин ягонагӣ мактаб нақши роҳбарикунандаро бояд иҷро намояд. Педагоги маъруф А.С. Макаренко ҳамин масъаларо хеле хуб асоснок намудааст: «Оилаҳои хуб ҳам ҳастанд оилаҳои бад ҳам ҳастанд. Ба умеди он шудан лозим нест, ки ҳар як оила бачаро дуруст тарбия карда метавонад. Мо бояд тарбияи оилавиро ташкил кунем ва ташкилкунандаи аввали он бояд ҳамчун намояндаи тарбияи ахлоқӣ – мактаб бошад» [8, с.260]. Ин ақидаи А.С. Макаренкоро В.А. Сухомлинский минбаъд сайқал додааст. Ӯ мафҳуми «тарбияи оилавӣ-мактабӣ»-ро истифода карда, нақши ягонаи муассисаи таълимӣ ва оиларо дар тарбияи бачагон ва нақши роҳбарии муассисаи таълимиро дар ҳамин маврид қайд кардааст: «Тарбияи мактабӣ-оилавӣ на танҳо имконият медиҳад, ки насли наврас хуб тарбия карда шавад, балки дар баробари ин, як шарти муҳимтарини такмил додани симои маънавии оила ҳам мебошад. Бе тарбияи бачагон, бе иштироки фаъолонаи падару модарон дар ҳаёти мактаб, бе ҳамкории

доимии ахлоқӣ ва якдигарро аз ҷиҳати маънавӣ бойгардонии калонсолон ва бачагон худи оила ҳамчун ячейкаи аввалини ҷамъият, мактаб ҳамчун муассисаи таълиму тарбия ва прогрессии ахлоқии ҷамъият вуҷуд дошта наметавонад [16, с.194].

Дар шароити кунунӣ институтҳои тарбиявӣ - мактаб ва оила, ки дар онҳо пояи аввалини тарбияи ахлоқии насли наврас гузошта мешавад, басо аҳамиятнок мебошанд. Дар ин раванди синнусолӣ бо кӯшиши якҷояи оила ва мактаб асоси ахлоқии шуури маънавӣ ва рафтори онҳо тамоми мавқеи зиндагии онҳо барои оянда гузошта мешавад. Нақши оила дар тарбияи ахлоқии кӯдакон қайд гардида, чунин зикр кардан мумкин аст, ки «дар оила пояи хислатҳои инсон, муносибати вай ба ҷомеа, ба меҳнат, ба ҳаёти маънавӣ ташаккул меёбанд». Тарбияи ахлоқӣ дар синни мактабӣ ба воситаи аз тарафи муҳассилин аз бар намудани қоидаҳо, ки он дар шакли таҳсилот, меҳнат, рафтори маданӣ, ғамхорӣ намудан ва муҳофизат кардани саломатӣ, инкишоф додани тарбияи ҷисмонӣ дида мешавад. Дар шароити имрӯза дар назди омӯзгор вазифаҳои хеле масъулиятноке гузошта шудаанд, ки онро ба сомон расонидан заҳмати зиёдеро аз омӯзгорон талаб мекунад.

Дар ҳамин раванд қайд кардан мехоҳем, ки аксари ҷавононе, ки ба ҳаёти имрӯзаи ҷомеа ворид гашта истодаанд, мумкин аст аз мушкилоти зиёди ҳаётӣ бархӯрдор нашуда бошанд. Дар бисёр маврид падару модарон аз меҳру муҳаббати зиёд нисбат ба фарзандон, ки аз хислатҳои онҳо пурра бархӯрдор нестанд, таъкид менамоянд, ки сармояи оилавии мо метавонанд мушкилоти шуморо дар ҳама маврид осон гардонанд. Дар баъзе мавридҳо муҳаббати зиёди падару модар, ки бо мафҳумҳои ман барои ту зиндагӣ мекунам, иброз дошта мешавад, ба фарзандон таъсири манфӣ расонида метавонанд. Бинобар ин, тарбияи ахлоқии наврасон ва хусусан наврасони душвортарбия, яке аз мушкилоти баҳсталаб ҳам дар оила, ҳам дар мактаб ва ҳам дар ҷомеа маҳсуб меёбад. Агар тарбияи ахлоқии кӯдакон аз оғоз дуруст ба роҳ монда шавад, мо фарзандони ба ҷомеа арзандаро ба воя расонида метавонем.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакон ҳамон вақт ба гурӯҳи душвортарбия ворид мешаванд, ки аз як тараф, муносибати волидайн ва аз тарафи дигар, муносибати муаллимон нисбати онҳо вайрон мешавад. Кӯдакон ҳам дар оила ва ҳам дар мактаб нисбат ба худ меҳру муҳаббатро ҳис намекунанд, аз ин лиҳоз нисбат ба нафарони зикргардида боварии кӯдак канда мегардад. Дар ин раванд кӯдак метавонад бо нафароне, ки синну соли гуногун доранд ва бо онҳо шинос нестанд, муоширату муносибат барқарор намуда, то андозае ба онҳо унс гирад. Дар ин раванд ба чунин ҳолат гирифтор шудани онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки алоқаи волидайн бо мактаб дар сатҳи паст меистад. Алоқаи мустаҳкам надоштани оилаву мактаб ба он оварда мерасонад, ки гуногунрафтории волидайн ва муаллимон дар тарбияи кӯдакон, ки ба вайрон шудани ахлоқи онҳо оварда расонидааст, дида мешавад. Падару модар ба он нуқта аҳамият медиҳанд, ки фарзанд кадом баҳоро мегирад, аммо ба раванди муносибат ва муоширати фарзандон диққати кам дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки баъзан рафторҳое, ки аз тарафи волидайн ба инобат гирифта намешаванд, ба одати доимии кӯдак табдил меёбанд, ки дар раванди ба камол расидан онро аз байн бурдан ғайриимкон мешавад.

Таҳлилҳо гувоҳи онанд, ки сарчашмаҳои ҳамаи нохушиҳое, ки ба сари ҳар як кӯдаки душвортарбия омадаанд, саҳван, яъне дар ҷой хушку холӣ пайдо нашудаанд. Қисми зиёди олимони соҳа бар он назаранд, ки ҳамаи ин бадбахтиҳо сарчашмаи худро аз оила, муносибати оилавӣ миёни аъзоёни оила ва дигар масъалаҳои дар атрофи ин институти иҷтимоӣ бавуҷудомада мегиранд. Оила он ҷоест, ки кӯдак аввалин қадамҳои худро дар он муҳит гузошта, аз атрофиён чизҳои нав ба навро аз худ мекунад. Ҳар он чизе ӯ дар рафтору кирдори падару модари худ ва дигар аъзоёни оила мебинад, кӯшиш мекунад, ки ба онҳо тақлид намояд. Олимони амрикоӣ дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳои зиёд муайян карданд, ки дар он оилаҳое, ки муносибатҳои дохилиоилавӣ муътадил ба роҳ монда шудаанд, имконияти пайдо

гаштани рафторҳои ношоиста баробар аст ба 3 дар 100 ва баръакс, дар муҳити номусоид имконияти пайдоиши рафторҳои ношоиста ба дараҷаи 98 дар 100 баробар мешавад [9, с.79]. Бояд қайд намуд, ки то ба душвортарбия расонидани кӯдакон бояд ҳар як падару модар дар фикри он бошад, ки тарбияи фарзанд басо мушкил аст ва дарёфти роҳу усулҳои тарбияи фарзанд аз мадди назарашон дур карда нашавад, баръакс, вобаста ба ҷиҳати равонии ӯ бояд дарёфти роҳу усулҳои тарбияи он дар маркази диққати волидайн бошад, чунки ин маҳсули муносибатҳои оилавиро ташкил медиҳад. Дар муассисаҳои таълимӣ бошад, аз мураббиён ва омӯзгорон дар бобати ба тарбия фаро гирифтани шогирдон ва тарбиятгирандагон дарёфти методҳои гуногуни тарбия лозим аст, вақте ки аз методҳои тарбия бархӯрдор намешаванд, дар ин раванд фаъолият намудан хеле мушкил мегардад. Чун қоида, дар назди муаллим ва мураббӣ масъулияти хеле бузурге гузошта шудааст, ки аз уҳдаи иҷрои он на ҳар шахс баромада метавонад.

Дар раванди омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ дар самти илми педагогика ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки проблемаи аз нав тарбия намудани кӯдакони душвортарбия хеле мубрам мебошад. Масъалаи зикргардида на танҳо дар давлатҳои алоҳида ё давлатҳои аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба тараққӣ, балки ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Дар масъалаи аз нав тарбия кардани кӯдакони душвортарбия бошад, қайд кардан зарур аст, ки роҳу усулҳои он сол то сол бо як қатор омилҳо, аз ҷумла раванди ҷаҳонишавӣ, дастрас будани воситаҳои иттилоотӣ (интернет), мавҷуд будани як қатор шабакаҳои иҷтимоӣ, таъсири омилҳои беруна, ки хосси урфу одати маҳаллӣ нест ва ғайра хеле душвор гардида истодааст.

**Муқарриз: Ахмедова М.С. -- н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алемаскин М.А. Воспитательная работа с подростками / М.А. Алемаскин. - М., 1979.
2. Кочетов А.И. Тарбияи наврас / А.И. Кочетов. – М., 1992. - 120 с.
3. Кочетов А.И. Кор бо кӯдакони душвор: Китоб. барои муаллим / А.И.Кочетов, Н.Н. Верцинская. - М., 1986. - 160 с.
4. Крупская Н.К. Пед. соч. в 6-ти томах. Педагогика, 1978.
5. Кадиров С.К. Общественность и трудный подросток / С.К. Кадиров. –Душанбе, 1987. – С.57,64.
6. Лестгафт П.Ф. Тарбияи оилавии кӯдак ва маънои он / П.Ф. Лестгафт. - М., 1991.- 213 с.
7. Макаренко А.С. -Ҷилди 4 — М., 1981. - 460 с.
8. Макаренко А.С. Избранные педагогические соч. в 2-х томах / А.С. Макаренко. - М.: Педагогика, 1978, I, т. 2. –С.60.
9. Михайловская И.Б. Трудные ступени / И.Б.Михайловская. - М.: Просвещение, 1990 г.
10. Миралиев А.А. Кӯдакони душвортарбия / А.А. Миралиев. – Душанбе, 2007. – 60с.
11. Натанзон Э.Ш. Мактаббачагон ва коллективи педагогии "мушкил": Дастур барои муаллимон / Э.Ш. Натанзон. - М., 19894. - 96 с.
14. Невский И.А. Муваффақияти душвор: Шумо метавонед бе "мушкилот" кор кунед. Аз таҷрибаи корӣ / И.А. Невский. – М., 1981. - 128 с.
12. Нуров А. Кори якҷояи оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол / А.Нуров. – Душанбе: Маориф, 1989.
13. Поварницина В.А. Кори тарбиявии мактаб бо талабагони «душвор» — наврасон: Китоби дарсӣ. Фоида / В.А. Поварницина. - Челябинск: ЧГПИ, 2004. - 88 с.
14. Раҳимов Х. Педагогика / Х.Раҳимов, А. Нуров. – Душанбе: Маориф, 2000.
15. Степанов В.Г. Психологияи мактаббачагони душвор / В.Г. Степанов. - М., 2001. - 336 с.
16. Сухомлинский В.А. Избранные педагогические сочинения в трех томах / В.А. Сухомлинский. -М.: Педагогика, 1980. -Т. 2.
17. Тарбияи кӯдаки мушкил: кӯдакони рафтори девиантӣ. Рожкова. - М., 2011. - 240 с.
18. Эгидес А.П. Лабиринтҳои муошират ё тарзи муомила бо кӯдаконро омӯхтан / А.П. Эгидес. - М., 2002.- 368 с.
19. Яҳёев Мирзо. Кор бо наврасони душвортарбия / М. Яҳёев. – Душанбе: Маориф, 2000. –С.17.
20. Яхёев М. Формирование позитивного поведения у подростков правонарушителей в процессе их перевоспитания: дис. канд. пед. наук / М. Яхёев. - Алма-Ата, 1988.

## ДУШВОРТАРБИЯГӢ – МАСОИЛИ МУБРАМИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Бачаҳои «душвор» буданд, ҳастанд ва албатта, хоҳанд буд. Дар шароити кунунӣ институтҳои тарбиявӣ - мактаб ва оила, ки дар онҳо пояи аввалини тарбияи ахлоқии насли наврас гузошта мешавад, басо аҳамиятнок мебошанд. Дар ин ниҳодҳо бо кӯшиши якҷояи оила ва мактаб асоси ахлоқии шуури маънавӣ ва рафтори онҳо, мавқеи зиндагии онҳо барои оянда гузошта мешавад. Дар оила пояи хислатҳои инсон, муносибати вай ба ҷомеа, ба меҳнат, ба ҳаёти маънавӣ ташаккул меёбанд. Тарбияи ахлоқӣ дар синни мактабӣ ба воситаи аз тарафи муҳассилин аз бар намудани қоидаҳои рафтор, шакли таҳсилот, тарбияи меҳнатӣ, рафтори маданӣ, ғамхорӣ намудан ва муҳофизат кардани саломатӣ, тарбияи ҷисмонӣ ба роҳ монда мешавад. Дар шароити имрӯза дар назди омӯзгор вазифаҳои хеле масъулиятноке гузошта шудаанд, ки онро ба сомон расонидан заҳмати зиёдеро аз омӯзгорон талаб мекунад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакон ҳамон вақт ба гурӯҳи душвортарбия ворид мешаванд, ки аз як тараф муносибати волидайн ва аз тарафи дигар, муносибати муаллимон нисбати онҳо вайрон мешавад. Кӯдакон ҳам аз оила ва ҳам аз мактаб нисбат ба худ меҳру муҳаббатро ҳис намекунанд, аз ин лиҳоз нисбат ба нафарони зикргардида боварии кӯдак канда мегардад. Дар ин раванд кӯдакон метавонанд бо нафарони синну соли гуногун муоширату муносибат барқарор намуда, то андозае ба онҳо унс гиранд. Бояд қайд намуд, ки баъзан рафторҳое, ки аз тарафи волидайн ба инобат гирифта намешаванд, ба одати доимии кӯдак табдил меёбанд, ки дар раванди ба камол расидан онҳоро аз байн бурдан ғайриимкон мегардонанд.

**Калидвожаҳо:** кӯдакони "душвор", тарбия, таъсир, рафтори ношоиста, волидайн, омӯзгор, мактаб, оила, алоқа, муносибат, муошират.

## ТРУДНОВОСПИТУЕМОСТЬ - ПРОБЛЕМА СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

«Трудные» дети были, есть и, конечно будут. Но сегодня их особенно много. Это огорчает учителей и вселяет в них безнадежность. Но верить и надеяться надо. Как помочь такому ребенку? Что посоветовать его родителям? Как правильно организовать работу с ним? Непросто найти ответы на эти и еще многие другие вопросы, связанные с воспитанием трудного ребенка, организацией работы с ним. Все это требует от педагогики активизации усилий, направленных на осмысление причин девиантного поведения и поиск адекватных механизмов его сдерживания и предупреждения. В сложившейся ситуации очень важны воспитательные учреждения - школы и семьи, где закладывается первый фундамент нравственного воспитания подрастающего поколения. В этом возрастном процессе совместными усилиями семьи и школы закладывается нравственная основа их духовного сознания и поведения, а также вся их позиция на будущее. Подчеркивается роль семьи в нравственном воспитании детей, и можно сказать, что «в семье формируется основа качеств человека, его отношение к обществу, к труду, к духовной жизни». Нравственное воспитание в школьном возрасте видится учащимся через введение правил, которые заключаются в форме воспитания, труда, культурного поведения, заботы и охраны здоровья, развития физической культуры. В современных условиях перед учителем стоит очень ответственная задача, которая требует от педагогов больших усилий. Опыт показывает, что дети попадают в трудную группу, когда, с одной стороны, нарушается отношение родителей, а с другой стороны, отношение к ним педагогов. Дети не чувствуют себя любимыми сами по себе, как в семье, так и в школе, в связи с чем доверие ребенка к ним нарушается. В этом процессе ребенок способен общаться с людьми разного возраста и с незнакомыми, а также в какой-то степени обращать на них внимание. При этом их воздействие на эту ситуацию свидетельствует о том, что отношения родителей со школой низкие. Отсутствие прочных связей между семьей и школой приводит к разнообразию родительского и педагогического поведения в воспитании детей, ведет к их нравственной испорченности. Родители обращают внимание на то, какие оценки дети получают, но мало внимания уделяют тому, как дети ведут себя и общаются. Следует отметить, что иногда поведение, не учитываемое родителями, становится постоянной привычкой ребенка, от которой в процессе развития невозможно избавиться.

**Ключевые слова:** «трудные» дети, воспитание, влияние, проступок, родители, учитель, семья, школа, связь, отношение, общение.

## EDUCATIONAL DIFFICULTY - PROBLEM OF MODERN SOCIETY

"Difficult" children were, are and, of course, will be. But today there are a lot of them. This upsets the teachers and gives them hopelessness. But you have to believe and hope. How can you help such a child? What advice would you give to his parents? How to organize work with him? It is not easy to find answers to these and many other questions related to the upbringing of a difficult child, the organization of work with him. All this requires pedagogy to intensify efforts aimed at comprehending the causes of deviant behavior and finding adequate mechanisms for its containment and prevention. In the current situation, educational institutions - schools and families, where the first foundation of moral education of the younger generation is laid, are very important. In this process of age, with the joint efforts of the family and the school, the moral basis of their spiritual consciousness and behavior is laid, as well as their whole position for the future. The role of the family in the moral upbringing of children is emphasized, and it can be said that "in the family the basis of human qualities, his attitude to society, to work, to spiritual life is formed." Moral education at school age is seen by students through the introduction of rules, which are in the form of education, work, cultural behavior, care and protection of health, the development of

physical education. In today's conditions, the teacher has a very responsible task, which requires a lot of effort from teachers.Experience shows that children fall into a difficult group when, on the one hand, the attitude of parents and on the other hand, the attitude of teachers towards them is disrupted. Children do not feel loved by themselves, both in the family and at school, and therefore the child's confidence in them is broken. In this process, the child is able to communicate with people of different ages and unfamiliarity with them, and to some extent to pay attention to them. In this process, their exposure to this situation indicates that the relationship of parents with the school is low. Lack of strong links between family and school leads to a variety of parental and teacher behaviors in the upbringing of children, leading to their moral depravity. Parents pay attention to which marks do children get, but little attention is paid to how the children behave and communicate. It should be noted that sometimes behaviors that are not taken into account by the parents become a permanent habit of the child, which in the process of development can not be eliminated.

**Keywords:** "difficult" children, upbringing, influence, misconduct, parents, teacher, family, school, connection, attitude, communication.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Худойқулова Қизларгул Ҷурақуловна*** **-**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: 009224030**

**Сведение об авторе:** ***Худойкулова Кизлархон Джуракуловна*** - Таджикский национальный университет, кандидат педагогических наук, доцент общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес** 734025, РеспубликаТаджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон**: 009224030**

**Information about the author:** ***Khudoykulova Kizlarkhon Dzhurakulovna*** **-** Tajik National University, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the All-University Department of Pedagogy. **Address** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **009224030**

УДК:37.018.1

# НАҚШИ ҲАМКОРИИ МАКТАБ, ОИЛА ВА ҶОМЕА ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

***Ғайратова К.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тарбияи насли наврас кори басо душвор аст. Онро танҳо ба дӯши мактаб ва ё оила гузорем, муроде ҳосил нахоҳад шуд. Оила ҳам дар танҳоӣ ба тарбия машғул шавад, натиҷаи дилхоҳро соҳиб шуданаш мушкил аст. Бинобар ин, ҷараёни мураккаби тарбия мактабу оиларо ба кори якҷоя, ҳамкорӣ даъват менамояд. Мактабҳои пешқадам собит намудаанд, ки алоқаи мустаҳками мактабу оила сабаби баланд гардидани самараи таълиму тарбияи хонандагон хоҳад шуд. Дар ҳамон ҷое, ки ҳамкории мактаб, оила ва аҳли ҷамъият хуб ба роҳ монда шудааст, насли наврас хуб тарбия мeёбанд. Натиҷаи як шудани ду шакли тарбия - оилавӣ ва ҷамъиятӣ ҳамин аст [13, с. 286].

Доираи ҳамкории оила ва мактаб хеле васеъ аст. Мо онҳоро метавонем ба се гурӯҳ ҷудо намоем. Ба гурӯҳи аввал масъалаҳои корҳои таълимию тарбиявӣ бо ҳамкории мактабу оила дар самти таълиму тарбияи хонандагон дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм водоркунӣ баҳри инкишофи шахсият дохил мешавад, ки масъалаҳои зиёдеро дар бар мегирад. Чуноне ки аз таҷрибаҳо бармеояд дар оилаҳое, ки муҳити солими психологӣ фароҳам овардаанд ва худи волидайн намунаи ибратанд, фарзандон дуруст тарбия меёбанд. Ба гурӯҳи сеюм ҳамкории мактабу оила, инчунин ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва инфуродии кӯдакон, инчунин дигар масъалаҳо шомил мешаванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози назар намудааст: ”Беҳбудии сифати таълиму тарбияи насли наврас бояд дар маркази диққати ҳар як оила ва падару модар қарор дошта бошад. Онҳо бояд дар тарбия ва донишандӯзии фарзандони худ ҳамеша бо муассисаҳои таълимӣ дар тамос шуда, масъулияти ҷиддӣ эҳсос намоянд. Тарбияи насли наврас кори аҳли ҷомеа аст.” [12,с. 19]. Чи тавре ки ба мо маълум аст, дар синфҳои 10-11 бояд падару модарон ва аҳли ҷомеа диққати асосиро ба он равона кунанд, ки хатмкунандагон дар интихоби касб масъулият эҳсос кунанд. Волидайн низ дар интихоби касби оянда ва муайян кардани роҳи ҳаёт ҳаматарафа ёрӣ расонанд.

Педагогикаи оилавӣ соҳаҳои гуногуни тарбияи бачагонро дар оила аз давраи аввали ҳаёт оғоз намуда, то ба балоғатрасӣ дар бар мегирад. Дар педагогикаи оилавӣ роҳҳои умумии ташаккули одами ҳаматарафа инкишофёфта, ки онҳоро оила бо ҳамкории муассисаҳои томактабӣ, мактаб ва аҳли ҷомеа ба амал мебаранд, нишон дода шудаанд.

Таҷрибаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки агар ҳамкории мактаб ва оила дуруст ташкил карда шавад, падару модар ёрирасони фаъоли мактабу муаллим мегарданд. Шаклҳои ҳамкории оила бо мактаб ба таври зайл шуда метавонанд:

- падару модарон дар мактаб барои бачаҳо сайру саёҳатҳо ташкил менамоянд;
- маҳфилҳои гуногун ташкил мекунанд;
- ба муносибати рӯзҳои таърихӣ чорабиниҳо ташкил менамоянд.
- намудҳои гуногуни мусобиқаҳои варзишӣ ташкил карда, ба он роҳбарӣ менамоянд;
- дар китобхонаҳои мактаб конференсия ё рӯзҳои дониш баргузор менамоянд;
- истироҳати бофароғати хонандагонро ташкил мекунанд;
- барои интихоби касб хонандагонро ба корхонаҳои истеҳсолӣ экскурсия ташкил мекунанд.

Хонандагон ба корхонаҳои истеҳсолӣ рафта, бо муносибати калонсолон ба меҳнат ва вазифаи ҷамъиятии онҳо аз наздик шинос шуда, таҷрибаи онҳоро аз худ намуда, касби ояндаи худро интихоб менамоянд.

Мақсади асосии мактаб аз он иборат аст, ки дар хонандагон сифатҳои неки ахлоқиро ба монанди: ватандӯстӣ, башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, интизоми бошуурона, ҳифзи табиат ва ғайраро ташаккул диҳад. Тарбияи ахлоқии мактаббачагон дар коллективи синф, мактаб, инчунин тавассути фанҳои маърифати оиладорӣ, таърих, инсон ва ҳуқуқ дар ҷараёни корҳои тарбиявии мактаб сурат мегирад.

Волидайн вазифаҳои гуногуни тарбиявиро иҷро менамоянд ва ин аз нақшҳои иҷтимоии онҳо вобаста аст, инкишофи ҳиссӣ - ахлоқии кӯдак қабл аз ҳама ба модар вобаста аст. Дар оила маҳз модар муҳити ҳиссӣ –эмотсионалӣ фароҳам меоварад, эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи фарзандонро қаноатманд месозанд.

Бемасъулиятии падару модарон ба нохӯшиҳои зиёд оварда мерасонад. Фақат равобиту ҳамкории мустаҳками омӯзгорон ва падару модарон метавонад нуқсонҳои ҷойдоштаи тарбияи оилавиро ба маҷрои дуруст равона кунад. Барои ин бояд онҳо ба ҳамдигар боварӣ дошта бошанд, ҳамдигарро эҳтиром кунанд, зеро мактабу оила дар кори тарбия, зиндагии ояндаи фарзандон нақши бузур мебозанд.

Яке аз шаклҳои ташкили ҳамкории мактабу оила ҷаласаҳо, конференсияҳои волидайн ба шумор мераванд, ки онҳо умумимактабӣ ва синфӣ шуда метавонанд. Дар ин ҷамъомадҳо мубодилаи афкор сурат мегирад.

Омӯзгорон кори тарбияви оиларо роҳбарӣ мекунанд ва мекӯшанд, ки оила ба инкишофу ташаккулёбии шахсияти фарзанд мусоидат намояд, волидайн бояд усулҳои тарбиявияро интихоб намоянд, ки дар онҳо муносибати нек нисбати мактаб ва боварӣ ба омӯзгорон ташаккул ёбад. Омӯзгорон, инчунин, ба падару модарон бояд маслиҳатҳои хуби тарбиявӣ диҳанд ва онҳоро дар ҳалли масъалаҳои таълиму тарбияи фарзандон роҳнамоӣ намоянд.

Вазифаи асосии ҳар як падару модар таълиму тарбияи хуб ба фарзанд додан аст, ки дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони мактаб амалӣ мегардад. "Ба оила бештар кумак расонидан ва дар айни замон масъулияти онро дар тарбияи насли наврас баланд бардоштан зарур аст. Падару модарон вазифадоранд, ки обрӯи мактаб ва омӯзгоронро ҳамаҷониба баланд бардоранд, фарзандонро дар руҳияи эҳтиром ва дӯст доштани меҳнат тарбия намоянд, онҳоро ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ тайёр кунанд, ба риоя намудани тартибу интизом ва меъёрҳои ҳаётии ҷамъиятамон одат намоянд. Муносибати хуб ба меҳнат ва иҷрои вазифаҳои ҷамъияти дар ҳар бобат ба фарзандон ибрат нишон диҳанд" [11,с. 55-56].

Вазифаи муқаддаси ҳар як падару модар ва муассисаҳои таҳсилоти миёна кумак намудан дар интихоби касб ва ташаккули тарбияи меҳнатии хонандагон ба шумор меравад. Ҳар як касби интихобкардаи насли ҷавон бояд ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бошад. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пеш аз интихоби касб бояд хонандагонро бо касбҳои замони муосир шинос намуда, дар оянда барои ба истеҳсолот ворид шудани онҳо ҳама шароитҳоро фароҳам созанд, чунки кумак расонидан ба ҷавонон дар интихоби касби ояндаашон бо дарназардошти шавқу рағбати онҳо ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ мебошад.

Кӯдакро бояд аз хурдсолӣ ба касбу ҳунар шинос намуда, нисбати касби оянда ба қобилияти онҳо аҳамият дода, меҳру муҳаббат ва шавқу завқро бедор намуд.

Вазифаи ҳавасмандкунии омӯзгор ба касб аз он иборат аст, ки дар ҷавонон бо шууронаи касб тарбия карда шаванд. Ба ҷавонон фаҳмондан лозим аст, ки шахс ҳамон касб зарур шуда метавонад, ки ба ӯ ҳаловати маънавӣ бахшад, барои манфиати ҷомеа сарф намудани қувваю дониши худро аз касби интихобкардааш дарк намояд, ки ин касб то кадом андоза ба ҷомеа зарур аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат дар

бораи мактаб ва маориф чунин гуфтаанд:“Мактаби таълимоти ҳамагонӣ на танҳо илму дониш, балки бояд аз одамияту маънавиёт, одобу ахлоқ, ҳусни ботин сабақ диҳад, таҷрибаи зиндагӣ ва касбу ҳунар омӯзонад” [15,с. 20].

Яке аз вазифаҳои пурифтихори муассисаҳои таълимӣ аз он иборат аст, ки тарбияи инсондӯстонаи насли наврас, ташвиқу тарғиби пайванди наслҳоро ба роҳ монад.

Омӯзгорони ботаҷриба дар ҷараёни дарс танҳо бо баёни мавзуъ қаноат накарда, кӯшиш менамоянд, ки ба эҳсосоти хонандагон таъсир расонанд. Чуноне ки педагоги рус К.Д.Ушинский таъкид кардааст: “Ҳеҷ чиз – на сухан, на фикр, ҳатто, на рафторҳои мо муносибати моро ба мисли эҳсоси мо равшан ва дуруст ифода карда наметавонад” [8,с. 117].

Ҷараёни тарбияи хонандагонро роҳбарони мактаб, ташкилотчиёни корҳои тарбиявии беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, роҳбарони синфҳо ташкил мекунанд. Онҳо фаъолияти коллективҳои хонандагонро ба роҳ монда, падару модарон ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятиро бояд ба тарбияи хонандагон ҷалб намоянд. Барои ба амал баровардани алоқаи тарбия бо ҳаёт дар ҷараёни дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ васеъ истифода бурдани маводҳо оиди ватанпарастӣ, кишваршиносӣ мусоидат менамоянд.

Корҳои беруназсинфӣ чораҷӯии таълимӣ ва тарбиявие мебошад, ки роҳбари синф, шурои ҷавонон ва омӯзгорони фаннӣ бо иштироки бевоситаи хонандагони мактаб баъд аз дарс мегузаронанд.

Корҳои беруназсинфӣ, ба назар гирифтани фаъолият ва мустақилияти хонандагон, хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии онҳо ташкил карда шуда ҳамчун шакли асосии раванди педагогӣ, воситаи муҳимтарин дар системаи тарбияи илмии хонандагон ба шумор мераванд.

Корҳои беруназсинфӣ бо мақсади ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон ташкил ва гузаронида мешаванд ва бо корҳои таълимию табиявии мактаб алоқаманд мебошад, дар чорабиниҳои беруназсинфии тарбиявӣ бештар дар мавзуъҳои ватандӯстӣ, эҳтироми волидайн, интихоби касб ва ғайраҳо гузаронида мешаванд.

Дар ҷараёни тарбия дар як вақт ташаккул додани шуури тарбиягирандагон, инкишоф додани ҳиссиёти онҳо ва ҳосил намудани малака ва одатҳои рафтори онҳо амалӣ мегардад. Агар яке аз ин унсурҳо аз назар дур монад, ҷараёни тарбия ба мақсади худ ноил нагардида, характери яктарафа мегирад. Бинобар ин, яке аз талаботҳои ҷараёни тарбия таъсири ҳаматарафа ба шахсият, ба шууру ҳиссиёт ва рафтор мебошад.

Хусусиятҳои синнусолӣ ва имкониятҳои дарккунии хонандагонро ба ҳисоб гирифтан зарур аст, чунки хонандагони синфҳои болоӣ дар конфронсҳо, мубоҳисаҳои илмӣ - назариявӣ, мафҳилҳои фаннӣ ва сӯҳбатҳои сиёсӣ фаъолона иштирок карда метавонанд.

А.С.Макаренко чунин ишора карда буд: “ Дар синни калонсолӣ суҳбатҳо, характери эътиқод, кушодан ва таҳлили ҳодисаҳо, нишон додани ҳалли мусбати масъалаҳо, ишора ба ибрати дигар писарон ва духтарон доро мешаванд [4,с. 416].

Вобаста ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон дарсҳо ва вохӯриҳо бо одамони машҳур ба дигар чорабиниҳои тарбиявӣ гузаронида мешаванд. Ин имкон медиҳад ки таъсири он хеле хуб расонад.

Ба хонандагон на танҳо намунаҳои ахлоқи атрофиён, балки лаҳзаҳои дурахшони ҳаёт ва фаъолияти бузургони гузашта, шахсони машҳури ватан, қаҳрамонони асарҳои бадеӣ низ таъсир мерасонад.

Таъсири тарбиявӣ бо ёрии мисолҳо як навъи истифодаи асбобҳои аёнӣ дар кори тарбия мебошад. Намунаҳои ахлоқи дигар одамон на танҳо ба шуур, балки ба ҳиссиёти тарбиягирандагон низ таъсир мерасонад. А.В. Луначарский дар маърузаи ба машварати муаллимони ҷамъиятшиносӣ кардааш гуфта буд: “Ба ҳаяҷон наоварда

ба системаи асаб таъсир нарасонида, агитатсия кардан имкон надорад. Ҳол он, ки бе вай тарбия мумкин нест” [2,с. 452].

Таъсири тарбиявии ибрати шахсии калонсолон аз бисёр ҷиҳатҳо ба эътибори онҳо вобаста аст. Шарти муҳимтарини баланд бардоштани қувваи тарбиявии ибрати шахсии омӯзгорон, падару модарон ва калонсолон ягонагии рафтору кирдори онҳо мебошад. Омӯзгорон ва падару модарон метавонанд бо меҳру муҳаббат ва эҳтиром ҳиссиёти хонандагонро бедор карда, дар онҳо одатҳои заруриро тарбия намоянд ва онҳоро ба меҳнат ва эҳтиром нисбат ба калонсолон омода созанд.

Мақсади асосии корҳои беруназсинфӣ ин зоҳир намудани қобилияти эҷодӣ ва инкишоф додани аломатҳои хосси шахсият мебошад.Ба хонандагон имконият дода мешавад, ки қобилият ва малакаву маҳорати худро дар адабиёт, санъат, технологияи муосир ва ғайра санҷида бинанд. Чи қадаре ки корҳои тарбиявии беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ бо майлу хоҳиши хонандагон дуруст ба роҳ монда шавад, ҳамон қадар бештар истеъдодҳои босалоҳияту болаёқат дар оянда ба камол хоҳанд расид. К.Д.Ушинский зарурати омӯзиши ҳаматарафаи шахсияти тарбиятгирандаро чунин таъкид менамуд: “Омӯзгор бояд кӯшиш намояд, ки инсонро донад, чигунагии симои аслии ӯро бо тамоми баландию норасиҳояш, бо тамоми эҳтиёҷоти одию ночиз ва талаботҳои бузурги маънавияш донад. Омӯзгор инсонро бояд дар оила, ҷамъият, дар байни халқ, одамон ва дар танҳоӣ бо инсофи худ; дар ҳама синну сол, дар ҳама синфҳо, дар ҳама ҳолатҳо донад” [7,с. 35].

Амалияи тарбия нишон медиҳад, ки дур кардани ҷавонони мактаб аз корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ба ақибмонии ташаккули камолоти шаҳрвандии писарон ва духтарон, ба пастшавии фаъолияти иҷтимоии онҳо оварда мерасонад. Ба ташкили фаъолияти фоиданоки ҷамъиятии хонандагон муаллимони фаннӣ, ҷонишинҳои директори мактаб, кормандони тиб, мудири китобхонаи мактаб бояд ҷалб карда шаванд. Бинобар ин, кори таълиму тарбияро дар байни падару модарон васеъ ба роҳ мондан аҳамияти зиёд дорад. Мактабу оила дар ҳамкорӣ дар тарбияи насли наврас вазифаи муҳимми давлатиро иҷро намуда, барои ҷомеа шахсиятҳои бузургро ба камол мерасонад.

**Муқарриз: Худойқулова Қ.- н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. “Ахлоқи Носирӣ”-и Хоҷа Насируддин Тӯсӣ ва “Ахлоқи Ҷалолӣ”-и Ҷалолиддини Давонӣ. – Душанбе: Ирфон, 1998. - С. 301.
2. А.В.Луначарский о народном образовании, Москва: изд-во АФП РСФСР, 1958. - С.452
3. А.С.Макаренко: Проблемы школьного советсого воспитания. Москва. 1949. С.29
4. А.С.Макаренко соч.,ч4, - С.416
5. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. - ҷилди 3. - Душанбе: Ирфон, 1964. – 526 с.
6. Ғиёсиев Меҳриддин. Марҳилаи аввали инкишофи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе, Эр-граф. 2003
7. К.Д Ушинский. Собр.соч., ч8, С.35.
8. К.Д.Ушинский. собр. соч. ч. 9. С 117.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд.” Душанбе, 02.08.2011,№762.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд.” Душанбе. 02.08.2011,№762.
11. О реформе обобразовательной и профессиональной школы, сборник документов и материалов.- М.: Политиздат, 1984. - С.55-56
12. Паём аз Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22-юми апрели соли 2002. Душанбе 2005. Таъкидҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Шарифович Раҳмонов дар бораи мактаб ва маориф. - С.19
13. Педагогика Й.Юнусов. - Душанбе. маориф ва фарҳанг, 2005, – С 286.
14. Подласый И.П. Педагогика: Учебник для вузов в 2 книгах, Москва, 1999. - 574 с.
15. Таъкидҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар бораи мактаб ва маориф. – Душанбе, - С.20 Матбааи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2006.

## НАҚШИ ҲАМКОРИИ МАКТАБ, ОИЛА ВА ҶОМЕА ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН

Тарбияи насли наврас кори басо душвор аст. Онро танҳо ба дӯши мактаб ва ё оила гузорем, муроде ҳосил нахоҳад шуд. Оила ҳам дар танҳоӣ ба тарбия машғул шавад, натиҷаи дилхоҳро соҳиб шуданаш мушкил аст. Бинобар ин, ҷараёни мураккаби тарбия мактабу оиларо ба кори якҷоя, ҳамкорӣ даъват менамояд. Мактабҳои пешқадам собит намудаанд, ки алоқаи мустаҳками мактабу оила сабаби баланд гардидани самараи таълиму тарбияи хонандагон хоҳад шуд.Яке аз шаклҳои ташкили корҳои педагогӣ ҳамкории мактабу оила ин ҷаласаҳо, конференсияҳои волидайн ба шумор мераванд. Дар ин ҷамъомадҳо масъалаҳои таълиму тарбия баррасӣ мешаванд мубодилаи сурат мегирад. Омӯзгорон кори тарбиявияро роҳбарӣ мекунанд ва мекӯшанд ки оила ба инкишофу ташаккулёбии шахсияти фарзанд мусоидат намояд, волидайн бояд усулҳои тарбиявиеро интихоб намоянд, ки дар онҳо муносибати нек нисбати мактаб ва боварӣ ба омӯзгорон ташаккул ёбад. Омӯзгорон инчунин ба падару модарон бояд маслиҳатҳои хуби тарбиявӣ диҳанд ва онҳоро дар ҳалли масъалаҳои таълиму тарбияи фарзандон роҳнамоӣ намоянд.Вазифаи ҳар як падару модар ва муассисаҳои таҳсилоти миёна кумак намудан дар интихоби касб ва ташаккули тарбияи меҳнатии хонандагон ба шумор меравад. Ҳар як касби интихобкардаи насли ҷавон бояд ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бошад. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пеш аз интихоби касб бояд хонандагонро бо касбҳои замони муосир шинос намуда, дар оянда барои ба истеҳсолот ворид шудани онҳо ҳама шароитҳоро фароҳам созанд.

***Калидвожаҳо:*** тарбия, мактаб, оила, ҳадаф, ҳамкорӣ, фаҳмондадиҳи, технологияи муосир, шахсият, интихоби касб, инкишофёбӣ, муассисаҳои таълимӣ.

## СОТРУДНИЧЕСТВО ШКОЛЫ, СЕМЬИ И ОБЩЕСТВА В ОБЛАСТИ ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ МОЛОДЕЖИ

Воспитание подрастающего поколения – непростая задача. Оставить это школе или семье не получится. Даже если в семье ребёнок воспитывается один, добиться желаемого результата сложно. Таким образом, сложный процесс образования побуждает школ и семью к совместной работе и сотрудничеству. Ведущие школы доказали, что прочная связь школы и семьи повысит эффективность обучения и воспитания учащихся.Одной из форм организации педагогической работы является сотрудничество школы и семьи - встречи, родительские собрания, которые проводятся в масштабах школы и класса. На этих встречах обсуждаются воспитательные вопросы школой и семьей, происходит обмен мнениями.Учителя руководят воспитательной работой семьи и стараются понять, способствует ли семья развитию личности ребенка, родители должны выбирать воспитательные методы, при которых у них вырабатывается положительное отношение к школе, воспитанию детей и доверие к учителям. Учителя также должны давать правильные воспитательные советы родителям и направлять их в решении проблем обучения и воспитания детей.Священной обязанностью каждого родителя и общеобразовательной школы является выбор профессии и формирование трудового воспитания учащихся. Каждая профессия, избираемая подрастающим поколением, должна соответствовать требованиям современности. Перед выбором профессии общеобразовательная школа должна знакомить учащихся с современными профессиями и создавать все условия для их будущего вхождения в производство, так как помощь молодежи в выборе будущей профессии с учетом ее интересов отвечает запросам общества.

**Ключевые слова:** образование, школа, семья, цель, сотрудничество, объяснение, современные технологии, личность, выбор профессии, развитие, образовательные учреждения.

## COOPERATION OF SCHOOL, FAMILY AND SOCIETY IN THE FIELD OF EDUCATION AND EDUCATION OF YOUTH

Raising the next generation is not an easy task. Leaving it to school or family will not work. Even if the family is brought up alone, it is difficult to achieve the desired result. Thus, the complex process of education encourages schools and families to work together and cooperate. Leading schools have proven that a strong school-family bond will increase the effectiveness of student education and upbringing.One of the forms of organization of pedagogical work is the cooperation of the school and the family, these are meetings, parent meetings, which are held on the scale of the school and class. At these meetings, educational issues between the school and the family are discussed, and views are exchanged.Teachers lead the educational work of the family and try to see if the family contributes to the development of the child's personality, parents should choose educational methods in which they develop a positive attitude towards school, raising children and trust in teachers. Teachers should also give good educational advice to parents and guide them in solving the problems of teaching and raising children.The sacred duty of every parent and general education school is the choice of a profession and the formation of labor education for students. Each profession chosen by the younger generation must meet the requirements of the present. Before choosing a profession, a general education school should introduce students to modern professions and create all conditions for their future entry into production, since helping young people in choosing a future profession, taking into account their interests, meets the needs of society.

**Keywords:** education, school, family, goal, cooperation, explanation, modern technologies, personality, choice of profession.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғайратова Кибриё Асламшоевна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **+992 908286868**. E- mail: **khayri.nazarova i@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Гайратова Кибриё Асламшоевна*** - Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 908286868**. E-mail: **khayri.nazarova i@mail.ru**

**Information about the author:** ***Gayratova Kibrie Aslamshoevna*** - Tajik National University, candidate of the University-wide Department of Pedagogy**. Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: +992 908286868**. E-mail: **khairi.nazarova i@mail.ru**

УДК: 372.893

# ТЕХНОЛОГИЯИ ОЗМОИШУ ТАҶРИБАИ АРЗИШҲОИ ДЕМОКРАТӢ

*Ҷӯраева М.З.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Бо гузашти беш аз 30 соли касби мустақилият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои давлат ва ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ташаккул ёфтанд. Вобаста ба ин, ба тариқи муназзам ва пайгирона пояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳким ва тақвият ёфта истодаанд, ки заминаю бунёди онро риоя ва эҳтироми ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон ташкил мекунад. Дар иртибот бо ин бояд тазаккур дод, ки тағйироту таҳаввулоти азиме дар низоми маорифи кишвар низ ба вуҷуд омадаанд.

Ин тағйироту таҳаввулот дар асоси усулҳои башардӯстӣ, ғояҳои миллӣ ва арзишҳои демократӣ, ки бархӯрду муносибатҳои наву ҷиддитарро нисбати таълиму тарбияи насли наврас пеш мегузоранд, ба амал омадаанд. Бо ин мақсад макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ бояд на танҳо машғули ба таълиму тадрис бошанд, балки барои ташаккули шахсият кӯшишҳои зиёде ба харҷ диҳанд. Зимнан, ин гуна шахсиятҳо соҳибҳуқуқ буда, дар онҳо бояд эҳсоси ватандӯстию ватанпарварӣ низ ташаккул ёфта бошад.

Фармоиши иҷтимоии ҷомеа аз макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ва таҳсилоти олӣ талаб мекунад, ки дар баробари тадриси фанҳои дигар дар барномаю нақшаҳои таълимии худ барнома ва ё курси махсусеро бо номи «Тарбияи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқӣ» коркард ва дохил кунанд.

Ин ҳадафи аслӣ такмилу тақвияти самту соҳаҳои мухталифи низоми маорифро тақозо намуда, мувофиқи мақсад будани ташаккул додани эҳсосоти шаҳрвандият ва донистани ҳуқуқҳои худро асоснок менамояд.

Таълим ва тадриси «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» дар макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ дар шароит ва муҳити имрӯза нокифоя ба назар мерасад. Мутаассифона, омӯзгорон дар ин соҳа ба ҷуз китоби таълимӣ бо маводҳои иловагӣ, аз қабили маводу дастурҳои таълимию илмӣ ва методӣ пурра таъмин нестанд. Ислоҳот дар соҳаи маориф ҳадаф ва вазифаҳои навро дар назди мактаб мегузорад. Аксаран, омӯзгорони «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» ва ҳам «Ҳуқуқҳои инсон» зимни таълиму тадриси ин фанҳо бо як қатор мушкилоту монеаҳо мувоҷеҳ мешаванд.

Дар ин самт нақшу мавқеи калидию муҳимро фарҳанг ва маълумоти ҳуқуқӣ дар раванди таълиму тарбия дар тамоми зинаю дараҷаҳои он мебозад. Тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ, ба маънии васеи ин мафҳум, ташаккули ҳуқуқии шахсият аст, ки он, дар навбати худ, ҷараёни гуногунҷанбаи ташаккули маданияту фарҳанги шуурнокии шаҳрвандию ҳуқуқӣ таҳти таъсири худи омилҳои мухталиф мебошад. Тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ ба маънои маҳдудтари калима – раванду ҷараёни ҳадафмандона, идорашаванда, раванди ташкилшуда ва созмонёфтаи таъсирбахшию муассири педагогӣ бу шумор меравад, ки ба шуурнокии ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Вобаста ба вазифаи эҷод ва фароҳамоварии давлати ҳуқуқбунёд ва ташаккули шуурнокии шаҳрвандию ҳуқуқӣ ва маданияту фарҳанги ҳуқуқӣ аз ҳама омили муҳимтарин доштани фарҳанг ва маълумот оид ба таълиму тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ дар доираи кору фаъолияти макотиби таҳсилоти олии ҷанбаи педагогӣ дошта ва макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ маҳсуб меёбад.

Моҳияту муҳтавои фарҳанги ҳуқуқӣ дар мактаби таҳсилоти олӣ бояд аз мавқеи педагогӣ асоснок буда, дар заминаи методологияи илмӣ ташкил карда шуда, мабнӣ бар усулҳои муназзамӣ (системанокӣ), ҷомеият, таъмини равобити байнифаннӣ қарор гирад. Низоми тарбияи ҳуқуқӣ дар мактаби таҳсилоти олӣ бояд ҷанбаи ҳадафмандона дошта бошад, яъне тарбияи ҳуқуқии хонандагонро таъмин кунад.

Мактаби таҳсилоти олии педагогӣ на танҳо вазифадор аст, ки мутахассиси ҳамаҷиҳата донишмандро дар самту соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ тайёр ва омода намояд,

балки бояд тайёрию омодагии шахсияти омӯзгори ояндаро таъмин карда, ба ташаккули шуурнокии ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии онҳо мусоидат намояд.

Асарҳои илмии академики Академияи таҳсилоти ҶТ, профессор М.Лутфуллоев, монографияҳои ӯ «Эҳёи педагогикаи Аҷам» [11], «Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои маориф» [9], «Педагогикаи шафқат» [10] ва «Дидактикаи муосир» [8] ба проблемаҳои гуногуни таълиму тарбияи насли наврас дар низоми мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Муҳаққиқ дар онҳо дар асоси ақидаҳои педагогии мутафаккирони гузаштаи халқи тоҷик ва комёбиҳои педагогикаи муосири тоҷик, ҳамчунин дар натиҷаи таҳқиқоти худ унсурҳои муҳимми тарбияро аз ҷиҳати илмӣ асоснок мекунанд, аз қабили: тарбияи миллӣ, тарбияи худшиносӣ, тарбияи ватандӯстӣ, тарбияи инсондӯстӣ, ахлоқӣ, тарбияи маънавӣ, тарбияи сулҳдӯстӣ, меҳру шафқат. Онҳо унсурҳои таркибии тарбияи шахвандию ватандӯстӣ мебошанд, зеро ба худи табиати ҷамъияти демократӣ хос мебошанд.

Соли 2004 рисолаи номзадии Ҷумаев Б.У. дар мавзуи «Тарбияи шаҳрвандии донишҷӯён дар дарси таърихи халқи тоҷик» дифоъ карда шуд, ки дар ин мавзуъ рисолаи аввалин мебошад [4]. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки як қатор масъалаҳои тарбияи шаҳрвандии донишомӯзонро ҳангоми тадриси курси таърихи халқи тоҷик аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намояд. Вай номгӯйи унсурҳои асосии тарбияи шаҳрвандии муҳассилинро махсусан барои ҳамин фан бо асосноккунии илмии онҳо тартиб додааст. Дар осори ӯ, ҳамчунин, масъалаҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар раванди омӯзиши таърих, дарсу машғулият ҳамчун воситаи асосии тарбияи шаҳрвандӣ, мавқеи маводи таърихи халқи тоҷик ва усулҳои таълими он дар тарбияи шаҳрвандӣ, тарбияи муҳассилин дар корҳои беруназсинфӣ, ҳамчунин баъзе масъалаҳои дигар мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Соли 1993 О.Бозоров дар мавзуи «Тарбияи ватандӯстии мактаббачагони хурдсол аз рӯйи маводи адабиёти бадеии бачагонаи тоҷҷик дар системаи дарс ва корҳои беруназсинфӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ намуд, ки ҳадафи асосии он таҳияи низоми ҳадафмандонаи тарбияи ватандӯстӣ мебошад [1].

Муҳаққиқи тоҷик А.Қаландаров оид ба масъала ва хусусиятҳои тарбияи ватандӯстӣ дар фаъолияти педагогии омӯзгорони ҷумҳурӣ таҳқиқот гузаронидааст [5], ки дар он ба асосҳои назариявӣ ва методии тарбияи ватандӯстӣ (масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар илми психологию педагогӣ; омилҳои пешбарандаи ташаккули тарбияи ватандӯстӣ; хусусиятҳои тарбияи ватандӯстӣ дар фаъолияти педагогии омӯзгор) диққати махсус дода шудааст: такмил додани низоми кори муаллимон дар тарбияи ватандӯстии муҳассилин (ғанӣ гардондани мазмун ва шаклҳои тарбия; намунаи тарбияи ватандӯстӣ дар фаъолияти педагогии муаллим).

Дар макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ то ҳол нақша ва барномаҳои доимию устувори омоданамоии ҳуқуқии муаллимони оянда вуҷуд надорад. Ҳатто китобу васоити таълимӣ низ ба чашм намерасанд.

Монеаи асосӣ имрӯз, ки барои рушди мусоиду мувофиқи фарҳангу маълумоти ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, адами асосу бунёдҳои ягонаю воҳиди рушди консептуалӣ мебошанд.

Ҳоло замони он расидааст, ки заминаҳои коркарди стратегияи ягонаю умумии рушди маърифати шаҳрвандӣ бо назардошти таҷрибаи ғанигашта, таҳияи барнома ва дурнамои мутобиқгардонӣ ба намунаҳои дунёи пешрафтаю мутамаддин эҷод ва фароҳам оварда шаванд.

Чунин вазъу ҳолат муҳаққиқонро барои ҳаллу фасл ва иҷроиши масъалаи ворид намудани тасҳеҳу тағйирот ва мувофиқу мутобиқ гардонидани моҳияту мухтавои тайёрию омодагиҳои ҳуқуқии муаллимони оянда водор менамояд.

Ҷараёни татбиқу амалисозии технология дар амалияи корҳои тарбиявӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ)-ро баррасӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳадафи аслии кори таҷрибавӣ озмоиши технологияи тарбияи арзишҳои демократӣ (АД)-и хонандагон дар фаъолияти таълимии мактабҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон аст, ки он дар мисоли МТМУ-и минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бо назардошти хусусиятҳо ва талаботҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида шуд.

Дар асоси мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиш пайдарҳамии марҳилаҳои кори таҷрибавӣ чунинанд:

1.Ташхиси санҷишӣ омӯзиши сифатҳои АД-и муҳассилинро фаро мегирад, аз ҷумла пурсиши дастаҷамъона барои муайян кардани сифатҳои АД-и муҳассилин.

2.Таҷрибаи ташаккулдиҳӣ. Он аз санҷиши технологияи муаллифии тарбияи АД-и хонандагони МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат буд.

3.Таҷрибаи назоратӣ. Он таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳоро пешниҳод кард, таҳлили муқоисавии маълумоти дар гурӯҳи озмоишӣ бо маълумотҳои гурӯҳи назоратӣ пас аз таҷриба ташаккулёфта, коркарди оморию математикӣ, банизомдарорӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва маълумотро фаро мегирифт.

Дар рафти таҳқиқот дар марҳилаҳои гуногуни озмоиш зиёда аз 400 нафар ширкат варзиданд.

Ҳамчун пойгоҳҳои озмоишӣ муассисаҳои таълимии зерин амал карданд: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Коллеҷи омӯзгории ш.Кӯлоб, МТМУ-и минтақаи Кӯлоб, кормандон ва методистони шуъбаҳо ва раёсатҳои маориф, кормандони Донишкадаи минтақавии такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон.

Аз соли 2020 то 2021 таҳқиқоти озмоишӣ гузаронида шуд. Мо аз усулҳои зерин истифода кардем: пурсиш, таҷрибаи педагогӣ, усулҳои оморӣ ва математикии коркарди маълумот.

1.Таҳқиқоти сотсиологӣ солҳои 2020-2021 гузаронида шуд. Бо ин мақсад саволномае пешниҳод шуд, ки муаллиф барои муайян кардани арзишҳои демократии муҳассилин таҳия кардааст. Дар назарсанҷӣ хонандагони МТМУ аз 14 то 18-сола, ҳамчунин, барои муқоиса донишҷӯёни ДДК А.Рӯдакӣ ва Коллеҷи омӯзгории ш.Кӯлоб иштирок карданд. Дар маҷмуъ, дар пурсиш беш аз 900 нафар ширкат карданд.

Озмоиши санҷишӣ ҷанбаҳои зеринро фаро гирифт:

1.Манфиатҳо ва арзишҳои арзандаи муҳассилин ва наврасон дар соҳаи маърифати шаҳрвандӣ, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, омӯзиши таърих ва таърихи маҳал.

2.Донистани вижагиҳои таърихию ҳуқуқӣ ва мушаххасоти рушди равобити маданӣ ва муносибатҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3.Шинос намудани муҳассилин ва наврасон бо суннатҳо, урфу одатҳо, ёдгориҳо ва шаҷарашиносӣ.

4.Тарбияи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ва ахлоқии муҳассилин ва наврасон.

5.Дараҷаи воридшавӣ ба фаъолияти эҷодӣ дар соҳаи истироҳату фароғат.

6.Бархӯрд ва муносибат ба рушди технологияҳои таълимӣ дар асоси суннатҳо ва вижагиҳои аҳолии ҷумҳурӣ.

Мо дарёфтем, ки бештар аз сеяки хонандагони мактабҳо ба масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, омӯзиши таърих ва маданият таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Вижагии тафриқавии ин нишондиҳандаҳо барои хонандагони деҳот 52% мебошад. Дар маконҳои тамошобоби шаҳрӣ ва минтақавӣ - ёдгориҳои таърихии табиӣ ва меъморӣ маълумоти пурсидашудагон 48% муайян карда шуд, ки сатҳи ҳавасмандии хонандагон ва наврасонро муайян кард.

Иштирокдорони пурсиш маълумоту дониши худро оид ба таърих ва маданияти ватани худ арзёбӣ карданд. 62% пурсидашудагон иброз доштанд, ки ба таърих ва фарҳанги Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, адабиёти таърихии дастрасро мехонанд ва филмҳоро дар бораи таърихи кишвар тамошо мекунанд.

Як қатор саволҳо ба омӯзиши таъсири хонавода ба равандҳои АД нигаронида шуда буданд. Аз ҷумла, муайян карда шуд, ки аксарияти пурсидашудагон (54%) дар бораи шаҷараи хонаводаи худ маълумоти хеле кам доранд ва ё умуман маълумот надоранд. Хонандагон ба суннатҳои хонаводагӣ ва иду ҷашнҳо шавқи зиёд зоҳир мекардаанд: 24% пурсидашудагон зикр карданд, ки хонаводаи онҳо, чун анъана, бисёр санаҳои фаромӯшнашавандаро ҷашн мегиранд.Таҳқиқот нишон дод, ки хонандагони синфҳои болоӣ дар бораи хусусиятҳо ва вижагиҳои робитаҳои фарҳангӣ ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти басандаю кофӣ доранд.Як бахши вижаи саволҳо ба масоили муносибати муҳассилин ба рушди технологияҳои таълимӣ бахшида шуда буданд, ки дар асоси суннатҳои миллӣ ва вижагиҳои халқҳои муқимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дараҷаи иштироки ташаббускоронаи онҳо таҳия шуда буданд.Муқаррар гардид, ки 28% пурсидашудагон истифодаи технологияҳои таълимиро барои ташаккул ва рушди мавқеи шаҳрвандӣ, огоҳии ҳуқуқию ҳисси ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва салоҳияти фарҳангӣ нокифоя меҳисобанд.

Қариб 36% иштирокчиёни пурсиш зикр карданд, ки иттиҳодияҳои фаъоли истироҳату фароғат ва умури эҷодӣ ба муҳассилин ва наврасон таъсири назаррас доранд ва барои тарбияи АД-и насли наврас хеле арзишманд мебошанд.

Бештари пурсидашудагон чунин мешуморанд, ки низоми мавҷудаи АД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан қобили истифода ва самаранок нест. Танҳо нисфи пурсидашудагон итминон доранд, ки хонандагони муосир метавонанд нақшаҳои ҳаётии худро дар ватани худ амалӣ намоянд. Ҳамзамон, 14% бовар доранд, ки дар ватани худ сукунат кардан ба мақсад мувофиқ аст ва барои расидан ба мақсадҳои худ кӯшиш ба харҷ додан зарур аст.Умуман, аксарияти хонандагони синфҳои болоӣ ҷонибдори густариши анъанаҳои АД дар корҳои таълиму тарбия буданд.

Таҳқиқот ба мо имкон дод, ки изҳор намоем, ки дар маҷмуъ хонандагони МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон хушбинии иҷтимоӣ доранд, аксарияти пурсидашудагон чунин мешуморанд, ки одамон воқеан метавонанд дар ободӣ ва беҳбудии Ватан саҳм гузоранд. Дар асоси таҷрибаи санҷишӣ хулоса бароварда шуд, ки татбиқ намудани корҳои ҳадафмандонаи тарбиявӣ дар шароити муосир муҳиммияти хоса касб кардааст, ки нишондиҳандаҳои он арзишҳои ахлоқӣ, бадеӣ, эстетикӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстонаи фарҳанги миллӣ ва минтақавӣ мебошанд.

Бо такя ба таҳлили маълумоти пурсиш, мо метавонем хулоса барорем, ки аксари наврасон дар бораи АД маълумоти басанда ва кофӣ надоранд; аксарияти пурсидашудагон сифатҳои ба хубӣ ташаккулёфтаи шаҳрвандӣ ва ватандӯстиро, ки ҷавобгӯи талаботи муосир мебошанд, доро намебошанд. Озмоишии ташаккулдиҳанда аз соли 2020 то 2021 ташкил ва гузаронида шуд.

Дар таҷрибаҳои ташаккулдиҳӣ беш аз 400 нафар хонандагони синфҳои 7-11 мактабҳои миёна ва донишҷӯёни ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва Коллеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ширкат карданд. Ташхиси формативӣ аз санҷиши консепсия, амсилаи педагогӣ, технология ва заминаҳои ташкилӣ-педагогии тарбияи АД-и хонандагони МТМУ дар шароити мактаби ҳамагонӣ иборат буд. Дар ин марҳила, мо дар раванди таълими мактабҳои таҷрибавӣ технологияҳои арзишҳои демократӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагони МТМУ-ро дар шароити кори тарбиявии мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ таҳия ва татбиқ кардем. Он шаклҳои гуногуни чорабиниҳои тарбиявиро дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ фаро мегирифт. Аз ҷумла, ташкили иттиҳодияҳо ва маҳфилҳои худфаъол, мулоқотҳо бо ходимону кормандони илм, фарҳанг ва санъати миллатҳои гуногун. Ба он ҳамчунин саёҳатҳо, фестивалҳо, ҷашнҳо, озмунҳо, корҳои омӯзиши таърихи маҳал, бозиҳои зеҳнӣ, чорабиниҳои ҷустуҷӯӣ дохил мешаванд. Сафарҳои экологӣ ва фарҳангӣ, лагерҳои ҷавонон аҳамияти муҳим доранд. Ҳамчунин, кабудизоркунии атрофии ёдгориҳои таърихӣ ва иқдомҳои хайриявӣ анҷом дода шуданд.

Кори таҷрибавӣ иштирок дар чорабиниҳои ватандӯстӣ, эҷоди таърихи хонавода, ҷашнгирии солгардҳо ва ғайраҳоро фаро мегирад.Маълумотҳое, ки дар

чараёни кори озмоишию тачрибавӣ ба даст оварда шудаанд, нуктаҳои илмӣ-назариявии пешниҳодшударо тасдиқ карданд. Тавассути корҳои махсуси ҳадафмандона дар чараёни чорабиниҳои таълимӣ муҳассилин дониши худро оид ба табиат ва вижагиҳои тарбияи шаҳрвандӣ, шуурнокии ҳуқуқӣ, омӯзиши таърихи ватани худ афзун намуданд, анъанаҳо ва расму оинҳоро омӯхтанд; арзиши тарбияи шаҳрвандӣ ва шуури ҳуқуқиро барои шахс дар ҷомеаи шаҳрвандӣ дарк карданд; омодагиро барои фаъолияти амалӣ ба манфиати Ватан изҳор намуданд; тачрибаи ширкат дар чорабиниҳоеро, ки фарҳанги ҳуқуқӣ ва шаҳрвандиро тарғибу ташвиқ мекунанд, андухтанд; бо муҳассилини дигар минтақаҳо ва шаҳрҳо фаъолона ҳамкорӣ карданд.Мувофиқи нишондоди натичаҳои корҳои тачрибавӣ, ҳамаи нишондиҳандаҳои онҳо дар муқоиса бо шумораи назоратии муҳассилини сатҳи баланд ва миёнаи рушди шаҳрвандӣ ва шуурнокии ҳуқуқӣ ба тариқи назаррас афзоиш ёфта, теъдоди муҳассилини сатҳи паст коҳиш ёфтааст.

Бо вучуди ин, натичаи ниҳоии чараёни рушди мусбии назаррас дар ташаккули шаҳрвандият ва маърифати ҳуқуқӣ дар байни хонандагони гурӯҳи озмоишию тачрибавӣ танҳо дар асоси коркарди омории маълумоти тачрибавӣ ва санчиши дарачаи муътамадии тафовутҳо, ки то ва пас аз озмоишу тачриба ташаккул ёфтаанд, ба мушоҳида мерасад.

Баҳисобгирии низоми санчидашуда замонату кафолати он аст, ки тарбияи АД-и хонандагони МТМУ метавонад натичаи дилхоҳ диҳад.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ – профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Бозоров, О. Патриотическое воспитание младших школьников на материале детской Таджикской художественной литературы в системе урочной и внеурочной работы / О.Бозоров. - АКД.Д., 1993.- 22с.
2. Бозорова, С. Ш. Маориф: таърихи пайдоиш ва рушд /С.Ш.Бозорова. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 230с.
3. Джумаев, Б.У. Гражданское воспитание учащихся на уроках истории таджикского народа. АКД/Б.У.Б.У.Джумаев.-Д., 2004. -21 с.
4. Джумаев, Б.У. Гражданское воспитание учащихся на уроках истории таджикского народа. Диссертация на соиск. уч.степени канд.пед.наук/Б.У.Джумаев.-Душанбе. - 2004 .-168 с.
5. Қаландаров, А. Тарбияи ватандӯстӣ дар фаъолияти педагогии омӯзгорони Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Қаландаров. АКД. – Д., 2006.
6. Лутфуллоев, М. Шарафномаи миллат /М.Лутфуллоев.- Душанбе: Сарпараст, 2003. – 287с.
7. Лутфуллоев, М. Дарс / М.Лутфуллоев. - Д., 1995. - 87с.
8. Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир / М.Лутфуллоев. - Душанбе, 2001.
9. Лутфуллоев, М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин/М.Лутфуллоев. - Душанбе: Саҳбо, 2006.-220с.
10. Лутфуллоев, М. Педагогикаи шафқат / М.Лутфуллоев. – Душанбе, 1994.
11. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи Аҷам / М.Лутфуллоев. – Душанбе: Дониш, 1997. – 149с.
12. Лутфуллоев, М. Омӯзиши Қонуни асосӣ ва рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мактаб / М.Лутфуллоев, Т.Н.Зиёев. - Душанбе, 2001. – 41 с.
13. Лутфуллоев, М.Оғози тарбия / М.Лутфуллоев. – Душанбе, 2002. - 189 с.


**ТЕХНОЛОГИЯИ ОЗМОИШУ ТАҶРИБАИ АРЗИШҲОИ ДЕМОКРАТӢ**

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба роҳу услҳои озмоишию тачрибавии тарбияи арзишҳои демократӣ дар муассисаҳои таълимӣ баррасӣ гаштаанд. Ба ақидаи муаллиф, бо гузашти беш аз 30 соли касби истиқлолияти давлатӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои давлат ва ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ташаккул ёфтанд. Вобаста ба ин, ба тариқи муназзам ва пайгирона пояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳким ва тақвият ёфта истодаанд, ки заминаю бунёди онро риоя ва эҳтироми ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон ташкил мекунад. Дар ин робита бояд махсус тазаккур дод, ки тағйироту таҳаввулоти азиме дар низоми маорифи кишвар низ ба вучуд омадаанд.

Муаллиф зикр мекунад, ки яке аз камбудиҳои муҳимтарини чунин моҳияту мӯҳтавои тайёрию омодагиҳои ҳуқуқии муаллимон нигаронида нашудани донишу малакаҳои махсуси ҳуқуқӣ барои муҳассилин ва муаллимини оянда ва оиди тарбияи ҳуқуқии хонандагон барномаҳои таълимии бунёдӣ вучуд надоштан аст. Фикрҳояшро ҷамъбаст карда, муаллифхулоса мекунад, ки монеаи асосӣ имрӯз, ки барои рушди мусоиду мувофиқи фарҳанги ҳуқуқӣ вучуд дорад, адами асосу бунёдҳои ягонаю воҳиди рушди консептуалӣ мебошанд. Ҳоло замони он расидааст, ки заминаҳои коркарди стратегияи ягонаю умумии рушди маърифати шаҳрвандӣ бо назардошти тачрибаи ғанӣ, таҳияи барнома ва дурнамои

мутобиқгардонӣ ба намунаҳои дунёи пешрафтаю мутамаддин эҷод ва фароҳам оварда шаванд. Чунин вазъу ҳолат муҳаққиқонро барои ҳаллу фасл ва иҷроиши масъалаи ворид намудани тасҳеҳу тағйиротҳо ва мувофиқу мутобиқ гардонидани моҳияту муҳтавои тайёрию омодагиҳои ҳуқуқии муаллимони оянда водор менамояд.

**Калидвожаҳо:** маърифат, технология, маълумоти ҳуқуқӣ, шаҳрванд, таърих, донишу маълумот, вазифаи асосӣ, стратегия, барнома, рушд, ташаккул, пешрафт, дурнамо.

## ТЕХНОЛОГИЯ ЭКСПЕРИМЕНТИРОВАНИЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ

В статье рассматриваются вопросы, связанные с экспериментальными подходами к демократическим ценностям в образовательных учреждениях. По мнению автора, за более чем 30 лет независимости в Республике Таджикистан были сформированы основы государства и демократического, правового и светского общества. В связи с этим планомерно и последовательно укрепляются основы гражданского общества, в основе которых лежит соблюдение и уважение прав, свобод и интересов граждан. Следовательно, следует отметить, что в системе образования страны произошли значительные изменения. Автор отмечает, что одним из важнейших недостатков такого содержания правовой подготовки учителей является отсутствие у студентов и будущих учителей специальных юридических знаний и навыков, а также отсутствие базовых образовательных программ правового воспитания студентов. Следует отметить, что гражданско-правовая подготовка школьников и студентов осуществляется вне школы, учителя практически не занимаются правовым воспитанием, не изучаются и не обсуждаются вопросы, связанные с национальной культурой и национальным менталитетом. Они не соответствуют требованиям сегодняшнего дня жизни и поэтому не направлены на решение и выполнение основной задачи - обучение будущих учителей. Обобщая свои мысли, автор приходит к выводу, что главным препятствием, существующем сегодня для благоприятного развития юридического образования, является отсутствие единой основы и концептуального развития. Настало время разработать долгосрочную перспективу для разработки единой и общей стратегии развития гражданского образования с учетом богатого опыта, опоры и построения программ и перспективных форм адаптации развитого и цивилизованного мира. Такая ситуация вынуждает исследователей заняться вопросом внесения корректировок и корректировок в характер и содержание правовой подготовки будущих учителей.

**Ключевые слова:** образование, технология, правовое воспитание, гражданин, история, знания и информация, основная задача, стратегия, программа, развитие, формирование, прогресс, перспектива.

## THE TECHNOLOGY OF EXPERIMENTING WITH DEMOCRATIC VALUES

The article discusses issues related to experimental approaches to democratic values in educational institutions. According to the author, for more than 30 years of independence in the Republic of Tajikistan, the foundations of the state and a democratic, legal and secular society have been formed. In this regard, the foundations of civil society, which are based on the observance and respect for the rights, freedoms and interests of citizens, are being systematically and consistently strengthened. Consequently, it should be noted that significant changes have taken place in the country's education system. The author notes that one of the most important shortcomings of this content of legal training for teachers is the lack of special legal knowledge and skills among students and future teachers, as well as the lack of basic educational programs for the legal education of students. It should be noted that civil-law training of schoolchildren and students is carried out outside the school, teachers practically do not deal with legal education, issues related to national culture and national mentality are not studied and discussed. They do not meet the requirements of today's life and therefore are not aimed at solving and fulfilling the main task - training future teachers. Summarizing his thoughts, the author comes to the conclusion that the main obstacle that exists today for the favorable development of legal education is the lack of a single basis and conceptual development. The time has come to develop a long-term perspective for the development of a unified and general strategy for the development of civic education, taking into account the rich experience, support and construction of programs and promising forms of adaptation of the developed and civilized world. This situation forces researchers to tackle the issue of making adjustments and adjustments to the nature and content of the legal training of future teachers.

**Key words:** education, technology, legal education, citizen, history, knowledge and information, modern life, main task, strategy, program, development, formation, progress, perspective.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷӯраева Мутриба Зоировна*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, докторанти Ph.D. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **986229696**

**Сведения об авторе**:- ***Джураева Мутриба Зоировна***- Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, докторант Ph.D. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон: **986229696**

**Informationabouttheauthor:** ***Juraeva Mutriba Zoirovna*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, doctoral candidate Ph.D. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16. Phone:**986229696**

УДК:379.51

# НАҚШИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ АЁНӢ ОИД БА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР РАВАНДИ ТАРБИЯИ КӮДАКОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

***Рӯзиева М.Д., Азимова М.Ҳ.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Ба кӯдакистон фаро гирифта шудани кӯдакон маънои онро дорад, ки онҳо қадамҳои аввалини худро ба маконе мегузоранд, ки таассуроти дидаву шунидаашон ба онҳо як ҷаҳон маънӣ ва руҳи тозаву илҳомбахшро ато мекунад. Бинобар ин, барои бедор намудани ҳисси кӯдакон ҷиҳати омӯзонидани машғулиятҳои дидактивӣ ва амалӣ дар мисоли машғулиятҳои ададомӯзӣ, расмкашӣ, нақлкунӣ, гулмонӣ, суробсозӣ, тартибдиҳӣ, меҳнати дастӣ ва бозиҳои ҷисмонӣ, мураббияҳо бо омодагии комил аёниятҳои гуногунро истифода мебаранд.

Қайд кардан зарур аст, ки маҳз дар таълими кӯдакони синни хурди мактабӣ нақши аёниятҳои таълимӣ назаррас буда, истифодаи онҳо ба хусусиятҳои синнусолии кӯдакон бояд мувофиқ бошад.

Истифодаи воситаҳои таълимӣ, яъне ашёи омӯзишӣ барои ташаккули кӯдакони синну соли томактабӣ хеле муҳим ба назар мерасад. Давраи томактабӣ дар баробари шавқовар буданаш, дар тарбияи шахсияти инсон нақши муҳим дорад. Мавриди зикр аст, ки маҳз ҳамин гуна машғулиятҳо метавонанд барои ташаккули тафаккури равонии кӯдакон имкониятҳои фаровонеро фароҳам оваранд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ чунин таъкид намудаанд: “Имрӯз вақти он расидааст, ки ба зинаи аввали низоми маориф, яъне тарбияи томактабӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ хиштҳои нахустини бинои шахсият ва ҷаҳонбинии инсон гузошта мешавад” [16].

Мо, пеш аз ҳама, ба инкишофи зинаи таҳсилоти томактабӣ диққати ҷиддӣ дода, бояд малакаву ҷаҳонбинии кӯдаконро дигаргун созем. Зинаи мазкур метавонад хусусиятҳои таълимро дар раванди тарбияи равонии кӯдакон метавонанд ба таври мукаммал ташаккул диҳад. Ҳамзамон, ин ҷо бояд як нуқтаи асосиро қайд намуд, ки маҳз зинаи омӯзиши ибтидоии кӯдак дар муассисаҳои томактабӣ бояд мустаҳкам бошад. Истифода аз воситаҳои аёнии дорои хусусиятҳои рушду инкишофи ҳам психологӣ ҳам ба инкишофи физиологии кӯдакон мусоидаткунанда самараҳои матлуб ба бор меоварад. Кӯдак метавонад аз воситаҳои аёнӣ дониш ва таҷрибаи мукаммалро барои худ ба даст оварад. Илова бар ин, нутқи кӯдак ҳамроҳ бо ташаккули равонии ӯ зимни фаъолият бо шариконаш инкишоф меёбад.

Муаммои истифодабарии аёниятҳои таълимӣ, ки онҳо дар як навбат ба тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ ҳамчун воситаи ёрирасони таълимӣ ба ҳисоб меравад, аз назари коршиносону муҳаққиқони ин соҳа, ба монанди И.Г. Пестолоцци Т. Кампанелла, Ҷ, Локк, Р. Оуэн, Ж.Ж. Руссо, И. Гербарт, А. Дистервег. ва коршиносони ватанӣ Лутфуллоев М., Шарифзода Ф., Каримова И.Х., Маҷидова Б.А., Катибова Ш., Иматова Л. ва дигарон дур намондааст.

Яке аз асосгузорони илми педагогика Н.Д. Ушинский ба чунин натиҷа расида буд, ки барои таълимоти дарс, истифодаи воситаҳои аёнӣ вобаста ба мавзуъ ва мазмуни он, дар ташаккули тафаккури кӯдакон нақши муассир гузошта метавонад. Ин ҷо таъкиди як нукта зарур аст, ки маҳз истифода аз воситаҳои (таълимии) ёрирасон ҳамчун усули таълим як ҳиссиёти дигаре ба кӯдакон бахшида метавонад. Ҳамзамон, ин ақидаи Н.Д. Ушинскийро дигар педагогон бо андеҳшаҳои худ тақвият бахшиданд, ки Н.И. Пирогов, А.Н. Герд, Н.Ф. Бунаков, В.И. Водовозов, М.А. Корф, В.Я. Стоюнин ва дигарон аз ҷумлаи чунин олимон мебошанд.

Дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX педагоги машҳур Пётр Фёдрович Каптерев сарчашмаи истифодабарии аёниятҳо дар таълим ва нақши онҳоро ҳангоми тарбияи кӯдакон ҳамчун назария интихоб ва таҳлил намуда буд. Ӯ чунин қайд мекунад, ки воситаҳои аёнӣ метавонанд барои омӯзиш, дар хотир гирифтани ашёҳоро хуб ва дербоз нигоҳ дорад. П.Ф. Коптеров инчунин қайд мекунад, ки истифодаи аёниятҳо ва намудҳои гуногуни он барои машғулиятҳо зарур буда, дар раванди таълим нақши асосӣ ва муҳим доранд [8].

Фаъолияти инъикоскунанда бо шиносоии кӯдакони синни томактабӣ бо муҳити атроф дар раванди машғулиятҳо вобастагии зич дорад. Мураббия, дар навбати аввал, ҳангоми машғулияти фанни расмкашӣ бояд кӯдаконро бо асбоб ва таҷҳизоти расмкашӣ ва воситаҳои аёнӣ (қоғази ранга, қаламҳои ранга, мӯйқалам, рангҳои обӣ, бӯрҳои ранга ва ба ҳамин мисол) шинос намояд. Маҳз, ҳамин шиносоӣ метавонад таассуроти кӯдаконро дигаргун созад [5].

Оид ба аҳамиятнокии машғулияти расмкашӣ М.И. Кашкин чунин ақида дорад: "Инсоне, ки ба расмкашӣ хоҳиш дорад ва одат кардааст, ба ҳама ашёҳои наве, ки пеши чашмаш қарор мегирад, ба сохту шакли онҳо беаҳамият нест. Ӯ кунҷковона ба сохт ва шакли тасвири онҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва дар майнаи сараш шаклҳоро тасвир мекунад" [15].

Ашёи аёниро аз рӯйи методи омӯзиш ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудаанд:

1. Истифода аз усули тасвирӣ (рассомӣ, сурат, расмҳои бисёр, тасвири суратҳои ранга).

2. Истифода аз усули намоишӣ (намоиш додани чизе, яъне ин ҷо ба маънии намоиш додани чизе ё ашё истифода шудааст).

Дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои томактабӣ машғулиятҳои расмкашӣ асосан бо истифодабарии тасвирҳои ин ё он ашё сурат мегирад.

Ба ин намуди аёният дохил мешавад:

-истифодаи овезаҳо (плакат);

-мусаввархҳо (картинка);

-тасвирҳои хурде, ки дар тахта часпонида шудаанд;

-лавҳаҳо ва ғайраҳо [19].

Дар раванди расмкашии кӯдакон таассуроти худро аз мушоҳидаи табиат, мазмуни асарҳои адабӣ тавассути сужетҳо баён намуда, онро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд ва бо талаботҳои асосӣ ба композитсияи сужетии расм ва ороишӣ шинос шуда, тавассути маҳорати малакаҳои нақлкунӣ дар шакли расм, ҳисса, ҷойгиршавии фазогии предметҳо соҳибӣ менамоянд [5].

Истифодаи аёният дар раванди машғулият яке аз соҳаи тадқиқотии психологӣ, педагогӣ ва методӣ ба шумор меравад. Дар раванди таълим таъсири психологии ин аёниятҳо ба кӯдак дар муассисаҳои томактабӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар вақти истифодаи аёният кӯдак дидаашро ҳис карда, зебогии маснуот ё ашёро дарк менамояд ва дар тахайюлоти худ онро тасвир менамояд. Ин боис мешавад, ки фикррониӣ ва эҷодкории кӯдак ташаккул ёбад.

Дар навбати аввал, воситаҳои аёнӣ шавқ ва диққати кӯдаконро баланд мебардорад, ҷиҳати дастрас ва фаҳмо будани мазмуни мавод ёрӣ мерасонад. Ба ибораи дигар, аёният воситаи ёридиҳандаи аксунандаи амалҳо мебошад.

Истифодаи аёният дар рафти машғулиятҳо бояд мақсаднок ва методӣ бошад. Инчунин, якчанд шартҳоро мураббӣ бояд иҷро намояд, аз ҷумла:

1) мутобиққунонии аёният бо мазмуну мундариҷаи мавзуъ;
2) муайян намудани хусусиятҳои муҳимми ашёҳо ё маснуот;
3) ороиши ашё ё маснуот;
4) истифодаи аёниятҳои муосир;
5) истифодаи аёният бо меъёри вақти додашуда;
6) мутобиқати аёният ба мавзуъ.

Дар кӯдакистон бо кӯдакони 6–7-сола дар самти татбиқи истифодаи аёниятҳо дар раванди машғулиятҳо чунин натиҷаҳо ба даст омаданд, ки онҳоро ҳамчун тавсияҳои психологӣ метавон зикр намуд:

Якҷоя бо мураббияҳои гурӯҳ тадқиқоти озмоишӣ гузаронида шуд, ки то кадом андоза кӯдак истифодаи аёниятҳои вобаста ба ҳунарҳои мардумиро дарк карда метавонад.

Омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ, чун дигар унсурҳои бедоркунандаи завқу шавқи кӯдакон нишон медиҳад, ки шавқ сифати арзишноки кӯдак ба ҳисоб меравад ва ба самти ҳунарҳои мардумӣ ва вобаста ба фаъолияти онҳо ташаккул меёбад.

Дар кӯдакистон дар гурӯҳи давраи омодагӣ ба мактаб таҳти унвони «Ҳунар беҳ аз симу зар аст» ду консепсияи машғулият ба тарзи тадқиқоти озмоишӣ оид ба аҳамияти ҳунарҳои мардумӣ коркард ва мавриди истифода қарор дода шуд. Аз ҷумла, дар муассисаи таҳсилоти томактабии №1-и шаҳри Хуҷанд ба ду зергурӯҳ 9 нафари кӯдакони гурӯҳи давраи омодагӣ ба мактабро тақсим карда, тадқиқоти озмоишӣ оид ба мавқеи омӯхтани ҳунарҳои мардумӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ аз ҷониби мураббии гурӯҳ гузаронида шуд.

Дар гурӯҳи 1-ум мураббӣ бо кӯдакон шиносоӣ бо ҳунарҳои мардумиро тавассути истифодаи усули методи баён гузаронид. Дар гурӯҳи дуюм бошад, бо методи баён ва истифодаи аёниятҳо ва маводи дидактикӣ бо супоридани се супориш машғулият ҷараён гирифт.

1) Зергурӯҳи якум (истифодаи методи баён) - 9 нафар

-Супориши 1. Мураббӣ ба кӯдакон бо тарзи баён оид ба 4 намуди ҳунарҳои мардумӣ маълумот дод, ки дар ин самт 2 нафар кӯдак аз 9 нафар кӯдакон оид ба ҳунарҳои мардумӣ маълумот доданд. Супоришро 18% иҷро карданд.

-Супориши 2. Мураббӣ ба кӯдакон супориш дод, ки онҳо бояд тасвири намунаҳои ҳунарҳои мардумии аз рӯйи шаклҳои геометрӣ буридашударо ҷо ба ҷо ва ба тартиб гузоранд. Супориш: «Шаклҳоро ҷо ба ҷо гузор». Аз рӯйи методи баён ягон нафар кӯдак аз иҷрои ин супориш дар муҳлати додашуда набаромад. Супоришро аз 9 нафар ягон нафар кӯдак иҷро накард.

-Супориши 3. Кашидани расм дар мавзуи ҳунарҳои мардумӣ.

- Мураббӣ супориш дод, ки кӯдакон оид ба якчанд намудҳои ҳунарҳои мардумӣ расмро тасвир намоянд, оид ба ҳунарҳои мардумӣ маълумот дода шуд. Кӯдакон бояд расмро вобаста ба ҳунарҳои мардумӣ тасвир намояд, 7 нафар аз 9 нафар кӯдак супоришро бо назардошти маълумоти гирифтаашон иҷро намуданд. Супоришро 63% иҷро карданд.

2) Зергурӯҳи дуюм супоришро бо истифодаи методи баён ва истифодаи методи аёният ва маводҳои дидактикӣ иҷро намуд. Барои иҷрои супориш 9 нафар кӯдак интихоб карда шуд.

Супориши 1-ум: Мураббӣ ба кӯдакон супориш дод, ки 4 намуди ҳунарҳои мардумиро бо истифодаи методи баён ва истифода аз аёният шарҳу тафсир намоянд. Мураббӣ намудҳои расмҳои рангоранг ва маснуоти сохташударо вобаста ба ҳунарҳои мардумӣ намоиш дода, инчунин дар бораи онҳо маълумот дод. Ҳамчун аёният 4 намуди расмҳои ҳунарҳои мардумӣ дар раванди тадқиқоти озмоишӣ пешниҳод шуд, ки ҳунари гулдӯзӣ, ҳунари меъморӣ, ҳунари сабадбофӣ ва ҳунари кулолгарӣ буданд. Дар ин самт аз 9 нафар, 7 нафар кӯдакон маълумот доданд. Супоришро 63% иҷро намуданд.

Супориши 2 - юм. Мураббӣ 4 намуди расми ҳунарҳои мардумии ба шаклҳои геометрӣ буридашударо ҷудо намуда, супориш дод, ки қисмҳоро якҷоя намоянд, ки дар натиҷа яке аз намунаҳои ҳунарҳои мардумӣ омода шавад. Ҳамчун бозӣ ба кӯдакон супориш таҳти унвони «Шаклҳоро ҷо ба ҷо гузор» дода шуд. Ин супоришро аз 9 нафар кӯдак 9 нафар иҷро намуданд. Супориш 100% иҷро карда шуд.

Супориши 3. Кашидани расм дар мавзуи ҳунарҳои мардумӣ.

- Мураббӣ супориш дод, ки кӯдакон аз рӯйи расмҳои намоишдода расмро тасвир намоянд, аз рӯйи расмҳо оид ба фаъолияти ҳунарҳои мардумӣ маълумот дода шуд. Кӯдакон бояд расмро вобаста ба ҳунарҳои мардумӣ аз рӯйи намуна тасвир намоянд. Супоришро 8 нафар аз 9 нафар кӯдакон иҷро намуданд. Супориш 72% иҷро карда шуд.

Аз рӯйи ин тадқиқот муайян гашт, ки истифодаи аёният дар раванди таълим кӯдаконро фаъол гардонида, қобилиятҳои фикркунӣ, нутқи шифоҳӣ ва эҷодкориро инкишоф медиҳад.

Натиҷаҳои ташхиси озмоишӣ нишон дод, ки, аксарияти кӯдакон ҳанӯз оид ба навъҳои ҳунарҳои мардумӣ маълумот надоранд ва дар тарбияи зебоипарастии онҳо камбудиҳо мавҷуданд. Дар кӯдакон маҳдудияти дониш оид ба санъати тасвирӣ дида шуд. Ҳамчунин, дар онҳо шавқи баланд нисбат ба тамошои намудҳои ҳунарҳои мардумӣ мавҷуд набуд, малакаҳои муошират оид ба мазмуну мундариҷаи расми пешниҳодшуда ё расм дида намешавад. Онҳо фикрашонро ба пуррагӣ баён карда натавонистанд. Кӯдакон дар ифодаи ҳиссиёти худ аз дидаашон мушкилӣ мекашанд, хазинаи луғавии онҳо ғанӣ набуд, кӯдакон нисбати халли вазифаҳои эҷодӣ мушкилӣ мекашанд.

Ҳамин тариқ, истифодаи аёният яке аз шартҳои асосии таълим ва ташаккули ҳама гуна хусусиятҳои фардии инсон, чун фикрронӣ, тафаккур, эҷодкорӣ, тахайюлот, инкишофи нутқ, масъулият ва мустақилият дар иҷрои корҳои амалӣ, ки хотира ва фикрронии кӯдакро ташаккул медиҳанд, ба шумор меравад. Кӯдак аз дидани аёният ва маводи дидактикӣ таҳлил кардан ва мушоҳидакориро меомӯзад. Дар баробари ин, бедор намудани шавқу завқи кӯдакон ба расмкашӣ дар ташаккули дониш ва ҳисси зебопарастии онҳо нақши муассир мегузорад.

**Муқарриз:Тошзода С.-н.и.п., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Артемов В.А. Психология наглядности при обучении / В.А. Артемов. -М.: Просвещение, 2012. -345 с.
2. Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни то мактаби “Рангинкамон” / Зери назари Л. Иматова, Б. Маҷидова, Т. Девоншоева, Н. Кокова. -Душанбе: Сифат, 2013. -125 с.
3. Бартенева Т.П. Использование информационных компьютерных технологий в образовании / Т.П. Бартенева, А.П. Ремонтов. -М.: Просвещение, 2003.
4. Грибовская А.А. Обучение дошкольников декоративному рисованию, лепке, аппликации: конспекты занятий / А.А. Грибовская. -Скрипторий, 2008.
5. Грибовская А.А. Рисование в детском саду. Конспекты занятий для детей 2-7 лет / А.А. Грибовская. -М.: Сфера, 2010.
6. Евдокимов В.И. К вопросу об использовании наглядности в образовании / В.И. Евдокимов. -М.: Академия, 2000.
7. Занков Л.В. Наглядность и активность / Л.В. Занков. -М.: Просвещение, 1998.
8. Каптерев П.Ф. Историчекский очерк развития дидактики. -Москва, Берлин: Изд: Директ- Медиа, 2014. -112 с.
9. Коменский Я.А. Мир чувственных вещей в картинках / Я.А. Коменский. -М.: Просвещение, 1986.
10. Конобеевский Н.П. Наглядное учебное пособие для логических упражнений на уроках русского языка в 1-ом классе / Н.П. Конобеевский. - 1967.
11. Лутфуллоев М. Бозӣ ва инкишофи нутқ / М. Лутфуллоев, Ш. Котибова, Т. Каримов. –Душанбе, 2012.
12. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир (Матн) / М. Лутфуллоев. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. -432 с.
13. Лутфуллоев М. Лафзи ширин. Дастури методӣ / М. Лутфуллоев, Л. Иматова. –Душанбе: Сифат, 2005. -234 с.
14. Маҷидова Б.А. Педагогикаи томактабӣ. Қ. 1 ва 2 / Б.А. Маҷидова, М.И. Иззатова. -Душанбе: Ирфон, 2013.
15. Методика обучения изобразительной деятельности и конструированию / Под редакцией Т.С. Комаровой. -М.: Просвещение, 2003. -251 с.
16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26 апрели соли 2010.
17. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26 декабри соли 2019.
18. Теория и методика изобразительной деятельности в детском саду / В.Б. Косминская [и др.]. -М.: Просвещение, 2006. -253 с.

19. Швайко Г.С. Занятия по изобразительной деятельности в детском саду / Г.С. Швайко. -М., 2003. -236 с.

## НАҚШИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ АЁНӢ ОИД БА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР РАВАНДИ ТАРБИЯИ КӮДАКОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Дар мақола сухан оиди нақши истифодаи воситаҳои аёнӣ оид ба ҳунарҳои мардумӣ дар раванди тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ меравад. Аз рӯйи ин тадқиқот муайян гашт, ки истифодаи аёният дар раванди таълим кӯдаконро фаъол гардонида, қобилиятҳои фикркунӣ, нутқи шифоҳӣ ва эҷодкориро инкишоф медиҳад. Натиҷаҳои ташхиси озмоишӣ нишон дод, ки, аксарияти кӯдакон ҳанӯз оид ба навъҳои ҳунарҳои мардумӣ маълумот надоранд ва дар тарбияи зебоипарастии онҳо камбудиҳо мавҷуданд. Дар кӯдакон маҳдудияти дониш оид ба санъати тасвирӣ дида шуд. Ҳамчунин, дар онҳо шавқи баланд нисбат ба тамошои намудҳои ҳунарҳои мардумӣ мавҷуд набуд, малакаҳои муошират оид ба мазмуну мундариҷаи расми пешниҳодшуда ё расм дида намешавад. Онҳо фикрашонро ба пуррагӣ баён карда натавонистанд. Кӯдакон дар ифодаи ҳиссиёти худ аз дидаашон мушкилӣ мекашанд, хазинаи луғавии онҳо ғанӣ набуд, кӯдакон нисбати халли вазифаҳои эҷодӣ мушкилӣ мекашанд. Ҳамин тариқ, истифодаи аёният яке аз шартҳои асосии таълим ва ташаккули ҳама гуна хусусиятҳои фардии инсон, чун фикрронӣ, тафаккур, эҷодкорӣ, тахайюлот, инкишофи нутқ, масъулият ва мустақилият дар иҷрои корҳои амалӣ, ки хотира ва фикрронии кӯдакро ташаккул медиҳанд, ба шумор меравад. Кӯдак аз дидани аёният ва маводи дидактикӣ таҳлил кардан ва мушоҳидакориро меомӯзад. Дар баробари ин, бедор намудани шавқу завқи кӯдакон ба расмкашӣ дар ташаккули дониш ва ҳисси зебопарастии онҳо нақши муассир мегузорад.

**Калидвожаҳо:** кӯдак, воситаҳои таълимӣ, воситаҳои айёнӣ, аёният, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ҳунарҳои мардумӣ, қобилият, қобилияти эҷодӣ, ташаккул, фаъолият.

## РОЛЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНЫХ СРЕДСТВ НАРОДНОГО ТВОРЧЕСТВА В ПРОЦЕССЕ ВОСПИТАНИЯ ДЕТЕЙ В ДОШКОЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В статье говорится о роли использования наглядных пособий для народных промыслов в процессе обучения детей в дошкольных образовательных учреждениях. По данным этого исследования было определено, что использование визуализации в учебном процессе активизирует детей и развивает мышление, устную речь и творческие способности. Результаты тестирования показали, что у большинства детей еще отсутствуют сведения о видах народных промыслов и имеются недостатки в их художественном воспитании. Знания детей об искусстве были ограничены. Также у них не было высокого интереса к просмотру народных промыслов, коммуникативных навыков относительно содержания представленной картины или картины. Они не могли полностью выразить свои мысли. У детей проблемы с выражением своих чувств, их словарный запас небогат, у детей возникают проблемы с решением творческих задач. Таким образом, использование визуализации является одним из основных условий воспитания и формирования любых индивидуальных особенностей человека, таких как мышление, мышление, творческие способности, воображение, развитие речи, ответственность и самостоятельность в выполнении практических заданий, формирующих образ мышления, память и мышление ребенка. Ребенок учится анализировать и наблюдать, видя наглядные и дидактические материалы. В то же время пробуждение интереса детей к рисованию играет эффективную роль в формировании их знаний и чувства прекрасного.

**Ключевые слова:** ребёнок, наглядность, наглядние пособия, дошкольное учиреждение, народные ремёсла, способность, творческая способность, формирование, деятельность.

## THE ROLE OF THE USE OF FOLK CREATIVITY IN THE PROCESS OF EDUCATION OF CHILDREN IN PRESCHOOL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article talks about the role of using visual aids for folk crafts in the process of teaching children in preschool educational institutions. According to this study, it was determined that the use of visualization in the educational process activates children and develops thinking, speaking and creativity. The test results showed that most children still do not have information about the types of folk crafts and there are shortcomings in their artistic education. Children's knowledge of art was limited. Also, they did not have a high interest in viewing folk crafts, communication skills regarding the content of the presented picture or picture. They could not fully express their thoughts. Children have problems with expressing their feelings, their vocabulary is not rich, children have problems with solving creative problems. Thus, the use of visualization is one of the main conditions for the upbringing and formation of any individual characteristics of a person, such as thinking, thinking, creativity, imagination, speech development, responsibility and independence in performing practical tasks that form the way of thinking, memory and thinking of the child. The child learns to analyze and observe, seeing visual and didactic materials. At the same time, awakening children's interest in drawing plays an effective role in shaping their knowledge and sense of beauty.

**Key words:** child, visibility, visual aids, preschool institution, folk crafts, ability, creative ability, formation, activity.

**Маълумот оид ба муаллифон:** ***Рӯзиева Мавлюда Давроновна –*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
***Азимова Машҳурахон Ҳоҷиевна -*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, мудири кафедраи назария ва методика тарбияи томактабии факултети психология ва таҳсилоти томактабӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1

**Сведение об авторах:** ***Рузиева Мавлюда Давроновна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1
***Азимова Машхурахон Ходжиевна –*** Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, заведущая кафедрой теории и методики дошкольного воспитания факультета психологии и дошкольного образования. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1

**Information about the authors:** ***Ruzieva Mavlyuda Davronovna -*** Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1
***Azimova Mashkhurakhon Khodjievna -*** Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Head of the Department of Theory and Methods of Preschool Education, Faculty of Psychology and Preschool Education. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1

УДК:37.01.3

# МЕТОДИКАИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲО ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Файзалии Мирзоалӣ, Мирзоев А.Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи байналмилалии соҳибкорӣ ва сайёҳии Тоҷикистон**

***Методикаи истифодаи технологияҳо дар раванди таълим*** – ин маҷмуи қонунияҳои дар интихоб технологияҳои педагогӣ, аз он ҷумла ТИК ва воситаҳои он барои ноил шудан ба ҳадафҳои омӯзиши дар асоси мундариҷаи мушаххаси фанҳои таълимӣ дар ҳолатҳои гуногуни психологӣ-педагогӣ мебошад. Муайянкунии муҳтавои пайванди генетикии методикаи истифодабарии ТИК дар раванди таълим бо мафҳуми «методикаи омӯзиш» ҳамчун мафҳуми бунёдии дорои моҳияти фаросохторӣ имконият медиҳад, ки таърифоти муайяншударо ба таври зерин мушаххас намоем: «*Методикаи истифодабарии ТИК дар раванди таълим* - ин илм оид ба қонуниятҳои (қонунҳо, принсипҳо, қоидаҳо) меъёрии интихоби ТИК ё ҷузъҳои он (аз он ҷумла воситаҳо), фаъолият оид ба интихоби ТИК амалигардонии технологияҳои интихобшуда дар раванди таълим барои ноил шудан ба мақсадҳои омӯзиш дар муҳтавои фаннии мушаххас ва вазъиятҳои муайяни психологӣ-педагогӣ мебошад».

***Технологияи истифодабарии ТИК дар раванди таълим*** - ин алгоритми аз ҷониби омӯзгор иҷрокунии фаъолияте, ки бо ҷудокунии амалҳои пайдарпайи дидактикӣ алоқамандбуда мебошад, ки дар шароитҳои психологӣ-педагогии мушаххас бо кафолатнок ноил шудан ба фаъолияти мақсаднок (табдил додани қонуниятҳои умумии методика дар фаъолияти мушаххаси амалии таълимгиранда бо хусусиятҳои муайяни психологӣ-педагогӣ) ҳаммаъно аст.

Конструксияи дидактикӣ ба соҳаи фаннӣ маҳдуд мебошад, ки дар фарқияти намудҳо бо ишораи истилоҳи «дидактикӣ» ба қайд гирифта шуда ва ҳангоми қайду шарти ҳудуди татбиқкунӣ ва дараҷаи шабеҳи таркиби падидаҳои педагогӣ сохта мешавад.

Дар доираи таърифи овардашуда *ҷузъҳои асосии зерини сохтори конструксияи дидактикии методикаи истифодабарии ТИК*-ро ҷудо намудан мумкин аст:

1. мақсадҳои истифодабарии ТИК;
2. принсипҳои истифодабарии ТИК;
3. методҳои омӯзиш бо истифодаи ТИК;
4. шаклҳои омӯзиш бо истифодаи ТИК ва воситаҳои ТИК.

Дар асоси таҳлили адабиётҳои педагогӣ *мақсадҳои асосии истифодабарии ТИК*-ро чунин метавон баршуморид:

1) ташаккули универсалии амалҳои омӯзишии таълимгиранда, салоҳиятҳои калидӣ ва ҳамчунин тайёр будан ба фаъолияти таълимӣ ва касбӣ, ки дар умум ҳамчун шарти бунёдии иҷрои бомуваффақияти ҳама гуна фаъолият фаҳмида мешавад;

2) ташаккули фарҳанги иттилоотӣ - яке аз ҷузъҳои фарҳанги умумӣ, ки ҳамчун зуҳуроти олии таҳсилдорӣ, аз ҷумла сифатҳои шахсияти инсон ва салоҳиятҳои касбии он дарк карда мешавад;

3) рушди шахсияти хонанда (рушди тафаккур, қобилияти иртиботӣ,

ташаккули маҳоратҳои қабули қарорҳои оптималӣ дар ҳолатҳои мураккаб), маҳорати фаъолияти татқиқотӣ;

4) омодакунии таълимгирандагон тавассути технологияҳои иттилоотӣ ба фаъолияти мустақилонаи таълимӣ-маърифатӣ;

5) баландбардории сифати азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо бо роҳи амалигардонии бартариятҳои ТИК, истифодаи ҳавасмандкунӣ барои фаъолсозии фаъолиятҳои маърифатӣ, амиқ кардани алоқаҳои байнифаннӣ дар асоси истифодаи воситаҳои муосири коркарди иттилоот;

6) фардикунонии раванди омӯзиш, ҳамоҳангсозии усулҳо, тарзҳо ва суръати омӯзиш бо имкониятҳои фардии таълимгиранда бо сатҳи рушди қобилиятҳои онҳоро пешгӯикунанда;

7) фароҳам овардани муҳити ягонаи иттилоотии таҳсилотӣ ҳамчун маҷмуаи воситаҳо ва таҷҳизот, системаҳои барномавӣ ва ҳамчунин муҳтавои дар асоси дастовардҳои муосири технологии барои таъмини дархостҳои итттилоотӣ ва ташкили бастаҳои иттилоотӣ пешбинишуда, ки ба фаъолияти омӯзишии таълимгиранда алоқаманд, инчунин барои иртиботи фаврии онҳо зарурӣ мебошад;

8) амалигардонии фармоишҳои иҷтимоии аз ҷомеаи иттилоттии муосир вобастабуда – омода кардани мутахассисон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ.

Имконияти дохил кардани ТИК дар амсилаи педагогии методикаи истифодабарии онҳо мухолиф набудани истифодаи ТИК-ро ба принсипҳои классикии дидактика исбот мекунад. Дар айни ҳол, дар баробари принсипҳои классикӣ, технологияҳои компютерӣ дар омӯзиш элементҳо ва қонуниятҳои навро, ки пештар вуҷуд надоштанд, ҷорӣ мекунанд.

Ин қонуниятҳоро Б.Е. Стариченко [11] ба сифати принсипҳои дидактикаи компютерӣ таҳия кардааст: принсипҳои башардӯстии иттилоотӣ, чандрасонагӣ, метапредметии технологияҳои иттилоотӣ. Дар шароитҳои мушаххаси муайянкунандаи мақсадҳои истифодабарии ТИК дар раванди омӯзиш системаи принсипҳо бояд ислоҳ ва аниқ (ё дар асоси элементҳои омехтаи системаҳои гуногун ё системаҳои иерархӣ нав сохта шаванд) карда шаванд.

Масалан, аз нуқтаи назари И.Н. Семенова ва А.В. Слепухин [5;6;7;10] ҳангоми баназаргирии қобилиятҳои таҳсилоти тамоюли касбии муосир принсипҳои истифодабарии ТИК дар раванди таълим ба пуррагардонӣ зарурат дорад, ки он арзишмандии хулосабарориҳои таълимгирандагонро аз доираи донишҳои фаннӣ ва тавоноӣ бо роҳи мутобиқгардонии иттилооти бадастовардашуда ва амалҳои иҷрокардашударо бо ҳолатҳои ояндаи фаъолияти касбӣ дар ҳошияи ҷомеаи таълимотии касбӣ (ҶТК) ва фарқиятҳои таълимотии касбӣ (ФТК) муайян мекунад.

Аз констурксияи дидактикӣ элементи ҳатмӣ – усулҳои истифодаи ТИК-ро ҷудо карда, муҳиммияти гурӯҳбандии онҳоро бо хусусиятҳои корҳои таълимгирандагон бо иттилоот нишон медиҳем. Дар доираи гурӯҳбандии пешниҳодкардаи мо *усулҳои истифодаи ТИК* зоҳиран ба ду синф ҷудо карда шудаанд:

1) усулҳои ба ташкили фаъолияти таълимгирандагон оид ба ҷамъоварӣ (бадасторӣ) ва ҳамчунин нигоҳдории иттилоот нигаронидашуда;

2) методҳои ба ташкили фаъолияти таълимгирандагон оид ба коркард ва татбиқ (истифода)-и иттилоот нигаронидашуда.

Ҳангоми сохтани констурксияи дидактикии истифодабарии ТИК дар раванди таълим бояд шаклҳои гуногуни омӯзиш бо истифодаи воситаҳои ТИК ва шакли ташкили фаъолияти таълимӣ бо ТИК ба эътибор гирифта шаванд. Ин баҳисобгирӣ метавонад дар асоси ду мавқеи диаметрии ба ҳам муқобил гузаронида шавад:

1) амалигардонии идеяҳои муайянкунандаи шаклҳои анъанавии омӯзиш бо истифодаи воситаҳои ТИК ва шартҳои мушаххаси махсусан интихобкардашуда барои ҳар яке аз шаклҳои ташкили фаъолият бо истифодаи ТИК:

2) ба роҳ мондани шаклҳои нави ташкили фаъолияти таълимӣ, ки муҳтавои нави фаъолияти педагог ва таълимгирандаро ҳангоми истифодабарии ТИК муқаррар мекунанд. Ҳангоми ҳама гуна равишҳо дар раванди сохтани конструксияи дидактикӣ ҳудудҳои амалигардонии он бояд муайян карда шаванд.

Натиҷаҳои татқиқоти Б.Е. Стариченко [11]-ро истифода карда, ҳудуди татбиқшавии конструксияи дидактикии методикаи истифодаи ТИК дар раванди таълимро пешниҳод ҷудо мекунем:

– ҷой, вақт ва дамовнокии омӯзиш, ки аз ҷониби омӯзгор бо дарназардошти конфигуратсияҳо самтҳои инфиродии таълими хонандагон муайян карда шудаанд;

– гуногуншаклии коммуникатсияи дидактикии омӯзгор бо таълимгиранданго дар раванди машғулиятҳои таълимӣ;

– имкониятҳои тафриқавӣ ҳангоми муайянкунии мундариҷаи омӯзиш ва суръати азхудкунии иттилооти таълимӣ дар асоси баназаргирии конфигуратсияҳои самтҳои инфиродии таълими хонандагон;

– маҳдудиятҳои минималӣ оид ба ҳаҷм ва гуногуншаклии захираҳои иттилоотии дар омӯзиш истифодашаванда;

– муштаракан сохтани захираҳои иттилоотӣ аз ҷониби субъектҳои раванди педагогӣ (мутахассисон, омӯзгорон, шарикони иҷтимоӣ, таълимгирандагон ва ғ.)

– гузаронидани таълимгирандагон аз объекти омӯзиш ба субъекти худташаккулёбанда дар шароити тақвияти дастгирии тюторӣ аз тарафи омӯзгорон;

– имконияти дохил кардани таълимгиранда ба раванди идоракунии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ (аз он ҷумла, ҳангоми лоиҳакашии самтҳои инфиродии омӯзиш).

Мутобиқи таърифи дар боло овардашудаи конструксияи дидактикӣ, барои сохтани он бояд дараҷаи монандӣ муқаррар карда шавад. Зери мафҳуми *дараҷаи монандии конструксияи дидактикии падидаи педагогии таҳқиқшаванда* наздикии таркибот ба шакли таърихан анъанавии омӯзиш фаҳмида мешавад, ки он бо чораҳои фаврият, гуногунтарафӣ ва амиқии тамос дар реҷаи ҳамкории мустақими педагог бо таълимгиранда тавсиф карда мешавад [10].

Бо дарназардошти муқарраороти мазкур конструксияи дидактикии методикаи истифодаи ТИК дар раванди таълимии муосирро месозем (ҷадвали 1.2).

**Ҷадвали 1. Конструксияи дидактикии методикаи истифодаи ТИК дар раванди таълим**

| Ҷузъи таркибот | Моҳияти ҷузъ дар ҳошияи навсозии таҳсилот | Нақши ТИК дар амалисозии ҷузъ |
|---|---|---|
| Мақсадҳо | | |
| Мақсадҳои | Худмуайянкунии шахсӣ ва касбӣ, ба | ТИК – предмет ва воситаи омӯзиш, |

| | | |
|---|---|---|
| истифодабарӣ | даст овардани салоҳиятҳои калидӣ, ташаккули фарҳанги иттилоотӣ, рушди сифатҳои шахсӣ, қобилиятнокӣ ба худтанзимкунӣ, баланд бардоштани сифати азхудкунии дониш ва малакаҳо | воситаи рушд, воситаи ташхис |
| Принсипҳо | | |
| Принсипҳои истифодабарӣ | – принсипи арзишҳои таълимӣ;<br>– принсипи мақсаднокии педагогӣ;<br>– принсипи арзишнокии дидактикӣ;<br>– принсипи самаранокии методӣ; | |
| Мундариҷаи таҳсилот | | |
| Тағйиротҳо дар мундариҷаи омӯзиш | Тамоюли шахсии мундариҷаи таҳсилот, тамоюлоти амалӣ ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ нигаронидашуда, тавсеаи донишҳои ба амалия нигаронидашуда, тағйирёбанда будани омӯзиш | ТИК – воситаи омӯзиш, воситаи инфиродикунонӣ ва амалигардонии самтҳои инфиродии таълимӣ |
| Барномаи таълимӣ | Тағйирпазир будани барномаҳои таълимӣ, амалигардонии барномаҳои таълимии омӯзиши тафриқавӣ, барномаҳои таълимии инфиродӣ | ТИК – воситаи фардикунонӣ ва тафриқавӣ кардан |
| Усулҳо ва шаклҳои истифодабарӣ | | |
| Усулҳои истифодабарӣ | Кам кардани технологияи синфӣ-дарсӣ, зиёд кардани нақши технологияи ташкилии корҳои мустақилона, васеъ кардани ҳаҷми технологияи лоиҳавӣ ва технологияи ташкили корҳои илмӣ-татқиқотӣ | Тамоюл ба истифодаи ТИК ҳамчун воситаи идоракунӣ ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ, воситаи худомӯзӣ |
| Шаклҳои истифодабарӣ | Омӯзиши рӯ ба рӯ, гурӯҳӣ, синхронӣ, коллективӣ ва фардӣ | Воситаи амалигардонии ҳамаи шаклҳои омӯзиш |
| Фаъолияти субъектҳои таълим | | |
| Таълимгирандагон | Васеъ кардани ҳуқуқ дар асоси амалигардонии интихоби таълимии самт ва барномаҳои омӯзиш. Намудҳои фаъолияти бартаридошта — маърифатӣ, таҳқиқотӣ. Имконияти баҳисобгирии хусусиятҳои психологӣ-педагогии таълимгирандагон | ТИК – предмет ва воситаи омӯзиш, воситаи баҳисобгирии хусусиятҳои инфирродии таълимгирандагон |
| Педагогҳо | Тағйирдиҳии функсияҳо: ташкилкунандаи муҳити таълимӣ, машваратдиҳанда, ёрдамчӣ, тютор, ташхисгар. Педагог технологияи истифодаи ТИК-ро дар раванди таълим фаро гирифтааст | ТИК – воситаи идоракунии равандҳои омӯзишӣ, воситаи коркарди маводҳои дидактикӣ ва ташхисӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Ташкили омӯзиш (идоракунии равандҳои омӯзиш) | | |
| Захираҳои таълимӣ | Васеъ кардан ва ҳамҷоякунии захираҳои таълимӣ, ошкоро ва тағйирпазир будан, пайдоиши шабакаҳои таълимӣ | ТИК – воситаи ҳамкориҳои иттилоотӣ |
| Муҳити таълимӣ | Лоиҳакашӣ ва тартибдиҳии фазои гуногуншакл барои худамалкунии эҷодии таълимгирандагон | ТИК — воситаи рушди қобилиятҳои эҷодкорӣ ва таҳқиқотӣ |
| Идоракунии равандҳои омӯзиш | Омӯзгор функсияҳои идоракунии равандҳои таълимиро ба воситаҳои ТИК медиҳад. Идоракунӣ дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои психологӣ-педагогии таълимгирандагон | ТИК – воситаи идоракунии фаъолияти таълимӣ-маърифатии таълимгирандагон, воситаи ташхису ислоҳ кардани омӯзиш ва рушд |
| Роҳҳои ҳамкории иштирочиёни раванди таълим | Фаъол, омӯзиши интерактивӣ, реҷаи омӯзиши on-line ё фосилавӣ | ТИК – воситаи ҳамкории иттилоотӣ |
| Назорат ва ташхис | | |
| Системаи баҳодиҳӣ | Ҷорӣ кардани баҳогузории холӣ-рейтингӣ, шаклҳои ҷамъшаванди баҳогузорӣ, шкалаи баҳогузории васеъкардашуда, истифодаи васеи шаклҳои худбаҳодиҳӣ ва худташхискунӣ | ТИК – воситаи назорати инфиродӣ, ташхис, худназораткунӣ, ислоҳкунии инфиродӣ, пешгуӣ кардан |

Дар раванди воқеии педагогӣ *методикаи истифодабарии ТИК* дар асоси конструксияи дидактикии пешниҳодшуда бо назардошти сатҳи монандӣ ва хусусиятҳои мушаххаси психологӣ-педагогии таълимгирандагон ва педагог коркард карда мешавад.

Таҳаввулоти ҷомеа ба тағйирёбии консепсияҳои омӯзишӣ ва ҳам консепсияҳои барномаи таълимӣ оварда расонид. Ин тағйиротҳо коркарди стратегияҳоро барои ҷорикунии ТИК дар нақшаҳои таълимии асри XXI, аз он ҷумла истифодаи ТИК чун воситаи омӯзиш ва ҳамчунин мақсади омӯзиш талаб мекунад. Истифодаи компютерҳо, инчунин шаклҳои гуногуни технологияҳои рақамӣ (масалан, планшетҳо, смартфонҳо, роботҳо) дар ҳаёти ҳамарӯза аз таҳқиқотчиён, сиёсатмадорон ва мутахассисон аз нав фикр карда баромадани имкониятҳои таълимии ТИК-ро талаб мекунанд. Ба инҳо ҳамаи технологияҳои барои коркард кардани иттилоот ва коммуникатсия истифодашаванда дохил мешаванд.

*Хусусиятҳои дидактикие, ки ТИК-и муосир онҳоро доранд,* ба таври зерин ҷудо карда мешаванд:

1. Бисёрзабона ва гуногунфарҳанг будани интернет-захираҳои иттилоотӣ.
2. Гуногуншаклии намудҳои функсионалии интернет-захираҳо.
3. Бисёрсатҳӣ будани интернет-захираҳо.
4. Чандрасонаӣ будани захираҳо.
5. Сохтори абарматнии ҳуҷҷатҳо.

6. Имконияти сохтани минтақаи шахсии истифодабаранда.

7. Имконияти ташкили муошират синхронӣ ва асинхронӣ.

8. Имконияти автоматикунонии равандҳои таъминоти иттилоотӣ-методӣ, ташкили идоракунии фаъолияти таълимии хонандагон ва назорати онҳо.

*Асосҳои дидактикии талаботҳои ба технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таҳсилот пешниҳодшуда* инҳо мебошанд:

– ҳавасманд будан дар истифода кардани маводҳои гуногуни дидактикӣ;

– дақиқ муайян кардани нақш, ҷой, таъинот ва вақти истифода бурдани захираҳои электронии таълимӣ ва воситаҳои компютерии омӯзиш;

– нақши пешбари омӯзгор дар гузаронидани машғулиятҳо;

– ба технология ворид кардани танҳо ҷузъҳое, ки сифати омӯзишро кафолат медиҳанд;

– мутобиқати методикаи омӯзиши компютер ба стратегияҳои умумии гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ;

– ба назар гирифтани он нуқта ки ба маҷмуаи воситаҳои таълимӣ дохил кардани захираҳои электронии таълимӣ ва барномаҳои омӯзишии компютерӣ, таҷдиди назар кардани ҳамаи ҷузъҳои система ва тағйиротҳои методикаи умумии омӯзишро талаб мекунад;

– таъмини сатҳи баланди инфиродикунонии омӯзиш;

– таъмини алоқаи баръакси устувор дар омӯзиш ва ғ..

Бояд гуфт, ки таҳқиқоти ҷанбаҳои дидактикии сохтан ва татбиқи ТИК дар таҳсилот имрӯзҳо ба суръати рушди воситаҳои техникӣ мутобиқат намекунад. Ин ба он алоқаманд аст, ки ТИК, ки дар раванди омӯзиш истифода мешавад, донишҳои илмҳои гуногун, чун педагогика, психология, математика, информатика, кибернетикаро ҳамгиро мекунад. Гузашта аз ин, ҷанбаҳои психологӣ-педагогӣ дар ин ҳамогирой муҳим мебошанд.

**Муқарриз:Тошзода С.-н.и.п., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Винницкая, М.А. Концепция компьютеризации в сфере высшего образования / М.А. Винницкая, К.Л. Гончарова // Иностранные языки в школах Казахстана. – 2007. – №4. – С. 11-15.
2. Васильев, В.Н. Федеральная научно-образовательная сеть runnet. Состояние и перспективы развития / В.Н. Васильев, Ю.В. Гугель, Ю.Л. Ижванов, А.Н. Тихонов, С.Э. Хоружников // Телематика-2004. Труды XI Всероссийской научно-методической конференции. -– 2004. – Т. 1. – С. 44
3. Мирзоев, А.Р. Дидактические основы подготовки студентов вузов Таджикистана к использованию информационно-коммуникационных технологий: дис. … д-ра пед. наук: 13.00.01 / Абдулазиз Раджабович Мирзоев. – Душанбе, 2015. – 313 с.
4. Пестунова, С.М. Организация самостоятельной работы студентов с использованием информационно-коммуникационных технологий / С.М. Пестунова // Информационно-коммуникационные технологии в современном образовательном процессе: научное издание. Сборник научных статей. – Челябинск: Печатный двор, 2016. – 296 с.
5. Семенова, И.Н. Развитие системы методов обучения студентов педвузов в условиях использования информационно-коммуникационных технологий: моногр. / И.Н. Семенова. – Екатеринбург: Урал. гос. пед. ун-т, 2010. – 192 с.
6. Семенова, И.Н. Определение и дидактическая конструкция методики использования информационно-коммуникационных технологий в учебном процессе / И.Н. Семенова, А.В. Слепухин // Педагогическое образование в России. – 2012. – №2. – С. 183-188.
7. Семенова, И.Н. Использование информационно-коммуникационных технологий в системе профильного обучения школьников: моногр. / И.Н. Семенова, А.В. Слепухин // Урал. гос. пед. ун-т. – Екатеринбург, 2008.
8. Сысоев, П.В. Современные информационные и коммуникационные технологии: дидактические свойства и функции / П.В. Сысоев // Язык и культура. – 2012. – № 1(17). – С. 120-133.

9. Современные ИКТ и их роль в системе образования [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ido.tsu.ru/other_res/ep/filosof_umk/text/t5_1.htm
10. Слепухин, А.В. Проектирование организационных форм обучения студентов с использованием средств информационно-коммуникационных технологий / А.В. Слепухин // Теория и практика развивающего обучения в системе современного образования: межвуз. сб. науч. ст. и практ.-ориентир. материалов; Урал. гос. пед. ун-т. – Екатеринбург, 2010.
11. Стариченко, Б.Е. Настало ли время новой дидактики? / Б.Е. Стариченко // Образование и наука. – 2008. – № 4.
12. Худойдодова Ф. С. Теоретические основы реализации различных технологий обучения в условиях информационного общества // Вестник Таджикского национального университета. - 2015. 3/9 (184).- С.171-174.
13. Хуторской, А.В. Дистанционное обучение и его технологии [Электронный ресурс] / А.В. Хуторской // Интернет-журнал «Эйдос». 2005. – Режим доступа: http://www.eidos.ru/joumal/2005/0910-18.htm.
14. Чекалева Н.В. Теоретические основы учебно-методического обеспечения процесса изучения педагогических дисциплин в педагогическом вузе. /Диссертация/ Омск, 2018.

## МЕТОДИКАИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲО ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Дар мақола методикаи истифодаи технологияҳо дар раванди таълим пешниҳод шудааст. Методикаи истифодаи технологияҳо дар раванди таълим – ин маҷмуи қонунияҳо дар интихоби технологияҳои педагогӣ, аз он ҷумла ТИК ва воситаҳои он барои ноил шудан ба ҳадафҳои омӯзиш дар асоси мундариҷаи мушаххаси фанҳои таълимӣ дар ҳолатҳои гуногуни психологӣ-педагогӣ мебошад. Муайянкунии муҳтавои пайванди генетикии методикаи истифодабарии ТИК дар раванди таълим бо мафҳуми «методикаи омӯзиш» ҳамчун мафҳуми бунёдии дорои моҳияти фаросохторӣ имконият медиҳад, ки таърифоти муайяншударо ба таври зерин мушаххас намоем: Методикаи истифодабарии ТИК дар раванди таълим - ин илм оид ба қонуниятҳои (қонунҳо, принсипҳо, қоидаҳо) меъёрии интихоби ТИК ё ҷузъҳои он (аз он ҷумла воситаҳо), фаъолият оид ба интихоби ТИК амалигардонии технологияҳои интихобшуда дар раванди таълим барои ноил шудан ба мақсадҳои омӯзиш дар муҳтавои фаннии мушаххас ва вазъиятҳои муайяни психологӣ-педагогӣ мебошад».
Технологияи истифодабарии ТИК дар раванди таълим - ин алгоритми аз ҷониби омӯзгор иҷрокунии фаъолияте, ки бо ҷудокунии амалҳои пайдарпайи дидактикӣ алоқамандбуда, мебошад, ки дар шароитҳои психологӣ-педагогии мушаххас барои кафолатнок ноил шудан ба фаъолияти мақсаднок (табдил додани қонуниятҳои умумии методика дар фаъолияти мушаххаси амалии таълимгиранда бо хусусиятҳои муайяни психологӣ-педагогӣ) ҳаммаъно аст. Технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дорои хусусиятҳо ва функсияҳои дидактикӣ буда, зери мафҳуми «функсияҳои дидактикии ТИК-и муосир» "ошкоршавии берунии воситаҳои ТИК, ки дар раванди таълимӣ-тарбиявӣ барои амалӣ кардани мақсадҳои гузошташуда истифода бурда мешаванд", фаҳмида мешавад.
**Калидвожаҳо**: технологияи иттилоотӣ, дидактика, коммуникатсионӣ, фарҳанги иттилоотӣ, иттилооти чандрасонаӣ, таълимгирандагон, қобилиятнокӣ, худтанзимкунӣ, мақсаднокии педагогӣ, интернет-захираҳо.

## СПОСОБЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТЕХНИКИ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

В статье представлена методика использования технологий в учебном процессе. Методология использования технологий в образовательном процессе - это совокупность закономерностей выбора педагогических технологий, в том числе ИКТ и их инструментов для достижения целей обучения на основе конкретного содержания дисциплин в различных психолого-педагогических ситуациях. Выявление содержания генетической связи между методами использования ИКТ в процессе обучения с понятием «методология обучения» как фундаментальной концепции трансцендентального характера позволяет нам определить это понятие следующим образом: «Методы использования ИКТ в образовательном процессе - наука о нормативных законах (законах, принципах, правилах) выбора ИКТ или его компонентов (включая инструменты), деятельность по выбору ИКТ (т.е. перспектива компонентов знаний в пространство целей, конкретные психологические условия) - педагогика и особенности, предусмотренные предметной областью), внедрение выбранных технологий в образовательный процесс для достижения целей обучения в конкретном предметном содержании и определенных психолого-педагогических ситуациях ».Технология использования ИКТ в учебном процессе - это алгоритм, при котором учитель выполняет действия, связанные с разделением последовательных дидактических действий, определенных в конкретных психолого-педагогических условиях для обеспечения достижения целевых мероприятий (трансформация общих методологических принципов в конкретные практические деятельности) .Учащийся с

определенными психолого-педагогическими характеристиками) является синонимом. Современные информационно-коммуникационные технологии обладают дидактическими особенностями и функциями, а термин «дидактические функции современных ИКТ» означает «внешнюю идентификацию инструментов ИКТ, используемых в образовательном процессе для достижения поставленных целей».

**Ключевые слова**: информационные технологии, дидактика, общение, информационная культура, мультимедийная информация, учащиеся, способности, саморегулирование, педагогическая цель, Интернет-ресурсы.

**METHODS OF USE OF TECHNOLOGY IN THE LEARNING PROCESS**

The article presents a methodology for using technologies in the educational process.The methodology of using technologies in the educational process is a set of patterns in the choice of pedagogical technologies, including ICT and their tools to achieve learning goals based on the specific content of disciplines in various psychological and pedagogical situations. Revealing the content of the genetic relationship between the methods of using ICT in the learning process with the concept of "teaching methodology" as a fundamental concept of a transcendental nature allows us to define this definition as follows: "Methods of using ICT in the educational process - the science of regulatory laws (laws, principles, rules) of the choice of ICT or its components (including tools), activities for the selection of ICT (i.e. . perspective of knowledge components in the space of goals, specific psychological conditions) - pedagogy and features provided by the subject area), the introduction of selected technologies into the educational process to achieve learning goals in a specific subject content and certain psychological and pedagogical situations "The technology of using ICT in the educational process is an algorithm in which the teacher performs actions related to the separation of sequential didactic actions defined in specific psychological and pedagogical conditions to ensure the achievement of targeted activities (transformation of general methodological principles into specific practical activities). - pedagogical characteristics) is synonymous.Modern information and communication technologies have didactic features and functions, and the term "didactic functions of modern ICT" means "external identification of ICT tools used in the educational process to achieve the set goals."

**Keywords**: Information technology, didactics, communication, information culture, multimedia information, students, abilities, self-regulation, pedagogical goal, Internet resources.

**Маълумот дар бораи муаллифонон:** ***Файзалии Мирзоалӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиѐбони Рӯдакӣ, 17.

***Мирзоев Абдулазиз Раҷабович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии соҳибкорӣ ва сайёҳии Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи системаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.

**Сведение об авторах:** ***Файзалии Мирзоали*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D.
**Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

***Мирзоев Абдулазиз Раджабович*** **–** Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор кафедры информационных систем и технологий. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбад, 48/5.

**Information about the authors:** ***Faizaliya Mirzoali*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D.
**Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17

***Mirzoev Abdulaziz Rajabovich*** **-** International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Information Systems and Technologies. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5 .

УДК:37.015

# ХУСУСИЯТҲОИ АРЗИШҲОИ АНЪАНАВИИ ОИЛАВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Пиров А.И.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дигаргуниҳои охири асри XX ва рушди илмӣ-техникӣ ба тағйирпазирии тарзи анъанавии ҳаёт, асосҳои ахлоқӣ ва маънавии ҳаёти ҷомеа ва ивазшавии самтгириҳои арзишӣ оварда расониданд. Дар натиҷаи чунин дигаргуниҳо алоқаи байни наслҳо халалдор шуд ва оила аз ниҳоди васеъ ба ниҳоди маҳдуд мубаддал гардида, арзишҳои анъанавии оилаи сернасл аз байн рафтанд. Қайд намудан зарур аст, ки ниҳоди оила қисми ҷудонопазири нигоҳдории анъанаҳо ва фарҳанг дар таърихи миллату халқиятҳо ба ҳисоб меравад. Дар шароити тағйирпазирии иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа масъалаи нигоҳдории арзишҳои анъанавии оилавӣ, муқаддасоти оилавӣ ҳамчун муқаррароти ҷаҳонбинии насли наврас аҳамияти махсус ва муҳимро касб менамояд.

Оила арзиши заминавии миллӣ ба ҳисоб меравад. Дарки арзиши оила ҳамчун асоси ҳувияти миллӣ, дарк ва дастгирии чунин асосҳои ахлоқии оила, ба монанди меҳру муҳаббат, кумаки тарафайн, эҳтиром ба волидайн, ғамхории калонсолон ва кӯдакон, масъулият барои одамони дигар, муносибати боэҳтиромона ба ҳаёти инсонро дар назар дорад.

Мувофиқи Луғати энсиклопедии фалсафӣ, оила ин гурӯҳи хурде ба ҳисоб меравад, ки ба никоҳ ё хешутаборӣ асос ёфтааст ва аъзоёни он бо умумияти маишӣ, масъулияти маънавӣ ва кумаки тарафайн алоқаманд мебошанд [14,с.231]. Т.А. Куликов мафҳуми “оила”-ро чунин тасниф намудааст: “Оила ин гурӯҳи хурди иҷтимоӣ-психологӣ аст, ки аъзоёни он бо муносибатҳои никоҳӣ ё хешутаборӣ, умумияти маишӣ, масъулияти маънавии тарафайн ва зарурати иҷтимоӣ, ки дар он талаботи ҷомеа дар таҷдиди ҷисмонӣ ва маънавии аҳолӣ таҷассум мегардад, алоқаманд мебошанд” [9,с.18].

Оила сарчашма ва ҳалқаи муайянкунандаи интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ-таърихӣ, пеш аз ҳама, таҷрибаи муносибатҳои тарафайни эҳсосотӣ ва фаъолиятӣ байни одамон ба насли наврас мебошад. Оила ниҳоди муҳимми иҷтимоигардии насли наврас буд ва дар оянда низ чунин мавқеи худро нигоҳ медорад.

Дар асоси таснифоти зикргардида метавон қайд намуд, ки оила барандаи арзишҳои фарҳангии ҷомеа ва халқу миллат ба ҳисоб меравад. Дар тамоми давраи мавҷудияти худ ниҳоди оила ҳамон арзишҳо ва ҳаёти оилавиро амалӣ намудааст, ки ба хотири онҳо оила вуҷуд дорад (арзишҳои авлодии оила ва никоҳ). Ақди никоҳ ва бунёди оилаи комил – ҳолати табиии ҳаёт ва фаъолияти инсон аст. Фаҳми мафҳуми “оила” ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ, барандаи арзишҳои фарҳангии миллату халқият бо мафҳуми “анъана” алоқаи ногусастанӣ дорад.

Низоми маориф ба ташаккули муқаррароти арзишӣ, махсусан дар синну соли хурди мактабӣ таъсири назаррас дорад. Яке аз вазифаҳои асосии таълим ва тарбияи кӯдакон – рушди маънавӣ-ахлоқии хонандагон, ташаккули ҳувияти шаҳрвандии онҳо, шиносоӣ бо арзишҳои заминавии ҷомеа, махсусан, арзишҳои анъанавии оила ба ҳисоб меравад. Дар ин самт тарбия ва иҷтимоигардии хонандагон дар соҳаи фарҳанги оилавӣ, ки дар низоми арзишҳои заминавии оила, ба монанди оила, анъанаҳои оилавӣ, фарҳанги ҳаёти оилавӣ, этика ва психологияи ҳаёти оилавӣ, меҳру муҳаббат ва эҳтиром ба волидайн асос ёфтаанд, муҳим мегарданд.

С.П.Акутин арзишҳои зерини маънавӣ-ахлоқии анъанавии оилавиро ҷудо намудааст: модарӣ, падарӣ, кӯдак дар оила, хешутаборӣ, ҳамбастагии оилавӣ, расму оин, меҳнат, меҳнатдӯстӣ, анъанаҳо, эътиқод, сулҳу осоиштагӣ [1,с.12].

Ташаккули арзишҳои анъанавии оилавии насли наврас дар асоси мутобиқати мутаносиби арзиҳшои маънавӣ ва самтгириҳои ахлоқӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Анъана ин яке аз унсурҳои мероси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки аз насл ба насл интиқол дода мешавад ва дар ҷомеаҳо, синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии муайян дар вақти тулонӣ нигоҳ дошта мешавад [14,с.353]. Анаъана ин таҷрибаи таърихан ташаккулёфта, амалия дар соҳаи муайяни ҳаёти ҷамъиятӣ аст, ки аз насл ба насл интиқол дода мешавад [7,с.19]. Анъана ин дониш, шаклҳои фаъолият ва рафтор, инчунин урфу одат, қоидаҳо, арзишҳо, тасаввуроти таърихан ташаккулёфта аст, ки аз насл ба насл интиқол дода мешавад [10,с.431].

Дар асоси таснифоти зикргардида метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки анъана ин интиқоли арзишҳои маънавӣ аз насл ба насл аст; ҳаёти фарҳангии халқ ба анъанаҳо асос ёфтааст. Дар шароити имрӯза барои Тоҷикистон оилаи анъанавӣ хос аст. Дар таҳқиқоти алоҳида асосҳои оилаи анъанавӣ ҷудо карда шудаанд, ки дар ин самт метавон ҷанбаҳои зеринро махсусан қайд намуд: эҳтиром ба волидайн ва калонсолон; хизмат ба одамони наздик; эҳтироми хотираи гузаштагони худ ва муқаддасоти оилавӣ, иҷроиши нақшҳои оилавӣ, касбӣ ва шаҳрвандӣ. Қайд намудан зарур аст, ки оила барандаи арзишҳои миллӣ ва самтгириҳои ахлоқӣ ба ҳисоб меравад [4,с.41].

Солҳои охир муносибати фарзандон ва волидайн, ҳамсарон дар оила ба таври назаррас дигаргун шудааст, ки мувофиқан ба тағйироти тасаввурот оид ба арзишҳои оилавӣ оварда расонидааст. Арзишҳои оилавӣ ин ҳамон падида ва ҷанбаҳое мебошанд, ки барои аъзоёни оила муҳим ва аҳамиятнок мебошанд. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки арзишҳои оилавӣ аз тарафи тамоми аъзоёни оила як хел қабул карда намешаванд. Яъне, он падида ва ҷанбаҳо, ки ба доираи арзишҳои оилавӣ дохил карда мешаванд, барои як қатор аъзоёни оила пурарзиш ба ҳисоб намераванд.

Арзиш падидаест, ки инсон онро қадр мекунад, дар зиндагӣ азиз нигоҳ медорад, ба он аҳамияти хосса равон менамояд [15,с.35]. Арзишҳо ин эътиқоди умумиқабулгардида нисбат ба мақсадҳо мебошанд, ки бояд ба амалинамоии онҳо кӯшиш намоянд, онҳо асоси принсипҳои ахлоқиро ташкил менамоянд. Онҳо дар як қатор бо меъёрҳо ва ғояҳо унсурҳои муҳимми фарҳанги инсон ба ҳисоб мераванд [2,с.53]. Арзишҳо ва самтгириҳои арзишӣ танзимкунандаи зарурӣ ва муайянкунандаи рафтори инсон аст [12,с.5].

Сотсиология арзишро ҳамчун меъёри фундаменталии ахлоқӣ ва этикӣ, ки ягонагии низомҳои иҷтимоиро тариқи танзимнамоии меъёрии ҳаёти ҷамъиятӣ танзим менамояд, баррасӣ менамояд. Ташаккули арзишҳо худ ба худ ба миён намеояд, беҳуда нест, ки дар ҷомеа ниҳодҳои махсуси иҷтимоӣ таъсис дода шудаанд, ки вазифаи асосии онҳо тарбия ба ҳисоб меравад [5,с.151].

Мафҳуми “арзиш”-ро таҳлил намуда, метавон қайд намуд, ки арзишҳо самтгирии воқеии рафтори инсон, таъсири мусбӣ ё манфии объектҳои муҳити атроф ба инсон, гурӯҳи иҷтимоӣ, ҷомеа мебошанд, ки на аз хусусияти худи онҳо, балки бо ҷолибияти онҳо ба соҳаи ҳаёт ва фаъолияти инсон, манфиатҳо ва талаботҳо, муносибатҳои иҷтимоӣ, нишондиҳандаҳо ва воситаҳои баҳогузории чунин аҳамият муайян карда мешаванд.

Арзишҳои оилавӣ нишондиҳандаҳои мусбӣ ва манфии аҳамияти объектҳо, ки бо фаъолияти ягонаи якҷояи умумиятҳои одамон, ки бо хатҳои хешутаборӣ алоқаманд мебошанд, асоснок карда шудааст. Чунин объектҳо ба соҳаи ҳаёт ва

фаъолияти инсон, манфиатҳо, талаботҳо, муносибатҳои иҷтимоӣ ҷалб карда шудаанд [3,с.43].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми арзишҳои оилавӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар асоси фарҳанги умумиинсонӣ бунёд гардидаанд. Арзишҳои оила воситаи муттаҳидшавӣ, ягонагӣ ва ивазнамоӣ ба ҳисоб меравнд. Бо шаровати арзишҳои ахлоқӣ ва оилавӣ интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ аз насл ба насл амалӣ мегардад.

У.В. Рибак ва А.Б. Федулова ду навъбандии арзишҳои оилавиро баррасӣ намудаанд:

-навъи якум дар асоси унсурҳои алоқа дар дохили оила муайян карда мешавад: арзишҳо, ки бо ҳамсарӣ, падару модарӣ ва авлодӣ алоқаманд мебошанд;

-навъи дуюм дар асоси иҷроиши вазифаҳои иҷтимоии оила муайян карда мешавад: дар вазифаи репродуктивӣ – арзиш фарзандон; дар вазифаи иҷтимоигардӣ – арзиш иштироки падару модар ва калонсолони оила дар тарбияи кӯдакон; дар вазифаи экзистансиалӣ – арзиш алоқаҳои дохилиоилавӣ, фазои оилавӣ, саломатӣ, беҳдошт; дар вазифаи иқтисодӣ – арзиш соҳибкории оилавӣ, истеъмоли оилавӣ. Мувофиқи ақидаи муаллифон, нишондиҳандаи оила дар ҷомеаи иттилоотӣ – таҳсилот ҳамчун арзиши махсуси иҷтимоӣ баромад менамояд [13,с.11].

С.П. Акутин дар асоси таҳлил ва баррасии арзишҳоии оилавӣ навъбандии онро пешниҳод намуда, навъи авлодӣ ва шаклиро ҷудо намудааст:

-арзишҳои фарҳангӣ-миллӣ ва хударзишии оила: хешутаборӣ – эҳтироми гузаштагони худ, қадрдонӣ ва шукргузорӣ ба гузаштагони худ, ифтихор аз ҳувият ба қавму авлоди худ; фарзанд – масъулият дар рафтори ахлоқӣ, қарзи фарзандӣ, бахшиши падару модар; модар - гармӣ, нармӣ, хирад, адолат, иштироки самимӣ, ғамхории беғараз; падар - масъулият барои оила, мураббии хирадмандона, далерӣ, шаъну шараф; тартиботи оилавӣ - пайвастагӣ, эҳтиром, шодӣ, ҳамоҳангӣ, раҳмдилӣ, коллективизм, қарзи ҳамсарӣ ва оилавӣ, қобилияти баромадан аз низоъ, умумияти ахлоқӣ; урфу одат ва анъанаҳо - расму оинҳои динӣ, идҳои оилавӣ, истироҳати оилавӣ;

-асосҳои табиӣ-географии тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар оила: шароити табиӣ ва захираҳо - эҳтиром, ҳассосият, дилсӯзӣ, эҳтиром ба замин; меҳнат – касб, масъулият, меҳнатдӯстӣ, суботкорӣ, ташаббускорӣ, буҷаи оилавӣ, муносибати созанда ба ҳаёт; тандурустӣ – неру, тобоварӣ, қобили меҳнат, устувории руҳ;

-асосҳои ҷамъиятӣ-давлатии оила ва тарбияи оилавӣ: ватан – ватандӯстӣ, қаҳрамонӣ, мардонагӣ, садоқат, ифтихори миллӣ, шаъну шараф; озодӣ ва баробарӣ - дӯстдории озодӣ, истиқлолияти маънавӣ, худбаҳодиҳӣ, эътироф ва эҳтироми ҳуқуқи дигарон, адолат, рафоқат); ростиву росткорӣ - ростқавлии беандоза, бовиҷдонӣ, вафодорӣ ба сухан, самимият, эътимод, риояи қонун; шаъну шараф - эҳсоси аҳамияти худ дар корҳои ҷамъиятӣ, қобилияти дарк кардани хислатҳои мусбати худ ва дигарон, зиракӣ, нигоҳ доштани обрӯи мусбӣ, талаботи баланд нисбат ба худ; сулҳу осоиштагӣ - сулҳдӯстӣ, дӯстӣ, эҳтиром ба шахсияти дигарон, қобилияти муомила кардан, бахшидан, сулҳпарварӣ; касбият - дониш, маҳорат, талабот дар ҷамъият, худшиносии маънавӣ-ахлоқӣ ва худамалинамоӣ;

-арзишҳои олии (мутлақи) маънавӣ-ахлоқии оила: меҳру муҳаббат - дилбастагии маънавӣ, масъулияти аъзоёни оила барои ҳамдигар, эътимод, дастгирии маънавӣ, зебоии ахлоқӣ, муҳаббати фидокоронаи волидайн, таваҷҷуҳи фаъол ба шахси дӯстдошта; эҳтиром – дар инсон шахсиятро дидан, эҳтироми манфиатҳо, кӯшишҳо, муносибатҳои ҳиссиётиву арзишии шахс, озодӣ, интихоб, муносибати беғаразона ба одамони дигар; покӣ - ҳаё, иффат, покии нафс, ростқавлӣ, баодобӣ, вафодорӣ, парҳезгорӣ; ҳақиқатҷӯи - вафодорӣ, инъикоси дурусти воқеият дар фикрҳо, эҳсосот, амалҳо, умумияти маънавии кӯдакон ва волидон; фарҳанг –

арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, ки инсон дар раванди рушди фарҳангӣ-таърихӣ бунёд намудааст; некӣ - хайрхоҳӣ, инсондӯстӣ, дилсӯзӣ, ҳассосият; эътиқод - боварӣ, муқаддасот, тавба, тафаккури маънавӣ, канорагирӣ аз танбалии ботинӣ, некбинӣ, хушҳолӣ; зебоипарастӣ - кӯшиш ба зебоӣ, пуррагии эҳсосоти зебогӣ, эҳсосот, таҷриба [1,с.16].

Дар асоси таҳлил ва баррасии навъбандиҳои арзишҳои оилавӣ метавон қайд намуд, ки арзишҳои оилавӣ мазмуну мундариҷаи муносибати байни аъзоёни оила ва инчунин муносибат бо одамони муҳити атрофро муайян менамоянд. Самтҳои асосии муносибати тарафайни аъзоёни оила муносибатҳои ҳамсарӣ, муносибат байни волидон ва фарзандон, муносибат байни хешу таборон ба ҳисоб меравад.

Мувофиқ ба давру замон ба мафҳуми "арзиш" мазмуну мундариҷаи мухталифро алоқаманд менамуданд. Масъалаи арзишҳо мавзуи омӯзиши илмҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Мафҳуми "арзиш" аз тарафи файласуфи олмонӣ Г. Лотсе ба фалсафа ба маънои "аҳамиятнок" ворид карда шудааст [6,с.97]. Дар фаҳми фалсафӣ мафҳуми "арзиш" бо аҳамияти падидаҳои муайяни воқеият дар муносибати инфиродӣ, ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ алоқаманд карда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таснифоти мафҳуми "арзиш" аз он вобаста аст, ки дар доираи кадом илм таъриф карда мешавад. Дар доираи сотсиология "арзиш" ҳамчун тасаввуроти одамон оид ба мақсадҳо ва меъёрҳои рафтор баррасӣ карда мешавад [11,с.4]. Илова бар ин, муносибатҳои мухталифи таснифоти мафҳуми "арзиш" пешниҳод карда шудаанд.

Арзишҳои анъанавии оилавӣ назаррасанд ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо аз тарафи барандагони он дарк карда намешаванд. Лекин, ин аҳамият ва нақши арзишҳои анъанавии оилавиро коҳиш намедиҳад. Арзиши асосии анъанавии оилавӣ ин қобилияти зиндагӣ намудани якҷояи оилавӣ аст. Ин арзиши анъанавии оилавиро як қатор оилаҳо бо сабабҳо ва омилҳои гуногун аз даст медиҳанд. Илова бар ин, дар баъзе ҳолатҳо мушоҳида карда мешавад, ки аъзоёни оила муттаҳид набуда, ҳар як аъзои он ба таври худ зиндагӣ менамояд. Ба хотири он, ки оила воқеан вуҷуд дошта бошад, зарур аст, ки он ҳамчун организми ягона баромад намояд, бо анъана ва арзишҳои ягона мустаҳкам гардида бошад. Ин ягонагии оила тариқи риоя намудани қоидаҳо, урфу одатҳо ва меъёрҳо таъмин карда мешавад [8,с.32].

Яке аз арзишҳои анъанавии оилавӣ – тарбияи фарзанд ба ҳисоб меравад. Барои ҳамсарон, ки дар доираи оилаҳои гуногун ба воя расидаанд, зарур аст, ки дар масъалаи тарбияи фарзандон якдигарфаҳмӣ намуда, бо ин васила анъанаҳои қавм ва авлоди худро идома диҳанд ва анъанаҳои оилавии худро дар тарбияи фарзандон ба роҳ монанд. Ҷанбаи муҳимми анъанаҳои оилавӣ имон ва ҳаёти динӣ аст, ки фарзандон одатан дар оила аз худ менамоянд. Кумаки тарафайн ва дастгирии тарафайни маънавии аъзоёни оила ҳамчун арзиши анъанавӣ баромад менамояд. Илова бар ин, ба арзишҳои анъанавии оилавӣ метавон мавқеи шавҳар ва падарро ҳамчун сарвари оила ворид намуд.

Тарбияи ватандӯстии шахс анъанаи асосии оилавӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳиссиёт дар оила ташаккул ёфта, рушд менамояд ва имкон медиҳад, ки инсон халқу миллати худ, Ватани худро ҳамчун оилаи ягонаи бузург қабул намояд. Ин анъана дар ғояи хизмат ба наздикон ва Ватан ифода мегардад.

Арзиши анъанавии дигар – тарбияи меҳнатдӯстӣ дар оила ба ҳисоб меравад. Ба хотире, ки меҳнат характери фаъолияти озод ва созандаро дорад, дар муқаррароти мақсадҳо ва вазифаҳои аҳамиятноки ҷамъиятӣ мавқеи хидматнамоиро касб менамояд. Яке аз ҷанбаҳои муҳим дар ошкорнамоии мафҳуми "меҳнат" ҷудо намудани меҳнати оилавӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Ҷун қоида, дар оилаи анъанавӣ сатҳи иштироки аъзоёни он ҳам дар меҳнати муфиди оилавӣ ва ҳам ҷамъиятӣ муайян карда шудааст. Дар чунин оилаҳо меҳнати душвор ва мураккаби

ҷамъиятӣ, ки сарват ва инкишофи оилавиро таъмин менамояд ба дӯши мард, меҳнати вазнини оилавӣ ба дӯши зан вогузор карда шудааст. Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин ҷудонамоӣ дар шакли воқеӣ вуҷуд надорад. Дар ҳаёти воқеӣ мард низ дар корҳои хонаводагӣ иштирок менамояд, занон бошанд, бо кӯдакон дар меҳнати муфиди ҷамъиятӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Ҳамин тариқ, ниҳоди оила қисми ҷудонопазири нигоҳдории анъанаҳо ва фарҳанг дар таърихи миллату халқиятҳо ба ҳисоб меравад. Дарки арзиши оила ҳамчун асоси ҳувияти миллӣ, дарк ва дастгирии як қатор асосҳои ахлоқии оиларо пешниҳод менамояд. Ташаккули арзишҳои анъанавии оилавии насли наврас дар асоси мутобиқати мутаносиби арзишҳои маънавӣ ва самтгириҳои ахлоқӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Арзишҳои оилавӣ мазмуну мундариҷаи муносибати байни аъзоёни оила ва инчунин муносибат бо одамони муҳити атрофро муайян менамоянд. Самтҳои асосии муносибати тарафайни аъзоёни оила муносибатҳои ҳамсарӣ, муносибат байни волидон ва фарзандон, муносибат байни хешу таборон ба ҳисоб меравaнд.

**Муқарриз:Ашурова Ш.К.- н.и.п., дотсенти ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**


1. Акутина, С.П. К проблеме классификации семейных духовно-нравственных ценностей / С.П. Акутина // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена. – 2009. -№94. -С.9-15.
2. Большой толковый словарь по культурологии / сост. Б.И. Кононенко. -М.: Вече, 2003. -512 с.
3. Воронина, Е.В. Воспитание семейно-нравственных ценностей у школьников / Е.В. Воронина // Вестник ИГПИ им. П.П. Ершова. – 2012. -№5. -С.43-45.
4. Гурджиян, М.В. Традиционная семья в современном российском обществе / М.В. Гурджиян // Общество: философия, история, культура. – 2016. -№4. -С.41-43.
5. Дементьева, И.Ф. Трансформация ценностных ориентаций в современной российской семье / И.Ф. Дементьева // Вестник РУДН: серия социологии. – 2004. -№6-7. -С.150-160.
6. Дюльдина Ж.Н. Категории «ценность» и «семейные ценности» в философских и педагогических науках / Ж.Н. Дюльдина, Л.П. Шустова // Современные наукоемкие технологии. - 2016. -№11. -С.96-99.
7. Епишкин, Н.И. Исторический словарь галлицизмов русского языка / Н.И. Епишкин. -М.: Словарное изд-во ЭТС, 2010. -514 с.
8. Коростелева Ю.Е. Патриархальный идеал как основа традиционной семьи / Ю.Е. Коростелева // Актуальные проблемы современной науки, техники и образования. - 2015. -Т.3. -№1. -С.31-33.
9. Куликова, Т.А. Семейная педагогика и домашнее воспитание / Т.А. Куликова. –М.: Академия, 2000. -232 с.
10. Краткий психологический словарь / сост. Л.А. Карпенко; под общ. ред. А.В. Петровского, М.Г. Ярошевского. -М.: Политиздат, 1985. -431 с.
11. Лапин Н.И. Модернизация базовых ценностей / Н.И. Лапин // Социологические исследования. - 1996. -№5. -С.3-24.
12. Мусхелишвили, Н.Л. Ценностная рефлексия и конфликты в разделённом обществе / Н.Л. Мусхелишвили // Вопросы философии. – 1996. -№6. -С.3-21.
13. Рыбак, Е.В. Социальное развитие и образование в системе семейных ценностей современных молодых родителей: аксикреативный подход / Е.В. Рыбак // Вестник КГУ им. Н.А. Некрасова. Серия Педагогика. – 2012. -Т. 18. -№3. -С.11-14.
14. Философский энциклопедический словарь / Под редакцией Л.Ф. Ильичёва, П.Н. Федосеева, С.М. Ковалёва, В.Г. Панова. -М.: Советская энциклопедия, 1983. -840 с.
15. Энциклопедический словарь по психологии и педагогике. -М., 2013. -640 с.


**ХУСУСИЯТҲОИ АРЗИШҲОИ АНЪАНАВИИ ОИЛАВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**


Дар мақолаи мазкур масъалаи арзишҳои анъанавии оилавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ниҳоди оила қисми ҷудонопазири нигоҳдории анъанаҳо ва фарҳанг дар таърихи миллату халқиятҳо ба ҳисоб меравад. Дар шароити тағйирпазирии иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа масъалаи нигоҳдории арзишҳои анъанавии оилавӣ, муқаддасоти оилавӣ ҳамчун муқаррароти ҷаҳонбинии насли наврас аҳамияти махсус ва муҳимро касб намудааст. Ташаккули арзишҳои анъанавии оилавии насли наврас дар асоси мутобиқати мутаносиби арзишҳои маънавӣ ва самтгириҳои ахлоқӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Анъана ин интиқоли арзишҳои маънавӣ аз насл ба насл аст; ҳаёти фарҳангии халқ ба анъанаҳо асос ёфтааст. Дар шароити имрӯза барои Тоҷикистон оилаи анъанавӣ хос аст. Дар таҳқиқоти алоҳида асосҳои оилаи анъанавӣ ҷудо карда шудаанд, ки дар ин самт метавон ҷанбаҳои зеринро махсусан қайд намуд: эҳтиром ба волидайн ва калонсолон; хизмат ба одамони наздик; эҳтироми хотираи гузаштагони худ ва муқаддасоти оилавӣ, иҷроиши нақшҳои оилавӣ, касбӣ ва шаҳрвандӣ. Солҳои охир муносибати фарзандон ва волидайн, ҳамсарон дар оила ба таври назаррас дигаргун шудааст, ки мувофиқан ба тағйироти тасаввурот оид ба арзишҳои оилавӣ оварда расонидааст. Арзишҳои оилавӣ ҳамон падида ва ҷанбаҳое мебошанд, ки барои аъзоёни оила муҳим ва аҳамиятнок мебошанд. Арзишҳо самтгирии воқеии рафтори инсон, аҳамияти мусбӣ ё манфии объектҳои муҳити атроф ба инсон, гурӯҳи иҷтимоӣ, ҷомеа мебошанд, ки на аз хусусияти худи онҳо, балки бо ҷолибияти онҳо ба соҳаи ҳаёт ва фаъолияти инсон, манфиатҳо ва талаботҳо, муносибатҳои иҷтимоӣ, нишондиҳандаҳо ва воситаҳои баҳогузории чунин аҳамият муайян карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** оила, арзиш, анъана, фарҳанг, арзишҳои анъанавии оилавӣ, муқаддасоти оилавӣ, низоми маориф, психологияи ҳаёти оилавӣ, интиқоли арзишҳои маънавӣ, ахлоқ, фарҳанги умумиинсонӣ, тарбияи ватандӯстӣ.

## ОСОБЕННОСТИ ТРАДИЦИОННЫХ СЕМЕЙНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье рассматривается проблема традиционных семейных ценностей. Автор отмечает, что институт семьи считается неотъемлемой частью сохранения традиций и культуры в истории наций и народов. В условиях социальных, политических и экономических изменений в обществе особое и важное значение приобрел вопрос сохранения традиционных семейных ценностей, святости семьи как нормы мировоззрения подрастающего поколения.Формирование традиционных семейных ценностей подрастающего поколения на основе соответствующей совместимости нравственных ценностей и нравственных ориентиров считается одной из приоритетных задач государства и общества. Традиция – это передача духовных ценностей из поколения в поколение; культурная жизнь народа основана на традициях. В современных условиях для Таджикистана характерна традиционная семья. В отдельных исследованиях выделяются основы традиционной семьи, в этом направлении можно особо отметить следующие аспекты: уважение к родителям и взрослым; обслуживание близких людей; почитание памяти предков и святости семьи, выполнение семейной, профессиональной и гражданской роли.За последние годы отношения детей и родителей, супругов в семье существенно изменились, что привело к изменениям в восприятии семейных ценностей. Семейные ценности – это те явления и аспекты, которые важны и значимы для членов семьи. Ценности - это реальная направленность поведения человека, положительное или отрицательное значение объектов окружающей среды для человека, социальной группы, общества. Оценка такой значимости определяется не в силу их собственных особенностей, а в силу их привлекательности для сферы человеческой жизни и деятельности, интересов и требования, социальные отношения, индикаторы и инструменты.

**Ключевые слова:** семья, ценность, традиция, культура, традиционные семейные ценности, семейная святость, система воспитания, психология семейной жизни, трансляция духовных ценностей, нравственность, общечеловеческая культура, воспитание патриотизма.

## FEATURES OF TRADITIONAL FAMILY VALUES IN MODERN CONDITIONS.

This article deals with the problem of traditional family values. The author notes that the institution of the family is considered an integral part of the preservation of traditions and culture in the history of nations and peoples. In the context of social, political and economic changes in society, the issue of preserving traditional family values, the sanctity of the family as a norm of the worldview of the younger generation, has become of particular and importance.The formation of traditional family values of the younger generation on the basis of the appropriate compatibility of moral values and moral guidelines is considered one of the priority tasks of the state and society. Tradition is the transmission of spiritual values from generation to generation; the cultural life of the people is based on traditions.In modern conditions, Tajikistan is characterized by a traditional family. In some studies, the foundations of the traditional family are highlighted, in this direction the following aspects can be especially noted: respect for parents and adults; care of loved ones; veneration of the memory of ancestors and the sanctity of the family, the fulfillment of family, professional and civic roles.In recent years, the relationship between children and parents, spouses in the family has changed significantly, which has led to changes in the perception of family values. Family values are those phenomena and aspects that are important and significant for family members. Values are the real orientation of human behavior, the positive or negative value of environmental objects for a person, social group, society. The assessment of such significance is determined not by virtue of their own characteristics, but by virtue of their attractiveness for the sphere of human life and activity, interests and requirements, social relations, indicators and tools.

**Keywords:** family, value, tradition, culture, traditional family values, family holiness, education system, psychology of family life, transmission of spiritual values, morality, universal culture, education of patriotism.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Пиров Афзалшо Искандарович*** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, муаллими кафедраи фалсафа. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **911-26-3737**

**Сведение об авторе:** ***Пиров Афзалшо Искандарович*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, преподаватель кафедры философии. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **911-26-3737**

**Information about the author:** ***Pirov Afzalsho Iskandarovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Philosophy. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67. Phone: **911-26-3737**

УДК:372.851(575.3)

# МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ АҲВОЛ, ОСОР ВА АНДЕШАҲОИ ПЕДАГОГИИ БАҲОУДДИНИ ОМУЛӢ

*Давлатова М.Ҳ., Исоева Дилором, Давлатова Ниёзбӣ*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Файласуфи маъруфи асри XVI-XVII Баҳоуддини Омулӣ машҳур бо лақаби Шайх Баҳоӣ дар муҳите ба камол расидааст, ки дар он эътибори илм ва эътимод ба донишмандон бағоят баланд буд. Ба воя расидани ӯ маҳз дар ин муҳит имкон дод, ки вай аз мутаассибони замонаш натарсида, бо омӯхтану инкишоф додани илму дониш машғул шавад.

Баҳоуддини Омулӣ, тибқи ахбори фавқуззикр, мисли дигар мутафаккирони барҷастаи Шарқ, на фақат ба ҳайси файласуфи заковатманд, балки ҳамчун табиби ҳозиқу риёзидони мумтоз, муҳаққиқи ҳайату адиби моҳир ҳам ном бароварда буд.

Чандон ки ба қавли дигарон (Саид Нафисӣ) шуғли асосии Баҳоуддини Омулӣ бештар ба улуми фалсафа, риёзӣ равона шуда буд, аммо бо вуҷуди ин то имрӯз асарҳои назмӣ-ахлоқии ӯ боқӣ мондаанд ва ин асарҳо ба тамоми муҷиботи хеш дар мавриде, ки панду ахлоқ ва назариёти фалсафии замони ин мутафаккирро фароҳам намудааст, ба яке аз осори хеле хонданӣ ва ҷолиби давраҳои баъдӣ низ табдил ёфтааст. Зеро то кунун аҳли илм ва муҳаққиқини олам ҷаҳонбинии фалсафӣ-педагогии ӯро дар пайгирӣ бар омӯзиши ҳамин асарҳо муайян мекунанд ва ба ақидаҳои ӯ баҳогузорӣ намуда, ҳамчунон аз андешаҳои ӯ бархӯрдор мешаванд ва дар осори хеш истифода мекунанд.

Дар мавриди дигар, чунонки аз муқоисаҳо бармеояд, ин асарҳои Баҳоуддини Омулӣ бо рисолаи ҳамноми мутафаккири номии дигари Шарқ -табиб, шоир, файласуф ва ориф Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ва Ҳофиз мутобиқи андешаҳои ғоявӣ ва муносиботи назариёти илмии ирфониву фалсафӣ иртиботу ҳаммонандии қавӣ доранд.

Муҳити маънавии Баҳоуддини Омулӣ, албатта, яке аз доираҳои пурнуфузи маърифативу ирфонӣ ва адабӣ ба шумор мерафт, ки намунаи ибрат будани ахлоқи инсониаш шахсан бар он шаҳодат медиҳад, чунонки мутобиқи сарчашмаҳо, худи ӯ низ тарғибгари одоби ҳамидаву накукорӣ, қобилияти некуманишиву ақлу заковати солим ва худшиносиву башардӯстӣ муаррифӣ гардидааст ва ҳам таъсири онро метавонем аз осори ӯ ба мушоҳида гирем.

Баҳоуддини Омулӣ ба далели он ки забони модариаш арабӣ буд, форсиро аз роҳи мутолиа омӯхта буд. Вожагони арабӣ ва мусталиоти арабии маъмул дар ҳавзаи улумии назир, тафсир ва ҳадис, фиқҳ ва усулро дар ашъор ва осори худ хеле зиёд ба кор бурдааст. Масалан:

...Як дамак биншаст бар болини ман,
Рафт бо худ бурд ақлу дини ман.
Гуфтамаш: кай бинамат, ай хушхиром?
Гуфт: насбул лайл лака филманом [ 3, с.16].

Ба гувоҳи бисёре аз шеърҳои Баҳоуддини Омулӣ ва ишорати ӯ дар китобҳои “Кашкул” ва “Гурба ва муш”, аз Фирдавсӣ, Саноӣ, Аттор, Мавлоно, Саъдӣ, Ироқӣ ва дигарон на танҳо мутолиа, балки гоҳ ба фикрронии онҳо тарафдорӣ ва гоҳе аз онҳо иқтибос низ овардааст. Аз ин миён Мавлоно дар таълифи Баҳоуддини Омулӣ нақши муассир гузоштааст, зеро на танҳо Баҳоуддини Омулӣ китоби “Маснавӣ-и Мавлавиро мутолиа ва ҳифз кардааст, балки дар бештари маврид ҳатто дар

китобҳои “Муш ва гурба” ва “Ширу шакар” аз Мавлавӣ зиёд иқтибос овардааст, ки дар ҳамон шакле, ки Маснавӣ овардааст, зикр намудааст.

Баҳоӣ на танҳо худ шеър мегуфт, балки ба шеъри форсӣ хеле завқ дошт. Ӯ шеърҳои шоиронеро, ки хеле кам шеър навиштаанд, рӯйи кор гирифта, аз онҳо зинда ва муаррифӣ менамуд, ҳатто шеърҳои Хаёли Бухороиро аз назар дур накарда, ғазали ӯро ба матлаи “Эй тири ғамат дар дили ушшоқ нишона” таъмис карда ва яке аз мухаммаснависони машҳури қарни худ буд. Баҳоуддини Омулӣ на танҳо мухаммаснавис, балки яке аз зиндакунандагони шеъри мухаммас дар карни нуҳум буд. Ӯ аввалин касе буд, ки мухаммасро ба ҷаҳон ва ҷаҳониён муаррифӣ намудааст.

Баҳоуддини Омулӣ аз илми калом низ баҳраи тамом доштааст. Талмеҳот ва масъалаҳои каломӣ, монанди ҷабру ихтиёр ва назарияи касбу ҳунаромӯзӣ аз мавзуъҳои муҳимми осори ӯст. Дар ирфон низ, чи дар ирфони амалӣ ва сайру сулуку таҳзиби нафс ва ҳам дар ирфони фалсафаомези назарӣ, мактаби ирфони ошиқонаи Баҳоуддини Омулӣ мақоми хеле баланд дорад. Андешаҳои ирфонӣ дар аксари ғазалиёти ӯ ба назар мерасанд. Баҳоуддини Омулӣ ҳам ориф асту ҳам ирфоншинос. Дониши адабии Баҳоуддини Омулӣ дар ҳаддест, ки хурдтарин нукоти илми балоғатро бо зарифтарин ҳолат ҷазб ва дар ҳунари худ харҷ кардааст.

Баҳоуддини Омулӣ шахсӣ андешаманд аст ва дар осораш андешаҳои фалсафӣ бо забони шоирона ва бидуни бакоргирии истилоҳоти фаннии фалсафӣ баён шудаанд. Баҳоуддини Омулӣ на танҳо ба масъалаҳои адабӣ, яъне, шеъру шоирӣ, балки ба масъалаҳои абадӣ, чун ҳаёту марг, қазою қадар, сарнавишт, ҷабру ихтиёр ва ғайраҳо шеър месарояд.

Таҳқиқот собит намуд, ки Баҳоуддини Омулӣ низ яке аз нафароне аст, ки аз масъалаҳои доғи ҷомеа меандешад ва роҳҳои раҳоиро аз мушкилоти мавҷуда пешниҳод мекунад. Масъалаҳои иҷтимоӣ, яъне дардҳою фасодҳо, беадолатиҳо, риёкориву мардумфиребӣ ва дигар доғҳои ҷомеаро мешиносад ва монанди як ҷарроҳи чирадаст бо теғи интиқод мешикофаду бо меҳрубонӣ марҳам мениҳад. Баҳоуддини Омулӣ низ монанди Ҳофиз аз дарди ҷомеа сухан гуфта, савмааю савмаанишинон, хонақоҳу сокинони он, хирқаю хирқапӯшон, суфию зоҳид, шайху муҳтасиб, маҷлиси ваъзи воиз ҳама мавриди танзу танқиди ӯ шудаанд. Хонақоҳу савмаа, масҷид, рӯзаю намоз, хирқаю тасбеҳ саҷҷода инҳо ҳама дар худии худ мусбатанду ҳеч гунаҳе надоранд, аммо суфию зоҳид, шайху муҳтасиб ва обиду воиз ин асбобу ашёи диндориро олуда сохта, воситаи тазвиру риё қарор додаанд.

Муҳимтарин санъати бадеӣ, ки дар назми Баҳоуддини Омулӣ аз ҳама бештар ба кор рафтааст, санъати иҳом асту иҳомгароӣ хосси осори ӯст. Масалан, бодаву шароби ӯро метавон ҳам ангурӣ тафсир кард ва ҳам ирфонӣ.

*Соқиё бидеҳ ҷоме, з-ин шароби рӯҳонӣ,*
*То даме биосоям, з-ин ҳиҷоби зулмонӣ.*
*Бевафо нигори ман, мекунад ба кори ман,*
*Хандаҳои зери лабу ишваҳои пинҳонӣ.*
*Дину дил бо як дидан бохтему хурсандем,*
*Дар қимори ишқ эй дил, кай бувад пушаймонӣ?*
*Мо сияҳгилемонро ҷуз бало намешояд,*
*Бар дили Баҳоӣ на, ҳар бало, ки битвонӣ [ 3, с.24].*

Аз хусусиятҳои дигари ақидаҳои Баҳоуддини Омулӣ танзу тарабнокӣ ва умедворкунанда будани он аст. Хонандаи осори Баҳоуддини Омулӣ ҳеҷ гоҳ ноумед намешавад, дар ҳама мушкилот даре барои ӯ боз мешавад.

Дар таълифоти Баҳоуддини Омулӣ омӯзиши илм, қадру қимат ва манфиати он мақоми сазовор дорад, ҳадафу натиҷаҳои он роҳнамоӣ ба инсон барои раҳо ёфтан аз олами зулмат, ҷаҳолату нодонӣ ва ҳидоят ба роҳи рост, аз худ намудани донишу маърифат мебошад.

Баҳоуддини Омулӣ низ монанди дигар уламо фазилати талаби илм ва донишандӯзиро дар тарбия ва ба камолрасии насли наврасу ҷавонон бартару беҳтар

меҳисобад. Ӯ таъкид менамояд, ки илму дониш сифати инсони наҷибу комил аст, ҷаҳолату нодонӣ сифати разолату норасоӣ мебошад.

Дар афкори педагогии Баҳоуддини Омулӣ мавзуи ирфонӣ фаровон истифода шудааст, аммо дар ин ягон чизи дигаре ҷуз ҳақиқату адолату садоқат нест, зеро тамоми андешаҳои ӯ дар заминаи ростию озодию садоқат ифода гардидаанд.

Манфиати илм дар ҳаёти инсон аҳамияти махсус дошта, истеъмол аз ин вожа низ ҷиҳати ташвиқу тарғиб ба дарёфти он васеъ истифода шудааст. Дар осори Баҳоуддини Омулӣ баъзан истеъмоли ин маъно ба лафзҳои муродифи он, ба монанди ҳифз, тасаввур, фаҳм, идрок, шуур, фиқҳ, зикр, маърифат, ақл,зеҳн, фиросат, ҳикмат, дироят ва ғайра сурат гирифтааст [1, с.36].

Назарияи педагогии Баҳоуддини Омулӣ маънои олии инсонгароёна дорад. Ситоишу тарғиби инсони озодаест, ки аз ҳама гуна тааллуқот озоду ашрафи махлуқот аст. Ҳадафи Баҳоуддини Омулӣ аз тарғиби инсони озоду вораста аз ҳама гуна тааллуқот танҳо тарбияти мардуми ҳамзабону ҳамдин нест, балки саодати дуҷаҳонии инсоният аст. Аз ин рӯ, афкори ӯ мақбули хосу оммаи на танҳо форсизабонон ва ё мусулмонон, балки писанди кулли мардуми зебописанду озодипарасти сайёра аст.

Ҳарчанд орифони зиёде аз ӯ пайравӣ кардаанд ва ҳатто шоирон ҳам ҳастанд, ки девони ӯро ҷавоб гуфтаанд, аммо касе ба пояи ӯ нарасидааст.

Ба ин манзур андаке баъд аз вафоти Баҳоуддини Омулӣ то ба имрӯз донишмандоне ба забонҳои гуногун осори ӯро шарҳу тафсир додаанд ва чандин мақолоти илмӣ доир ба рӯзгору осор ва андешаҳои ин марди фозилу нодиргуфтор ба табъ расидааст, ки агар ҷамъоварӣ шаванд, як китобхонаи бузургро ташкил медиҳанд, вале то кунун китобе дар даст надорем, ки бозгӯйи тамоми розу ниёзи ашъору осори Баҳоуддини Омулӣ бошад.

Ҳама он донишмандон ва суханварони бузурги давр, ки ба шеъри Баҳоуддини Омулӣ назар доштаанд, ӯро "мумтозтарин, маҳбубтарин ва мардумитарин" шоири олам донисттаанд [1, с. 88].

Вай дар осори хеш, махсусан, дар рисолаҳои назмӣ-педагогии "Нон ва ҳалво", "Ширу шакар" ва "Тӯтинома" ва мутобиқи ақидаҳои ҳақиқатнигоронааш саодати воқеии ҳаётиро бо дарёфти саодати ондунёӣ, ки одамонро ба таассубҳои мазҳабӣ бештар дучор мекард, муқобил гузошта, инсонро ба тариқи андешаҳои тарғибгарояш ба ҷустуҷӯи доимии ҳақиқат дар масири худинкишофёбӣ, худтакмилдиҳӣ, бунёди ҳаёти хуррам, омӯхтани илму дониш ва меҳнати софдилонаву боровар даъват мекард. Чунон ки мутобиқи афкори хеш барои огоҳии аҳли башар мефармуд, ки саодат на фақат дар он дунё, балки дар ин дунё ҳам вуҷуд дорад ва дар аксари назариёти хеш ӯ саодати индунёӣ гуфта,бештар муҳити маишӣ ва аз ин миёна ҷустану пайдо намудани хайру некӣ ва худсозиву худшиносии одамонро дар назар дорад. Баҳоуддини Омулӣ илова бар китоби "Қуллиёт" ва "Кашкул"-аш як асари насрии дигаре дорад, ки масоили ирфонӣ ва тасаввуфро дар он гирд овардааст. Ин китоб, ки дар мавзуи дин ва ахлоқ баҳс мекунад, "Панди аҳли донишу омӯзиш ба забони гурба ва муш" ном дорад.

Саид Нафисӣ менависад: "Ҷой дорад агар Баҳоиро бузургтарин орифи қарни нуҳум ва аввали қарни даҳум бишуморем" [8, с.142].

«Нон ва ҳалво» ва «Ширу шакар»-и Баҳоуддини Омулӣ низ ба сифати яке аз асарҳои сирф ва маҳзи таълимӣ ва тарбиявӣ иборат аз маҳзани афкори ахлоқӣ буда, дар маврид метавонад ҷиҳати омӯзиши назарияи педагогӣ ва психологии чи насли наврас ва чи тамоми синну сол доимо мавриди назар қарор дошта бошад. Худи Баҳоуддини Омулӣ низ овардааст:

*Ҳар ч-ат аз Ҳақ боз дорад, эй писар,*
*Ном карданд, нону ҳалво сар ба сар.*

*Гар ҳаме хоҳӣ, ки бошӣ тоза ҷон,*
*Рав китоби "Нону ҳалво"-ро бихон! [1, с. 74].*

Асарҳои мазкур чун дигар осори маърифатпарваронаи ниёгонамон метавонанд доимо роҳбаладу роҳнамои ҳар як фарди бохирад, муайянкунадаи сифоти некиву бадӣ, ба фарқият шиносонидани хубу зишт, вассофи олиҳиммативу футувват, тарбиягари хулқи ҳамида ва сарзанишгари такаббуру худпарастӣ, инчунин равшангари моҳияти ғояҳо ва қоидаи ватанпарастӣ ба шумор раванд. Чунин меъёрҳо бошад, аз сифати ахлоқии шахсият иборат буда, ҳадафи асосии Баҳоуддини Омулӣ, ки аз ҳамин сарчашмаҳо об мехӯрад, дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавонон нақши бориз гузошта метавонанд.

Ба ақидаи Баҳоуддини Омулӣ, садоқат, олиҳимматӣ, футувват, пос доштани оинҳои ҷавонмардиву матонату шуҷоат, эҳтироми падару модар ва аҳли ҷомеа, инчунин, пос доштани оини втандорӣ ва ватандӯстӣ вазифаи ҳар як инсон аст ва ҳар одам бояд дар алоҳидагӣ ба чунин хислатҳо соҳиб гардад, то камоли худшиносиро сазовор бошад.

Баҳоуддини Омулӣ, ки худ аз зумраи соҳибназарон ва аҳли фазлу маърифат буд, тамоми бардоштҳои таълимию тарбиявии замони хешро ва муосиронашро мувофиқи таҷриба омӯхта, таассуроташро аз рӯзгори худ ба мақсади тарбияи наслҳои наврас ва ҷавонон хеле бамаврид тасвир намудааст ва тавонистааст, ки ҳам пирӯзиҳо ва ҳам нокомиҳо, ҳам сарбаландиҳо ва ҳам нокомиҳо ва ҳам сифатҳои ахлоқи ҳамида ва ҳам сифатҳои ахлоқи разиларо ба хотири панд гирифтани аҳли башарият ба маърази бозомӯзии насли оянда ба мерос вогузорад.

«Нон ва ҳалво» ва «Ширу шакар»-и Баҳоуддини Омулӣ дар асл рисолаҳои саршор аз пандномаҳои беназиру, андарзҳои ахлоқӣ ва дастури тарбиявии хулқу атвори ҳасана, ташаккули хислат ва хусусияти ба шахсияти воқеӣ табдилдиҳандаи навъи башар ба шумор мераванд.

Баҳоуддини Омулӣ дар ин асари хеш суннат ва анъанаҳои илмомӯзии мардум, худшиносӣ, раиятпарварӣ, ватандӯстӣ, озодӣ ва озодагӣ, инчунин, дар ин замина тавонистааст, ки барои таълимоти ибрати маънавии инсоният заминаи мусоид фароҳам оварад ва ба ин тарҳ ҳамзамон ва дар ҳамин руҳия тарбияи насли наврасро ба фасоҳат мавриди бардошт қарор диҳад. Албатта, чунин назариёти Баҳоуддини Омулӣ барои шинохти доду адл ва ростию ҳақиқат дар ҳама давру замон мутобиқ ва шоистаи омӯзиш буда метавонанд.

Баҳоуддини Омулро метавон ба сифати як шахсияти нобиғаву дорои афкори пурғановати мутааллими педагогӣ бо ифтихор ном бурд ва асарҳои ӯ «Нон ва ҳалво» ва «Ширу шакар»-ро бо афкори ахлоқии моломоли ғояҳои ватанпарваронаву башардӯстӣ, покию нафосату сафо, панду андарз ва ахлоқи ҳамида, сабру таҳаммул, адолату ростӣ ва ҳақиқатнигоронааш ҳамчун асарҳои педагогӣ пазируфт.

Ҳамзамон метавон афзуд, ки Баҳоуддини Омулӣ бо «Нон ва ҳалво» ва «Ширу шакар»-и худ таърихи рӯзгори гузаштагони хешро ҳамчун намунаи ибрати омӯзанда барои таълими хулқу атвори насли ояндасоз ва худшинос пешниҳод кардааст, ки ҳосили ин бардошт панду андарз ва хулосаҳои тарбиявӣ буда, моро ба роҳи ростӣ ва шинохти ҳақиқати ҳастии худ ҳидоят мекунад. Ақидаҳои ӯ иборат аз дастурҳои тарбиявӣ, ҳикмату хирад, сифатҳои ахлоқии ҷасорату мардонагӣ, номус, ғурур ва дарки маънавии расидан ба камоли инсониро тарғиб намуда, моро бештар ба анъанаю суннатҳои тарбиявии адабиёти маърифпарваронаи Шарқ ошно мегардонанд.

Асарҳои «Нон ва ҳалво» ва «Ширу шакар» ҷовидонианд ва ҳар сатри он аз заминаи ахлоқ, ҳаёти воқеӣ ба бор омада, биноан асари тарбиявӣ ва ҳидоятгари худшиносиву ростӣ мебошанд.

Омӯхтан, таҳқиқ ва дастрасӣ ба ақидаҳои таълимиву тарбиявии Баҳоуддини Омулӣ, ки дар илми педагогика, бешак, дорои аҳамияти бузурги назариявию амалӣ мебошанд, аз ҳар ҷиҳат барои муайян кардани афкори ахлоқии ӯ дар шинохти

маънавӣ ва маърифатии бани башар ва бахусус, таълиму тарбияи насли наврас низ ногузир мебошанд.

Таҳлил ва таҳқиқ оид ба масъалаи номбурда дар ин рисолаҳо нишон дод, ки Баҳоуддини Омулӣ бо «Нон ва ҳалво» ва «Ширу шакар»-и хеш ба тарбияи насли ҷавон, аз ҷумла, дониш, маҳорату малака, омӯзондани хирадмандӣ ва ташаккули сифатҳои ахлоқии онҳо аҳамияти калон дода, бо роҳи ҷалб намудан ба навъҳои гуногуни фаъолият ва муносибат аз тариқи назорат, инчунин, эҳтироми калонсолон роҳҳои тарбияро дар ташаккулёбии шахсият, ки ба тариқи таъсири ирсият ва муҳит низ дар ташаккули онҳо нақши муҳим мебозанд, аз сифатҳои олии педагогӣ маҳсуб донистааст.

Аз баррасии осори ӯ, бармеояд,ки ақидаҳои ахлоқии Баҳоуддини Омулӣ ҳамзамон характери табиатдӯстӣ дошта, дар мавқеи хеш ба имконияту қобилияти инсон ва накукорӣ эътимод доштанро талқин мекунад. Зеро аз дигар сарчашмаҳо низ бармеояд, ки фақат чунин ахлоқ метавонад одамро ба саодат ҳидоятгар бошад ва бо пайгирӣ аз ин ақидаҳои ирфониву фалсафист, ки Баҳоуддини Омулӣ саодатро бо ҳаёти воқеӣ марбут мешумурд ва дар асл ҳам чунин ихтилофи назари ӯ мухолифи ақидаҳои догматикӣ буд.

Дар этикаи Баҳоуддини Омулӣ, пеш аз ҳама, ба сифати шинохти фарди абстракт, табиати тағйирнопазири одам ба асос гирифта шудааст.Ӯ детерминизми олами ботинии инсонро ошкор намуда наметавонист. Ин камбудӣ на фақат ба Баҳоуддини Омулӣ, балки ба ҳамаи мутафаккирони асри миёнаи форсу тоҷик (Ибни Сино, Ибни Мисквайҳ, Насируддини Тӯсӣ, Ҷалолиддини Даввонӣ ва дигарон низ) хос буд. Зеро ин мутафаккирон ва ҳам Баҳоуддини Омулӣ, вобастагӣ ва низ сахт пойбандии мардуми хешро ба ин масъала бештар дар моварои андешаҳои файласуфони Афлотуния ва ҳамчунон дар пиромуни ақидаҳои мазҳабии замон ба мушоҳида гузоштаанд ва ҳалли ин мушкилро, ки “аз таассуб ба ҳақиқат чӣ гуна бояд роҳ кушод?” -мавриди баҳси ҳамешагӣ қарор дода буданд [ 7, с 84].

Дар мавриди дигар Баҳоуддини Омулӣ дар рисолаи “Нон ва ҳалво” таъкид мекард, ки ҷасади одам бемақсад офарида нашудааст ва бо ин гувоҳ вай бояд онро ҳамеша тозаву назиф нигоҳ дорад. Аз рӯйи таъкиди Баҳоуддини Омулӣ ҷасадро руҳ ба ҳаракат меорад. Одаме, ки аз ғаразу дилбастагии ҷисмонӣ раҳо ёфтаасту ба ҷавҳари пок пайвастааст, аз ин роҳ метавонад камолоти маънавии хешро дарк намояд. Дар ин асно такомули маънавии одам фароҳам меояд ва дар мавrid заминаи идроки Худо мегардад. Ин ғоя дар шароити асрҳои миёна нақши басо прогрессивӣ бозида, қадру қимати инсонро боло мебардошт [1, с.57].

Баҳоуддини Омулӣ таъкид менамояд, ки барои аз бадбахтӣ раҳо ёфтан ва мушарраф шудан ба ин бахт, одам бояд ин се марҳиларо зина ба зина тай намояд.

Марҳилаи **аввали мушобиҳат** фақат аз рӯйи зарурат ба кор меояд, чунки барои устувории руҳ ба миқдори эҳтиёҷ истифода намудан ғизо зарур аст. Барои ин нахуст зарурияти ду чиз таъкид мешавад:

а) ҳифзи ботин ва таҷдиди узвҳое, ки фаъолияти суст зоҳир мекунанд;

б) ҳифзи зоҳир ва муҳофизат аз ҳодисаҳои нохуш, мисли таъсири сардӣ, гармӣ ва ҳуҷуми ҳайвонҳои дарранда.

Ба ақидаи Баҳоуддини Омулӣ, барои таъмини шарти аввал шикастнафас (бо қаноат) будан зарур аст, вагарна одам мехоҳад, ки соҳиби молу мулки зиёд бошад. Баҳоуддини Омулӣ дар маснавии “Нон ва ҳалво” овардааст:

*Гар набувад хинги мутлие лигом,*

*Зад битвон бар қадами хеш гом.*
*В-ар набувад машраба аз зари ноб,*
*Бо ду кафи даст тавон хӯрд об.*
*Гар набувад бар сари хон ину он,*
*Ҳам битавон сохт ба нони ҷавин.*
*В-ар набувад ҷомаи атлас туро,*
*Далқи куҳан сатири тан бас туро.*
*Шонаи оҷ ар набувад бахри риш,*
*Шона тавон кард ба ангушти хеш.*
*Ҷумла, ки бинӣ ҳама дорад иваз,*
*В-аз ивазаш гашта муяссар гараз.*
*Он чӣ надорад иваз, эй ҳушёр,*
*Умри азиз аст, ганимат шумор! [1, с.92].*

Ҳирси сарватҷамъкунӣ зиндагӣ ва осоиши ҳаётро вайрон мекунад. Баҳоуддини Омулӣ қаноатпешагиро яке аз хислатҳои хуби инсонӣ дониста, қайд кардааст, ки шахси қаноатманд ҳеҷ гоҳ бо ҷамъ овардани молу сарват машғул нашуда, танҳо бо роҳи сабру таҳаммул ва меҳнати садоқатмандонаи худ қаноат мекунад. Ва сармояи ҳастӣ низ сароварда аз маънии сабру қаноат аст, ки одамро ба ҳар манзалат шукргузор медорад.

Баҳоуддини Омулӣ инсониятро ба порсоиву парҳезгорӣ, ростқавлию росткорӣ ва шукургузорӣ даъват менамояд ва ин амалҳоро сабаби пешрафту ташаккул, беҳбудиву хушбахтии инсонҳо меҳисобад. Ӯ парҳезгорию қаноатро асоси порсоӣ ва замимаи ташаккули инсони комил меҳисобад. Ба андешаи Баҳоуддини Омулӣ, инсон ҳама бо ҳам дар асли инсоният баробаранд, аз ин рӯ ҳама ба як насаб пайвандӣ доранд ва ҳамаи онҳоро як падару модар бо ҳам ҷамъ мекунанд. Бинобар ин, фахр намудани баъзе аз онҳо ба насаб ба баъзеи дигар ҳеҷ эътиборе надорад, зеро ҳамаи онҳо дар асли инсоният баробаранд.

Баҳоуддини Омулӣ андешаҳои худро дар бораи маънӣ ва моҳияти сабр (шикебоӣ) чунин баён кардааст, ки сабр ин мағлуб сохтани нафс ва таҳаммулпазир гардонидани нафс бар сахтию душвориҳо ва нигоҳдории он аз фиғону бетоқатиҳо мебошад. Ӯ баъд аз баёни маъною моҳияти сабр аз фазилати он сухан карда, бо ироаи далелҳои қавӣ собит сохтааст, ки подошу ҳаҷри ашхоси собиру шикебо беҳисобу бениҳоят аст. Хулоса, дар ранҷу дард, сахтию душворӣ, нохушию нороҳатие, ки ба инсон мерасад, агар инсон дар бархӯрд бо онҳо сабру таҳаммаул ва тобоварию устуворӣ намуда, худро аз шикастхӯрию ноумедӣ эмин дорад, албатта, муваффақ ва растагору сарбаланд хоҳад шуд.

Баҳоуддини Омулӣ таъкид менамояд, ки инсон дар ҳама ҳолат бояд шукргузор бошад. Ӯ таъкид мекунад, ки “шукр” иборат аз эътирофи неъмат, таъзими неъматдиҳанда ва истиқомати нафс бар ин равиш мебошад.

Баҳоуддини Омулӣ дар ниҳоят барои камолоти инсонӣ, истеъмоли луқмаи ҳалолро шарт дониста, ба ҳузур дар суҳбати некон ва озор нарасонидан ба дигаронро таъкид намудааст.

Дар ин мавқеъ афкори файласуфонаи Баҳоуддини Омулӣ низ ба ҳамин ҳикмат фаровон равона шудааст, чун қайд мекунад, ки шарти инкишоф ва рушди ақлонии одам, пеш аз ҳама, самараи риояи ҳадди эътидол дар корҳои ӯст ва агар ин ҳад риоя нашавад, қаноат ба хатари боровари‌ндаи ҳирсу хоҳишҳои нафсонии ӯ табдил меёбад.

Аз ин рӯ, одами оқил бояд ҳадди эътидол ва таҳаммулпазириро аз авлавият дониста, аз он ҳадди ҷойдошта берун пой нагузорад. Барои хӯрок бояд одам навъҳои фаровони растанию ҳайвонотро, ки афзоянда бошанд ва сабабгори аз байн рафтани навъҳои нодири набототу ҳайвонот нагарданд, мавриди интихоб қарор диҳад.

Одам, ки офарандаи имконоти маишӣ ба шумор меравад, пеш аз он ки офаридаҳои табиат, яъне набототу ҳайвонотро мавриди истеъмол қарор медиҳад, ҳамчунон мутобиқи ақли созандаи хеш бояд тухми растаниҳоро на дар санглоху шӯразамин, балки дар замини ҳосилхез бояд кишт намояд. Агар себ, нок, олу барин меваҳо набошанд, меваи донакдор, масалан, чормағз, кастона (писта) ё сабзавотро истеъмол кардан мумкин аст, ки аз тухми онҳо ниҳолҳо мерӯянд. Ҳамчунон бояд тарбия ва парвои насли ҳайвонотро дар вазъият ва шароити мусоид, чи дар хона ва чи дар бошишгоҳҳои саҳроӣ дар ҳоли зарурӣ ба роҳ монад.

Баҳоуддини Омулӣ **мушобиҳоти дуюмро** бо ҷирмҳои осмонӣ нисбат дода, дар осору афкори худ мегӯяд, ки онҳо ба замин тавассути нуру гармӣ мерасанд.Ҷирмҳои осмонӣ шаффофу мунаввар ва покиза буда, мустадир ҳаракат мекунанд. Ба ақидаи ӯ, одам бояд дар натиҷаи тақлид ба ҷирмҳои осмонӣ хосиятҳои онҳоро низ касб намояд. Ин рафтор бояд дар ду навъи тақлид зоҳир шавад.

Якум шафқат нисбат ба олами вуҳуш, яъне наҷот бахшидан ва парасторӣ намудани ҳайвонот. Одам, мутобиқ ба аносири ақлонии хеш бояд нисбат ба тамоми мавҷудоти зинда ғамхору мушфиқ бошад. Агар ӯ бинад, ки ягон рустанӣ бо сабабе аз нури офтоб баҳраманд намешавад ва ҷисми дигар онро аз равшанӣ паноҳ кардааст ё ниҳоле аз беобӣ сусту заиф шудааст, ӯ бояд ин мамониатҳоро бартараф намояд.

Дар ин иртибот, албатта, масъалҳои мардумӣ ва шифоҳӣ низ хеле муассир мебошанд, ки таъсири он ба бадеияти афкор ва осор низ оварда мерасонад. Монанди он ки, агар одам бинад ки ба ҷӯйбор санге ё чизе афтода, маҷрои обро бастааст, вай бояд ин мамониатро дарҳол бартараф намояд. Одам бояд то расидан ба камолоти ҳақиқӣ дар ин роҳ саъю кӯшиш намояд.

Навъи дуюми тақлид пок ва тоза нигоҳ доштани тани худ, зуд-зуд шустани бадан, тоза кардани дандону нохун, бӯидани растаниҳои муаттар, ҳамеша тоза нигоҳ доштани либос аст. Аз ин рӯ, Баҳоуддини Омулӣ таъкид менамояд, ки инсон дорои хислатҳои зебо, нафосат, латофат буда, ҳамеша барои сарфаҳм рафтан ба моҳияти ҳақиқии ашёю воқеаҳо мекӯшад ва дар бораи дарки Худо меандешад [ 4, с.48].

**Мушобеҳоти сеюм** тақозо менамоянд, ки инсон ба хотири идроки Худо худро аз ҳама чизҳо канор гирифта, фикру хаёлашро ба сӯйи он мутаваҷҷеҳ созад. Ба қавли Баҳоуддини Омулӣ одам фақат ба шарти халал нарасонидани барангезандаи берунӣ Худоро дарк хоҳад кард. Ин андеша дар бисёр маврид ба ақидаи мактаби файласуфонаи Афлотун қаробат дорад. Чунончи, ба фикри Афлотун, «майна дар ҳолате мутавозин кор мекунад, ки ба узвҳои сомеаю босира ягон чизи беруна халал нарасонад, яъне ба қавли файласуф, «агар руҳ онро тарк карда, худаш танҳо монад» [1, с. 84].

Тавсияи Баҳоуддини Омулӣ дар боби омӯзиши илму маърифат он аст, ки бояд инсон ҳама гуна донишҳои мавҷудаи нофеъро биёмӯзад ва аз худ намояд, то тавонад дар мавориди зарурӣ мушкилоти худро бартараф ва эҳтиёҷоташро барорад, зеро мумкин аст, ки инсон дар шоҳроҳи ҳамвор, фарозу нишеб ва пурпечутоби зиндагӣ бо ҳар гуна кору пайкор, воқеоту ҳодисот ва мушкилоти ҳаётӣ мувоҷеҳ гардад.

Аз осори Баҳоуддини Омулӣ бармеояд, ки ӯ ба илми ҷуғрофия низ шавқу завқ доштааст. Дар осори ӯ аз баҳрҳою наҳрҳои олам, адад, маҳалли ҷойгиршавию ҷоришавӣ, дарозӣ, паҳноӣ, резишу ҳамроҳшавии баъзеи онҳо бо баъзеи дигар сухан ронда, авсофи онҳоро зикр намудааст, ки ҳамаи ин шаҳодат аз фаҳму дониш ва илми ҷуғрофии ӯро ифода менамояд.

Ба фикри мо, ин ақидаҳои Баҳоуддини Омулӣ аҳамияти калони тарбиявӣ низ доранд ва ба ташаккули ахлоқ мусоидат мекунанд. Ба ақидаи Баҳоуддини Омулӣ, ғамхорию шафқат ба мавҷудоти зинда бояд хислати шахси хушодоб бошад. Рафтори бераҳмона одамро сангдил мегардонад. Агар касе имрӯз ба ҳайвонот ва рустанӣ бераҳмӣ кунад, фардо ин бераҳмиро нисбат ба одамон ҳам раво мебинад.

Бераҳмии инсон нисбат ба мавҷудоти зинда зуҳуроти беинсофӣ, бемаданиятӣ ва дағалие ба шумор меравад, ки ба ҳар навъ ба таълиму тарбия ниёзмандии ӯро тақозо мекунад. Баҳоуддини Омулӣ ҳанӯз дар асри XVI оқилона истифода бурдани сарватҳои табиатро таъкид карда, одамонро ба эҳтиром намудани табиат даъват мекард ва аҳамияти онро барои инсоният хеле муҳим дониста, сароғоз барои аз нестшавӣ пешгирӣ намудани навъҳои гуногуни набототу ҳайвонот аз ҷониби инсони соҳибтааққул ва заковатманд андешидани чораҳо ва пешгирӣ аз дигар хатаротро зарур медонист.

Мутобиқи ақидаи Баҳоуддини Омулӣ, ҳар як падидаи олами мавҷуд бо шакл ва намуди худ дар табиат беҳамто мебошад ва аз ин нуқтаи назар ӯ қайд мекунад, ки ҳар як инсони хушахлоқ ва боодоб бояд табиатро эҳтиром кунад ва дар зимни ҳифзи он мусолиҳакор бошад, ва ин амри муҷиби ахлоқ ва шуурнокии одам маҳсуб мешавад. Аз диди ӯ, дарахтон, ки борваранд, самараи ҳар навъе барои рӯзии дигарон, ки дар ин олам умр ба сар мебаранд, зарур аст.

Баҳоуддини Омулӣ мутобиқи андешаҳои фалсафӣ ва ирфонии хеш ташвиқот мебарад, ки боигарии табиат ва ҳастии он танҳо ҳамчун моликияти вижа ба шахсони махсус мансуб набуда, ба намояндагони табақаҳои болоӣ тааллуқ надошта, балки ба оммаи мардум низ муттаалиқ буда, ҳамзамон, бавуҷудоварандаи ризқу рӯзии ҳамагон маҳсуб меёбанд. Бинобар ин, бахри ғасб намудани боигарию сарвати ҷаҳон, ки бо ҳисси сарватпарастии амлокхоҳ он болои кор меояд, Баҳоуддини Омулӣ сахт муқобил аст ва ҳар иқдоми ношоистаи онҳоро, ки барои беҳбудии зиндагӣ ва манфиати худ мардумро аз ин нозу неъматҳои табиӣ маҳрум мекунанд, рафтори бад ва зишт дониста, мазаммат мекунад.

Аз ин андешаҳои Баҳоуддини Омулӣ чунин бармеояд, ки инсони комил ва маданӣ бояд нисбат ба ҷамъияту табиат ғамхор, меҳрубон ва масъулиятшинос бошад. Ӯ ба муҳиту атроф ҷонибу сӯй «бо чашми хирад», бо назари бориксанҷ ва нуқтагир менигарад ва доимо таъкид ба амал меорад, ки инсони комил бояд ҳамеша ба назокату ҳусн ва ҳама бахшишҳои табиат эҳтиёткор бошад ва ғамхорӣ зоҳир намояд.

Баҳоуддини Омулӣ омӯзиши илми фаросат ва чанд улумеро, ки ба он ҳамбастагиву шабоҳат доранд, барои ҳаёт ва ободию некуаҳволии муҳити зисти инсон, таъкид намудааст. Монанди илм ба ҷустуҷӯ ва истихроҷи кону маъдан ва зикр аз илм ба обёрӣ ва истихроҷи обҳои зеризаминӣ кардааст. Ӯ дар афкори педагогии худ баён намудааст, ки инсоният махз туфайли омӯзиши илм мушкилоти худро бартараф намуда, зиндагии ҳаррӯзаи худро беҳбудӣ мебахшад.

Чунонки маълум аст, инсони бошуур ҳаргиз худро аз табиат ҷудо намекунад ва огоҳ аст, ки ӯ худ низ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи табиат аст.

Муносибати инсон ба табиат ва манзараҳои зебои он бо маданиятнокӣ ва дурбинии экологии ӯ низ вобаста аст. Инсони худшинос ва комил бояд огоҳ бошад, ки табиат фақат манзилу бошишгоҳи одии зиндагии мо нест, он инчунин, сарчашмаи ҳузуру ҳаловат ва маншаи инкишофи сарвати маънавии эстетикии мо мебошад.

Олими франсавӣ Ж. Дорст дар китобаш «Қабл аз он ки табиат мемирад», чунин менависад: «Шояд ин фикри ботил бошад, вале муҳимтарин проблемаи ҳозиразамон дар соҳаи муҳофизати табиат-ин ҳифзи навъи мо аз худи мост, Homosaplen-ро муҳофизат бояд кард аз HomoZaber». Аммо айбҷӯӣ бар ин иддао, на таҳдид бар одам, балки умуман, ба мақсадҳои ғаразнок, бойшавӣ ё таҷрибаи маҳдуд кардани рушду нумӯи табиат ва кӯтоҳназарии онҳо маҳсуб мебошад» [1, с.114].

Бинобар ин, ҳақ бар ҷониби Баҳоуддини Омулӣ аст, ки ин мақсадро ҳанӯз дар замони хеш пай бурда буд ва баланд бардоштани дараҷаи маърифатнокии инсонро бар шинохти табиат аз авлавияти ахлоқӣ, хирад ва тарбиявӣ маҳсуб мешуморид. Ҳифзу ҳимоят аз табиат низ бар асари хиради инсон болои кор меояд ва бар ҳамин амр аст, ки файласуфи Юнони қадим Пифагор қайд карда буд: «Чи хуш аст, ки шодкомиҳои инсон ба қонунҳои хирад асос меёбанд» [1, с.115-116].

Ба ақидаи Баҳоуддини Омулӣ, зебоии зоҳирӣ, ки ба ороиши абрӯю, рӯю, мӯй, сару либос дахл дорад, ҳусни ҷисмониро боз ҳам пурратар мекунад. Лекин, -қайд мекунад файласуф, -ороиш бо пардози зару зевар бояд ба андозаи муайян ва муносиб бошад, зеро агар меъёри он риоя карда нашавад, боиси нафрат ва лаънати атрофиён ва сабабгори вайроншавии муносибатҳо миёни инсонҳо мегардад.

Зарари калонтар ва амиқтари вай дар он аст, ки инсони зарпарасту ишратҷӯ ҳамин чизҳоро асосӣ ва кофӣ шуморида, ба иҷро кардани онҳо худро хотирҷамъ месозад ва барои афзудани ҳусни камолоти маънавияш кӯшиш намекунад. Дар натиҷа ҳусни ботинӣ, ахлоқият ва сирати ӯ коста шуда, дар назари дигар рӯз ба рӯз шумтар мешавад ва бадбахтиҳои бисёреро ба бор меоварад. Агар кас ба дараҷаи муносиб ва зарурӣ онро ба кор барад, ба ҳуснаш ҳусн зам мешавад, намои зоҳириаш низ форам, дилнавоз ва дилработар мегардад.

Аз ин андешаи Баҳоуддини Омулӣ чунин бармеояд, ки ӯ ба завқи зебоипарастӣ аҳамияти зиёд дода, ба ин тариқ ҳиссиёти зебоиписандии одамонро бедор мекунад. Аз назари Баҳоуддини Омулӣ, бӯйи латифу муаттар ба мизоҷи инсон таъсири хуб мебахшад, фаъолияташро дучанд меафзояд. Баҳоуддини Омулӣ қайд мекунад, ки зебоии маънавию зоҳирии инсон ба падидоркунии чунин сифатҳои ахлоқӣ, ба мисли некӣ, адолат, лутф ва ғайра мусоидат мекунад. Аз дигар лиҳоз, бе завқи эстетикӣ одам ба камол намерасад ва ҳамин зебоишиносист, ки одам дараҷаи камолоти худро ба хубӣ дарк мекунад.

Баҳоуддини Омулӣ ҳамчунон қайд мекунад, ки хислатҳои ахлоқию зебоипарастии инсон дар ягонагии он бо дарки табиат ва мутобиқаткунонии табиати ақлонӣ ба табиати моддӣ ташаккул меёбад. Ӯ зебоии инсонро дар натиҷаи дониш ва меҳнатдӯстӣ низ арзёбӣ кардааст.

Худи инсон, -қайд мекунад ӯ, -зеботарин мавҷудоти табиат аст ва тавассути мустақбил буданаш вазифаи инсонии вай аз он иборат аст, ки зебоии табиат, ҳаётро боз ҳам зеботар гардонад. Аз ин ҷост, ки Баҳоуддини Омулӣ тарбияи зебоии ҳамаҷонибаи инсон, маънавиёти ғании инсониро ҳамчун масъалаи аввалиндараҷа ва авлавиятнок ба миён мегузорад. Зебоии ҳаматарафа, -зикр мекунад ӯ, -на фақат табъи эстетикии инкишофёфта доштан, балки маърифатнокӣ, дониши илмӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, покизагии ахлоқ, хоксорӣ, поквиҷдонӣ, эҳтирому ҳурмат ва ғайраро дар бар мегирад.

Баҳоуддини Омулӣ инсонро ҳамчун падидаи мустақил, хушахлоқ ва зебо тасвир мекунад. Барои ҳамин ҳам инсон на бо категорияи иҷтимоӣ, балки бо намои дараҷоти эстетикӣ ва ахлоқии ӯ муайян карда мешавад.

Инсони Баҳоуддини Омулӣ, пеш аз ҳама, инсони мавҳум аст. Ӯ инсонро на дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки ҳамчунон дар муносиботи ҳаётӣ, иҷтимоӣ ва ғайра мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Чунонки инсони олӣ ва ормонии худро бештар аз дидгоҳи зебоипарастӣ нишон медод ва фақат барои он ки дорои хисоли наку, меҳрубонӣ ва шафқат буд ва бо ёрии ҳиссиёти инсониаш ақлашро ба тартиб дароварда метавонист.

Баҳоуддини Омулӣ вобаста ба ин ақидаи хеш қайд мекунад, ки дар инсон ҳам зебоии руҳӣ ва ҳам зоҳирӣ вуҷуд дорад. Ва ҳамчунон ин ду намуди зебоиро дар маҳсусияти ягонагӣ мутааллиқи ҳам медид. Аз ин лиҳоз аст, ки мутобиқи ақидаи муҳаққиқон низ, ягонагии зебоии ботинӣ ва зоҳирӣ мазмуни идеалӣ ва зебоишиносии Баҳоуддини Омулиро ташкил медиҳанд. Ва боровардаи ҳамин ақида аст, ки ба андешаи ӯ зебоии ботинии инсон, ин рафтори хушахлоқонаи инсон аст, ки ба принсип мувофиқат мекунад [2, с.14].

Ақлу хиради инсон маҷмуи таҷриба ва дониши наслҳои гузашта ва ҳозира мебошад, бинобар ин, он қудрат дорад, ки беҳтарин шоҳкориҳои инсониятро аз рӯйи адлу инсоф муҳокима намуда, айбу нуқси онҳоро ошкор намояд. Қудрат ва тавоноии хиради инсонӣ ба дараҷаи ақли кулл расонида мешавад, ки ҳеҷ сиру асрори одаму олам аз назари ӯ ғоиб намемонад. Ҳамин тавр, Баҳоуддини Омулӣ беихтиёр ба диалектикаи ҳақиқатнигорӣ наздик мешавад, лекин диалектикаи хаёлпарастии Баҳоуддини Омулӣ бунёди хаёлӣ дорад, чунки аз рӯйи ақидаи ӯ, ақл ва хирад доди Худо мебошад.

Баҳоуддини Омулӣ ба қатори он маорифпарвароне дохил мешавад, ки ба ақидаи ин зумра тафаккур ва ақл меъёри ягонаи ҳамбастагии тамоми мавҷудоти дунё ва шинохти ҳастии одам дар муқоиса бо олами моддӣ ба шумор меравад.

Дар баробари ин бояд дар назар гирифта шавад, ки вақте маорифпарварон аҳамияти илму донишро дар пешравӣ ва тараққиёти ҷамъият нишон медоданд, онҳо ба ҳалли ин масъала яктарафа, аз нуқтаи назари ҷаҳонбиии хаёлӣ наздик мешуданд.

Онҳо шароити таърихиро ба назар гирифта, комёбиҳои илм ва маданиятро аз шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷамъият пайдо месохтанд, бинобар ин, мақом ва мавқеи ҳақиқии илму донишро дар пешравии ҷамъият дуруст нишон дода наметавонистанд.

Албатта, дар шароити қафомонда ва гирифторӣ бо афкори мутаассиби мамлакатҳои қафомондаи Шарқ маорифпарварон имконият надоштанд, ки аҳамияти илму донишро дар тараққиёти ҷамъият дуруст нишон диҳанд ва ба роҳ монанд, аммо даъвоҳои ҷасуронаи ин зумраи равшанназарон ва аҳли илм барои омӯзиши давраҳои мухталифи таълиму тарбия ва, бахусус, равнақ бахшидани илми педагогикаи муосир аҳамияти бағоят бузурги таърихӣ дошта, марҳилаи ногузири тараққиёти ҷамъиятиро ташкил медиҳанд ва барои болои кор овардани ақидаҳои нави таълимиву тарбиявӣ бо муқоисаҳои дастовардҳои дирӯзу имрӯз мусоидат мекунанд ва роҳи фардоро дар арсаи ин илм равшантар месозанд.

**Муқарриз: Бозоров Х. – н.и.п., дотсенти ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

## АДАБИЁТ


1. Афсаҳзод А. Таҳаввули афкори Абдураҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Дониш, 1987. – С.285.
2. Абдураҳимов К.С. Педагогические идеи Мир Сайида Алӣ Ҳамадонӣ / К.С. Абдураҳимов. - Душанбе: Ирфон, 2003. -С. 263.
3. Асоев Х. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ «Захират-ул-мулук» / Х.Асоев, Қ. Турдиев. – Душанбе, 2008. - С. 187.
4. Арипов, М. Из истории педагогической мысли таджикского народа / М.Арипов.- Душанбе: Дониш, 1962. - 161 с.
5. Зиндагии шоҳ Аббоси аввал. -Теҳрон, 1962. -Ҷилди 3. -С. 28.
6. Лутфуллоев М. Педагогикаи башар / М. Лутфуллоев. –Душанбе, 2008. –С. 141
7. Паҳлавонов А. Афкори педагогии халқи тоҷик дар асрҳои XVI – XVII / А. Паҳлавонов. – Душанбе: Дониш, 1994. - 242 с.
8. Саид Нафисӣ. Ашъор ва аҳволи Баҳоуддини Омулӣ. –Теҳрон: Иқбол, 1316 с. (ҳиҷрӣ). -С. 146.
9. Собиров Г. Инкишофи математика дар Осиёи Миёна (асрҳои XVI-XVII) / Г. Собиров. -Душанбе: Ирфон, 1966. -С. 16-18.
10. Собиров Г. Методика проходки корезов в математическом трактате Бахоуддина Омули (солҳои 1547-1621) / Г. Собиров. -Душанбе, 1987. -С. 127.
11. Собиров Г. Способы умножения в трактате “Хулосат ул-ҳисоб”-и Баҳоуддини Омулӣ / Г. Собиров //Мактаби советӣ. -1988.-№2. -С. 44-46.
12. Энсиклопедияи миллии тоҷик. -Ҷилди 2. Асос-боз. -2013. -С. 427-429.


## МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ АҲВОЛ, ОСОР ВА АНДЕШАҲОИ ПЕДАГОГИИ БАҲОУДДИНИ ОМУЛӢ


Мақолаи мазкур ба масъалаи омӯзиши аҳвол, осор ва андешаҳои педагогии файласуф, диншинос, шоир, муҳандис ва математики асримиёнагии тоҷик Баҳоуддини Омулӣ бахшида шудааст, ки дар пешрафти илмҳои риёзӣ, панду ахлоқи замони худ саҳми намоён дорад. Дар ҷараёни таълим ва тарбияи насли наврас нақши муҳимро омӯзиши осори ғании донишмандон, шоирон, нависандагон ва мутафаккирони гузаштаамон доро мебошад. Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки донишмандони асримиёнагии тоҷику форс новобаста аз шуғлашон ба илмҳои ақливу нақлӣ ба таълиму тарбияи ҷавонону наврасон аҳамияти ҷиддӣ медоданд. Аз ин рӯ, осори ниёгони ҷаҳоншумули тоҷику форс намунаи беҳтарини тарбияи насли наврас ба шумор меравад. Ҳадафи асосии навиштани ин мақола муайян кардани нақши ақидаҳои педагогии Баҳоуддини Омулӣ дар ҷараёни омӯзишу парвариши насли наврас дар ҷомеаи муосир ва роҳҳои ҷустуҷӯю татбиқи он дар илми педагогика ба шумор меравад. Дар мақола инчунин ба омӯзиши ҳамаҷонибаи осори мутуфаккир аз нигоҳи таърихи илм ва методикаи таълими математика, ақидаҳои педагогии ӯ, ки мазмуни таълиму тарбиявӣ доранд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир гаштааст.



**Калидвожаҳо**: панду ахлоқ, табиатдӯстӣ, мақсад, тараққиёт, зебоипарастӣ, саъю кӯшиш, беадолатиҳо, риёкориву мардумфиребӣ.


## ПРОБЛЕМА ИЗУЧЕНИЯ СОСТОЯНИЯ, ТВОРЧЕСТВА И ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ИДЕЙ БАХАУДДИНА АМУЛИ


Данная статья посвящена изучению положения, творчества и педагогических идей средневекового таджикского философа, богослова, поэта, инженера и математика Бахауддина Амули, внесшего значительный вклад в развитие математических, морально-этических наук своего времени.Изучение богатого наследия ученых, поэтов, писателей и мыслителей наших предков играет важную роль в процессе образования и воспитания подрастающего поколения. Интересно отметить, что средневековые таджикско-персидские ученые, несмотря на свою причастность к интеллектуальным наукам, придавали большое значение воспитанию молодежи. Поэтому наследие всемирно известных таджикско-персидских предков является лучшим примером воспитания подрастающего поколения. Основной целью написания данной статьи является определение роли педагогических идей Бахауддина Амули в процессе обучения и воспитания подрастающего поколения в современном обществе и пути их поиска и применения в педагогике. Он также уделял особое внимание воспитанию многих учеников, многие из которых стали известными мыслителями своего времени. В статье делается акцент на всестороннее изучение произведений мыслителя, с точки зрения истории науки и методики обучения математике, его педагогических идей, имеющих воспитательное значение, оказывающих существенное влияние на общее мировоззрение и педагогическое творчество подростков и студентов.



**Ключевые слова:**нравственность, любовь к природе, цель, развитие, красота, стремление, несправедливость, лицемерие и обман.

**THE PROBLEM OF STUDYING THE STATE, CREATIVITY AND PEDAGOGICAL IDEAS OF BAHAUDDIN AMULI**

This article is devoted to the study of the position, creativity and pedagogical ideas of the medieval Tajik philosopher, theologian, poet, engineer and mathematician Bahauddin Amuli, who made a significant contribution to the development of the mathematical, moral and ethical sciences of his time. The study of the rich heritage of scientists, poets, writers and thinkers of our ancestors plays an important role in the process of education and upbringing of the younger generation. It is interesting to note that medieval Tajik-Persian scientists, despite their involvement in the intellectual sciences, attached great importance to the education of young people. Therefore, the heritage of the world famous Tajik-Persian ancestors is the best example of educating the younger generation. The main purpose of writing this article is to determine the role of Bahauddin Amuli's pedagogical ideas in the process of teaching and educating the younger generation in modern society and the ways of their search and application in pedagogy. He also paid special attention to the education of many students, many of whom became famous thinkers of their time. The article focuses on a comprehensive study of the thinker's works, from the point of view of the history of science and methods of teaching mathematics, his pedagogical ideas, which have educational value, which have a significant impact on the general worldview and pedagogical creativity of adolescents and students.

**Key words:** morality, love for nature, purpose, development, beauty, aspiration, injustice, hypocrisy and deceit.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Давлатова Малоҳат Ҳабибуллоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, саромӯзгори кафедраи психология. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров,16. Телефон: (+985)28-09-85

***Исоева Д. С.*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, н.и.п., дотсенти кафедраи психология. Суроға: ҶТ, 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Тел.: (+981)08-10-96

***Давлатова Ниёзбӣ Ҳабибуллоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров,16. Телефон: (+988) -62-78-20)

**Сведение об авторах**: ***Давлатова Малохат Хабибуллоевна*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, старший преподаватель кафедры психологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: (+988) 28-09-85

***Исоева Д. С.*** **-** Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат педагогических наук, доцент кафедры психологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова,16. Телефон**: (+981)08-10-96.**

***Давлатова Ниёзби Хабибуллоевна*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики**. Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова,16. Телефон: *(+985)40-22-02*

**Information about the authors:** ***Davlatova Malohat Khabibulloevna*** - Kulyab State University. A. Rudaki, Senior Lecturer, Department of Psychology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: **(+988) 28-09-85**

***Isoeva D. S.*** **-** Kulyab State University. A. Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Psychology. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: **(+981) 08-10-96.**

***Davlatova Niyozbi Khabibulloevna*** **-** Kulyab State University. A. Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Pedagogy. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: **(+985)40-22-02**

УДК:378.31

# МОҲИЯТ ВА МУҲТАВОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ

*Бобохонов Ҷ.С.*

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Таълими фосилавӣ мазмун, муҳтаво, ҳадаф ва вазифаҳои хосса дорад. Масалан, хароҷоти таҳсилоти фосилавӣ нисбат ба таҳсилоти анъанавӣ то андозае пасттар аст, зеро мумкин аст иҷораи бино барои синфҳо мушкилиҳо эҷод кунад. Хароҷоти ташкили худи дарсҳо кам карда мешавад, барои ҳар як муаллим имкони ҳамзамон ба таҳсил фаро гирифтани шумораи бештари донишҷӯён ва баъзе омилҳои дигар пайдо мегарданд, ки мустақим ё ғайримустақим ба арзиши ниҳоии таълим таъсир мерасонанд; кам кардани вақти таълим (ҷамъоварӣ, вақти сафар); таълими фосилавӣ метавонад хусусияти инфиродӣ дошта бошад ва аз ин рӯ имкон фароҳам орад, ки омӯзиш самараноктар карда шавад, раванд ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки вақти мувофиқ ва суръати таълимро интихоб кунад; сифати таълимро тавассути истифодаи асбобҳои муосир, китобхонаҳои ҳаҷман калони электронӣ ва ғайра баланд бардорад, муҳити ягонаи таълимӣ фароҳам орад (махсусан барои таълими корпоративӣ муҳим аст); ин формати таълим барои маъюбон бениҳоят муносибу мувофиқ аст; шахс метавонад дар як муддати кӯтоҳ дар зиёда аз як муассисаи таълимӣ ва ё дар як самт бештар таҳсил кунад; имкон вуҷуд дорад, ки сатҳи тахассуси шахсии худро пайваста баланд бардорад; истифодаи фаъолонаи тасвирҳо, матн, садо ва видео дар маводи таълимӣ сифати азхудкунии маълумоти навро ба таври назаррас баланд мебардорад; дар робита ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омили муҳим метавонад татбиқи кумак дар рушди фазои ягонаи таълимӣ дар қаламрави кишварҳои дигар ҳам бошад.

Муҳаққиқ Г.Салоҳиддинова ба тариқи умумӣ дар бораи бартариҳои таълими фосилавӣ мулоҳиза ронда, чунин зикр мекунад: «Бартариҳои таҳсилоти фосилавӣ инҳоянд:

-таҳсилоти фосилавӣ ба принсипҳои гуманистӣ ҷовабгӯ аст, ки мувофиқи он ҳеҷ кас набояд бо сабаби камбизоатӣ, маҳдудияти ҷуғрофӣ ё вақт, аз нуқтаи иҷтимоӣ ҳимоят нашуда ё ғайриимкон будани иштирок дар дарс аз сабаби саломатии худ, аз имкони хондан дур карда шавад;

-таълим ба ҳама табақаҳои ҷомеа, бе ягон маҳдудият вобаста ба ҳолати саломатӣ, дастрас мебошад;

-таҳсилоти фосилавӣ назар ба таҳсили рӯзона арзонтар аст;

- хониш самараноктар аст, зеро ҳар кас худ ҷадвали дарсҳо ва муҳлати азхудкуниро муайян мекунад (бо назардошти баъзе маҳдудиятҳо);

-таҳсилоти фосилавӣ аз дилхоҳ нуқтаи дунё дастрас мебошад;

-таҳсилоти фосилавӣ «ояндадор» буда, сол аз сол ҳиссаи технологияҳои нави фосилавӣ афзоиш ёфта истодааст;

-таҳсилоти фосилавӣ дар як вақт имкони ҳам хондан ва ҳам кор карданро медиҳад, яъне дониши худро якбора дар амал татбиқ кардан мумкин аст:

-барои таҳсилоти фосилавӣ аз ҳама маводҳои навтарин ва мукаммал пешкаш карда мешаванд;

-таҳсилоти фосилавӣ тартиб додани реҷаи инфиродии барои донишҷӯ мувофиқро пешниҳод мекунад» [10, с.10].

Ҳамин муҳаққиқ тарафҳои мусбату манфии таҳсилоти фосилавиро чунин арзёбӣ кардааст: «Тарафҳои мусбати таҳсилоти фосилавӣ: озодӣ ва тағйирёбии ҷадвали ҷараёни таълим. Шумо метавонед барои худ шароити мусоид фароҳам оред. Ҳама чиз танҳо ба донишҷӯён ва хоҳиши гирифтани таҳсилот вобаста аст. Шумо

метавонед ба сабти лексия, ки ҳарчи бештар зарур аст, гӯш диҳед. Шумо метавонед барои сабт ё гузаштан аз он чизе ки аллакай медонед, хулоса бароред. Илова бар ҳамаи афзалиятҳои ин намуди таҳсил, яке аз далелҳои ҷиддӣ ҳанӯз ҳам афзоиши донишҷӯёни ғайрирасмӣ боқӣ мемонад - гурӯҳҳои меҳнаткаш, ҳомиладорон, модарони кӯдакони ширмак дошта, пиронсолон ва маъюбон. Одамоне, ки дар ҳақиқат мехоҳанд дониш гиранд, аммо имкони ба донишгоҳ рафтанро надоранд ва ба таҳсилоти фосилавӣ майл доранд. Таҳсилоти фосилавӣ шакли навтарин дар нақшаи молиявӣ мебошад. Арзиши тренинг аз донишгоҳи алоҳида вобаста аст, аммо дар асл ин маблағ метавонад танҳо бо таҳсилоти ғоибона рақобат кунад, гарчанде аз он ҳам то 10 -30% паст хоҳад буд. Тарафҳои манфии таҳсилоти фосилавӣ: бо вуҷуди афзалиятҳои ошкорбаёнӣ дар шакли мавзуи инфиродӣ, ин равиш танҳо барои донишҷӯёни дониши баланд дошта таъсир намерасонад. Вақте, ки мо аз кор хаста шуда меоем, мо намехоҳем дар бораи лексияҳо ва супоришҳо фикр кунем, ё ин ки дигар нақшаҳои шабона дошта бошем, пас дар фикри мо чӣ гуна донишандӯзӣ меравад. Он гоҳ чунин мешавад, ки мо аз «минтақаи дастрасӣ» ба маводи таълимӣ дур мешавем ва ин ба хилофи сабтҳои муҳимми таҳсилот аст. Мутаассифона, бо ин шакли таълим, муошират бо омӯзгор хеле сахт маҳдуд аст. Иттилооти боқимондаро донишҷӯ бояд аз ҷониби дигар манбаъҳо мустақилона ҷустуҷӯ карда гирифта тавонад. Дарсҳои амалӣ низ ба намуди лексионӣ баргузор карда мешаванд, танҳо дар фарқияти миқдории донишҷӯён. Шумо метавонед дар бораи ҳама чиз ҳар чиро биомӯзед, фаҳмед, аммо чӣ тавр ин донишро дар ҳаёти худ ё коратон истифода мебаред, ихтиёр дар дасти шумо аст. Хулоса, гуфтан мумкин аст, ки таҳсилоти фосилавӣ наметавонад шакли пурраи таълимро иваз кунад. Бо вуҷуди ин, ҳар сол донишҷӯён бештар ба таҳсилоти фосилавӣ майл пайдо менамоянд. Ин шакли таҳсилот имкон медиҳад, ки аз технологияҳои интернетӣ ва компютерӣ бештар дар раванди таълим истифода баранд. Интернет ва компютер омӯзишро бештар шавқовар ва самарабахш мегардонанд. Дар ин самт лоиҳаҳо ва ихтирооти нав ба нав омода шуда истодаанд, то ки ҳар як шахс бо имконоти гуногун тавонад дониш ва малакаҳои худро сайқал дода, кор ва шуғли хешро дар асоси муносибати босалоҳият ба роҳ монад» [10, с.106].

Технологияҳои таълими фосилавӣ бо истифода аз интернет ҳам барои аз худ кардани курсҳои инфиродии такмили ихтисоси корбарон ва ҳам барои гирифтани маълумоти олӣ истифода мешаванд. Шаклҳои зерини асосии таҳсилоти фосилавиро фарқ кардан мумкин аст: онлайн ва ғайрирасмӣ. Омӯзиш тавассути интернет як қатор бартариҳои назаррас дорад: чандирӣ - донишҷӯён метавонанд дар як макон ва мавзее, ки ба онҳо мувофиқ бошад, маълумот гиранд. Давомнокии дарозмуддат - донишҷӯён бо масофа маҳдуд нестанд ва новобаста аз он ки дар куҷо зиндагӣ мекунанд, метавонанд таҳсил кунанд; Аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок - арзиши сафарҳои тулонӣ ба ҷойи таҳсил ба таври назаррас коҳиш меёбад.

Сессияҳои чат ин ҷаласаҳои таълимӣ мебошанд, ки бо истифода аз технологияҳои суҳбат гузаронида мешаванд. Сессияҳои суҳбат синхронӣ гузаронида мешаванд, яъне ҳамаи иштирокчиён ба суҳбат дар як вақт дастрасӣ доранд. Дар доираи бисёр муассисаҳои таҳсилоти фосилавӣ мактаби чат мавҷуд аст, ки дар он фаъолияти муаллимон ва донишҷӯёни фосилавӣ бо ёрии утоқҳои суҳбат ташкил карда мешавад.

Веб-дарсҳо - дарсҳои фосилавӣ, конфронсҳо, семинарҳо, бозиҳои корӣ, корҳои лабораторӣ, семинарҳо ва дигар шаклҳои омӯзиш, ки бо истифода аз телекоммуникатсия ва дигар имконоти шабакаи умумиҷаҳонии интернет гузаронида мешаванд, барои вебдарсҳо вебфорумҳои махсуси таълимӣ истифода мешаванд - як шакли корбарон дар мавзуи мушаххас ё мушкилот бо ёрии сабтҳои дар яке аз

сомонаҳо бо барномаи мувофиқ насбшуда, аз чат, вебфорумҳо бо имкони кори дарозтар (бисёррӯза) ва табиати асинхронии ҳамкорӣ байни ҳам фарқ мекунанд.

Телеконференсия - одатан дар асоси рӯйхати фиристодани почтаи электронӣ гузаронида мешавад. Телеконфронсҳои таълимӣ бо расидан ба ҳадафҳои таълимӣ тавсиф карда мешаванд. Ҳамчунин, шаклҳои таълими фосилавӣ мавҷуданд, ки дар онҳо маводи таълимӣ тавассути почта ба минтақаҳо фиристода мешавад. Ин низом дар асоси усули таълим бо номи "усули табиӣ" асос ёфтааст. Таълими фосилавӣ низоми демократии одӣ ва ройгон мебошад. Дар асри XXI онро сокинони Аврупо барои таҳсилоти иловагӣ фаъолона истифода мебаранд. Донишҷӯ, ки доимо вазифаҳои амалиро иҷро мекунад, малакаҳои устувори автоматикунонидашударо аз худ мекунад. Дониши назариявӣ бидуни саъйи иловагӣ ба даст оварда мешавад, ки дар машқҳои омӯзишӣ ба таври органикӣ бофта мешавад. Ташаккули малакаҳои назариявӣ ва амалӣ дар раванди омӯзиши муназзами мавод ва машқҳои гӯшкунӣ ва такрорӣ дар васоити аудио ва видео (агар мавҷуд бошанд) барои гӯянда ба даст оварда мешаванд.

Ба андешаи муҳаққиқи дигари тоҷик М.Раҷабов, «аз сабабе ки низомҳои ҷаҳонии иттилоотӣ оламро ба таври бутуну ягона мепайванданд ва ҳамаи давлатҳоро ба ҳам муттаҳид мекунанд, тавсия дода мешавад, ки нисбати сифати ҳамкории иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа аҳамияти бисёр зоҳир карда шавад, аз як тараф, ва аз тарафи дигар, зарурати ташаккули фазои худии иттилоотии давлатӣ, рушд ва ҳимояи он талаб карда мешавад» [4, с.5].

Роҳҳои таҳсилоти фосилавӣ гуногунанд. Масалан, ҳузури фосилавӣ бо истифода аз роботи R.Bot 100. Дар замони технологияи мо дар яке аз мактабҳо таҷриба оид ба ин намуди таълими фосилавӣ гузаронида мешавад. Писарбачаи маъюб, дар хона дар назди компютер, бо ёрии робот мешунавад, мебинад, суҳбат мекунад. Устод ба ӯ савол медиҳад, ӯ ҷавоб медиҳад. Дар ин ҳолат, муаллим хонандаро низ мебинад, зеро дар робот монитор мавҷуд аст. Дар баробари ин писар таассуроти қариб пурра ба даст меорад, ки вай дар синф бо ҳамсолонаш дар дарс аст. Ҳангоми танаффус, ӯ ҳамчунин метавонад бо ҳамсинфони худ муносибат кунад. Агар озмоиш муваффақона анҷом ёбад, метавонад ба лоиҳаи калон оид ба ҷорӣ намудани ин усули таълими фосилавӣ дар саросари Тоҷикистон роҳ кушояд.

Дар Аврупо дар охири асри XVIII бо пайдоиши хадамоти муназзам ва дастраси почта "омӯзиши муросилотӣ" ба миён омад. Донишҷӯён тавассути почта маводи таълимӣ мегирифтанд, бо муаллимон мукотиба доштанд ва ба шахси боэътимод ё дар шакли кори илмӣ имтиҳонҳо месупориданд. Дар Тоҷикистон ин усул дар охири XX пайдо шуд. Аввали асри XX бо афзоиши босуръати технологӣ, мавҷудияти телеграф ва телефон хос буд. Аммо дар бораи истифодаи онҳо дар таълим ягон далели боэътимод вуҷуд надорад. Ҳамзамон, даврони "таҳсили ғоибона" идома дорад, бисёре аз донишгоҳҳои ҷаҳон онро анҷом додаанд ва ё идома медиҳанд.

Пайдоиши радио ва телевизион дар усулҳои таълими фосилавӣ тағйирот ворид кард. Ин як пешрафти назаррас буд, шунавандагони тренинг садҳо маротиба зиёд шуданд. Бисёр одамон то ҳол барномаҳои телевизионии таълимиро, ки аз солҳои 50-ум пахш мешуданд, дар ёд доранд. Бо вуҷуди ин, телевизион ва радио камбудиҳои назаррас доштанд - донишҷӯ имкони гирифтани фикру мулоҳизаро надошт.

Соли 1969 дар Британияи Кабир нахустин донишгоҳи таҳсилоти фосилавӣ дар ҷаҳон, Донишгоҳи Кушодаи Бритониёи Кабир ифтитоҳ гашт, ки онро ба далели

арзон будани нарх ва набудани ниёз ба зуд-зуд дарсҳои синфӣ номгузорӣ карданд. Дигар донишгоҳҳои маъруф бо барномаҳои таҳсилоти фосилавӣ дар хориҷа: Донишгоҳи Африқои Ҷанубӣ (1946), Fern Universität in Hagen (Олмон, 1974), Донишгоҳи миллии технология (ИМА, 1984) (барномаҳои баъдидипломӣ дар муҳандисӣ), Донишгоҳи Кушодаи Ҳаген (Олмон), Коллеҷи INTEC аз Кейптаун (Африқои Ҷанубӣ), Донишгоҳи миллии таълими Испания, Донишгоҳи Кушодаи Британиё, Мактаби кушодаи тиҷорат, Шабакаи маълумоти ҳудудии Австралия.

Дар охири солҳои 80-ум мавҷудияти компютерҳои инфиродӣ умеди навро барои сода ва автоматикунонии омӯзиш пешкаш кард. Барномаҳои таълими компютерӣ дар компютерҳои аввал дар шакли бозиҳои гуногун пайдо шуданд. Соли 1988 лоиҳаи Шуравӣ-Амрикоии "Мактаби почтаи электронӣ" амалӣ гардид. Пешоҳангони технологияҳои таълими фосилавӣ дар солҳои 90-ум Ассотсиатсияи байналмилалии "Дониш" ва гурӯҳҳои дастаҷамъонаи он, Академияи муосири гуманитарӣ буданд.

Дар асри XXI мавҷудияти компютерҳо ва интернет таҳсили фосилавиро боз ҳам осонтар ва босуръат паҳн карданд. Интернет ба як пешрафти азиме табдил ёфтааст, ки нисбат ба радио ва телевизион имконияти бештар дорад.

Ҳоло имкон дорад, ки дар ҳар куҷое ки набошад, муоширaт карда, аз ҳар як донишҷӯ фикру мулоҳиза гиред. Паҳншавии "интернети зуд" имкон дод, ки барои омӯзиш семинарҳои онлайн (вебинарҳо) истифода шаванд.

Муҳаққиқи тоҷик Б.Файзуллозода оид ба вазъи таълими фосилавӣ андеша ронда, чунин зикр мекунад: «Имрӯзҳо бо истифода аз технологияҳои муосир, низоми таҳсилоти фосилавӣ торафт маъмултар шуда истодааст. Таълими фосилавӣ ба донишҷӯён имконият фароҳам меорад, ки новобаста аз маҳалли зисташон барои омӯхтани ихтисосҳои нав ва баланд бардоштани тахассуси худ курсҳо ва семинарҳои гуногун интихоб кунанд. Сабаб дар он аст, ки талабот ба таҳсилоти босифат меафзояд ва аз ин рӯ шумораи корбарони интернет зиёд мешавад. Айни замон дар Қазоқистон хидматҳои таълими фосилавӣ истифода мешаванд ва Ӯзбекистон, ҳамчунин дар Тоҷикистон, Қирғизистон, Туркманистон низ фаъолона аз он истифода мебаранд. Дар баъзе кишварҳои Осиёи Марказӣ, алалхусус Қирғизистон ва Ӯзбекистон, маъмулан маърифати электронӣ маъмул аст, гарчанде баъзе кишварҳое ҳастанд, ки қадамҳои аввалини худро дар ин самт гузошта истодаанд [14, с.38].

Таҳқиқ аз ҳисоби рушди фаъолонаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, аз ҷумла технологияҳои таълими фосилавӣ ва дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон саривақтӣ ва муҳим мебошад. Таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тайёр кардани (такмили ихтисоси) устодони донишгоҳҳо ва кормандони педагогии тамоми зинаҳои таҳсилот дар соҳаи истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Аммо, амалияи кори донишгоҳҳо дар бораи дониши нокофӣ оиди ташаккули омодагии устодони донишгоҳҳо ба истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ дар самти равишҳои номатлуби методологии ташаккули он шаҳодат медиҳад.

Зарфияти технологияҳои таълими фосилавӣ дар донишгоҳҳо ошкор карда шудаанд, ки он аз имконоти фароҳам овардани муҳити инноватсионии иттилоотӣ ва таълимӣ иборат аст; ҳаракатнокӣ, кушодагӣ, дастрас, интерактивияти таълим бо

истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ; ҷалби бештари донишҷӯён аз минтақаҳои дигар; имкони тартиб додани траекторияи инфиродии таълимӣ барои донишҷӯён; самаранокии иқтисодии таҳсилоти фосилавӣ; визуализатсияи маълумоти таълимӣ; истифодаи сохтори гиперматнии манбаъҳои таълимӣ; имконот барои ташкили таҳсилоти фарогир; кам кардани сарбории синфии муаллимон.

Таҳлили низомҳои гуногуни таҳсилоти фосилавӣ, масалан, дар Русия, нишон медиҳад, ки низоми таҳсилоти фосилавии Moodle дорои бартариҳои бештар аст (тибқи литсензияи GNU тақсим карда шудааст, яъне он барои ширкатҳо ва муассисаҳо ройгон аст; функсия аз ҳамтоёни корӣ камӣ надорад; лоиҳа манбаи кушода аст (бо рамзи сарчашмаи кушода); ба зиёда аз 50 забон тарҷума шудааст; ҳамзамон зиёда аз 200,000 корбарро дастгирӣ мекунад; дорои воситаҳои гуногуни дохилӣ барои таҳияи маводи таълимӣ ва ҳамгиро кардани онҳо ба раванди таълим ва ғ. мебошад.

Дар доираи таҳқиқ, омодасозии муаллимони донишгоҳҳо ба истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ ҳамчун раванди ҳадафмандона пайвастаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳоратҳои нави касбӣ дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, аз ҷумла, технологияҳои таълими фосилавӣ, ки дар муҳити таҳаввулёфтаи иттилоотӣ ва тарбиявӣ сурат мегиранд, дарк карда мешавад. Дар донишгоҳҳо барои баланд бардоштани сатҳи касбият дар самти ташаккули омодагӣ ба ин намуди фаъолият чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Омодагии омӯзгори донишгоҳ ба истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ хусусияти ҳамгироии касбӣ ва шахсӣ, аз ҷумла ниёзҳои истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ бо мақсади мувофиқгардонии раванди таълим, ҳамчунин таваҷҷуҳ ба таҳсилоти ҳамешагӣ ва худомӯзӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ мебошад; дониш, малака ва маҳоратҳои амалӣ, ки барои татбиқи фаъолияти касбӣ бо истифодаи сахтафзор ва нармафзор, захираҳои иттилоотӣ ва методии таълими фосилавӣ, аз ҷумла низомҳои худкори таълимӣ ва низомҳои автоматикунонидашудаи мудирияти дониш заруранд.

Сохтори омодагии устодони донишгоҳ ба истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: мотивативӣ (ангезаҳо, маъно, ҳадафҳо, хоҳиши устоди донишгоҳро барои ташкили таълими фосилавӣ ва истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ дар фаъолияти касбии худ инъикос мекунад); таълими фосилавӣ дар фаъолияти касбии худ ва технологӣ (маҷмуи малакаҳои амалии зарурӣ барои иҷрои фаъолиятҳо бо истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ).

Ҳар як ҷузъи дар боло овардашуда нишондиҳандаҳои самаранокии ташаккули омодагии устодони донишгоҳҳоро барои истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ (баланд, миёна, паст) дар бар мегирад.

Шартҳои педагогии тайёр кардани омӯзгорони донишгоҳҳо барои истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок мебошанд:

-тадриҷан такмил додани омодагии донишгоҳ ба истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ (ташаккули салоҳияти асосии ТИК дар асоси технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ; ташаккули омодагии омӯзгорони донишгоҳҳо дар истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ дар асоси эҷоди мундариҷаи модулии курс, ки имконоти асосии низомҳои таҳсилоти фосилавиро ошкор мекунад);

-фароҳам овардани муҳити иттилоотию таълимӣ дар донишгоҳ, ки имконоти технологияҳои таълими фосилавиро дар амал татбиқ мекунад, ки дорои таҷҳизот, нармафзори ройгон ва корӣ мебошад, ки фаъолияти он бо ҳуҷҷатҳои меъёрии донишгоҳ танзим карда мешавад.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ- профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Гапарова, Л.А. Использование интенсивных игровых технологий при коммуникативном изучении иностранных языков /Л.А.Гапаров, Ф.Т.Салиева //Наука и инновация. -№1,2013 (3). - С.5-10.
2. Коджаспирова, Г. М. Педагогический словарь: Для студ. высш. и сред. пед. учеб. заведений. / Г. М. Коджаспирова, А. Ю. Коджаспиров - М.: Издательский центр «Академия». - 2000. - 176 с.
3. Колин, К. К. Информатизация общества и глобализация / К. К. Колин. - Красноярск: СФУ, 2011. - 51 с.
4. Раджабов, М. Информационно-коммуникационные технологии в педагогической наукометрии: к постановке вопроса /М.Раджабов //Наука и инновация. - №1-2, -2014 (7-8). -С.5-9 .
5. Раҳимов, Х. Педагогика (китоби дарсӣ барои донишҷӯён мактабҳои олии педагогӣ) /Х.Рахимов, А.Нуров.- Душанбе: Ҳумо, 2007. - 447с.
6. Э. Раҳмон. Масъулият бароиояндаи миллат// Азия Плюс. -2012.
7. Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ // «Азия Плюс». - 2003.
8. Рахимов, Н.Т. Дистанционное образование в Худжанде /Н.Т.Рахимов //Материалы научно-практической конференции ТТУ. - Душанбе, 2000. -С. 85 -86.
9. Саидов, И. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилави /И.Саидов //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.- 2020. -№1 (29.). -С.161-167
10. Салоҳиддинова, Г.Таълими фосилавӣ - омили муҳимми воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ /Г.Салоҳиддинова //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. –Д., 2019.-2019.-№4 (28)-.С.104-107.
11. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. -Душанбе, 2015.
12. Стратегияи миллии рушди таҳсилот барои солҳои 2006-2015. - Душанбе: 2005. - 32с.
13. Тагайназарова, М.С. Роль современных педагогических технологий в обучении английского языка / М.С.Тагайназарова, //Наука и инновация. - Д., 215.-№4 (14).- С.66-68.
14. Файзализода, Б. Анализ системы дистанционного обучения в странах Центральной Азии /Б.Файзализода //Вестник развития образования. -2020.-№1 (29).-С.38-42.


**МОҲИЯТ ВА МУҲТАВОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ**


Мақола масъалаҳои марбут ба мазмуну муҳтаво ва ҳадафу вазифаҳои таълими фосилавиро фаро мегирад. Ба андешаи муаллиф, таълими фосилавӣ мазмун, муҳтаво, ҳадаф ва вазифаҳои хосса дорад. Масалан, хароҷоти таҳсилоти фосилавӣ нисбат ба таҳсилоти анъанавӣ то андозае пасттар аст, зеро мумкин аст иҷораи бино барои синфҳо мушкилихо эод кунад, хароҷоти ташкили худи дарсҳо кам карда мешавад, барои ҳар як муаллим имкони ҳамзамон ба таҳсил фаро гирифтани шумораи бештари донишҷӯён ва баъзе омилҳои дигар муҳайё мешаванд, ки мустақим ё ғайримустақим ба арзиши ниҳоии таълим таъсир мерасонанд; кам кардани вақти таълим (ҷамъоварӣ, вақти сафар ва ғ.). Муаллиф зикр мекунад, ки технологияҳои таълими фосилавӣ бо истифода аз интернет ҳам барои аз худ кардани курсҳои инфиродии такмили ихтисоси корбарон ва ҳам барои гирифтани маълумоти олӣ истифода мешаванд. Шаклҳои зерини асосии таҳсилоти фосилавиро фарқ кардан мумкин аст: онлайн ва ғайрирасмӣ. Омӯзиш тавассути интернет як қатор бартариҳои назаррас дорад: чандирӣ - донишҷӯён метавонанд дар макон ва мавзее, ки ба онҳо мувофиқ бошад, маълумот гиранд; давомнокии дарозмуддат - донишҷӯён бо масофа маҳдуд нестанд ва новобаста аз он ки дар куҷо зиндагӣ мекунанд, метавонанд таҳсил кунанд; аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок - арзиши сафарҳои тулонӣ ба ҷойи таҳсил ба таври назаррас коҳиш меёбад. Андешаҳоро ҷамъбаст намуда, муаллиф хулоса мекунад, ки шартҳои педагогии тайёр кардани омӯзгорони донишгоҳҳо барои истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок мебошанд:-тадриҷан такмил додани омодагии донишгоҳ ба истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ (ташаккули салоҳияти асосии ТИК дар асоси технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ; ташаккули омодагии омӯзгорони донишгоҳҳо дар истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ дар асоси эҷоди мундариҷаи модулии курс, ки имконоти асосии низомҳои таҳсилоти фосилавиро ошкор мекунад);

-фароҳам овардани муҳити иттилоотию таълимӣ дар донишгоҳ, ки имконоти технологияҳои таълими фосилавиро дар амал татбиқ мекунад ва дорои таҷҳизот, нармафзори ройгон ва корӣ мебошад, ки фаъолияти он бо ҳуҷҷатҳои меъёрии донишгоҳ танзим карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** таълими фосилавӣ, моҳият, мазмун, ҳадаф, вазифаҳо, шартҳои педагогӣ, донишгоҳ, мундариҷа, технологияҳои таълим, имконот, таҷҳизот, назария, самаранокӣ, таҷриба, арзишҳо, ҳаҷм.

## СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ

В статье освещены вопросы, связанные с сущностью, содержанием, целями и задачами дистанционного обучения. По мнению автора, дистанционное образование имеет конкретное содержание, цели и задачи. Например: стоимость дистанционного обучения несколько ниже, чем при традиционном обучении, так как аренда кабинетов может быть недоступна, стоимость организации самих занятий снижается, а каждый преподаватель имеет возможность заниматься с чуть большим количеством студентов и некоторые другие факторы, прямо или косвенно влияющие на конечную значимость образования; сокращение времени учебы (сбор, время в пути и т.д.). Автор отмечает, что технологии дистанционного обучения с применением сети Интернет используются как для индивидуальных курсов обучения пользователей, так и для высшего образования. Можно выделить следующие основные формы дистанционного образования: онлайн и неформальное. Обучение через Интернет имеет ряд существенных преимуществ: гибкость - студенты могут получать информацию в одном удобном для них месте; долгосрочная продолжительность - студенты не ограничены расстоянием и могут учиться независимо от того, где они живут; экономичность - значительно снижаются затраты на длительные поездки к месту учебы. Обобщая взгляды, автор приходит к выводу, что теоретически обоснованы педагогические условия подготовки преподавателей вузов к использованию дистанционных технологий обучения: - поэтапное повышение готовности вуза к использованию дистанционных технологий обучения (формирование основной компетенции ИКТ на основе дистанционных технологий обучения; формирование готовности преподавателей вуза к использованию дистанционных технологий обучения на основе создания модульного содержания курса, раскрывающего основные возможности систем дистанционного обучения); -создание в вузе информационно-образовательной среды, реализующей возможности технологий дистанционного обучения, имеющей оборудование, бесплатное и коммерческое программное обеспечение, деятельность которых регламентируется нормативными документами вуза.

**Ключевые слова:** дистанционное обучение, сущность, содержание, цель, задачи, педагогические условия, вуз, содержание, технологии обучения, возможности, техника, теория, эффективность, опыт, ценности, объем.

## ESSENCE AND CONTENT OF DISTANCE LEARNING

The article highlights issues related to the essence, content, goals and objectives of distance learning. According to the author, distance education has specific content, goals and objectives. For example: the cost of distance learning is somewhat lower than with traditional learning, since room rental may not be available, the cost of organizing the classes themselves is reduced, and each teacher has the opportunity to study with a slightly larger number of students and some other factors that directly or indirectly affect the final value education; reduction of study time (collection, travel time, etc.). The author notes that distance learning technologies using the Internet are used both for individual user training courses and for higher education. The following main forms of distance education can be distinguished: online and informal. Learning via the Internet has a number of significant advantages: Flexibility - students can receive information in one place and in a place convenient for them; Long-term duration - students are not limited by distance and can study no matter where they live; Profitability - the cost of long trips to the place of study is significantly reduced. Summarizing the views, the author comes to the conclusion that the pedagogical conditions for preparing university teachers for the use of distance learning technologies are theoretically substantiated: learning technologies based on the creation of a modular course content that reveals the main capabilities of distance learning systems); - creation of an information and educational environment at the university that implements the possibilities of distance learning technologies, has equipment, free and commercial software, the activities of which are regulated by the normative documents of the university.

**Key words:** distance learning, essence, content, goal, tasks, pedagogical conditions, university, content, learning technologies, opportunities, technique, theory, efficiency, experience, values, scope.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Бобохонов Ҷамшед Сабзаалиевич - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.Телефон: **988497447.**

**Сведение об авторе**: ***Бобохонов Джамшед Сабзаалиевич*** - – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова,16
Телефон: **988497447.**

**Information about the author*: Bobokhonov Jamshed Sabzaalievich*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street 16.
Phone: **988497447.**

УДК:37.15.1

# НАҚШИ ВОЛИДАЙН ДАР ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН ДАР ФАЗОИ ОИЛА

***Раҳимова Г., Манонова Р.А., Аминҷонова С.А. Раҷабова Н.Р.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров,**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ**

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: «Оила дар ҳама давру замон муқаддас ва рукни ибтидоиву асосии давлат ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, барпо намудани оилаҳои комилу мустаҳкам вазифаи аҳли ҷомеа ва волидайн мебошад».

Оила ва оиладорӣ яке аз муҳимтарин рукнҳои зиндагии инсонӣ маҳсуб гашта, пойдорӣ ва мустаҳкамии он асоси хушбахтии аъзоёни он дар ҳаёти шахсӣ ба шумор меравад. Оила намунаи олӣ ва таърихии институти иҷтимоӣ буда, зуҳуроти иҷтимоию ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад. Табиист, ки фаҳму дарк, ҷаҳонбинӣ ва фазилати маънавии падару модар дар оила аввалин дарсест, ки дар зеҳни кӯдак нақш мебандад ва фаъолияти минбаъдааш низ аз ҳамин гуна шароит вобастагӣ дорад.

Масъалаҳои таҳкими робита миёни ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва падару модарон тавассути як қатор қонунҳо, аз ҷумла Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба танзим даровarda шудаанд, ки ин санад раҳнамои волидон мебошад.

Ҳар як оила уҳдадор аст, ки фарзандони худро дар руҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ тарбия намоянд. Дар оилаҳои хуб фарзандони бомаърифати хуб ба воя мерасанд ва ояндаи давлату миллат аз ин гуна фарзандон вобастагии зич дорад. Агар волидон барои дар роҳи илму дониш роҳнамун намудани фарзандони хеш кӯшиш намоянд, дар ҷомеа оилаи солиму бофарҳанг ба вуҷуд меояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат -Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо таъкид менамоянд, ки пешрафту тараққиёти ояндаи кишвар, боигарии давлат аз кадрҳои баландихтисос вобастагии зиёде доранд.

Мардуми соҳибтамаддуни мо ба таълиму тарбияи фарзанд аҳамияти махсус зоҳир карда, барои дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ пайваста талош меварзанд. Маҳз таҳкими оила, таълиму тарбияи наслҳои солиму соҳибмаърифат яке аз воситаҳои рушду нумӯи ҷомеа, мустаҳкамии қудрати мамлакат ва побарҷойии арзишҳои миллиамон ба шумор меравад. Мутаассифона, имрӯз баъзе падару модарон барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандони худ монеъ мешаванд ва нисбати ҳаёту зиндагии онҳо беаҳамиятӣ зоҳир мекунанд. Барои ҳаллу фасли сохтани мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта ва садди роҳи ин падидаи номатлубро гирифтан, инчунин, ҷавонону наврасонро дар руҳияи ватандӯстию ватанпарастӣ тарбият намудан ва ба хотири боз ҳам баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтироми арзишҳои милливу умумибашарӣ, риояи меъёрҳои одобу ахлоқи ҳамида, омода намудани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва ба роҳи рост ҳидоят намудани фарзандонамон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардидааст. Ин қонун барои беҳдоши ҳаёти кӯдакон, коҳиши сатҳи

ҷинояткорӣ дар миёни онҳо замина гузошта, масъулияти падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд боз ҳам зиёдтар мегардонад.

Донишмандон бар он назаранд, ки волидону омӯзгорон, ки дар таълиму тарбияи фарзандон масъул мебошанд, пеш аз ҳама, бояд ба тарбияи ақлонӣ ва инкишофи зеҳнии онҳо аҳамияти махсус зоҳир намоянд. Мазмуни асосии қонунро уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ташкил медиҳад ва ин уҳдадориҳо аз он иборат мебошанд, ки падару модар ва омӯзгорон бояд тамоми донишу малакаи худро барои тарбияи дурусти фарзандон равона намоянд, тамоми восита ва шароитро муҳайё созанд, то ки фарзандон бештар ба донишандӯзӣ ва азхудкунии касбу ҳунар машғул шаванд. Падару модар вазифадоранд, ки тибқи арзишҳои миллӣ ба фарзандони худ номи нек гузоранд, барои саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии онҳо ғамхорӣ намоянд ва фарзандро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, эҳтироми падару модар ва риояи арзишҳои милливу умумибашарӣ тарбия намуда, барои онҳо шароити хуби таълиму тадрисро фароҳам оваранд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» чунин омадааст: *“Фарзандони болиғу қобили меҳнат вазифадор карда шуданд, ки падару модари худро нигоҳубин намуда, онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намоянд”.* Дар ҳолати иҷро накардани уҳдадориҳои мазкур, фарзанди болиғу қобили меҳнат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Ҳар як падару модарро зарур аст, ки ин вазифаи ҷонӣ ва қарзи шаҳрвандиро хуб дарк намуда, фарзандони худро бо роҳи дуруст, анҷоми амалҳои тақдирсоз, омӯзиши илму ҳунар ва азхуднамоии техникаву технологияҳои муосир, ширкати фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ ва ободониву созандагии Ватани азизамон - Тоҷикистон, ҳидоят кунанд ва тавонанд, ки дар оянда аз фарзандони содиқу номбардори миллати худ ифтихор намоянд.

Чуноне ки мефармоянд: *“Фарзанд амонат аст дар дасти падару модар ва дили фарзанд нафис асту нақшпазир, ҳар нақше, ки ба ӯ гузорӣ, чун мушк ба худ бигирад ва чун замин пок аст, ба саодати дину дунё расад, падару модар дар он савоб шарик бошанд. Агар тухми бадӣ афканӣ ва ӯро ба ҳолаш гузорӣ ва ба ҳарчӣ хоҳад, нишинад, ҳаргиз аз вай умеди некӣ макун”.*

Назар ба масъалаҳои дар боло зикргардида бояд қайд намуд, киояндаи миллат вобаста ба таълими фарзанд аст, аз ин хотир волидони бояд зиракии сиёсиро аз даст надода, пайваста дар талош бошанд, ки фарзандонро дар руҳияи худшиносии миллӣ тарбия намоянд. Дар амалӣ намудани меъёрҳои қонуни мазкур бетараф набуда, баръакс кӯшиш намоянд, ки дар чаҳорчӯбаи он амал намоянд, зеро ин Қонун тамоми масъалаҳои таълиму тарбияро дар бар мегирад ва як барои волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд кумак мерасонад.

Ибни Сино андешаҳои пурарзишро дар бораи тарбияи фарзанд иброз доштааст. Сино дар осори худ оид ба тарбияи маънавии фарзанд, инчунин дар бораи масъалаҳои рӯзгордорӣ сухан гуфтааст. Тарбияи фарзанд ҳадафи асосӣ ва вазифаи падару модар дар оила аст.

Ибни Сино ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар кӯдакро дар ваҳдати инфиродӣ бо тарбияи меҳнатӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ақлӣ ҳамчун омили калидии инкишофи ӯ ҳамчун инсон баррасӣ мекунад.

Сино тарбияро маҳсули муҳити ҷамъиятӣ, ҳар фардро ҷузъи ҷомеа мешуморад.

Чунончи, дар ин бора чунин иброз медорад: «Касе, ки мехоҳад дар ахлоқ ва одати худ тасарруф ва ислоҳ бикунад, бояд аз ахлоқ ва сифату одати мардум огоҳ шуда, онҳоро бо ахлоқ ва сирату одати худ муқоиса бинамояд ва бидонад, ки ӯ ҳам монанди дигарон аст, афроди башар, мисл ва шабеҳи ҳамдигаранд». Ӯ дар «Китоб-уш-шифо» ва «Ал-қонун» оид ба оила ва тарбия андешаронӣ карда, мақому мартабаи оила ва алалхусус, занро дар ҳаёти ҷамъиятӣ хеле баланд шуморида, дар ҷойи аввал гузоштааст:

Зану мард асоси зиндагонӣ,
Зан аввал дар ҳисобу мард сонӣ.

Ба қавли ӯ, зан шарики шоиста ва некуи мард буда, дар ташаккули оила ва тарбияи фарзандон саҳми арзанда дорад. Дар рисолаи «Тадбири манзил» - и Сино ба зан ҳабдаҳ сифат нисбат дода шудааст, ки дар байни онҳо мавқеи аз ҳама асосиро хирадмандии зан ишғол мекунад.

Ба ақидаи Сино, зани ҳақиқӣ шавҳари худро дӯст медорад ва ҳамеша дар хусуси ӯ фикр мекунад. Мутафаккир занҳои бешарму ҳаёро зери танқид гирифта, таъкид кардааст, ки зани беишқу вафо эътибори оиларо ба нестӣ бурда, аз боварӣ ва меҳру садоқат маҳрум мегардонад. Сино ба муқобили мағрурии зан аст. Зани мағрур ҳар чӣ ба даҳонаш ояд, мегӯяд. Олим ин хислати занонро маҳкум намуда, онҳоро ба дурандешӣ, тамкин ва хоксорию меҳрубонӣ даъват кардааст.

Ба андешаи Сино, зан ба мисли мард комилҳуқуқ аст, ки он ба иззату ҳурмати мардон вобаста аст. Агар мард занашро ҳурмат кунад, ӯ ҳам шавҳарашро эҳтиром менамояд. Аз ин лиҳоз эҳтироми мард дар назди зан ба се омил вобаста аст:

1. мард нисбат ба зан ҳурмат дошта бошад;
2. нисбат ба зан ва фарзандон бомурувват бошад;
3. дар ваъдаи худ устувор бошад.

Зиракӣ, садоқат, шарм, тамкин аз хислатҳои ҳамидаи занон аст. Зан бояд кору кирдори худро хуб андешад, андаке шавҳарашро ба воситаи сарфаҷӯӣ афзун кунад, ғаму ғубори дили шавҳарашро бо рафтори наку ва забони ширин барорад, тасаллобахш бошад.

Сино мартабаи занро боло бардошта, ӯро шарики мард медонад, аз тарафи дигар, ӯро дар зиндагӣ ба сабру бардошт ва шикастанафсӣ даъват кардааст: зан бояд ба ҳукми мард тобеъ бошад.

*На ҳар зан зан бувад, на ҳар зода фарзанд,*
*На ҳар гул мева орад, ҳар найе қанд.*

Зани накукору солеҳа сабаби хушбахтии инсон аст, чунонки Паёмбар (с.) фармудаанд: «Чаҳор чиз хушбахтии инсон дар ҳаёт аст: ҳамсояи хуб; зани солеҳа; маркаби ором; хонаи васеъ».

*Зани хубу фармонбари порсо,*
*Кунад марди дарвешро подшоҳ*

Воқеан, ҳаёти инсоният бе зан ноқис аст ва зан онро пурра менамояд. Зани солеҳа зиндагиро комилу гуворо мегардонад. Зебоии занро танҳо сурати зоҳирӣ муайян намекунад, балки сират дар мақоми аввал меистад.

*Сурататро чӣ кунам, гар ту надорӣ сирате,*
*Кас ба як ҷав нахарад сурати бесиратеро.*

Рафтори ҳамида боиси он мегардад, ки сурати зан зебову гуворо намояд. Басо занҳое ҳастанд, ки ҷамоли зебо доранд, вале рафтору гуфтори ношоистаашон ҳусни онҳоро хира месозад.

Пас аз фаҳмидани сифатҳои шоиста ҳар як зани нексиришт кӯшиш менамояд, ки худро бо зевари онҳо оро бидиҳад. Инак дар зер чил сифати беҳтарини занро меорем:

1. Зан будани худро фаромӯш накунад.

2. Танҳо шавҳари худро дӯст дорад.
3. Талаботҳояш бомаврид бошанд.
4. Тамиз дошта бошад.
5. Нововар бошад.
6. Суханашро дуруст баён карда тавонад.
7. Корҳои муҳимро ҷудо карда тавонад.
8. Андешаи бадро ба худ роҳ надиҳад.
9. Сарватро нишонаи асосии муҳаббат напиндорад.
10. Зарари шавҳарашро нахоҳад.
11. Якрав набошад.
12. Ба суханҳои шавҳараш бодиққатона гӯш диҳад.
13. Сустирода набошад.
14. Маломаткунанда набошад.
15. Аз корҳои пасту бефоида худро дур гирад.
16. Аз дигарон тамаъ накунад, дасти кушод дошта бошад.
17. Сурати зебои худро ҳифз кунад.
18. Ба ҳар чиз айб намонад.
19. Бо пайвандони шавҳараш муомилаи хуб кунад.
20. Аз шавҳараш корҳои гузаштаро напурсад.
21. Амонатдору вафодор бошад.
22. Маккор набошад.
23. Миннаткунанда набошад.
24. Худписанду худпараст набошад.
25. Танбал набошад.
26. Худро сахт оро надиҳад.
27. Сергап набошад.
28. Ба шавҳараш бо қаҳр нигоҳ накунад.
29. Ба раъйи шавҳар мухолиф набошад.
30. Бепарво набошад.
31. Бадахлоқ набошад.
32. Ба майлҳои дурусти шавҳар зиддият нишон надиҳад.
33. Мутакаббир набошад.
34. Ба насибае, ки Худованд ба ӯ додааст, розӣ бошад.
35. Дар зебу зинат ва либоспӯшӣ аз ҳад нагузаронад.
36. Неъмати Парвардигорро фаромӯш накунад,
37. Нозу карашмаи зиёд надошта бошад.
38. Гапи шавҳарашро нагардонад.
39. Шавҳарашро ба вайронкорӣ водор насозад.
40. Собир бошад.

Ибни Сино дар «Китоб-уш-шифо» ва «Ал-Қонун» такомули фарзандро ба сиёсати мард вобаста кардааст. Вай дар ин асарҳо дар зимни сиёсати мард дар тарбияи фарзанд низ як силсила масоили маорифро ба дараҷаи вазифаҳои давлатӣ бардошта, таъкид кардааст, ки ҳар қадар мутахассисону ҳунармандон зиёд шаванд, корҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, истеҳсолӣ ва маданӣ ҳамон қадар инкишоф меёбанд. Ӯ дар ҳалли масъалаи нуфузи муаллим дар ташаккули хонандагон як барномаи возеҳ ва мукаммал тартиб дода, дар он вазифаи падару модарро муайян кардааст ва таъкид кардааст, ки онҳо, пеш аз ҳама, бояд ба фарзанд номи нек гузоранд, зеро номи нек ба кӯдак таъсири мусбат мебахшад.

Ба кӯдак падару модар бояд ҳунар омӯзонанд. Дар ин маврид пайдо кардани муаллими хуб низ зарур аст. Ба фикри Сино, муаллим бояд сифатҳои нек дошта бошад: «Омӯзгор ва мураббии ӯ хирадманд, солимфикр, дурандеш, бошанд ва барои

таҳзиби ахлоқ ва парваришу тарбияи бача ошно буда, бовиқору сангин, бомурувввату покдоман, назиф бошанд ва роҳи муоширатро бидонанд».

Ба ақидаи Сино, чун кӯдак шашсола шуд, ба мактаб бояд дод. Дар мактаб ӯро муаллим тарбия кунад. Таълиму тарбия пайдарпай бошад. Аммо кӯдакро фавран ба китоб вобаста кардан хуб нест, чунки ӯ аз он безор шуда, ғаш мекунад. Вале муаллим аз рӯзҳои аввал дар қалби ӯ нисбат ба китоб муҳаббат ба вуҷуд оварад, то ки кӯдак китобдӯст шавад.

Ибни Сино тарбияро ба синну сол ва шавқу завқи хонанда вобаста карда, дар ҳар синну сол тағйир ёфтани хосияти тарбияро қайд кардааст. Чунончи, бачагони мактабӣ, яъне аз 6 то 14-сола, бояд дар оби хунук варзиш ва дар иҷрои дигар машқҳои ҷисмонӣ иштирок кунанд. Вале ин табиби касбӣ нармии устухони онҳоро ба назар гирифта, дар истифодаи машқҳои ҳархелаи ҷисмонӣ шитоб карданро рад намудааст. Ақидаҳои Синоро дар боби мақоми падару модар дар тарбияи фарзанд ба тариқи зер ҷамъбаст кардан мумкин аст:

1. Мурод аз таълиму тарбия дар кӯдакону ҷавонон парваридани сифатҳои беҳтарини инсонӣ: ростқавлӣ, покдоманӣ, меҳнатдӯстӣ, тандурустӣ ва ҳунармандӣ аст.

2. Мард, барои он ки ба мақсади худ ноил гардад, бояд ба фарзандаш номи нек гузорад.

3. Кӯдак бояд ба варзиш низ машғул шавад. Ӯ баъзан дар амал мустақил ва озод бошад, то кори ба худаш писандро иҷро намояд.

А.Сино тарафдори таълиму тарбияи ҷомеавии бачагон буд. Ба фикри ӯ, агар бача рафиқони шарикдарсу ҳамсуҳбат надошта бошад, муҷиби ранҷиши омӯзгору шогирд мегардад. Мутафаккир дар бораи аҳамияти тарбияи коллективии хонандагон чунин ҳолатҳоро қайд кардааст:

1. Шогирдон ҳамеша бонишот ва ҳарис ба омӯхтани илму адаб ва ахлоқ мебошанд, гоҳе бо якдигар мубоҳот мекунанд. Ва иззати нафс водорашон менамояд аз дигарон ақиб намонанд.

2. Шогирдон муҷтамеъ бо якдигар сухан мегӯянд, ин сухан гуфтан сабаби рӯшноию фузунии ақлу фаҳмишашон мегардад, зеро ҳар як ширинтарин суханро, ба дигарӣ мегӯянд ва ин ширинӣ муҷиби пешгирифтӣ ва шигифтӣ, сабаби ҳифз ва гуфтани он ба дигаре мегардад.

3. Фоидаи дигари иҷтимоъ, ки гуфтем он аст, ки шогирдон бо якдигар рафиқ мешаванд ва ҳамдигарро эҳтиром менамоянд ва мехоҳанд бар якдигар сабқат кунанд, ҳамаи инҳо асбоби мубоҳоту муҳокимот ва мусобиқа буда, муҷиби таҳзиби ахлоқ ва таҳрики ҳикматҳо ва тамрини одоби хуб мебошанд.

Ибни Сино таълим ва тарбияи хонандагонро ба ду марҳала ҷудо кардааст.

Дар *марҳалаи аввал* омӯзгор бояд, пеш аз ҳама, худ дар ҳама ҳолат намуна бошад. Вай бояд бачагонро аз кори бад эмин дорад, дар вақташ рафтори неки онҳоро таъриф намояд, ботамкин вале аз ҳад зиёд ҷиддӣ набошад.

Дар *марҳилаи дуюм* омӯхтани илму дониш ва ҳунарро тарғиб кардааст.

Ба ғайр аз ин ӯ ҳамчун мураббии инсонпарвар, ба масъалаи дӯстию рафоқат аҳамият додааст. Маслиҳат медод, ки бояд дӯстони ҳақиқиро аз риёкорон ҷудо кард.

Дар заминаи меъёрҳои Конститутсия дар ҷумҳурии мо қонуни миллие қабул ва мавриди амал қарор гирифт, ки масъулияти падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд дар сатҳи қонунгузорӣ танзим намуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" дуюми августи соли 2011 таҳти рақами №762 ба табъ расид, ки аз 6 боб ва 17 модда иборат аст. Фарзандон сарчашмаи асосии хушбахтии мо мебошанд. Аз ин сабаб, барои тарбияи

дурусти онҳо муҳити боварӣ ва эҳтироми ҳамдигариро фароҳам овардан зарур аст. Дар қисми якуми моддаи 18-и Эъломияи ҳуқуқи кӯдак чунин сабт шудааст: «Таъмини манфиатҳои кӯдак бояд мавзуи асосии ғамхории волидайн бошад».

Мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд уҳдадориҳои зерин доранд: “Ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд”. Яке аз ҷанбаҳои асосии фардияти кӯдак ҳуқуқи ӯ ба ном аст. Яъне, доштани ном кӯдакро ҳамчун фард дар ҷомеа муаррифӣ менамояд. Бинобар ин, кӯдак аз лаҳзаи таваллуд фавран, бетаъхир ба гирифтани ном ҳуқуқ дорад. Падару модар уҳдадоранд ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд. Зеро гузоштани номҳои ба фарҳанги миллии тоҷикӣ бегона метавонад ба ҳолати равонии кӯдакон ва наврасон таъсири манфӣ расонад. Номгузорӣ ва шакли дурусти навишти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фарҳанг, анъанаҳои миллӣ ва Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №325 аз 27 июли 2016 тасдиқ карда шудааст, амалӣ мегардад. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кӯдак гузоштани номи ба фарҳанги миллии тоҷикӣ бегона, номи ашё, мол, ҳайвонот ва парандагон, инчунин ном ва ибораҳои таҳқиромез, ки шаъну шарафи инсонро паст мезананд ва одамонро ба табақаҳо ҷудо менамоянд, манъ аст. Пас аз таваллуд, фарзандро дар муҳлати то се моҳ аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд.

“Барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд.” Кӯдак низ ҳамчун як узви ҷудонопазири ҷомеа ва категорияи ба ҳимоя эҳтиёҷманди аҳолӣ дар қатори дигар калонсолон ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ дорад. Ин ҳуқуқ аллакай аз хурдсолии ӯ аз он лаҳзае оғоз меёбад ки ӯ аз чанд давраи эмкунӣ мегузарад, ки ин эмкунӣ бар зидди бемориҳои фалаҷ, сурхча ва ғайра амалӣ мегардад. Дар давоми наврасӣ падару модар бояд аз вазъи саломатии фарзанди хеш огоҳ бошанд ва беаҳмиятӣ зоҳир накунанд.

Нуқтаи дигаре, ки ҳоло дар хонаводаҳо дар тарбияи фарзанд фаромӯш шудааст, ин мутолиаи китоб дар муҳити оила мебошад. Вақте волидон дар назди фарзанд китоб мутолиа мекунанд ё китобро ҳамчун ганҷи маонӣ ҳифз менамоянд, албатта ин ба тарбияи фарзанд таъсири мусбӣ мерасонад. Агар волидайн порае аз қисса ё ҳикоя ба фарзандон роҷеъ ба муҳтавои китоб саволу ҷавоб намоянд, шавқи китобхониро дар онҳо бедор месозанд. Бо назардошти тараққиёт ва пешравии ҷамъият, тарбияи насли наврас низ ба худ таваҷҷуҳи бештареро талаб мекунад.

Солимии миллат аз фазои солими оила маншаъ мегирад. То кадом ҳад вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангию ахлоқии оилаҳо дар сатҳи баланд бошад, ба ҳамон андоза он ба рушд ва пешрафти давлату миллат мусоидат менамояд.

Тарбияи оилавӣ кори муҳим буда, аз волидайн ҷиддият ва масъулияти бузургро талаб мекунад. Вазифаи волидайн, ки дар тарбияи фарзанд баробар масъуланд, ба воя расонидани фарзандони дорои ахлоқи наку ва ба ҷомеа нафърасон мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониашон вобаста ба мавзуи ҷавонон чунин зикр намудаанд: *“Аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд ва ба касбомӯзии шогирдону фарзандон эътибори*

*ҷиддӣ дода, онҳоро дар руҳияи донишомӯзиву меҳнатдӯстӣ тарбия намоянд".*

**Муқарриз: Худойқулова Қ. – н.и.п., дотсенти ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. Ахбори Вазорати маорифи ҶТ. -Душанбе, 2003.
2. Абуали ибни Сино. Осори мунтахаб (иборат аз даҳ ҷилд). - Душанбе: Ирфон, 1980. -Ҷилди 1- 477 с.
3. Абуали ибни Сино. Осори мунтахаб. (Иборат аз даҳ ҷилд). -Душанбе: Ирфон, 1980. -Ҷилди 2. - 560 с.
4. Кузнецов В.В. Введение в профессиально - педагогикическую специалность. Учебное пособие для вуза / В.В. Кузнецов. - Москва, 2007.
5. Коменский Я.А. Избр. пед. соч. / Я.А.Коменский. - Москва, 1979.
6. Лутфуллоев М. Педагогикаи шавкат / М.Лутфуллоев. - Душанбе, 1994.
7. Осимӣ А. Великий мыслитель. -Душанбе: Кругозор, 1980. -С.6.
8. Сухомлинский В.А. Сердце отдаю детям / В.А.Сухомлинский. - Киев,1974.
9. Содиқов А. Ақидаҳои ахлоқӣ ва дидактикии Ибни Сино //Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ / А.Содиқов. –Душанбе: Ирфон, 1989. -С.65-92.
10. Улуғзода С. Ибни Сино. (Киноповест) / С.Улуғзода, В.Виткович. -Душанбе: Нашр. давл. тоҷикис., 1954. -С.111.
11. Шарифзода Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф.Шарифзода, А. Миралиев. – Душанбе: Ирфон, 2012.
12. . Шарифзода Ф. Педагогикаи ибтикорӣ / Ф.Шарифзода, И.Каримова, С.Сулаймонӣ. -Душанбе, 2013.
13. Энсиклопедияи советии тоҷик.–Душанбе: ЭСТ, 1978. -Ҷ.1. -С.666.


### НАҚШИ ВОЛИДАЙН ДАР ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН ДАР ДОИРАИ ОИЛА


Ин мақола ба омӯзиши нақши оила дар тарбияи фарзандон дар доираи оила бахшида шудааст. Азбаски тарбияи оилавӣ системаи хеле мураккаб аст, ба он саломатии фарзандон ва волидон, таъмини моддӣ, тарзи ҳаёти оилавӣ, вазъи иҷтимоӣ, шумораи аъзоёни оила, муносибати оилавӣ ба кӯдак таъсир мерасонад. Дар тарбияи оила, ба ақидаи мо, тарбияи ахлоқи фарзанд ҷойи асосиро ишғол мекунад. Мақсади тарбияи оилавӣ ташаккули он сифатҳои шахсӣ мебошад, ки баъдтар ба кӯдак барои ба таври кофӣ бартараф кардани тамоми мушкилот ва монеаҳои ҳаёт кӯмак мерасонанд. Комилан ҳама чиз ба оила вобаста аст: инкишофи қобилият, ғайрати эҷодӣ, саломатии ҷисмонӣ, фарҳанг ва хушбахтии кӯдак. Ҳар як оила усули афзалиятноки таълимро истифода мебарад. Диққати волидайн аз ҷиҳати таъсираш ба кӯдак хеле гуногун аст. Он дар бораи чӣ гуна махз тарзи тарбияи фарзанд дар оила ва чӣ гуна муносибатҳои байни падару модар ва фарзандон дар оянда инкишоф ёфтан нақши муҳим мебозад. Донистани шеваҳои тарбияи волидон барои волидон хеле муҳим аст, зеро услуби нодуруст метавонад зуҳуроти шахсияти кӯдакро ғарқ созад, инкишофи қобилиятҳои ӯро боздорад, ангезаҳои эҷодиро боздорад ва аз ҳама муҳимаш, кӯдакро аз маҳорату қобилиятҳои ҳаётан муҳим маҳрум созад.



**Калидвожаҳо:** омӯзиши нақши оила дар тарбияи фарзанд, доираи оила, муносибати дохилиоила нисбат ба кӯдак, . таваҷҷӯҳи волидон.


### РОЛЬ РОДИТЕЛЕЙ В ВОСПИТАНИИ ДЕТЕЙ В СЕМЕЙНОМ КРУГУ


Данная статья посвящена изучению роли семьи в воспитании детей в семейном кругу. Так как семейное воспитание является очень сложной системой, на него оказывают влияние здоровье детей и родителей, материальная обеспеченность, уклад жизни семьи, социальное положение, количество членов семьи, внутрисемейное отношение к ребенку. аиболее важное место в семейном воспитании, на наш взгляд, занимает воспитание нравственности ребенка. Целью семейного воспитания являются формирование тех личностных качеств, которые в последствии помогут ребенку достойно преодолеть все жизненные трудности и преграды. От семьи зависит абсолютно все: развитие способностей, творческих позывов, физическое здоровье, культура и счастье ребенка. Каждая семья использует свой приоритетный метод воспитания. Родительское внимание очень разное по своему воздействию на ребенка. Оно играет весомую роль в том, каким именно будет стиль воспитания ребенка в семье, и каким образом сложатся отношения между родителями и детьми в будущем. Для родителей очень важно знать о стилях воспитания, так как неправильно выбранный стиль может заглушить проявление индивидуальности ребенка, остановить развитие его способностей, подавить творческие порывы, и ,самое главное, лишить ребенка жизненно важных навыков и умений.



**Ключевые слова:** изучение роли семьи в воспитании детей, семейный круг, внутрисемейное отношение к ребенку, . родительское внимание.


### THE ROLE OF PARENTS IN EDUCATION OF CHILDREN IN THE FAMILY CIRCLE

This article is devoted to the study of the role of the family in the upbringing of children in the family circle. Since family education is a very complex system, it is influenced by the health of children and parents, material security, family lifestyle, social status, number of family members, family attitude towards the child. The most important place in family education, in our opinion, is occupied by the upbringing of the morality of the child. The purpose of family education is the formation of those personal qualities that will later help the child adequately overcome all life's difficulties and obstacles. Absolutely everything depends on the family: the development of abilities, creative urges, physical health, culture and happiness of the child. Each family uses its own priority method of education. Parental attention is very different in its impact on the child. It plays a significant role in how exactly the style of raising a child in a family will be, and how relations between parents and children will develop in the future. It is very important for parents to know about parenting styles, as the wrong style can drown out the manifestation of the child's individuality, stop the development of his abilities, suppress creative impulses, and, most importantly, deprive the child of vital skills and abilities. In the domestic literature enough.

**Keywords:** study of the role of the family in the upbringing of children, family circle, intra-family attitude towards the child, . parental attention.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Раҳимова Гавҳарҷон*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

***Манонова Раъно Абдурахмоновна-*** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.**Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169.

***Аминҷонова С.А.***- Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.**Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169.

***Раҷабова Н.Р.***- Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ.**Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169.

**Сведение об авторах: *Рахимова Гавхарджон*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей педагогики. **Адрес**:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова,1.

***Манонова Раъно Абдурахмоновна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат педагогических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169.

***Аминджонова С.А.***- Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, ассистент кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169.

***Раджабова Н.Р.***- Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169.

**Information about the authors: *Rakhimova Gavkhardjon* -** Khujand State University named after academician B. Gafurov, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Pedagogy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1.

***Manonova Rano Abdurakhmonovna* -** Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik and Russian Languages. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni avenue, 169.

**Aminjonova S.A.** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Assistant of the Department of Tajik and Russian Languages. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni avenue, 169.

***Radjabova N.R.*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Foreign Languages. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni avenue, 169.

УДК: - 373+53

# ОМОДА НАМУДАНИ МУАЛЛИМОНИ ФИЗИКА БАРОИ ТАШКИЛ КАРДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЛОИҲАВӢ-ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН

*Қодирова Д.Т., Тошматов А.Д.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Сатҳи муосири рушди ҷамъият аз шахсият мавҷуд будани чунин сифатҳоро талаб мекунад: тезҳаракатӣ, қобилият нисбат ба худинкишофёбӣ ва худмаърифатӣ, ҷустуҷӯйи доимӣ ва таҳлили маълумотҳо. Бо ҳамин сабаб Стандартҳои давлатии таҳсилоти ВМИҶТ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷорӣ карда мешаванд, ҳамчун гардиш аз мактаби интиқоли дониш ба мактабе, ки қобилияти эҷодии шахсиятро ба лоиҳа медарорад, тасаввур карда мешавад. Ташаккул ва рушди чунин сифатҳои шахсият дар раванди таълим ба пайваст гардидани хонандагон дар фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ мусоидат мекунад.

Дар зери мафҳуми фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ мо фаъолиятро аз рӯйи ба лоиҳа даровардани таҳқиқоти худ, ки тасвияи мақсад ва вазифаҳо, ҷудо намудани интихоби методика, ба нақша даровардани рафти таҳқиқот, муайян кардани натиҷаҳои интизоршуда, баҳо додан ба натиҷаҳои амалӣ кардани таҳқиқот, ошкор кардани захираҳои зарурирο пешниҳод мекунад, дарк мекунем [12].

Ба муаллим, ҳамчун ба ташкилотчии фаъолияти чунин намуд, масъулияти зиёд гузошта шудааст. Ҳолон ки вай бояд на фақат босаводона фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии таълимгирандагонро ба нақша дарорад, балки инчунин онҳоро дар иҷро кардани таҳқиқот далелнок намояд, дар ҳолати зарурӣ фаъолият сари вақт тасҳеҳ карда шавад ва ба кори кардашуда саводона баҳо дода шуда, ба саъю кӯшиши хонандагон нисбат ба ҷустуҷӯйи таҳқиқотҳои доимӣ ҳавасманд гардонида шаванд. Барои ҳамин педагог дар доираи методологияи фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ бояд на фақат маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакаҳоро дошта бошад, балки боз инчунин маҷмааи тавсифҳои шахсиятро доро бошад.

Ба назардошти дар боло шарҳу эзоҳ додашудаҳо аз ҳама бештар мушкилоти омода намудани муаллимон нисбат ба ташкил кардани фаъолияти таҳқиқотии хонандагон дар рафти таълими физика мубрам мегардад. Омодагиро нисбат ба чунин намуди фаъолият дар доираи ташкил кардани курсҳои махсуси баланд бардоштани дараҷаи ихтисос аз рӯйи барномаи «Омода намудани муаллимони физика нисбат ба фаъолияти илмӣ-методӣ ва лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ дар шароити амалӣ кардани стандартҳои давлатии таҳсилот» ба вуҷуд овардан мумкин аст. Дар натиҷаи аз худ кардани барнома шунаванда бояд *донад* [9]:

- талаботи стандартҳои давлатии таҳсилотро нисбат ба ташаккул додани натиҷаҳои предметӣ ва метапредметии таълими воситаҳои предмети таълими «Физика»;
- мафҳуми фаъолияти таҳқиқотӣ ва лоиҳавии хонандагон, сохтор ва хусусиятҳои онҳо;
- қонуниятҳои психологӣ-педагогӣ ва таъминоти методии ташкил кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон ҳангоми омӯзиши физика;
- методикаҳо ва технологияҳои рушди фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон;
- талаботҳо нисбат ба равшаннамоӣ ва таҷҳизонидани кабинети физика, нисбат ба воситаҳои намоиши аудиоии таълим ва имкониятҳои дидактикии онҳо дар рушди фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон;
- намудҳо ва имкониятҳои истифода бурдани технологияҳои иттилоотии муосир бо мақсади рушди фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон.

Дар натиҷаи аз худ кардани барнома шунаванда бояд *тавонад*:

- таҳлил ва ҷудо кардани ҷабҳаҳои арзишноки дониш ва маълумотҳои таълимӣ, таъмин намудани мавҷудияти таҷрибаи таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯйи-

экспериментalии мактаббачагон дар рафти дарк кардан, маънидод кардан ва фаҳмидагирии ҷабҳаи мазкур аз тарафи онҳо;

➢ татбиқ намудани шабеҳият нисбат ба шартҳои муосири технологияҳои таҳсилот, аз он ҷумла иттилоотӣ, ва инчунин захираҳои рақамии таҳсилот бо мақсади рушди омодагии хонандагон нисбат ба таҷдид намудани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон;

➢ такя ба хусусиятҳои психологӣ-педагогӣ, синусолӣ ва дигар хусусиятҳои хонандагон намуда, ташкил кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии таълимгирандагон тавассути технологияҳои иттилоотии муосир ва методикаи таълим;

➢ ташакул додани намудҳои гуногуни масъалаҳои таълимӣ-таҳқиқотӣ ва пайваст кардани хонандагон, дар мувофиқа бо сатҳи рушди маърифатӣ ва шахсӣ дар фаъолияте, ки ба ҳалли онҳо равона карда шудааст (дар намуди фардӣ, коллективӣ ё ин ки дар шакли гурӯҳӣ), дар ин ҳолат нигоҳ доштани мувозинатии ташкилдиҳандаҳои предметӣ ва метапредметии мазмуни онҳо дар стандарти таҳсилотӣ;

➢ ташкил кардани ташаккули малакаҳои аналитикӣ-ҷустуҷӯйии хонандагон, ки дар намудҳои гуногуни корҳои беруназсинфӣ зоҳир мегардад;

➢ таҳлил ва ба расмият даровардани натиҷаҳои фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон.

Дар натиҷаи аз худ кардани барномаҳо шунаванда инчунин бояд *аз худ намояд* [2]:

➢ салоҳиятҳои умумимаданӣ ва касбӣ;

➢ шаклҳои интерактивӣ ва методҳои корҳо, ҷабҳаҳои методии истифода бурдани онҳо дар раванди ташкил кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии мактаббачагон на фақат дар таълим, балки боз дар фаъолияти беруназсинфӣ;

➢ методикаи роҳбарӣ кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон;

➢ асбобу анҷом ва технологияҳои ташхис, арзиши фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон;

➢ малакаҳои асосии корҳо бо муҳаррирҳои гуногуни матнӣ, почтаи электронӣ, ҷадвалҳои электронӣ, таҷҳизотҳои мултимедиа ва навъҳои гуногун барои кор карда баромадани натиҷаҳои фаъолияти лоиҳавӣ ё ин ки таҳқиқотии хонандагон;

➢ малакаҳои ба лоиҳа даровардани вазъият ва ҳодисаҳои мушкилотӣ, ки ба рушди далелнокии доираи эҳсосӣ-таҳқиқотии хонандагон мусоидат мекунад;

➢ малакаҳои мустақилона ба лоиҳа даровардан ва дар оянда амалӣ кардани барномаи ташкил кардани гузаронидани таҳқиқотҳои таълимӣ;

➢ малакаҳои ба нақша даровардан, таҷдид намудан ва мониторинги эксперименти таълимии таҳқиқотӣ, чӣ бо ёрии технологияҳои мумтозӣ (компютерӣ) ва чӣ бо истифода бурдани таҷҳизотҳои физикии мактабӣ.

Амалӣ кардани барномаи пешниҳод намудаи мо дар мавзӯи «Омода намудани муаллимони физика нисбат ба фаъолияти илмӣ-методӣ ва лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ дар шароити амалӣ кардани стандартҳои давлатии таҳсилот» гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалиро пешниҳод мекунад, ки дар он бо муаллимон тренинг (машқ) гузаронида мешавад, ки дар оянда ба ташаккул ва рушди тавсифи шахсияти онҳо, ки ба малакаҳо ва салоҳиятҳои онҳо мувофиқ меояд, мусоидат мекунад.

Аз рӯйи фикри мо, аз ҳама бештар муносибаш ин дар барнома дохил кардани чунин се қисмҳои асосӣ мебошад [8, 18]:

1. Пропедевтикаи ташаккул додани амалиётҳои таълимии универсалӣ (оммавӣ) дар хонандагон дар раванди фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ.

2. Ташкил кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон тавассути гузаронидани экспериментӣ табиӣ-илмӣ.

3. Дар раванди фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ дар хонандагон ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ.

Ҳангоми омӯзиши қисми якум ҷабҳаҳои назариявии фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон, инчунин асосҳои методии ташкил кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон ҳангоми омӯзиши физика кушода мешавад.

Дар доираи омӯзиши қисми дуввум ташкил кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон тавассути гузаронидани эксперименти табиӣ-илмӣ дида баромада мешавад, ки дар ин ҳолат диққати зиёд ба амсиласозии компютерии равандҳои физикӣ дода мешавад.

Чӣ тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, дар лаҳзаи ҳозира олами моро иҳотакунанда дарк карда шуда истодааст ва бо ёрии шакл ва методҳои гуногуни таҳқиқот омӯхта шуда истодааст, ки дар байни онҳо пешбаранда муносибати эксперименталӣ мебошад. Барои ҳамин воситаи муҳим барои самаранок ташаккул додани донишҳои табиӣ-илмӣ аз рӯйи физика ин гузориш ва гузаронидани эксперименти физикӣ мебошад. Таҳлили адабиётҳои методӣ имконият медиҳанд, ки элементҳои системаҳои ҷамъовардашудаи эксперименти физикии мактабӣ ҷудо карда шаванд [1]:

1). таҷрибаҳои демонстратсионӣ (намоишӣ) ва мушоҳида;
2). корҳои лабораториии фронталӣ (рӯ ба рӯ);
3). таҷрибаҳои физикӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои педагогӣ нишон доданд, ки яке аз самтҳои аз ҳама бештар возеҳу равшан ва ояндадорӣ татбиқ намудани технологияҳои иттилоотии муосир дар таҳсилоти физикӣ ин дар дарсҳо ва дар вақтҳои беруназсинфӣ истифода бурдани амсиласозии компютерии ҳодисаҳо, қонуниятҳо ва равандҳои гуногуни физикӣ мебошад. Ба ғайр аз ин, раванди амсиласозии компютерии мумтозӣ барои таълимгирандагон шавқовар ва судманд мебошад, зеро ки натиҷаи он ҳама вақт шавқовар, ва дар баъзе ҳолатҳо тасодуфӣ мебошад.

Дар корҳои Е.З. Власова, В.А. Красильникова, Л.Н. Харченко ва дигарон қайд карда шудааст, ки ҳангоми эҷод кардани амсилаҳои компютерии физикӣ ва мушоҳида кардани онҳо дар амалиёт, бачагон бо як қатор ҳодисаҳои физикӣ шинос мешаванд, онҳоро дар сатҳи баланд омӯхта, таҳқиқотҳои на он қадар калонро мегузаронанд [1].

Маълум аст, ки амсилаҳои компютерӣ ба осонӣ дар сохтори дарси анъанавии физика тасвир карда мешаванд. Дар ин ҳолат ба муаллим имконият дода мешавад, ки дар монитори компютер ҳодиса ва эффектҳои бешумори физикӣ намоиш дода шавад, ки ба ҷори кардани намудҳои нави ғайрианъанавии фаъолияти таълимии хонандагон мусоидат мекунад. Дастури муосири мултимедиагӣ, чопӣ ва экранӣ ба таври оқилона бо таҷрибаҳои намоишӣ, ки сидқан дар системаи умумии раванди таълим дохил мешаванд, ҳамкорӣ мекунанд.

Ба ғайр дар боло номбаршудаҳо, амсиласозии мумтозӣ ба таври айёнӣ экспериментҳои гуногуни физикӣ ва ҳодисаҳои табиатро тасвир мекунад, бо саҳеҳии калон ҷузъҳои нозуки онҳоро, ки ҳангоми гузаронидани корҳои эксперименталӣ дар шароитҳои ҳақиқӣ аз тарафи мушоҳидакунанда ошкор кардан мумкин нест, таҷдид мекунад. Ҳамин тариқ, татбиқ намудани амсилаҳои компютерӣ ва лабораторияҳои мумтозӣ ба муаллими физика имконият медиҳад, ки намоишҳои шавқовар намоиш дода шавад ва бо ёрии амсилаҳои оддӣ равандҳо ва ҳодисаҳои воқеии физикии табиӣ муоина карда шавад. Илова бар ин, муносибати мазкурро истифода бурда, муаллим метавонад марҳила ба марҳила дар дида баромадани як қатор лаҳзаҳои иловагӣ ва омилҳо, ки имконияти мураккаб намудани амсиларо доранд, пайваст шуда, мунтазам онро ба воқеӣ наздик намояд. Инчунин, чӣ тавре ки таҷрибаи таълими физика нишон медиҳад, компютер имконият медиҳад, ки вазъияте, ки ба таври эксперименталӣ дар шароитҳои кабинети физикаи мактабӣ амалӣ кардан душвор аст, амсиласозӣ карда шавад, мисол, кори дастгоҳи ядроӣ [11].

Лаҳзаи баҳснопазир он омил мебошад, ки кори хонандагон бо лабораторияҳои мумтозӣ ва амсилаҳои компютерӣ бениҳоят фоидаовар аст, чунки дар ин ҳолат аз тарафи онҳо мумкин аст, ки мустақилона як миқдор таҷрибаҳои гуногун таҷдид карда шуда, таҳқиқотҳои экспериментали гузаронида шаванд. Барои ҳамин интерактивност (таъсириҳамдигарӣ) дар назди хонандагон имкониятҳои маърифатии калонро мекушояд, онҳоро на фақат мушоҳидакор, балки инчунин ба экспериментатори фаъол табдил медиҳад.

Маълум аст, ки лабораторияи компютерии мумтозӣ наметавонад, ки лабораторияи физикии мактабиро иваз намояд. Лекин ҳангоми иҷро кардани корҳои лаборатории компютерӣ дар таълимгирандагон салоҳият ташаккул меёбад, ки барои гузаронидани ҳамаи экспериментҳои воқеӣ зарур аст (интихоби шароити гузаронидани эксперимент, муайян кардани лавозимотҳои лозимӣ, параметрҳои гузаронидани таҷрибаҳо ва м. и.). Ҳамаи ин ҳалли аксарияти масъалаҳои физикиро ба таҳқиқотҳои хурд (микроисследование) табдил медиҳад, ки ба рушди тафаккури ғайристандартии эҷодии хонандагон мусоидат мекунад, далелнокӣ ва шавқу рағбати онҳоро нисбат ба физика баланд мебардорад.

Дар раванди амалӣ кардани барномаҳои баланд бардоштани тараҷаи ихтисоси тахассусии муаллимони фанни физика мо ба барномаҳои компютерии ширкати «Физикон» «Физикаи кушод; тафсири 2.5» такя намудем [13]. Интихоби мо ба он асос карда шуда буд, ки курси компютерии «Физикаи кушод; тафсири 2.5» шаҳодатномаи Маркази миллии патенти иттилоотии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта буд. Мазмуни он ба барномаи курси физика барои ташкилотҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва аз тарафи Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати дастури таълимӣ барои мактабҳои миёна тавсия дода шудааст. Курси мазкур воситаи самараноки муносиб кардан ва баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон нисбат ба физика мебошад. Вай на фақат ба мактаббачагон, балки инчунин ба хонандагони коллеҷҳо, литсейҳо, гимназияҳо, шахсоне, ки физикаро мустақилона меомӯзанд ва дохилшавандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавсия дода мешавад.

Сохти курси компютерии таълимии «Физикаи кушод; тафсири 2.5» дар худ ба сифати модулҳои алоҳида миқдори зиёди амсилаҳои компютерии интерактивиро дарбар мегирад, ва онҳо имконият медиҳанд, ки дар монитори компютер сохтакории таҷрибаҳо ва экспериментҳои физикӣ, маҷмӯаҳои навиштҳои видеоии экспериментҳои намоишӣ мушоҳида карда шаванд. Илова бар ин, дар курси мазкур шарҳу эзоҳи садогӣ дар намуди порчаҳои лексия, ки роҳбари илмии лоиҳа С.М. Козел хондааст, пайваст карда шудааст [10].

Амсилаҳои компютерӣ, ҳамчун элементҳои мазмуни курс ба истифодабаранда имконият медиҳад, ки рафтору кирдори объект дар экрани компютер идора карда шавад, шартҳои аввалаи экспериментҳо тағйир дода шавад ва таҷрибаҳои физикии гуногун гузаронида шавад. Баъзе амсилаҳо имконият медиҳанд, ки ҳатто дар экран (параллел бо рафти эксперимент) сохтани вобастагиҳои графикӣ аз вақт барои як қатор бузургиҳои физикӣ, ки экспериментро тасвир мекунанд, мушоҳида карда шавад. Қисмҳои аз ҳама бештар диққатҷалбкунандаи курси мазкур имконият медиҳанд, ки навишти видеоии экспериментҳои воқеӣ гузаронида шавад, ки ин дар навбати худ машғулиятҳоро хеле зинда ва шавқовар мегардонад.

Махсус қайд менамоем, ки ба ҳар як амсилаи компютерӣ ва ба ҳар як порчаҳои видеоӣ шарҳу эзоҳи муфассал, ки ба қонуниятҳои физикии экспериментҳо ва ҳодисаҳои мушоҳидашаванда тааллуқ доранд, оварда шудаанд. Онҳоро на фақат дар экрани дисплей хондан мумкин аст, балки чоп (дар ҳолати зарурӣ), ва инчунин гӯш кардан мумкин аст (ҳангоми мавҷуд будани сохтори садотаҷдидкунанда). Бартарии курси мазкур аз он иборат аст, ки таркиби модулии он имконият медиҳад, ки интихоб кардани амсилаҳои компютерӣ ва мувофиқ ба он экспериментҳо тағйир дода шавад. Ин имконият медиҳад, ки барои шабакаи Internet ва таҳсилоти фосилавӣ маҳсулҳои таҳсилоти кушод эҷод карда шавад. Дар оянда муаллим худаш метавонад

мазмуни курсро, вобаста аз мақсадҳое, ки дар назди машғулият гузоштааст, тағйир диҳад, шарҳу эзоҳи худ ва супоришҳоро барои амсилаҳои компютерӣ эҷод намояд, шартҳои аввалаи таҷрибаҳои намоишии ба нақша гирифташударо нигоҳ дорад, дар курс масъалаҳо ва саволҳои таълимии эксперименталии навро дохил намояд.

Дар қисми сеюми барномаҳои баланд бардоштани дараҷаи ихтисос шунавандагони курсҳо бо методикаи ташаккул ёфтани мафҳумҳои физикӣ дар хонандагон дар раванди фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ шинос мешаванд. Диққати махсус барои аз худ кардани мафҳумҳои физикии хонандагон дар раванди ташкил кардани фаъолияти таълимии онҳо аз рӯйи таҳқиқ намудани ҳодисаҳо ва қонуниятҳои механикӣ, ҳодисаҳои ҳароратӣ, ҳодисаҳои магнитӣ дода мешавад. Ин элементҳои дониш, чӣ тавре ки таҷрибаи корҳои педагогӣ нишон медиҳад, дорои нерӯи бузург барои амалӣ кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии мактаббачагон ҳангоми таълими физика мебошад.

Дар натиҷаи аз худ кардани барномаҳо муаллимони физика бояд марҳилаҳои асосӣ, методҳо ва тарзҳои ташаккул ёфтани мафҳумҳоро ҳангоми омӯзиши қисмҳои гуногуни курси физикаи мактабӣ донанд ва хонандагонро дар фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми ташаккул ёфтани онҳо дар дараҷаҳои гуногуни омӯзиши физика пайваст карда тавонанд.

Чӣ тавре, ки таҳлили адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва методӣ нишон медиҳад [2, 3, 4], ташаккул додани мафҳумҳоро бо тарзҳои гуногун ба вуҷуд овардан мумкин аст: эксперименти намоишӣ, сӯҳбати эвристикӣ, таҷрибаи фронталӣ (рӯ ба рӯ) барои таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот, маводҳои дидактикӣ ва ғ. Лекин модом ки ташаккул ёфтани мафҳумҳо дар рафти фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ ба амал меояд, дар он сурат дар ин раванди ташаккулёбӣ бояд элементҳои фаъолияти таҳқиқотӣ пайваст бошад. Аз натиҷаи чунин фарзияҳо мо муносибати методиро интихоб намудем, ки ба назария ва амалияи дар хонандагон ташаккул ёфтани мафҳумҳои илмӣ дар раванди таълимии А.В. Усова [6] ва амалияи ташаккул ёфтани дониш оид ба бузургиҳои физикӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои В.И. Земсова [15] асос карда шудаанд. Тарафи муҳими муносибати мазкур ин ғояҳои омодагии мактаббачагон ба таҳсилоти бефосила бо роҳи дар онҳо рушд додани шавқу рағбат нисбат ба фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ, тафаккури мантиқӣ, қобилияти мустақилона кор кардан ва хулосаҳои зарурӣ баровардан мебошад. Дар ин ҳолат ҳалли масъалаҳо аз тарафи хонандагон санҷиши аз худ кардани моҳият ва аҳамияти ташаккулёбии мафҳумҳои физикиро таъмин менамояд.

Мафҳум категорияи (дараҷаи) мураккаби мантиқӣ ва гносеологӣ мебошад. Аз рӯйи ақидаи А.В. Усова, мафҳум ҳамчун элементи дониш (оид ба сатҳҳои сохторҳои ташкил кардани материяҳо, ҳодисаҳо, хосиятҳои ҷисм ва бузургиҳое, ки онҳоро тавсиф медиҳанд, оид ба методҳои таҳқиқоти илмӣ ва ғ.) чунин шакли инъикоси ҳақоният мебошад, ки «моҳияти ашёҳо, хосияти дохилӣ, асосии предметҳо, табиати зиддияти дохилии онҳоро муайян мекунад» [5]. Дар гурӯҳи объектҳое, ки дар шуур бо ёрии мафҳуми мазкур инъикос мешаванд, мафҳумҳои асосӣ, муҳимро бо ёрии системаҳои саволҳо дар пай дар пайии муайяни мантиқӣ ошкор кардан мумкин аст. Чунин системаи саволҳо аз тарафи А.В. Усова нақшаи ҷамъбастии аз худ кардани синфҳои асосии мафҳумҳо номида шуд. «Чунин нақшаҳо ба худ яке аз шаклҳои ҷамъбасти назариявиро тасаввур мекунад ва нақши амалиёти асосии пешакӣ ё ин ки тахминии намуди сеюмро иҷро мекунад, ки ба аҳамияти муҳими он дар таълим чанд маротиба дар корҳои худ П.Я. Галперин и Н.Ф. Талызин нишон дода буданд» [7]. Ин нақшаҳо асоси пешакӣ на фақат барои хонандагон дар раванди корҳои мустақилона аз болои маводҳо, балки инчунин ба муаллимон кӯмак мерасонад, ки фикрҳои асосӣ, ва ғояҳо ҳангоми маънидод кардани маводҳои нав чудо карда шавад, пай дар пайии баён намудани он муайян карда шавад, ташхиси аз худ кардани донишҳои таълимӣ гузаронида шавад.

Ба сифати асос В.И. Земсова нақшаи ҷамъбастиро гирифта, онро барои ташаккул додани дониш оид ба бузургиҳои физикӣ (, ки мафҳумҳо мебошанд) бо

ёрии системаҳои махсуси масъалаҳои интихобӣ, ки мантиқи омӯзиши бузургиҳои физикиро аз рӯйи нақшаи омӯзиши он инъикос менамояд, татбиқ намуд (ниг. [16]). Ворид намудани бузургиҳо ва таснифи таърифи он дар раванди ҳалли масъалаҳои вазъияти экспериментали гузаронида мешавад, ки ба аломатҳои муҳими бузургиҳои физикии вориднамударо нишон медиҳад ва дар баробари ин аҳамияти онро мекушояд. Аломатҳои ғайримуҳим инчунин дар рафти ҳалли масъалаҳои физикии намудҳои гуногуни таълимӣ ошкор карда мешаванд [14].

Раванди ташаккул ёфтани мафҳумҳо чунин марҳилаҳоро дарбар мегирад [17]:

1. Дарки эҳсосӣ-муайянӣ (ҳалли масъалаҳои вазъиятии экспериментали аз тарафи хонандагон дар зери роҳбарии муаллимон).

2. Ошкор кардани хосиятҳои муҳими синфҳои объектҳои мушоҳидашаванда (таҳлили натиҷаҳои ҳалл, сӯҳбати эвристикӣ, тасвияи хулосаҳо).

3. Таҷрид (абстраксия) кардан (мубрамияти ворид намудани мафҳумҳои нави физикӣ).

4. Муайян кардани мафҳум (тартиб додани мафҳумҳо аз тарафи хонандагон, ислоҳ кардани муаллимон).

5. Дар хотира аниқ ва мустаҳкам кардани аломатҳои муҳими мафҳум (тағйир додани натиҷаҳои аввала ва ҳосил кардани натиҷаҳо ҳангоми ҳалли системаи масъалаҳо).

6. Барқарор кардани алоқаҳои мафҳуми мазкур бо дигар мафҳумҳо (ҳалли масъала барои ошкор кардани аломатҳои бузургиҳои ҷузъӣ, фарқияти мафҳумҳои бо ҳам монанд ва ғ.).

7. Татбиқ намудани мафҳум дар ҳалли масъалаҳои характери эҷодӣ дошта (ҳалли масъалаҳо барои пешгӯии рафти ҳодиса аз рӯйи шартҳои додашуда, барои пешгӯии тағйирёбии ҷорӣ шудани ҳодиса аз рӯйи шартҳои додашуда (тағйирёбиҳои муносиб дар шарти масъала нишон дода мешавад) ва м. и.

Нақшаҳои ҷамъбастии омӯзиши ҳодиса, бузургӣ, қонунҳо, назарияҳо, асбобҳо, равандҳои технологӣ, ки А.В. Усова кор карда баромадааст дар бисёр барномаҳо, дастурҳои таълимӣ ва адабиётҳои методӣ оварда шудаанд. Дар замони ҳозира дар корҳои методӣ нақшаҳои ҷамъбастии омӯзиши объекти моддӣ, объекти майдонӣ, амсилаи объекти моддӣ пайдо шудаанд [4]. Ҳамаи дар боло номбаршудаҳо ба мо имконият доданд, ки оид ба имкониятҳои татбиқ намудани нақшаҳои ҷамъбастии омӯзиши мафҳумҳо ва системаҳои махсус интихобшуда нисбат ба онҳо масъалаҳои физикии таълимӣ барои ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ дар раванди фаъолияти таҳқиқотии хонандагон хулоса барорем.

**Муқарриз: Бозоров Х. – н.и.п., дотсенти ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Бальцюк Н.Б., Буняев М.М., Матросов В.Л. Некоторые возможности использования электронно-вычислительной техники в учебном процессе: Учебное пособие. – М., 1989.
2. Баранова Ю.Ю., Перевалова Е.А., Тюрина Е.А., Чадин А.А. Методика использования электронных учебников в образовательном процессе. // Информатика и образование. 2000 - № 8.
3. Башмаков А.И., Башмаков И.А. Разработка компьютерных учебников и обучающих систем. – М.: Информационно-издательский дом «Филинъ», 2003. – 616с.
4. Беляева А. Управление самостоятельной работой студентов / А. Беляева / / Высшее образование в России. - 2003. - N6. - с. 105-109. Э.Н. Маковская.
5. Бережнова Е.В. Краевский В.В. Основы учебно-исследовательской деятельности студентов / Е.В. Бережнова В.В. Краевский. – М.: Издательский центр «Академия», 2015. – 128 с. Беспалько В.П. Образование и обучение с участием компьютеров (педагогика третьего тысячелетия). – М., Воронеж, 2002.
6. Боброва Л.В. Обучающие технологии и формирование основных компетенций студентов. Pedagogy & Psychology, Theory and practice. International scientific journal, № 6(8), 2016, pp. 8–10.
7. Боброва Л.В., Барабанова М.И., Рыбакова Е.А. Проблемы организации самостоятельной работы студентов в условиях дистанционного обучения. Сб. трудов международной научной конференции "Новые технологии в промышленности, науке и образовании", – М., 2017. с. 16–18.
8. Богоявленская Д.Б. Пути к творчеству. - М: Знание,1981. -96с. - (Новое в жизни, науке, технике. Сер. "Педагогика и психология"; №10).

9. Горовая В. ИКТ и самостоятельная учебная деятельность / В. Горовая, А. Диканский / / Высшее образование в России. - 2005. - N6. - с. 156-157.
10. Земцова В.И. Формирование знаний о физических величинах в процессе решения задач (электродинамика):учебное пособие. Орск: Изд-во Орского désinstitute, 1992.
11. Кахтачёва Э.Р. Научно-исследовательская деятельность студентов как фактор формирования ключевых компетенций. //Актуальные вопросы современной педагогики // Материалы VI Междунар. науч. конф., г. Уфа, март 2015 г., 112с. // [Электронный ресурс] Режим доступа: URL//http://moluch.ru/ (дата обращения 25.11.2016).
12. «Открытая физика: версия 2.5» под редакцией профессора МФТИ С.М. Козела. Часть 1, 2.
13. Пугачев В.П. Тесты, деловые игры, тренинги в управлении персоналом. – М.: Аспект Пресс, 2002.
14. Рогов Е.И. Настольная книга практического психолога / Е.И. Рогов. Книга 2. М., ВЛАДОС, 1999. 480 с.
15. Савенков А.И. Психологические основы исследовательского подхода к обучению: учебное пособие. Москва: «Ось-89», 2006.
16. Теория и методика обучения физике в школе: Общие вопросы: учебное пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений. С.Е. Каменецкий, Н.С. Пурышева, Н.Е. Важеевская и др.; Под ред. С.Е. Каменецкого, Н.С. Пурышевой. Москва: Изд. центр «Академия», 2000.
17. Усова А.В. Формирование у школьников научных понятий в процессе обучения. Москва: Педагогика, 1986.

## ОМОДА НАМУДАНИ МУАЛЛИМОНИ ФИЗИКА БАРОИ ТАШКИЛ КАРДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЛОИҲАВӢ-ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН

Мақола ба мушкилоти омода намудани муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нисбат ба ташкил кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон дар раванди таълими физика бахшида шудааст. Дар он мубрамияти мушкилоти мазкур барои соҳаи маориф асоснок карда шудааст. Дар барномаи кор карда баромада шуда диққати махсус ба омода намудани курсҳои баланд бардоштани дараҷаи ихтисос, талаботҳо барои аз худ кардани барномаҳои шунавандагон ва муайян кардани мазмуни қисмҳои барнома дода шудааст. Аз тарафи муаллифон ҷабҳаҳои назариявӣ ва асосҳои методии ташкил кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон дар дарсҳои физика дида баромада шудаанд. Нишон дода шудааст, ки ташкил кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагонро бо ёрии гузаронидани экспериментҳои табиӣ-илмӣ ба вуҷуд овардан мумкин аст. Барои ин диққати зиёд ба амсиласозии компютерии равандҳои физикӣ дода мешавад. Қайд карда шудааст, ки кори хонандагон бо лабораторияҳои мумтозӣ ва амсилаҳои компютерӣ бениҳоят фоидаовар мебошад, чунки онҳо метавонанд таҷрибаҳои сершуморро таҷдид намуда, таҳқиқотҳои эксперименталӣ гузаронида шаванд. Бо ин муносибат таъсирибайниҳамдигарии субъект ва объект дар назди хонандагон имкониятҳои маърифатии васеъро мекушояд, онҳоро на фақат мушоҳидакор, балки ҳамчун экспериментатор фаъол мегардонад. Дар мақола инчунин мувофиқи мақсад будан ва самаранокии методикаи ташаккул ёфтани мафҳумҳои физикӣ дар хонандагон тавассути дар онҳо ташкил кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ асоснок карда шудааст; ақидаҳо барои имконияти татбиқ намудани системаҳои масъалаҳои таълимии махсус-интихобии физикӣ ҳангоми гузаронидани корҳои мазкур шарҳу эзоҳ дода шудаанд; нишон дода шудааст, ки мақсаднок ташкил кардани фаъолияти таҳқиқотӣ ҳалли бисёр масъалаҳои физикиро ба таҳқиқотҳои хурд табдил медиҳад, ки ба рушди тафаккури эҷодии ғайристандартии хонандагон мусоидат мекунад, далелҳоро нисбат ба омӯзиш баланд мебардорад ва шавқу рағбатро нисбат ба физика рушд медиҳад.

**Калимаҳои калидӣ:** фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ, барномаи баланд бардоштани дараҷаи ихтисос, муаллими физика, шавқу рағбати маърифатӣ, малакаҳои аналитикӣ-ҷустуҷӯйӣ, масъалаҳои таълимӣ-таҳқиқотӣ.

## ПОДГОТОВКИ УЧИТЕЛЕЙ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ К ОРГАНИЗАЦИИ ПРОЕКТНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ФИЗИКЕ

Статья посвящена проблеме подготовки учителей общеобразовательных учреждений к организации проектно-исследовательской деятельности учащихся в процессе обучения физике. В ней обоснована актуальность данной проблемы для образовательной сферы. Особое внимание акцентировано на разработанной программе подготовки курсов повышения квалификации, перечислены требования к освоению программы слушателями, раскрыто содержание разделов программы. Авторами рассмотрены теоретические аспекты и методические основы организации проектно-исследовательской деятельности учащихся на уроках физики. Показано, что организация проектно-исследовательской деятельности учащихся может осуществляться посредством проведения естественнонаучного эксперимента, при этом большое внимание уделяется компьютерному моделированию физических процессов. Отмечено, что работа учащихся с виртуальными лабораториями и компьютерными моделями чрезвычайно полезна, поскольку они самостоятельно могут воспроизводить многочисленные опыты и проводить небольшие экспериментальные исследования. В связи с этим интерактивность открывает перед учащимися большие познавательные возможности, делая их не только наблюдателями, но и активными экспериментаторами. В статье также

обоснована целесообразность и эффективность методики формирования физических понятий у учащихся посредством организации их проектно-исследовательской деятельности; изложены взгляды на возможность применения системы специально-подобранных физических учебных задач при проведении данной работы; показано, что целенаправленная организация исследовательской деятельности превращает решение многих физических задач в микроисследование, стиму-лирует развитие творческого нестандартного мышления учащихся, повышает их мотивацию к учению и развивает интерес к физике.

**Ключевые слова:** проектно-исследовательская деятельность, программа повышения квалификации, учитель физики, познавательный интерес, аналитико-поисковая навыки, учебно-исследовательская задачи.

## PREPARATION OF TEACHERS OF GENERAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS FOR THE ORGANIZATION OF PROJECT AND RESEARCH ACTIVITIES OF STUDENTS IN THE PROCESS OF TEACHING PHYSICS

The article is devoted to the problem of training teachers of general education institutions to organize design and research activities of students in the process of teaching physics. It justifies the relevance of this problem for the educational sphere. Special attention is focused on the developed program for the preparation of advanced training courses, the requirements for the students to master the program are listed, the content of the program sections is disclosed. The authors considered the theoretical aspects and methodological foundations of organizing the design and research activities of students in physics lessons. It is shown that the organization of design and research activities of students can be carried out through a natural science experiment, while great attention is paid to computer modeling of physical processes. It was noted that the work of students with virtual laboratories and computer models is extremely useful, since they can reproduce themselves

In this regard, interactivity opens up great cognitive opportunities for students, making them not only observers, but also active experimenters. The article also substantiates the appropriateness and effectiveness of the methodology for the formation of physical concepts among students through the organization of their design and research activities; views on the possibility of using a system of specially selected physical training tasks during this work; it has been shown that purposeful organization of research activities turns the solution of many physical problems into micro-research, stimulates the development of creative non-standard thinking of students, increases their motivation for teaching and develops interest in physics.

**Key words:** design and research activities, advanced training program, physics teacher, cognitive interest, analytical and search skills, educational and research tasks.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Қодирова Дилафрӯз Толибовна*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳо. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров,16. Телефон: **988-45-51-47**, E-mail: **dilafruz.71@mail.ru**

***Тошматов Абдунабӣ Давлатович*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров,16. Телефон: **907-71-72-44;**

**Сведение об авторах:** ***Кодирова Дилафруз Толибовна*** - Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, доцент кафедры методики преподавания физики и технологии материалов. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова,16

Телефон: **988-45-51-47**, E-mail: **dilafruz.71@mail.ru**

***Тошматов Абдунаби Давлатович*** - Кулябский государственный университет имени А. Рудаки,, доцент кафедры общей и теоретической физики. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова,16 Телефон: **907-71-72-44**

**Information about the authors:** ***Kodirova Dilafruz Tolibovna*** **-** Kulyab State University named after A. Rudaki, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Physics and Technology of Materials. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, st. S. Safarova, 16. Phone: **988-45-51-47,** E-mail: **dilafruz.71@mail.ru**

***Toshmatov Abdunabi Davlatovich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Associate Professor of the Department of General and Theoretical Physics. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, st. S. Safarova, 16 Phone: **907-71-72-44;**

УДК:373.38

# МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ПЕШБУРД ДАР НИЗОМИ ТАРБИЯ ВА ТАЪЛИМ

*Қосимова Р.М.*
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур**

Қобили зикр аст, ки таҳсилоти муосир ҳамчун раванди инсонгароӣ тавсиф карда мешавад, ки дар маркази он шахсияти комил ва пешрафта меистад. Таҳкурсии асосии он муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ мебошад. Ҳарчанд дар солҳои охир синфҳои ибтидоӣ аз ҷиҳати шумора ва сифат ба талаботи рӯзафзун ҷавоб дода истода бошанд ҳам, лекин ҳоло ҳам аз камбудиҳо орӣ нестанд. Яке аз проблемаҳои асосӣ, ин сол то сол зиёд шудани муассисаҳои таълимӣ ва синфҳои камнуфус мебошад. Синфҳои камнуфус дар муассисаҳои таълимие дучор мегарданд, ки шумораи хонандагонаш кам мебошанд. Асосан, маънои аслии камнуфус, ин омехтагардонии хонандагони синну соли гуногун ва қобилияти гуногун мебошад [3]. Мафҳуми кануфусро дар ҳар ҷо ҳар хел ба қалам додаанд, ба мисли муштарак ё омехта, дусинфа, синфҳои иборат аз синну соли гуногун, синфхонаҳои камнуфус, синфҳои оилавӣ ё синфҳои синну соли гуногун. Дар ин тарзи таълимдиҳӣ, яъне таълим дар синфҳои камнуфус, омӯзгор бояд соҳиби дониш, маҳорати баланд ва қобилияти гузаронидани дарс барои дар як вақт бо ду-се ва ҳатто дар баъзе муассисаҳои таълимӣ бо чор синф дар як соат бошад. Албатта, дар чунин синфҳо омӯзгорон бо мушкилиҳои зиёд мувоҷеҳ мешаванд. Махсусан омӯзгорони навкор, камтаҷриба дар ин ҷода бо мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд.

Доир ба ин мавзуъ бисёр олимону донишмандони хориҷи кишвар, аз қабили Акпаева А., Беркеннова Г.С., Коктаев Г.Ф., Лебедева Л. А., Ломоносова С. С., Подласий Н.Н., Суворова Н.П., Фетискина М.И., Фролова И. П., инчунин донишмандони ватанӣ Азизова П., Аминов С., Валиев Б., Имомназаров Д., Лутфуллоев М., Менглиева, Мирбобоева Б., Шарифзода Ф., Д. Қунғуротов ва дигарон тадқиқот бурдаанд” [2].

Маърифати шаҳрвандӣ ин системаи тарбия ва таълими шаҳрвандӣ аст, ки бунёди шароити ташаккули мавқеи ахлоқии шаҳрвандӣ, салоҳиятнокии шаҳрвандӣ ва ба даст овардани таҷрибаи муфиди фаъолияти шаҳрвандиро дар радифи таҳсилоти бефосила пешниҳод менамояд. Ин маҷмуи ягона ба ҳисоб меравад, ки меҳвари онро таълим ва тарбияи сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ, ки тариқи ташкил намудани фанҳои таълимӣ ва инчунин бунёди тарзи тафаккури озоди хонандагон, ташаккули салоҳиятнокии иҷтимоӣ ва коммуникативии бо воситаи фанҳои таълимӣ амалӣ мегардад. Дар шароити имрӯза, маърифати шаҳрвандӣ дар зинаи аввал, яъне дар давраи ташаккулёбӣ қарор дорад. Дар ин давра мазмуну мундариҷаи маърифати шаҳрвандӣ коркард гардида, инкишофи оғози демократӣ дар ҳаёти муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад [5].

Тарбия намудани шаҳрванд, узви ҷомеаи демократӣ, танҳо дар муассисаи таълимии демократӣ имконпазир аст, бинобар ин, яке аз қадамҳои аввалиндараҷаи ташкили фазои мусоиди таълимӣ бояд ташаккули тарзи демократии ҳаёт дар мактаб, коллеҷ ё донишгоҳ бошад. Дарсҳои шаҳрвандшиносӣ ё омӯзиши ҷомеа наметавонанд ба таври мустақил шаҳрвандро ташаккул диҳанд, агар дар муассисаи таълимӣ муносибатҳои демократӣ ҷой надошта бошанд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки маърифати шаҳрвандӣ як навъ лоиҳаи иҷтимоӣ барои тамоми муассисаи таълимӣ ба ҳисоб меравад.

Тартиби демократӣ ҳамчун тарҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар маҷмуъ, бо фаъолияти мухталиф шароите ба ҳисоб меравад, ки ташаккули салоҳиятнокии шаҳрвандӣ, аз худ намудани таҷрибаи рафтори демократӣ аз тарафи хонандагон ва омӯзгорон, таҷрибаи мавқеи фаъоли шаҳрвандиро таъмин менамояд [4].

Лекин, қайд намудан зарур аст, ки омӯзиши асосҳои демократия вазифаи сода нест. Барои рушди демократия зарур аст, ки ҷавонон қабул намудани қарорҳои бошууронаро дар интихобот омӯзанд, муҳиммияти тартиботи ҳуқуқиро фаҳманд ва арҷгузорӣ намоянд, дар якҷоягӣ барои беҳбудии ҷомеа фаъолият намоянд, таҳаммулпазириро нисбати мухолифини худ нишон диҳанд, иштирокчиёни фаъоли ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ гарданд. Аз ин хотир, барои аз худ намудани донишҳо ва маҳорат, инчунин муайян намудани мавқеъ, ки аз шаҳрвандони фаъоли ҷомеаи демократӣ талаб карда мешавад, барномаҳои ҳаматарафаи омӯзиш ва тарбия зарур мебошанд.

Самаранокии барномаҳои таълимии асосҳои демократӣ ба принсипҳои муайяни фалсафӣ ва методӣ асос меёбад. Дар ҷанбаи фалсафӣ, пеш аз ҳама, дар тамоми барномаҳо арзиш ва шаъну шарафи асосии одамон эътироф карда мешавад. Аз ин рӯ, онҳо дар муассисаи таълимӣ вазъияти демократиро талаб менамоянд, ки дар сатҳи камтарини имкониятҳо ва мувофиқи сатҳи рушди хонандагон амалҳо ва масъулияти мустақилро муқаррар намоянд. Вазъияти авторитарӣ дар муассисаи таълимӣ ба тайёр намудани шаҳрвандони ҷомеаи демократӣ мусоидат карда наметавонад. Баръакс, чунин вазъият дар раванди таҳкими демократия монеа эҷод намуда, фарҳанги сиёсии мавҷударо устувор менамояд. Муассисаи таълимӣ заминаи асосии тайёр намудани шаҳрвандони ояндаи ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад [14].

Як қатор муҳаққиқон тарбияи шуравиро мавриди танқид қарор дода, қайд намудаанд, ки дар он асосан сатҳи дуюми омӯзиш мавриди истифода қарор дода мешуд. Чунин тарзи омӯзиш, бештар ба режимҳои авторитарӣ ва тоталитарӣ хос мебошанд. Бо чунин омӯзиш ва тарбия, инсон наметавонад, ки мавқеи худро дар давлати демократӣ касб намояд. Қайд намудан зарур аст, ки дар муассисаҳои таълимии кишварҳои мутараққии демократӣ ба хонандагон на технология, балки методология омӯзонида мешавад. Онҳо бояд, услуби муайяни тафаккурро нисбат ба ҷаҳон аз худ намоянд, ки онро метавон имконияти истифодаи қобилияти худ дар муҳити воқеӣ, ошкор намудани воситаҳои тасдиқ ва амалӣ намудани фардияти худ номид.

Дар тарбияи шаҳрвандӣ барои муайян намудани имконияти тамоми фанҳо дар раванди расидан ба ҳадафҳои маърифати шаҳрвандӣ, муаллифони консепсияи маърифати шаҳрвандӣ мавзуъҳои шаҳрвандиву ҳуқуқӣ ва таърихро афзалиятнок дониста, омӯзиши дақиқи муҳтавои ин илмҳоро таъкид мекунанд.

Мувофиқи идеяҳои маърифати шаҳрвандӣ, ин муаллифон тавсия медиҳанд, ки дар омӯзиши таърих бояд ба давраҳои асосии инкишофи ҷомеа, сабаб ва натиҷаи ҳодисаҳои таърихӣ, арзишҳо ва таҷрибаи наслҳои гузашта, шахсони машҳури таърихӣ, ғояҳо, эътиқод, таҳлили системаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ҷанбаҳои таърихии проблемаи ҳуқуқи инсон, системаҳои интихоботӣ, давлатдорӣ, қобилияти таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ диққат дода шавад. Зарур аст, ки нақш ва муҳиммияти донишҳо, малакаву маҳорати иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ҳаёти

инсон дарк карда шаванд. Омӯзиши таърих дар тарбияи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ватандӯстӣ, тарбияи башардӯстӣ, тарбияи сулҳдӯстӣ мусоидат менамояд [1].

Дар раванди омӯзиши ҷомеашиносӣ ғояҳои асосии маърифати шаҳрвандӣ бояд таҷассум шавад. Ҷомеа ҳамчун система, фаъолияти иҷтимоӣ ва рафтори инсон, воситаҳои ҳамкории одамон дар ҷомеа, салоҳиятҳои асосии иҷтимоии шахсият дар соҳаҳои мухталифи ҷомеа ва ғайраҳо мебошад. Албатта, ин мавзӯҳо дар тарбия намудани шаҳрванд мусоидат менамоянд. Ҳамин тариқ, дар назарияи маърифати шаҳрвандӣ кӯшиш карда шудааст, ки дар амалӣ намудани идеяи маърифати шаҳрвандӣ ва коркарди минбаъдаи назариявии дурнамои он, ба масъалаи тарбияи шаҳрвандӣ диққати махсус равона карда шавад.

Тазаккур додан бамаврид аст, ки тарбияи шаҳрвандӣ ин тарбияи шахсият ҳамчун шаҳрванди давлати демократии ҳуқуқӣ аст. Тарбияи шаҳрвандӣ шахсиятро ба системаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрванд ворид намуда, таҷрибаи фаъолиятро баҳри хайрияи давлат ва ҷомеа, омодагии иҷро намудани қарзи шаҳрвандиро ташаккул медиҳад. Тарбияи шаҳрвандӣ бо ташаккули масъулияти маънавӣ ва ахлоқӣ барои муҳити атроф мувофиқ аст. Тарбияи шаҳрвандӣ ба танзими системаи муносибати субъектҳои ҳуқуқ дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ равона карда шудааст. Дар ҷаҳони муосир нисбат ба тарбияи шаҳрвандӣ муносибатҳои мухталиф ҷой доранд. Чунончи, дар Амрико кӯшиш менамоянд, ки ба ташаккули масъулияти инсон нисбат ба ҷомеаи демократӣ диққат диҳанд. Дар кишварҳои Аврупо бошад, кӯшиш менамоянд, ки ҳуқуқи инсонро омӯзанд ва аз онҳо васеъ истифода намоянд [10].

Метавон гуфт, ки ки дар асоси муносибатҳои мухталиф коркарди таълимоти маърифати шаҳрвандиро ба роҳ монда, нигоҳ доштани давлату ҷомеа, таъмин намудани рушду инкишофи онро вазифаи доимии маърифат ва тарбия донистан равост.

Тарбияи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, бояд ба талаботҳои шаҳрванд равона карда шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мақсад ва вазифаҳои тарбияи шаҳрвандӣ ба тариқи дақиқ ва саҳеҳ ошкор карда шудаанд, лекин як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки дар самти истифодаи амалии он як қатор мушкилиҳо пайдо мешаванд.

Аз нуқтаи назари И. Синелников, вақте оид ба муайян намудани тарбияи шаҳрвандӣ сухан меравад, одатан бо ду мавқеи бо ҳам мухолиф рӯ ба рӯ шудан мумкин аст [13]. Тарбияи шаҳрвандӣ ба мухолифат ва мушкилиҳо нигоҳ накарда, хонандагонро ба ҳаёт ворид менамояд, ё ин ки шаҳрвандонро мувофиқи талабот ва дархости режими мавҷуда омода менамояд. Дар аксарияти ҳолатҳо кӯшиш карда мешавад, ки ин ду мавқеъ муттаҳид карда шаванд. Дар байни мавзуъҳои асосӣ, ки дар доираи шаҳрвандшиносӣ омӯхта мешаванд, метавон донишҳои ахлоқӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва ҳуқуқиро ҷудо намуд. Қайд намудан зарур аст, ки мувофиқи синну соли хонандагон ба таври доимӣ бояд салоҳияти онҳо низ васеъ карда шавад. Илова бар ин, дар тарбияи шаҳрвандӣ ҷанбаи психологӣ муҳим ҳисобида мешавад, ки дар ташаккули шахсият нақши муҳим дорад. Дар раванди тарбияи шаҳрвандӣ ба таври ҳатмӣ бояд чунин шаклҳои фаъолият, ба монанди суҳбатҳо, баҳсу мунозираҳо, соатҳои кураторӣ, рақобатҳои ҳарбӣ, викторинаҳо, экскурсияҳо гузаронида шаванд [6].

Метавон роҳҳои мухталифи амалӣ намудани тарбияи шаҳрвандиро ба ин тарз ҷудо намуд:

– иттилоотдиҳӣ оид ба чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ, ки ба нақша гирифта шудаанд ё аллакай амалӣ карда шудаанд;

– ташкил намудани экскурсия ба осорхонаҳо;

– нигоҳ доштан ва рушди анъанаҳои таърихӣ ва касбии ватандӯстӣ;

– гузаронидани конференсияҳо, маҷлисҳо оид ба ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ;

– иштирок дар чорабиниҳо ва барномаҳои сиёсати давлатии ҷавонон.

Дар ҳақиқат, тарбияи шаҳрвандӣ захираи муҳимми инкишофи қудрати ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа ба ҳисоб меравад, ки аз рушди бомуваффақияти он ояндаи кишвар ва миллат вобаста аст. Тарбияи шаҳрвандӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва марказии педагогика ба ҳисоб рафта, маҳз аз ҳамин хотир дар педагогика ва дар амалияи таълиму тарбия ба он диққати махсус равона карда шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муҳаққиқон ва педагогҳои машҳур оид ба тарбияи шаҳрвандӣ ва унсурҳои асосии он андешаҳои худро иброз намуда, муҳиммияти як қатор унсурҳои тарбияро нисбат ба дигар унсурҳои тарбия таъкид намудаанд.

Ба унсурҳои муҳимми тарбия мутафаккирон, аз қабили Муҳаммад Ғазолӣ, Унсурмаолии Кайковус, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, К. Д. Ушинский, В. А. Сухомлинский ва дигарон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар ин самт ақидаҳои ҷолиби диққатро пешниҳод намудаанд. Инчунин, муҳаққиқи тоҷик Т. Зиёзода таъкид менамояд, ки дар давраи шуравӣ ҷузъҳои таркибии тарбияи шаҳрвандии хонандагон, ки ба тарбияи коммунистӣ равона гардида буд, аз даҳ унсур иборат буд: тарбияи ғоявӣ, тарбияи маънавӣ, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи интернатсионалӣ, тарбияи ватанпарварӣ, тарбияи атеистӣ, тарбияи эстетикӣ, тарбияи меҳнатӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ [8].

Чунончи, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пас аз ба даст овардани истиқлолият мафҳуми «шаҳрванд» мавриди истифода қарор дода шуд, унсурҳои тарбия низ тағйир ёфтанд [9]. Як қатор унсурҳои тарбия хориҷ карда шуда, унсурҳои нав, ки ба давлати демократӣ мувофиқ мебошанд, ворид карда шуданд. Муҳаққиқони тоҷик, аз қабили Ҷононов С., Бобосодиқова Г.Б., Шаснович И.В., Ниёзова Л., Лутфуллоев М., Каримова И.Х., Афзалов Х.С., Қурбонова Ш.И., Хуромонов О., Давлатов Ф., Солиев Б.Х., Солиев Ш.Х., Ашуралиев М. И. ва дигарон ҷалб карда шуданд, ки онҳо потенсиали илмию таҳқиқотии шуъбаи таълими фанҳои ҷомеашиносиро оид ба маърифати шаҳрвандӣ афзун намуданд [11]. М. Лутфуллоев ва Т.Н. Зиёзода, таркиботи тарбияи шаҳрвандиро мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода, унсурҳои онро муайян кардаанд: тарбияи ғоявӣ, тарбияи миллӣ, тарбияи ватанпарастӣ, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи маънавӣ ва маърифат, тарбияи ҳуқуқӣ, тарбияи башардӯстӣ, тарбияи зебоипарастӣ, тарбияи сулҳдӯстӣ, тарбияи меҳнат ва интихоби касб, тарбияи экологӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи сиёсӣ, тарбияи иқтисодӣ, тарбияи мавқеи шахсӣ, тарбияи тафаккури интиқодӣ, тарбияи тоқатпазирӣ ва тарбияи масъулиятшиносӣ [7].

Тарбияи ғоявӣ ба ташаккули андешаҳои миллӣ равона гардида, яке аз категорияҳои ахлоқӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои асосии тарбияи ғоявӣ ҳимояи истиқлолияти давлатӣ, бунёд ва таҳкими ҷомеаи демократӣ, эҳёи хусусиятҳои миллӣ,

ба инобат гирифтани манфиатҳои миллӣ, ба давлати мутараққии ҷаҳон табдил додани кишвари хеш ба ҳисоб мераванд.

Тарбияи миллӣ ба ташаккули тафаккури миллӣ равона карда шуда, ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳангии ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ва воқеияти имрӯзаи миллат, эҳё намудани урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, инкишофи забон, илм ва фарҳанги миллиро фарогир аст. Бинобар ин, маърифати шаҳрвандӣ барои инсон ва шаҳрванд ниҳоят зарур буда, дар давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷараёни аз бар кардан, аз он истифода бурдан, ташаккул ёфтани шахсияти фард ба инсон ва шаҳрванд тамоми умр ҳамроҳӣ мекунад ва дар ин ҷода ба давлату ҷомеа нафъ меоварад [15].

Нақши маърифати шаҳрвандӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ низ хело бузург аст. Қайд намудан зарур аст, ки бунёди низоми маърифати шаҳрвандӣ танҳо дар ҳамкории сохторҳои соҳаи маориф ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ имконпазир мегардад. Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки тариқи амалӣ намудани лоиҳаҳои мухталиф сатҳи фаҳмиш ва дарки сиёсию ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоии мардумро баланд бардоранд.

Умуман, маърифати шаҳрвандӣ метавонад боиси рушди демократия гардад. Лекин аз тарафи дигар, маҳз дар давлати демократӣ замина ва имконияти ба роҳ мондани омӯзиши маърифати шаҳрвандӣ ҷой дорад. Зеро дар кишварҳои ғайридемократӣ ҳукуматдорон ҷиҳати боло рафтани донишҳои ҳуқуқию сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ манфиатдор нестанд. Дар асоси маърифати шаҳрвандӣ донишҳо, қобилият ва таҷрибаи шахс барои иштироки фаъол дар ҷомеаи демократӣ, бунёди имкониятҳои гуфтугӯ ва ҳалли моҷароҳо байни одамон, бадастории созиш, муносибат ва амали якҷоя, дарки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон, меъёрҳои рафтор ва арзишҳо, меъёрҳои этникӣ ва маънавии дохили ҷомеа таъмин карда мешавад [12].

Ҳамин тариқ, метавон иброз намуд, ки тарбияи шаҳрвандӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва марказии педагогика ба ҳисоб рафта, маҳз аз ҳамин хотир дар педагогика ва дар амалияи таълиму тарбия ба он диққати махсус равона карда мешавад. Мақсади бунёдии маърифати шаҳрвандӣ ташаккули шаҳрвандест, ки ба ҷомеаи шаҳрвандии муосир ва давлати ҳуқуқбунёд ҳамгиро ворид гардидааст. Ин маром тавассути ҷараёни муттасил иҷтимоигардонии шахсият ба даст оварда шудааст. Шаҳрванд бояд қонунҳо ва ҳуқуқу озодиҳои инсонро донад ва онҳоро эҳтиром кунад, дар бораи давлат, интихоботи демократӣ ва соҳаи салоҳияти шаҳрвандӣ донишҳои мукаммал дошта бошад, ба воқеияти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ аз назари интиқодӣ баҳо диҳад ва масъалаҳои гуногуни ҷомеаро таҳлил карда тавонад ва бо одамони дигар дар ҳамкорӣ бошад, дар ҳаёти ҷамъиятии ҷомеа фаъолона ширкат варзад, ватандаросту башардӯст бошад, таърихи миллат, урфу одату анъанаҳо ва арзишҳои дигари фарҳангӣ ва ахлоқи миллиро донистаю шинохта, дар ҳаёти худ ифода бурда тавонад.

**Муқарриз: Зиёзода Т.-д.и.п., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алексашина И.Ю. Учитель и новые ориентиры образования. СПб. 1997. – 153с.
2. Атахонов, Т. Очеркҳои афкори педагогӣ / М.Лутфуллоев, Ф.Шарифов Т. Атахонов. – Душанбе 2005.

3. Барномаи маърифати шаҳрвандӣ барои таълимгоҳҳои миёнаи касбии педагогӣ. –Душанбе: Ирфон, 2009.
4. Гражданское образование: содержание и активные методы обучения. Межрегиональная ассоциация «За гражданское образование». – М., 1998.
5. Гражданское образование. Под редакцией Н. Воскресенской, И.Фрумина. -М., 2000.
6. Зиёзода Т. Маърифати шаҳрвандӣ / Т.Зиёзода, М.Лутфуллоев. –Душанбе, 2009.
7. Зиёев Т.Н. Асосҳои илмии тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар таълими таърихи кишвар / Т.Н. Зиёев, Б.Н. Ҷумъаев. – Душанбе: Паёми ошно, 2004.
8. Зибев Т.Н. Теоретические проблемы стратегии развития гражданского образования в Республике Таджикистан / Т.Н.Зибев, Н.А. Кунтувдый. -Душанбе, Ирфон, 2009.
9. Иоффе А. Проблема оценивания в гражданском образвании / А.Иоффе. -М., 2005.
10. Консепсияи маърифати шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2008.
11. Лутфуллоев М. Оғози тарбия / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2002. –189 с.
12. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ) Мураттибон: Ғ. Бобизода. Д. Имомназаров., Ш. Исрофилниё., А. Байзоев. – Душанбе: Ирфон, – 73 с.
13. О развитии гражданского образования в России // Преподавание истории и обществознания в школе. -2003. -№ 8. -С. 23.
14. Педагогический словарь. Под ред. В. И. Загвязинского, А. Ф. Закировой. – М.: Академия, 2008. –
15. Шарифзода, Ф. Интеграция науки и образования в зеркале новых исследований // Вестник Академии образования Таджикистана. – №1 (15). – С. 42-56.

## МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ПЕШБУРД ДАР НИЗОМИ ТАРБИЯ ВА ТАЪЛИМ

Маърифати шаҳрвандӣ соҳаи нав ва босуръат рушдёбандаи маорифро пешниҳод менамояд, ки ба амалияи таълим равона карда шудааст. Хусусияти муҳимми маърифати шаҳрвандӣ дар робитаи бевоситаи омӯзишу тарбия бо амалияи иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ, имкониятҳои амалинамоии худ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Дар шароити имрӯза таҷрибаи аввалини татбиқи маърифати шаҳрвандӣ дар ҳаёти донишгоҳҳо дар шаклҳои мухталиф ва сатҳҳои гуногуни раванди таълим сурат мегирад. Таъкид намудан бамаврид аст, ки маърифати шаҳрвандиро ҳамчун самти махсуси корҳои тарбиявӣ-маърифатӣ метавон тавсиф намуд. Моҳияти маърифати шаҳрвандӣ тарбияи арзишҳо, донишҳо ва малакаҳои шаҳрвандият ҳамчун сифати интегралии шахс дар шароити ҷомеаи мавҷуда мебошад. Ин, албатта, аз тарбияи ҳуқуқӣ ва омӯзиши асосҳои демократияи муосир васеътар мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки шаҳрвандият дар анъанаҳои фарҳангии мухталиф тафсири гуногуни арзишӣ-маънои ва рафторро дорад. Омӯзиши маърифати шаҳрвандӣ ҳамчун фанни алоҳида дар чаҳорчӯбаи фанҳои дигари ҷомеашиносӣ имконият медиҳад, ки иштироки мардум, азхуднамоии таҷрибаи пешрафта дар соҳаҳои гуногун, бадастории тарҳ ва тарзи рафтори сиёсӣ, аз назари танқидӣ муносибат намудан ба ҳодисаву воқеаҳои гуногун таъмин карда шавад. Чунин ҳолат, албатта, ба таҳкими демократия ва ташаккулу инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд. Албатта, барои амалӣ намудани чунин фаъолият замина ва асосҳои махсус заруранд. Маърифати шаҳрвандӣ дар ташаккул ва инкишофи шахс мақом ва нақши муҳим дорад. Дар шароити имрӯза таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои алоҳидаи фанни маърифати шаҳрвандӣ зарур аст, зеро рушди соҳаҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ аз сатҳ ва мақоми шахс вобаста мебошад.

**Калидвожаҳо**: маърифати шаҳрвандӣ, омил, маориф, тарбия, мақом, хонандагон, ҷомеашиносӣ, шахсият, таълим.

## ГРАЖДАНСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ КАК ФАКТОР ПРОДВИЖЕНИЯ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВНИЯ И ОБУЧЕНИЯ

Гражданское образование предлагает новую, открытую и быстро развивающуюся область образования, ориентированную на образовательную практику. Важной особенностью гражданского образования является прямая связь образования с социальной практикой гражданского общества, возможность ее реализации в различных сферах общественной жизни. В современных условиях первый опыт внедрения гражданского образования в жизнь вузов имеет место в разных формах и на разных уровнях образовательного процесса. Следует отметить, что гражданское образование характеризуется как особое направление воспитательной работы. Суть гражданского образования заключается в развитии ценностей, знаний и навыков гражданственности как неотъемлемой части личности в существующем обществе. Это, конечно, выходит за рамки юридического образования и изучения основ современной демократии. Важно отметить, что гражданское общество по-разному интерпретирует ценности и поведение в разных культурных традициях.Изучение гражданского образования как отдельной дисциплины в рамках других

социологических дисциплин позволяет обеспечить участие общественности, усвоение передового опыта в различных областях, достижение дизайна и политического поведения, критический подход к различным событиям. Это, конечно, способствует укреплению демократии, формированию и развитию гражданского общества. Конечно, для такой деятельности нужны специальные площадки. Гражданское образование играет важную роль в становлении и развитии личности. В сегодняшних условиях необходимо разрабатывать и реализовывать отдельные программы по теме «Гражданское образование», потому что развитие определенных сфер общества зависит от уровня и статуса личности.

***Ключевые слова:*** Гражданское образование, фактор, образование, воспитание, статус, читатели, социология, личность, обучение.

## CIVIC EDUCATION AS OF A FACTOR IN THE PROMOTION OF THE EDUCATIONAL SYSTEM OF LEARNING

Civic education offers a new, open and rapidly developing field of education focused on educational practice. An important feature of civic education is the direct connection between education and the social practice of civil society, the possibility of its implementation in various spheres of public life. In modern conditions, the first experience of introducing civic education into the life of universities takes place in different forms and at different levels of the educational process.It should be noted that he characterized civic education as a special direction of educational work. The essence of civic education lies in the development of values, knowledge and skills of civicism as an integral part of the personality in the existing society. This, of course, goes beyond legal education and the study of the foundations of modern democracy. It is important to note that citizenship interprets values, values and behavior differently in different cultural traditions.The study of civic education as a separate discipline within the framework of other sociological disciplines allows for public participation, the assimilation of best practices in various fields, the achievement of design and political behavior, a critical approach to various events. This, of course, contributes to the strengthening of democracy, the formation and development of civil society. Of course, special sites are needed for such activities. Civic education plays an important role in the formation and development of an individual. In today's conditions, it is necessary to develop and implement separate programs on the topic "Civic education", because the development of certain spheres of society depends on the level and status of the individual.

**Key words:** Civic education, factor, education, upbringing, status readers, sociology, ptrsonality, education

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қосимова Рухшона Меҳридиновна*** – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шоҳтемур, омӯзгори кафедраи таърих ва ҳуқуқ. **Суроға:** 743003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. E-mail: **Ruhshon-Qosimova.r@mail.ru.**
Телефон. **909045757**

**Сведение об авторе:** ***Косимова Рухшона Меҳридиновна*** - Аграрный университет Таджикистана, ассистент кафедры истории и права. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 146
E-mail: **Ruhshon-Qosimova.r@mail.ru**. Телефон. **909045757**

**Information about the author:** ***Qosimova Ruhshona Mehridinovna***- assistan of the Departmtnt of History and Law of the Agrarian University of Tajikistan named after Sh. Shokhtemur. Address: 734003, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Rudaki Avenue 146 E-mail: **Ruhshon-Qosimova.r@mail.ru**.Phone:**909045757**

УДК 37.091.3:004

# ОИДИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ НОЗУКИ МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ БАРНОМАНАВИСӢ

*Ҳабибулозода К.Ҳ.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар замони муосир барномановисӣ яке аз касбҳои маъмултарин ва сердаромадтарин ба ҳисоб меравад. Барои дар ин соҳа кор кардан ҳатто дипломи ба он вобаста талаб карда намешавад. Илова бар ин, як шахс метавонад дар хона нишаста, тариқи интернет ба таври фосилавӣ [12, с.13] ба барномановисӣ машғул шавад. Аз ин ҷо, метавон барномановисиро касби ҳамагонӣ номид. Таҳлилҳои солҳои охир нишон доданд, ки инсон новобаста аз соҳаи фаъолияташ, агар барномановисиро донад, метавонад, дар соҳаи худ ба яке аз муваффақтарин мутахассисон табдил ёбад. Бисёр мутахассисон бар он ақидаанд, ки агар шахс аз айёми мактабхонӣ ба моҳияти барномановисӣ сарфаҳм равад, орзуи ҳуқуқшинос ё иқтисодчӣ шуданро намекунад, зеро як барномановиси моҳир метавонад ҳатто аз як вазир музди маоши зиёдтар дошта бошад. Дар замони ҷаҳонишавӣ ва бемориҳои фарогир, ба монанди COVID-19, талабот ба касби мазкур бештар гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки дар аксари муассисаҳои олии кишварамон ихтисосҳои вобаста ба барномановисӣ, мавҷуд аст, ки ҳар сол садҳо донишҷӯ ихтисосҳои мазкурро хатм мекунанд. Ногуфта намонад, ки дар айни ҳол дониши барномановисии донишҷӯён ба талаботи имрӯза чандон ҷавобгӯ намебошад. Пас, барои баланд бардоштани маданияти барномановисии онҳо, зарур аст, ки аз синфҳои поёнии мактабҳои миёна [4, с.8-9] ба омӯзиши барномановисӣ шуруъ кард. Барои барномановисиро дар сатҳи хуб аз худ кардан, пеш аз ҳама, бояд қобилияти зеҳнии хонанда инкишоф дода шавад. Қобилияти зеҳниро метавон бо ҳал намудани масъалаҳои гуногун инкишоф дод. Дар поён методикаи ҳалли масъалаҳои барномановисро дида мебароем, ки ҳатто барномановисони таҷрибадор баъзе ҷузъиёти онҳоро сарфи назар мекунанд.

Барномановисӣ [2, с.3,7] низ, яке аз методҳои ҳал намудани масъала буда, аз ТИИ муосир истифода мекунад. Пеш аз сохтани барнома, аввал бояд моҳияти масъала дарк карда шуда, сипас, вобаста ба талаботи масъала, барнома навишта шавад. Аз ин хотир, агар хонанда моҳияти масъаларо хуб дарк карда тавонад, пас ба осонӣ метавонад барномаи онро нависад. Барои навиштани як барнома бояд марҳалаҳои зеринро иҷро кард:

1. муайян намудани хостаҳои масъала;
2. таҳлили масъала;
3. тарроҳии алгоритми масъала;
4. амалисозии алгоритм;
5. санҷиши барнома [2,с.7].

Ҳар яке аз ин марҳалаҳоро шарҳ медиҳем.

**Муайян намудани хостаҳои масъала** – ин аст, ки, пеш аз ҳама, бояд масъала пурра дарк карда шуда, талаботҳои барои он лозим ба назар гирифта шаванд. Дар сурати дарк накардани масъала, ҳал намудани он ғайриимкон мебошад. Бинобар ин, агар мо масъаларо бори нахустин хонда, ба моҳияташ сарфаҳм нарафтем, бояд бори

дигар онро хонем. То замоне ки ба моҳияти масъала сарфаҳм наравем, наметавонем барои ҳалли он барнома нависем. Аз ин рӯ, ин марҳала марҳалаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

**Таҳлили масъала** – шомили муайян намудани вурудиҳо ва хуруҷиҳои масъала мебошад. Дар ин бахш бояд ба саволҳои зерин ҷавоб дод: Чӣ дода шудааст? Чиро бояд ёфт? Барои ҳалли масъала чӣ чиз намерасад? Масъала барои чӣ ҳал карда мешавад? Ва ғайра.

Агар марҳалаҳои 1 ва 2 ба хубӣ иҷро карда нашаванд, масъала дуруст ҳал нахоҳад шуд. Аз ин рӯ, масъаларо сараввал хонда, сипас, вурудиҳо ва хуруҷиҳои онро мушаххас кардан лозим аст. Барои ба моҳияти марҳалаи якум ва дуюм сарфаҳм рафтан, масъалаи мушаххасеро дида мебароем.

**Масъала**. *Тарафҳои росткунҷа дода шудаанд. Талаб карда мешавад, ки масоҳати он ҳисоб карда шавад[1,с.5-6].*

**Таҳлил.** Тавре медонем, барои ҳисоб намудани масоҳати росткунҷа донистани бар ва дарозии он зарур мебошад. Аз ин рӯ, бояд ба сифати бар ва дарозӣ ягон ададро пеши назар гирифта, сипас, масоҳати росткунҷаро ҳисоб намуд. Дар ҷадвали зерин вурудӣ ва хуруҷиҳои масъалаи додашуда оварда шудаанд:

| Вурудиҳо | | Хуруҷиҳо | |
|---|---|---|---|
| 1 | Дарозии росткунҷа | | Масоҳати росткунҷа |
| 2 | Бари росткунҷа | | |

Вақте ки вурудиҳо ва хуруҷиҳои масъала муайян карда шаванд, бояд формулае, ки робитаи байни онҳоро мушаххас мекунад, тартиб дода шавад. Барои масъалаи додашуда формулаи умумӣ чунин шакл дорад:

| |
|---|
| Масоҳат:=бар*дарозӣ;<br>(S=a*b). |

Дар баъзе мавридҳо мумкин аст, робитаи байни вурудиҳо ва хуруҷиҳо бо ин содагӣ анҷом нагирад ва зарур ба фарзҳо ва гипотезаҳои хос бошад. Агар мо додаҳои вурудӣ ва хуруҷиро аз ҳам ҷудо карда натавонем, он гоҳ баъд аз формулаи навишташуда, тағйирёбандаҳои (ҳарфҳои) пас аз амали баробар омада, додаҳои вурудӣ ва пеш аз аломати баробар омада, додаҳои хуруҷӣ мебошанд (на ҳама вақт). Масалан, дар ифодаи $P = 2(a + b)$ додаҳои вурудӣ $a$ ва b буда, P - хуруҷӣ мебошад. Агар пас аз амали баробар як тағйирёбанда (ҳарф) чанд маротиба низ такрор шавад, он танҳо як маротиба муаррифӣ карда шуда, дохил карда мешавад. Аз ин ҷо, барои ифодаи

$$P = 2(a + b) + \sqrt{a - 2} + b^2$$

додаҳои вурудӣ низ $a$ ва b мебошанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки баъзан хонандагони (донишҷӯёни) навомӯз ва ҳатто хонандагони (донишҷӯёни) таҷрибадор ба саҳлангорӣ роҳ дода, баъзе масъалаҳоро пурра ҳал карда наметавонанд. Масалан, соли 2017 дар олимпиадаи ҷумҳуриявии «Ҷоми Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон-2017», ки дар байни муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда буд, яке аз масъалаҳо чунин шакл дошт:

**Масъала**. Ҳалҳои муодилаи зерин ёфта шавад.

$$ax^2 + bx + c = 0.$$

Новобаста аз он ки, шакли зоҳирии масъала хело сода мебошад, аммо пас аз ҷамъбасти олимпиада маълум гардид, ки касе аз уҳдаи ҳалли он баромада натавонистааст. Сабаби ҳал карда натавонистани донишҷӯён дар баёни шарти масъала мебошад. Ҳамаи донишҷӯён шакли зоҳири масъаларо дида, онро ҳамчун муодилаи квадратӣ дар назар гирифта, ҳал кардаанд. Бехабар аз он ки дар ин ҷо калимаи квадратӣ мавҷуд набуда, метавонад дилхоҳ коэффитсиенти он ба сифр баробар бошад. Масалан, ҳамаи коэффитсиентҳо аз сифр фарққунанда бошанд, ҳалли онҳо дуруст аст. Агар $a = 0$ бошад, муодила шакли $bx + c = 0$- ро дошта, муодила хаттӣ мебошад, ки ҳангоми бо усули ёфтани дискриминант ҳал кардан, нодуруст мебошад. Ба ҳамин монанд, якчанд ҳолатҳои имконпазири онро дар поён меорем:

✔ агар $b = 0$ бошад, муодила шакли $ax^2 + c = 0$-ро мегирад;

✔ агар $c = 0$ бошад, муодила шакли $ax^2 + bx = 0$ −ро соҳиб мешавад;

✔ агар $a = 0$ ва $b = 0$ бошад, муодила танҳо дар сурати $c = 0$ будан ҳал дорад;

✔ агар $a = 0$ ва $c = 0$ бошад, он гоҳ $bx = 0$ мешавад;

✔ агар $b = 0$ ва $c = 0$ бошад, он гоҳ муодила шакли $ax^2 = 0$− ро мегирад;

✔ агар $a = 0, b = 0$ ва $c = 0$ бошанд, муодила ҳалҳои бешумор дорад.

Аз ин ҷо марҳилаи таҳлили масъаларо метавон яке аз нозуктарин ва душвортарин марҳилаҳои ҳалли масъала номид.

Илова бар ин, дар ин марҳила фосилаи имконпазири қимати додаҳои вурудӣ ва натиҷаи интизоршаванда бояд ба назар гирифта шавад [10-11].

Дар **тарроҳии алгоритми масъала** зарур аст, ки марҳалаи анҷоми кори масъала дақиқан равшан гардад. Сипас, муайян карда шавад, ки оё алгоритми масъала дуруст кор мекунад ё не? Барои ҳалли масъала кадом намуд алгоритмҳо вуҷуд доранд? Алгоритми содатарини ҳалли масъала низ вуҷуд дорад? Ин марҳала марҳалаи душвортарини ҳалли масъала ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, маслиҳат дода мешавад, ки баъзе ҷузъиёти масъала сарфи назар карда шуда, аз равиши боло ба поён (top down design) истифода бурда шавад. Дар ин равиш аввал марҳалаҳои асосии масъала ҳал карда мешаванд ва сипас бо ҳалли марҳилаи боқимонда, масъала пурра ҳал мегардад. Аксари алгоритмҳо дорои марҳалаҳои зерин мебошанд:

1. хондани додаҳо;
2. иҷрои ҳисобкуниҳо;
3. чопи натиҷа.

Вақте ки марҳалаҳои асосии масъала муайян шуданд, метавон ҳар марҳаларо алоҳида-алоҳида иҷро кард.

Мавриди зикр аст, ки барои ҳалли як масъала метавонад алгоритмҳои зиёд мавҷуд бошад, аммо бояд алгоритмеро интихоб кард, ки аз нуқтаи назари иҷроиш оптималӣ буда, барои он коди камтар ва фаҳмотар навишта шавад. Ҳоло ба сифати намуна масъалаеро меорем.

**Масъала**. Элементҳои давра бо чунин тартиб рақамгузорӣ шудаанд: 1 – радиус R; 2 – диаметр, D=2R; 3 – дарозӣ $L = 2\pi R$, 4 – масоҳати доираи бо ин давра маҳдуд $S = \pi R^2$. Рақами тартибии яке аз бузургиҳо ва қимати он дода шудааст. Қимати бузургиҳои дигари давраро ҳисоб намуда, хориҷ кунед (бо ҳамин тартиб). Ба сифати қимати $\pi$ бузургии 3.14 истифода карда шавад.

Ҳоло ду барномаи алгоритми ҳалли ин масъаларо меорем. Барои дуруст дарк кардан, ибтидо алгоритми он қадар оптималӣ набударо истифода менамоем.

```
#include<iostream>
#include<cmath>
usingnamespace std;
int main() {
  int n;
  double R = 0, D, L, S;
  cin>>n;
  switch (n) {
  case 1:
          cin >> R;
          D = 2 * R;
          L = 2 * 3.14;
          S = 3.14 * R * R;
          cout << R << " " << D << " " << L << " " << S <<
endl;
          break;
  case 2:
          cin >> D;
          R = D/2.0;
          L = 2 * 3.14;
          S = 3.14 * R * R;
          cout << R << " " << D << " " << L << " " << S <<
endl;
          break;
  case 3:
          cin >> L;
          R = L / (2*3.14);
          D = 2 * R;
          S = 3.14 * R * R;
          cout << R << " " << D << " " << L << " " << S <<
endl;
          break;
  case 4:
          cin >> S;
          R = sqrt(S / 3.14);
          D=2*R;
          L = 2 * 3.14;
          cout << R << " " << D << " " << L << " " << S <<
endl;
          break;
  }
  system("pause");
  return 0;
}
```

Тавре ки аз шарти масъала дида мешавад, тарафи рости ҳамаи ифодаҳои дар шарти масъала овардашуда, аз $R$ вобаста мебошанд, бинобар ин, ҳангоми ёфтани $R$ метавон, қимати бузургиҳои боқимондаро ба содагӣ ҳал кард. Барои ин як тағйирёбандаи ёрирасон, масалан h гирифта, коди барномаро ба сурати зерин менависем, ки ҷойи камтареро банд мекунад.

```
#include <iostream>
```

```
#include <cmath>
using namespace std;
int main(){
  int n;
  double h,R=0,D,L,S;
  cin>>n>>h;
  switch(n){
  case 1:R=h;break;
  case 2:R=h/2;break;
  case 3:R=h/2*3.14;break;
  case 4:R= sqrt(h/3.14);break;
  }
  D=2*R;
  L=2*3.14;
  S=3.14*R*R;
  cout<<R<<" "<<D<<" "<<L<<" "<<S<<endl;
  system("pause");
  return 0;
}
```

Тавре ки дидда мешавад, ҳарду барномаҳои навишташуда як натиҷа медиҳанд, аммо алгоритми дуюм содатар мебошад.Яке аз марҳалаҳои тарроҳии алгоритм идоракунии он ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо, барои мо зарур аст, ки ҳар марҳаларо монанди компютер иҷро намуда, боварӣ ҳосил кунем, ки он мувофиқи хостаи мо амал мекунад. Агар хатогиҳои алгоритм дар ин марҳала (марҳалаи ҳалли масъала) ислоҳ карда шаванд, сабаби сарфаҷӯии вақт мегардад. Дар марҳалаи амалисозӣ, алгоритм бояд ба барнома табдил дода шавад. Ба ибораи дигар, ҳар қисмҳои алгоритм бо як ё якчанд дастурамалҳои забони барноманависӣ табдил дода шавад.Дар ин ҷо дар зеҳни хонанда метавонад якчанд саволҳо пайдо шаванд:

1) Барои навиштани барнома аз кадом забони барноманависӣ истифода бояд кард?

2) Оё барои навиштани барнома истифода аз зербарномаҳо зарур аст?

3) Барнома бо истифода аз китобхонаҳои тайёр (дар забони C++ - STL), (дар забони C# - LINQ) омода гардад ё алгоритм аз сари нав навишта шавад?

Ҳоло батартиб ба ин саволҳо ҷавоб мегардонем.

1) Интихоби забони барноманависӣ аз завқу хоҳиши истифодабаранда вобаста мебошад. Қаблан дар мактабҳои миёна аз забони Pascal истифода мешуд. Ҳоло бошад, дар аксари мактабҳои давлатҳои пешрафта аз забони Python истифода бурда мешавад. Умуман, забони барноманависро метавон дар асоси талабот нисбат ба он интихоб кард.

2) Агар барнома аз қисмҳои якчанд маротиба такроршаванда иборат бошад, он гоҳ метавон ин қисматро ба шакли зербарнома навишта, якчанд маротиба истифода кард. Дар ин ҳолат, ки ба хонанда усулҳои равон кардани параметрҳоро мавриди баҳс қарор дод.

3) Барои навомӯзон ҳал намудани масъала тавассути китобхонаҳои тайёр маслиҳат дода намешавад. Зеро хонанда тақлиди кӯр-кӯрона намуда, ба моҳияти алгоритм ва барноманависӣ сарфаҳм намеравад. Роҳи дуруст он аст, ки ибтидо ба таври стандартӣ барнома навишта, сипас имкониятҳои навро фаҳмонд.

Дар марҳалаи санҷиши барнома, барнома бояд комилан санҷида (тест карда) шавад, то муайян шавад, ки оё он ба талабот ҷавобгӯ ҳаст ё не. Дар қисми санҷишӣ, бояд барнома барои додаҳои гуногун чанд маротиба санҷида шавад, то муайян гардад, ки натиҷаи барнома ба натиҷаҳои интизоршаванда мувофиқат мекунанд ё не. Тавре ки дар марҳилаи таҳлили масъала қайд кардем, барои ба дурустии масъала боварӣ ҳосил намудан, бояд барои додаҳои гуногуни вурудӣ барнома санҷида шавад. Баъзан, ҳангоми натиҷа додани барнома баъзе хонандагон он қадар ба дурустии он эътибор надода, додаҳои вурудиро бо натиҷаҳои интизоршаванда муқоиса намекунанд. Ин бошад, ба хатогӣ меорад. Одатан, ҳангоми кор кардан бо сайтҳои олимпиадавӣ метавон ба хатогиҳои «Ҳалли қисман», «Баромадан аз фосилаи имконпазир», «Мувофиқ набудани додаҳои вурудӣ» ва ғайра рӯ ба рӯ шуд [10-11].

Хулоса, метавон қайд кард, ки яке аз маҳоратҳои навишта тавонистани барнома ба назар гирифтани марҳилаҳои овардашуда ба ҳисоб рафта, дар сурати сарфи назар кардани яке аз онҳо барнома метавонад дуруст кор накунад ва натиҷаи дилхоҳ надиҳад.

**Муқарриз: Мирзоев А.Р. – д.и.п., профессори ДБСваСТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абрамян М.Э. 1000 задач по программированию /М.Э. Абрамян. - Ростов-на Дону, 2004. - 154 с.
2. Арабов М.Қ. Асосҳои барноманависӣ дар C++ /М.Қ. Арабов. – Душанбе: РТСУ, 2018. – 400 с.
3. Голуб А. И. С и С++. Правила программирования /А.И. Голуб . – М.: БИНОМ, 1996. - 272 с.
4. Дженжер В. О. Место программирования в курсе информатики начальной школы /В.О. Дженжер // Вестник ОГУ, 2010. - №9 (115). –С. 154-159.
5. Арабов М.Қ. Маҷмуи мисол ва масъалаҳо аз барноманависӣ / М. Қ. Арабов, М.Ш. Халилова. – Душанбе: ДСРТ, 2018. - 138 с.
6. Арабов М.Қ. Маҷмуи мисол ва масъалаҳо аз барноманависӣ. Қисми 2 / М. Қ. Арабов, М.Ш. Халилова, Ф. Пиров . – Душанбе: ДСРТ, 2019. - 154 с.
7. Арабов М.Қ. Асосҳои барноманависӣ дар забони PascalABC.NET. Китоби дарсӣ /М.Қ. Арабов. – Душанбе: РТСУ, 2018. – 302 с.
8. Семакин И.Г. Школьная информатика на новом этапе // Информатика и образование / И.Г. Семакин, Е.К. Хеннер. - 2010. - № 10. - С. 3-10.
9. Хеннер Е.К. Базовое школьное образование по информатике /Е.К. Хеннер // Информатика и образование. - 2018. - № 1 (290). - С. 34-37.
10. [Электронный ресурс]. http://codeforces.com/
11. [Электронный ресурс]. https://informatics.mccme.ru/
12. [Электронный ресурс]. https://freelance.ru/
13. [Электронный ресурс]. https://www.freelancer.com/


## ОИДИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ НОЗУКИ МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ БАРНОМАНАВИСӢ


Дар мақола баъзе масъалаҳои нозуки омӯзиши барноманависӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода шудаанд. Баъзан навомӯзон ҳангоми навиштани барнома ба баъзе паҳлӯҳои масъала диққати ҷиддӣ намедиҳанд ва ба хатогӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Гоҳе мешавад, ки барномаи навиштаи онҳо кор мекунад, вале ба талаботи масъала ҷавобгӯ нест ва гоҳе дигар, баъзе ҷузъиёти дигар масъала сарфи назар карда мешаванд. Дар натиҷа барномаи сохтаи онҳо метавонад масъалаи мавриди назарро ба таври пурра ҳал накунад. Дар ин ҳолат барнома метавонад зуд бо хатогӣ рӯ ба рӯ шавад. Бинобар ин, пурра таҳлил намудани гузориши масъала, роҳҳои имконпазири ҳалли он ва дуруст навиштани барномаи он яке аз масъалаҳои асосии методикаи барноманависӣ ба ҳисоб мераванд.Баъзан чунин ҳолатҳое дучор мешаванд, ки баъзе навомӯзон барои ҳал намудани як масъала коди барномаро хело калон менависанд, дар натиҷа таҳлил ва хатозудоии он хеле душвор мегардад. Пас, зарур аст, ибтидо ҳамаи ҳолатҳои имконпазири ҳалли масъалаи гузошташуда мавриди баррасӣ қарор дода шуда, додаҳои гуногун барои санҷиш истифода шаванд.

**Калидвожаҳо**. Информатика, барноманависӣ, хонанда, гузориши масъала, алгоритм, таҳлили барнома, забони барноманависӣ.

**О НЕКОТОРЫХ ОСНОВНЫХ ВОПРОСАХ СЛОЖНОЙ МЕТОДОЛОГИИ ОБУЧЕНИЯ ПРОГРАММИРОВАНИЮ**

В этой статье обсуждаются некоторые тонкости обучения программированию. Иногда новички не уделяют должного внимания некоторым аспектам задачи при написании программы, и в итоге часто допускают ошибки. Иногда их программа написания работает, но не соответствует требованиям задачи, а иногда игнорируются некоторые другие детали задачи. В результате их программа может не полностью решить проблему. В этом случае программа может быстро столкнуться с ошибкой. Поэтому тщательный анализ условия задачи, возможные решения и правильное написание программы является одним из ключевых вопросов методологии программирования.Иногда бывает так, что некоторые новички пишут слишком большой программный код для решения проблемы, в результате чего его очень сложно анализировать и исправлять ошибки. Поэтому необходимо предварительно обсудить и рассмотреть все возможные случаи решения задачи и использовать для тестирования разные данные.

**Ключевые слова**: информатика, программирование, школьник, постановка задачи, алгоритм, анализ программ, язык программирования.

**ABOUT SOME BASIC ISSUES OF THE COMPLEX METHODOLOGY OF TEACHING PROGRAMMING**

This article discusses some of the subtleties of learning to program. Sometimes beginners do not pay enough attention to some aspects of the task when writing a program, and as a result they often make mistakes. Sometimes their writing program works but doesn't meet the requirements of the task, and sometimes some other details of the task are ignored. As a result, their program may not completely solve the problem. In this case, the program may quickly encounter an error. Therefore, a thorough analysis of the conditions of the problem, possible solutions and correct writing of the program is one of the key issues of programming methodology.Sometimes it happens that some beginners write too much code to solve a problem, making it very difficult to analyze and fix errors. Therefore, it is necessary to preliminarily discuss and consider all possible cases of solving the problem and use different data for testing.

**Keywords**. Informatics, programming, student, problem statement, algorithm, program analysis, programming language.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Ҳабибулозода Кароматулло Ҳабибулло-*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.

**Сведение об авторе: *Хабибулозода Кароматулло Хабибулло* -** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67.

**Information about the author: *Khabibulozoda Karomatullo Khabibullo*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Information Technologies and Methods of Teaching Computer Science. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67.

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

### ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ


*Абдуфаттоҳ Шарифзода* Фарҳанг - ҷавҳари ҳастии миллат.................................................... *5*

***Турсунов* Т.Х., *Новиков С.В.*** Экстремистские настроения среди молодежи: истоки, мотивация, профилактика (на примере Российской Федерации и Республики Таджикистан)………………………………………………………………………… *13*

***Саидов А.Х., Холов Х.Х.*** Стратегическая цель Ирана на Ближнем Востоке (2020-2025 гг.) *21*

***Шарипов М.Ф.*** Основные направления законотворческой деятельности афганского правительства в период правления М. Надир-шаха (1929-1933гг.)………………...………………… *29*

***Наргис Афганьяр*** Российско-афганское культурно-гуманитарное сотрудничество……………….. *35*

***Нурова Х.С.*** Российско-таджикские взаимоотношения в области культуры и образования в исследованиях академика Р.М. Масова……………………………………………………………… *41*

***Джалилов М. Ш.*** **С**оциально-экономические и политические предпосылки внешней трудовой миграции в научных трудах ученых Таджикистана………..…………………………………..….. *48*


### ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


***Карамхудоев Ш.Х., Сайфиддинова М. У.*** Моҳияти хирадгароии таълимоти Ҷалолуддини Балхии Румӣ……………………………………………………………………………………… *55*

***Аминов Ф.А.*** 1.Назарияи генотипию физиологии қобилият: Шопенгауэр……..………………….. *63*

***Субҳонзода С.И.*** Ташаккули категорияҳои кулл, махсус, муҷаррад дар онтологияи арасту ва таъсири он ба таълимоти ҳастишиносии Ибни Сино........................................................... *74*

***Сулаймонов Б.С.*** Нигоҳе ба фалсафаи мусиқии Абунасри Форобӣ...................................... *80*

***Давлатзода А.Ш.*** Шаклгирии гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва таҳдиди онҳо ба фарҳанги миллӣ........................................................................................................................................ *87*

***Сафарова Б.Қ.*** Сиёсати ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи озодию баробарҳуқуқии зан........................................................................................................................ *94*

***Шерназаров Д.Т.*** Масъалаи таҳаммулпазирӣ дар афкори фалсафии ҷалолуддини Балхӣ ва Мир сайид алии Ҳамадонӣ...................................................................................................... *104*

***Сангова С.С.*** Коммуникатсияи оммавӢ ҳамчун омили муҳимми ҷаҳонишавӣ *111*


### ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Шарифзода Файзулло, Лутфуллоев Махмадулло, Мухаметов Г.Б.*** Понятие и сущность инновационного процесса в образовании………………………………………………………………. *119*

***Каримова И.Х.,Кадырова М.Б.*** Развитие профессионального образования в Таджикистане… *127*

***Мухаметов Г.Б., Оринина Л.В.***Методика преподавания русского языка в современных образовательных условиях на основе проектного подхода……………………………………… *134*

***Рузиева Л.Т.***Некоторые актуальные вопросы изучения русского языка в таджикской школе *140*

***Амирова П.Н.*** Использование информационно-коммуникационных технологий при обучении профессионально-ориентированной русской речи студентов национальных групп………….. *148*

***Файзуллоева Ф.М.*** Научная монологическая речь как комбинированная форма речевого взаимодействия........................................................................................................................ *156*

***Атахонова Х.Р.*** Развитие методической компетенции учителей естественнонаучных дисциплин средствами создания учебных презентаций……………………………………………………. *165*

***Умаров А.С.*** Теоретико-методологические основы феномена эмоциональной устойчивости будущих преподавателей иностранных языков…………………………………………………….. *171*

***Асророва Н.Ч.*** Модели и типы уроков с использованием игровой деятельности……………… *178*

***Самариддинова З.Н.*** Организация программирования в учебно – исследовательской деятельности студентов…………………………………………………………………………… *187*

***Шарипова Н.*** Особенности употребления русских и таджикских антропонимов…………….. *194*

***Мухамаджони Бозорали*** Роль и значение информационных технологий в повышении профессиональных компетенций современных менеджеров…………………………………….. ***201***
***Ахмедова М.С.*** Баландбардории сифати таҳсилоти олии касбӣ……………………………… ***207***
***Худойқулова Қ.Ч.*** Душвортарбиягӣ – масоили мубрами ҷомеаи муосир............................. ***214***
***Ғайратова К.А*** Нақши ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар таълиму тарбияи ҷавонон... ***221***
***Ҷӯраева М.З.*** Технологияи озмоишу таҷрибаи арзишҳои демократӣ.................................... ***227***
***Рӯзиева М.Д., Азимова М.Ҳ.*** Нақши истифодаи воситаҳои аёнӣ оид ба ҳунарҳои мардумӣ дар раванди тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.............................. ***233***
***Файзалии Мирзоалӣ, Мирзоев А.Р.*** Методикаи истифодаи технологияҳо дар раванди таълим ***239***
***Пиров А.И.*** Хусусиятҳои арзишҳои анъанавии оилавӣ дар шароити муосир.................... ***247***
***Давлатова М.Ҳ., Исоева Дилором, Давлатова Ниёзбӣ*** Масъалаи омӯзиши аҳвол, осор ва андешаҳои педагогии Баҳоуддини Омулӣ.......................................................................... ***254***
***Бобохонов Ҷ.С.***Моҳият ва муҳтавои таълими фосилавӣ……………………………………… ***266***
***Раҳимова Г. Манонова Р.А., Аминҷонова С.А. Раҷабова Н.Р.*** Нақши волидайн дар тарбияи фарзандон дар фазои оила.................................................................................................. ***273***
***Қодирова Д.Т., Тошматов А.Д.*** Омода намудани муаллимони физика барои ташкил кардани фаъолияти лоиҳавӣ-таҳқиқотии хонандагон…………………………………………………….. ***281***
***Қосимова Р.М.*** Маърифати шаҳрвандӣ ҳамчун омили пешбурд дар низоми тарбия ва таълим.......................................................................................................................... ***289***
***Ҳабибулозода К.Ҳ.***Оиди баъзе масъалаҳои асосии нозуки методикаи омӯзиши барноманависӣ ........................................................................................................... ***296***

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com**).**

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2022. №10**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

**Подписано в печать 29.11.2022 г.**